187685

Китобхонаи Хоб

# Таъбири хоб

***Кадом вақт дар кадом ҳолат таъбири хоб дуруст аст?***
***Хоби дидаро ба кӣ ва кай бояд гуфт?***
***Чи бояд кард, ки хоби бад ба Шумо осеб нарасонад?***

Барно

*КИТОБХОНАИ ҲАФТГАНҶ*

# ТАЪБИРИ ХОБ

*ОРОСТАИ*
*ВОРИСИ САЛАФ*

*Ба мадади Раиси фирмаи*
*«Тиҷорати»-и ширкати «Хизмат»*
*Нурмуҳаммад Аҳмадзода*
*чоп шуд*

*ДУШАНБЕШАҲР*
*1992*

*МУҲАРРИР* *М.Покбоз*
*РАССОМ* *Замира*
*МУСАҲҲЕҲ* *Дилоро*

187685

**БА НОМИ ХУДОВАНДИ**

**БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН**

*Хоббинӣ аз бузургтарин асрор аст. Ин асрор ҳамеша инсонро маҷбур месозад, бипурсад, биҷуяд, бихонад.*

*Китоби Комил-ут-таъбир ба аксари суолҳову ковишҳои шумо посух медиҳад. Аз қаъри асрҳо ин китоб то ба имрӯз ҳифз шуда, собит месозад, ки барои асари хуб вақт бегазанд аст. Ва чунон ки муаллиф зикр мекунад Китобе возеҳу ҷомеъ наёфтам.*

*Шумо на танҳо барои ҳар хоби худ таъбир меёбед, инчунин огоҳ мешавед, ки кадом хоб рост асту кадоме дуруғ.*

*Касе ин асарро мутолиа кунад, медонад, ки хобро ба кӣ гӯяд ва ҳатто хоби дигаронро таъбир гӯяд.*

*Хулоса, дар бораи хобу хоббинӣ аз ин китоб беҳтар ҳамдаму тӯҳфа нест.*

© Китобхонаи «Ҳафтганҷ», 1992.

# ДЕБОЧА

## *Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

*Сипос Худойро, ки воҳиду самаду қодир аст ва ризқдиҳандаи халқ ва олими ғайб ва донандаи сир аст, зоҳиру ботин ва аввалу охир аст. Дуруду таҳият бар Мустафои пок саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи аҷмаъин. Чунин гӯяд Абул Фазл Ҳусайн ибни Иброҳим Тафлисӣ, ки чун аз тасонифи китоби "Сиҳҳат-ул-абдон" бипардохтам, нигоҳ кардам дар китоби асли таъбир, ки ба форсӣ сохта буданд, китобе возеҳу ҷомеъ наёфтам. Чунончи аҳволи устодони ин илм, ки ба ҳуҷҷат ва бурҳон дар он баён карда буданд ва ба тариқи истихроҷи ҳар хобе ба тартиби ҳуруф мураттаб ва машруҳ боз намуда. Пас чун бар ин баён китобе надидам, ки муфид бошад, дар ин саъй кардам ва ранҷ бар худ бурдам, то ин китоб сохтам. Аз китобҳое, ки дар ин илми нафис маъруф ва машҳур аст:*

*"Вусум" -и Дониёл алайҳиссалом,*

*"Тақсим"-и Ҷаъфари Содиқ разияллоҳу анҳу,*

*"Ҷомеъ"- и Муҳаммад ибни Сайрин,*

*"Дастур"- и Иброҳими Кирмонӣ,*

*"Иршод"- и Ҷобири Мағрибӣ,*

*"Канз-ур-рӯъёй- и Маъмун" ҳамлу далоил ва мабодилоту таъбир ва ғайра.*

*Ва пас китоби мутафарриқ аз калимоти ҳар кас, ки дар ин илм тасниф кардаанд ба чунин тартиб. Аввал ҳар хобе ва насқи ҳуруфи аввал ва ҳуруфи дуввум ва саввум машруҳ дар ин китоб ёд кардем ва номаш "Комил-ут-таъбир" ниҳодем, зеро ки аз ин илм китобе аз ин фозилтар ба порсӣ насохтаанд ва он чӣ инсоф аст ҳама касро ба ин китоб эҳтиёҷ аст ва ҳар ки қавли ин таъбир дар назар дорад, аз ҳама таъбирҳо бениёз бошад ва аз гуфтори устодони ин заъиф аҳволи шаш кас ёд карда, ки ҳар як дар асри хеш ягона ва ҳакими вақт буданд.*

*Аввал, Дониёл Ҳаким, ки дар рӯзгор наҷибуннасаб буд. 2/ Ҷаъфари Содиқ разияллоҳу анҳу.3/ Муҳаммад ибни Сайрин.4/ Ҷобири Мағрибӣ.5/ Иброҳими Кирмонӣ 6/ Исмоил ибни Ашъис разияллоҳу анҳум.*

*Аз ҳақ субҳонаҳу ва таоло тавфиқу ёрӣ хоҳем ба тамом кардани ин китоб ва савоби ду ҷаҳонӣ чашм дорем.*

## АНДАР ФАЗИЛАТИ ИН ИЛМ

*Бидон, ки илми таъбир илми бузург ва шариф аст. Аввал чизе, ки ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таоло ба ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом дод, он буд, ки фариштаи муқаррибро дар хоб диду гуфт: "Эй Муҳаммад, башорат бод, ки ҳақ субҳонаҳу ва таоло туро аз ҷумлаи анбиё кард ва туро ихтиёр кард ҳотами анбиё гардонид. Чун Расули Худо бедор гашт, хоби набуввват хайру иқбол аст ва баъд аз мероҷ хоби дигар дид, чунончи эзид таоло фармуд: " Лақад садақаллоҳу расулаҳур руъё бил ҳаққи латадхулунал масҷидал ҳарома иншоаллоҳу оминина то он ҷо, ки фармуд "фатҳан қариб" ва дар қиссаи Иброҳим алайҳиссалом гуфт:"Инни аро фил маноми анни азбаҳука фанзур мо зо таро" ва дар Хабар чунин омадааст, ки ин мӯъҷизаи Юсуф алайҳиссалом бӯд ва илме, ки мӯъҷизаи пайғамбарӣ буд, яқин ки бас илме шариф ва бузург буд ва баъзе аз анбиё алайҳиссалом ки мурсал набудаанд, эшонро ба хоб каромат гашт ва Ҳушшом бини Урва аз падари хеш ривоят мекунад:ӯ гуфт, ки дар таъбири ин оёт, ки ҳақ таоло фармуда "Лаҳумул бушро фил ҳаётид дунъё" яъне, Ҳақ таоло бадин "бушро" хоби солеҳои хоста аст, ки мардумӣ солеҳ хешро хобе бинад ё касе ӯро хобе бинад, ки дар тасдиқи хоб оёт ва аҳодисе бисёр аст. Аз Анас агар ҷумларо ёд кунем, китоб дароз гардад. Ва дар Хабар аст аз Анас, ки Расулоллоҳ с.а.в. гуфт: Дидани хоби марди солеҳ ҷузвест аз чиҳилу шаш узви пайғамбарӣ ва ин хабар аз баҳри он гуфт, ки чиҳилсола буд, ки бар вай ваҳӣ омад ва 63 сола буд, кӣ аз дунё реҳлат кард. Миёни ваҳӣ ва реҳлат 23 сол буд ва ончи хоста буданд, ба хоб медиданд андар мудати шаш моҳ аз 23 сол як наҳр аз 46 наҳр буд. Пас Расул алайҳиссалом бадин маънӣ гуфт ва пайғамбарони дигар ҳамчунин буданд, ҳар чӣ хоста буданд, ҳақ таоло аз хоб эшонро боз намудӣ ва хабар аст аз Абдуллоҳ бинни Аббос разияллоҳу анҳу ки Рассуллоҳ с.а.в. фармуд, ки хоби рост ваҳӣ аст, ки ҳақ таоло мар бинандаро аз хайру шар ба вай расад, то дар дунё мағрур нашавад ва аз амри кирдигор ғофил набошад ва Абу Ҳурайра разияллоҳу анҳу гуфт: Чун Расул алайҳиссалом бемор шуд, ёронаш ғамнок пеши вай омаданд ва гуфтанд: Ту моро аз кори хайр хабар медодӣ, агар аёзан биллоҳи минҳумо туро аҷал бирасад моро кӣ хабар диҳад, дар ихтиёри кори дин ва*

тадбири он чигуна хабар донем? Расул алайҳиссалом гуфт: "Баъд аз вафоти ман ваҳй бурида шавад, аммо мубашширот бурида нашавад." Гуфтанд, "Мубашширот чист? Гуфт: "Дидани хобҳои солеҳ, ки марди нек бинад ё касе дигар аз баҳри ӯ бинад." Ва дар Хабар аст, аз Абӯсаъиди Хадарӣ, ки гуфт:" Аз расул с.а.в. шунидам, ки бо ёрон мегуфт, ки чун касе аз шумо хобе писандида ва нек бинад, бояд, ки шукри ҳақ таъоло гӯяд ва он хоб бо бародарони мӯъмин ва дӯстон бигӯяд ва агар нописандида бинаду марди солеҳ буд, чанд бор аъузу биллоҳ гӯяд ва аз шарри дев паноҳ ба ҳақ таъоло равад ва он хоб ба ҳеҷ кас нагӯяд, то мазаррате ва газанде ба вай нарасад. Ва дар хабар аст, аз Амирал Мӯъминин Алӣ разияллоҳу, ки гуфт чун мӯъмине хоб бинад ё вайро ба хоб бинанд, воҷиб аст донистани таъбири он хоб то аз хоби нек баҳрае шодӣ баргирад ва аз хоби бад ҳазар кунад: яъне ба дуъо, ибодат ва садоқат машғул шавад. Ибни Сайрин раҳматуллоҳу алайҳ гӯяд: Мартабаи ин илм ва илмҳои дигар чунон аст, ки ҳар кӣ илме талаб кунад, аз аслаш нагардад ва қиёсаш таъбир напазирад ва тариқи он маълум накунад, магар ин илм аз асл нагардад ва аз аҳволи мардум ба ҳайъат ва сифат ва қадру диёнат ва ҳиммат ва иродат ва низ ба ихтилофи вақтҳо ҳамегардад, зеро ки вақти таъбираш е ба асл бояд кард ва вақти ба зидгоҳ аз баҳри мардумон О ва гоҳ аз баҳри азғос ва аҳлом яъне хобҳои шӯрида ва бидон, ки ҳар олиме ки илме дорад ва мустағнӣ бошад аз илми дигар, илло муаббир бояд, ки ба зарурат илми тафсири Қуръон ва ахбори Муҳаммад с.а.в. ва амсолу ашъори араб ва аҷам, иштиқоқи луғат ва ғайра, бояд ки бузургу латиф бошад ва шамоилу аҳволи мардум нек шиносад ба қиссу илми усули нек донад ва доим таъфиқ аз худои таъоло хоҳад, то ӯро ба карами хеш роҳ намояд ва бар забонаш салоҳу савоб ронад ва он чизҳо ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ба касе диҳад, табъи ӯ пок бошад аз ҳама, ба луқмаи ҳаром хӯрдан ва аз суханҳои нобакор дур бошад ва аз маъоси эҳтироз намояд, то дар сулуки уламои варасатул анбиё дарҷ гардад ва ворисн пайғамбарон бошад. Пас, бар хирадмандон воҷиб бошад донистани илми таъбир ва шинохтани қавонини он зеро, ки чӣ хосу ом, олиму ҷоҳилро бадин илм ҳоҷат аст.

## ФАСЛИ АВВАЛ ДАР ШИНОХТАНИ МИЗОҶИ ХОБҲО:

*Андар ин фасл баён кунем, ки ҳадди хоб ва мизоҷи вай чист? Бидон, ки ҳукамо гуфтаанд, ки сабаби вуҷули хоб аз бухорҳои тари мутасаъид аст, ки аз тан ба сӯи димоғ боло шавад ва бидон, ки ҷумла ҳавое ва қуво ба ёрмандии ӯ осоиш ёбанд ва таъомҳои хӯрда музмаҳил шавад ва омезишҳои тан пухта гардад ва инчунин хобро пизишконе табиъӣ гӯянд ва баъзе гӯянд, ки хобро гузаштани рӯҳ аст, истеъмоли ҳавосро ва баъзе гӯянд хоб феълест аз феълҳои димоғ ва он феъли табиъӣ аст, зеро ки аз вай роҳатҳо ба қувоҳо мерасад, хусус қуввати тахайюл ва қуввати фикр. Ин қувватҳо, ки ёд карда шуд, ҳаракати рӯҳи нафсониянд ва мавзеъи эшон димоғ буд ва осоиш ба хоб аст, то рӯҳи нафсонӣ орамида гардад. Далел бар ин он аст, ки чун касе ба таҳсили илм машғул гардад ва ба шаб гармию хушкӣ бар мизоҷи ӯ ғолиб шавад ва рӯҳи нафсонӣ аз бисёрии ҳаракат сусту заъиф гардад ва аз ин ҷо ранҷу беморӣ таваллуд кунад илоҷи он чизҳо сарду тар бошад чун равғани нилуфар ва амсоли ин.*

*Ҳукамо гуфтаанд хоб ба ду навъ аст:*

*Табиъӣ ва дигаре ғайритабиъӣ. Аммо табиъӣ ҳарорати ғаризӣ бардиҳад: яъне гармии аслӣ андарунро аз андарун нигаҳ дорад. Чун бисёр хуспад қувваи нафсонӣ суст гардад ба сабаби он чӣ тарӣ бар вай чира гардад, валекин бояд ранҷ зоил кунад ва фазлҳо, ки дар тан ҷамъ шуда, ҷумла ба араҳ ва андомҳо дафъ кунад ва хобе, ки ғайри табиъӣ аст, ба се гуна бошад: Яке аз фасоди мизоҷи тан. Дуввум, аз зиёда шудани баъзе масомҳо. Сеюм хӯрдани ғизоҳои ғализ; Зиёнкории мизоҷ сардтар аст ва мояи он аз сардию тарии димоғ зоҳир шавад ва аз онҷост, ки димоғи гарму тар хоб бисёр кунад ва агар касе эътироз кунад ва гӯяд, ки чӣ донисти ки хоб феълист, аз афъоли сарду тар ва роҳату қуввати мутахаиила ва тафаккура аст. Ҷавоби ӯ он аст, ки моро аз тариқи ақл маълум мешавад, ки нишастан роҳати истодан аст ба эътилоли роҳат бедорӣ ва осоиши қувватҳои димоғ пас яқин аст, ки хоб феълист аз афъоли мағзи сар ва шарҳи хоби табиъӣ ва ғайритабиъӣ ва заъфи қуввати тахайюл ва қуввати зикру қуввати фикр ба ҳуҷҷат ва бурҳон аз қавми ҳукамои қадим дар китоби "Кифоят ут талаб" ниҳодаем ва ҷумла дар он баён кардаем.*

## ДАР ДОНИСТАНИ ХОБ.

Дониёл алайҳиссалом гӯяд, ки хоб дар асл ду чиз аст. Яке огоҳкунанда аз ҳақиқати ҳолҳо. Дуввум, бедор кардан аз саранҷоми корҳо.Ва ин ду фасл аз чаҳор қисмҳост. Яке хоби амр аст: яъне фармоянда Дуввум, хоб зоҷир: яъне боздоранда. Савум мунзир: яъне бимкунанда ва тарсонанда. Чаҳорум хоби бушр яъне муждадиҳанда. Абдуллоҳ ибни Масъуд разиоллоҳуанҳу гӯяд, ки Расул алайҳиссалом гуфт: Арруъёу салосата аҷсдмин миналлоҳи таъоло ва башарил муъминина фи ҳаётиҳим. Қисми дуввум мина шайтониллазина омануқисми саввум азғос ва аҳлом. Яъне, хоб бар се қисм аст аз ҳақ таъоло башорат мӯъминонро дар зиндагонӣ ба эшон. Дуввум, қисм он аст, ки мардумонро андуҳгин гардонад 3 қисм он аст, ки хобҳои ошуфта бошад. Ҷаъфари Содиқ разияллоҳу анҳу гӯяд ки асли хоб бар се қисм аст. Якеро ҳукм хонанд дуввумро қисми мутошобеҳ хонанд ва саввум қисмро азғосу аҳлом хонанд ва азғосу аҳлом 4 гурӯҳ бинанд.

1.Гуруҳе, ки табъи эшон ба фасод моил аст.

2.Гуруҳе, ки шорибулхамр бошанд.

3.Гуруҳе,ки ғизои савдоангез хуранд чун бодинҷон ва адас ва ончӣ бадон монад.

4.Гуруҳи ноболиғ Муҳаммад банни Сайрин раҳматуллоҳу алайҳ гӯяд хоб дар ду қисм аст: Аввал хоби ҳукм, ки он дуруст буд. Дуввум азғосу аҳлом ва он хоб парешон ва пароканда буд ва азғос дастҳои гиёҳ бошад, яъне чунон,ки гиёҳҳо мутафарриқанд, ҳар гуна дар бӯстонҳо ва азғос низ мухталиф аст ва он низ бар се навъ аст: баъзе аз ғалабаи табъ ва ҳаво, баъзе аз намоиши дев, баъзе аз ҳадиси нафс ва ин ҳар се навъ дуруст наёбад. Кирмонӣ гуяд хоб бар се навъ аст: "Қисме аз башорати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ва қисме васваса аз шайтон ва қисме аз сухане, ки бо худ гӯяд ва аз ҳаваси он сухан дар хоб бинад ва он рост сурати фаришта буд ки аз лавҳи маҳфуз башорат диҳад ба чизе, ки карда бошад ё банда ба ҳақ таъоло буд аз шарри он эмин гардад, ки ба вай расад. Аз ин сабаб чун касе хоб бинад ва фаромӯш кунад муаббир гӯяд тавба кун аз гуноҳон: фаромӯш кардан аз маъсият бошад, зеро ки намояндаи хоб фариштаест аз лавҳи маҳфуз.

*Магрибӣ гӯяд, хоб бар ду қисм аст:*

*Қисме хоби рост ва қисме хоби дурӯғ. Хоби рост ба се қисм аст. Қисми аввалро табшир хонанд ва қисми дуввумро таҳдид ва қисми саввумро илҳом.*

*Қисми табшир он аст, ки ҳақ таъоло фаришта бар лавҳи маҳфуз муваккил фармудааст, то ҳарчӣ аз хайру шар бар сари фарзанди одам, ки хоҳад гузашт, аз лавҳи маҳфуз ба вай расонад ва бинамояд ӯро дар хоб ва он фариштаро ки малаки руъё хонанд, пас сун касеро башорате хоҳад расонид, малаки руъё ӯро дар хоб боз намояд ва хоби таҳдид он аст, ки малаки руъё ӯро битарсонад ва огоҳӣ диҳад аз чизе, ки ба вай хоҳад расидан, то бинандаи хоб ба тоат гирояд ва аз гуноҳ бипарҳезад ва сабаби он ибодату фармонбардорӣ кунад ва аз шарре ки ба вай хоҳад расид эмин гардад. Ва хоби илҳом он аст, ки худои таъоло илҳом диҳад он фариштаро, то дар хоб бинамояд бандаро, ки садақа бояд додан ва ҷиҳод кардан ва баҳақ субҳонаҳу ва таъоло боз гаштан ва аз сари гуноҳ дар гузаштан ва адлу эҳсон бо халоиқ кардан ва хоби дурӯғ бар се ваҷҳ аст. Якеро хоби ҳиммат гӯянд, дуввум хоби иллат, саввум хоби шайтонӣ: яъне хоби ошуфта ва мухталиф. Хоби ҳиммат он аст, ки мардум ба бедорӣ чизе андешанд чун хоб раванд ҳамон бинанд ва он хобро асле набошад ва таъвили вай рост наояд. Ва хоби иллат он аст, ки бихуспад он дард бар вай ғолиб шавад ва чизҳои мункару саҳмгин ба хоб бинад ва сабаби он хоб дард бошад ва он хобро асле набошад ва хоби шайтонӣ аст, ки ӯро тан шустан воҷиб кунад ва ё чизе номумкин ба хоб бинаду ӯро таъбир ва таъвил набошад. Ва Амирал Мӯъминин Алӣ фармуд, ки аз аҷоибҳое, ки ҳақ таъоло офарид, яке хоб аст ва он чӣ дар хоб ҳамебинам аз хайру шар, ки баъд аз он ҳукми худованд бирасад.*

*Ибни Сайрин гӯяд, ки аҷоибҳои хоб яке он аст, ки шахсе дар хоб бинад хайре ва манфиате ва роҳате бинад ва офате ҳамчунон он хайру роҳат ва шарру офат ба айния ба бедори ба вай расад. Ва яке дигар он, ки бисёре аз мардумон кундфаҳм ва кундзабон бошанд. Чунончи дар бедорӣ шеъре дароз ёд натавонад гирифтан дар хоб хонад ва ёд гирад ва дар бедорӣ дуруст боз хонда ва бисёр мардумон ҷоҳил бошанд, ки суханони ҳикматангез ва лафзҳои некӯ гӯянд, чунонки ҳеҷ ҳаким ва олим натавонад гуфт ва чун бедор шавад, он суханон боз гӯянд. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, аз аҷоибҳои хоб яке он аст, ки дар хоб чизе бинад, ки ифтиро бошад ва тавили он чунон аст, ки он чӣ дар хоб бинад*

фарзанд ё бародар раво бошад чунонки Муҳаммади Мустафос. яке ба хоб дид, ки Буҷаҳл мусулмон шудӣ. Он хоб пас ба Акрима боз гашт. Ҳам марде дигар ба хоб дид, Асад амири Макка мусулмон шуд.Он хоб ба писарони Аббос бинни Асад боз гашт. Чун кӯдаке ба хоб бинад, таъвилаш модари ӯро буд, ё бандае бинад, таъвилаш хоҷаи ӯро бошад, аз ин аҷоибҳо.

## ДАР ЁД КАРДАНИ НАФАС ВА РӮҲ

**Б**идон, ки ҳақ субҳонаҳу ва таъоло дар Қуръони маҷид фармояд: "Оллоҳу ятавафал анфуса ҳина мавтиҳо валлати лам тамут фи маномиҳо фаямсака лати қазо алайҳал мавту ва юрсалал ухро ило аҷамин мусамо. Эзид таъоло хабар карда-аст моро, ки нафас бо хештан гиранд дар хоб ва бедорӣ боз гузорад ва аммо мурда боз нагзорад. Ва миёни уламо ва ҳукамо дар маънии нафас ва рӯҳ хилоф аст. Баъзе гуфтаанд ҳар ду яке аст, маънии нафас ва рӯҳ ҷон аст ва далели эшон он аст, ки гӯянд дар каломи араб ҳашт маънӣ дорад ва ҷону хун, оби маний ва баррзу ҳиммат ва ҷис ва яд. Ва рӯҳро гӯянд, 12 маънӣ дорад: ҷону боду каломy ва руҳулқудус ва борону ваҳӣ ва афсун Масеҳ ибни Марям ва зиндагонию фаришта ва раҳмати ҳақ. Ва баъзе гӯянд, ки ҷони бинандаи хоб аз тан берун ояд ва ба осмон равад ва он чи дида ва шунида ёд медорад, чун бедор шавад, боз ҷон дар тани ӯ дарояд. Далелц эшон он аст, ки Расули акрам с.а.в. гуфт бандае, ки бо таҳорат бихуспад ва зикри ҳақ таъоло бар забон орад, ҷони ӯро бар осмон баранд ва баъзе муаб-бирон ин ояти хабарро манъ кунанд. Гӯянд, ки на қавли расул аст, агар хуфтаро ҷон аз тан рафтӣ ҳаракоту дам задан надоштӣ. Пас чун ин ҳол дар хуфта ҳосил аст, далел кунад, ки ҷон ҳамчунон дар тан хуфта аст ва баъзе миёни ҷон ва равон фарқ ниҳанд ва гӯянд, ки чун хуфта дар хоб равад, равони ӯ аз танаш бадар ояд ва гирди олам бигардад ва боз дар тан дарояд ва ончӣ дида бошад, ҷонро хабар диҳад. Ва гӯяд, ки масали ҷон чун қурси офтоб аст ва мисли равон чун фарқ ниҳанд ва гӯянд, ки чун хуфта дар хоб равад, равони ӯ аз танаш бадар ояд ва гирди олам бигардадва боз дар тан дарояд ва ончӣ дида бошад ҷонро хабар диҳад ва гӯянд, ки масали ҷон чун қурси офтоб аст ва мисли равон чун равшании офтоб, чунонки қурси офтоб дар фалаки чаҳорум аст равшаноии ӯ дар ҷаҳон. Ва ҷаъме аз фал-

*сафа гӯянд, ҷону равон худ якест ва ҳеҷ фарқе нест миёни онҳо, зеро ки сифати эшон ба қиёси акли чун ях аз об аст ва об ях ва назди Арасту нафас мабдаи аввал аст ва ӯ шариф ва бузургвортар аз рӯҳ аст ва аммо сифати нафсу рӯҳ аз қавли ҳукамои пеш аз ин ёд кардем дар китобе, ки аз назари аҳли суннат рӯҳ амрест аз амрҳои бори субҳонаҳу ва таъоло: Ясъалунака анир рӯҳ. Кулирруҳу мин амри рабий. Яъне Эй Муҳаммад, савол мекунанд туро аз ҷон бигӯ, ки рӯҳ аз амри кирдигори ман аст. Ва эътимод бар қавли ҳақ субҳонаҳу ва таъоло аст ва мақсуд аз ёд кардани аҳволи ҳукамо дар ин боб ин буд то ин китоб аз зикри эшон ва бурҳон холӣ набошад. Худованд моро ба тариқи дини хеш ва суннати пайғамбар нигоҳ дорад тавфиқу хайру каромот рӯзӣ кунад.*

## ДАР ДУРУСТИИ ХОБҲО ВА АЛОМАТҲО

*Кирмонӣ раҳматуллоҳу алайҳ гӯяд: Ҳар кӣ хоҳад то дурустии хоби хеш ба аломатҳо ва далел нек бидонад, бояд, ки то тавонад ба таҳорат хуспад ва ба паҳлӯи рост хобад ва худойро ёд кунад ва таъоми бисёр нахӯрад, зеро ки он кас ки таъоми бисёр хӯрад ва худоро ёд накунад, меъдаи ӯ пур гардад ва бухорҳои таъом ба димоғи ӯ расад ва акл аз он мутахайийл гардад. Аз ин сабаб хобҳои ошуфта ва парешон бисёр бинад ва таъоми андак ҳам нахӯрад, зеро ки чун меъда аз таъом холӣ бошад ва гурусна хуспад, хоби ошуфта бинад, зеро ки табиати ғизо набояд суст ва заъиф шавад, ӯро хоб набарад ва чун дар хоб равад, хоби ошӯфта бинад ва мардум дар вақти хоб бояд на сер бошанд ва на гурусна, то хобе бинанд рост ва дуруст бошад ва низ хобро фаромӯш накунанд. Ва дар Хабар аст аз Абдуллоҳ ибни Масъуд, ки марди аъробӣ назди расули акрам с.а.в. омад ва гуфт ё Расуллоҳ, дӯш чунин хобе дидам ва хоби ошуфта овоз карду мегуфт. Расул с.а.в. фармуд: чӣ хурда будӣ? Хурмо хурда будам бисёр. Расул алайҳиссалом фармуд, ки ин хобро таъвил нест, ва дуруст наояд. Ва аз он ҷост, ки муаббирон бисёр хобро таъбир мекунанд ва таъвили он дуруст намеояд. Муаббир бояд, ки аз ин таъбирҳо ғофил набошад ва чунин чизҳо аз соил бипурсад баъд аз он таъвили хоб бикунад, то он чӣ гӯяд, рост ва дуруст ояд ва аломатҳои дурустии хоб чунин бошад, ки ёд карда шуд. Ибнқ Сайрин гӯяд, ки бисёр хоб аст, ки касе бинад,*

чун он кас сазовори он набошад, таъвилаш ба касе аз хешони ӯ боз гардад, яъне ба фарзанд ё бародар ё падар. Ва бисёр буд, ки таъвили хоб аз марги ӯ таъсир кунад ва мо дар ин боб пеш аз ин тақрири Акрима бинни Абу Ҷаҳл кардаем, ки бар падар хоб диданд ва таъвили он бар писар расид чунончӣ, кӯдаки ноболиғ чун хоб бинад, бар падар боз гардад. Пас чун муаббир усули ин чизҳо дониста бошад, бар ӯ ҳеҷ мушкил набуд ва Ҷаъфари Содиқ гӯяд, бисёр хоб аст, ки бинандаро саъб ва саҳмгин намояд, таъвилаш ба хилофи он бошад. Чунончӣ андӯҳу бим ва таъвилаш шодӣ ва хуррамӣ бошад ва гурехтан аз бими подшоҳ ва душману дадон ва он чи ба инҳо монанд далел кунад, ки худованди хоб дар амони худои таъоло бошад ва ашколи ин таъвилоти бисёр аст ва мо ҳар яке дар мавқеи худ баён кунем.

## ДАР МАЪРИФАТИ ХОБИ РОСТ ВА ДУРӮҒ

Дониёл алайҳиссалом гӯяд, ки мардумон бошанд дар шакл ва сурат ва табоеъ ва боло ва сухан гуфтан ва хоби ҳар кас чун бар таъби мардум ва ҳаво ва шаҳри ҳар кас мухталиф бошанд ва бар якдигар намонад. Чун бар таъби мардум хун ғолиб шавад, аз бисёр хӯрдани гӯшт ва ҳалво ва шароб ва чизҳои дигар аз вай хун биафзояд, дар хоб раг задан ва ҳаҷомат кардан аз лаб тохтан ва ишрат кардан ва овози чанг ва чағона шунидан он чӣ бадин монад. Пас чун муаббир дар вай нигоҳ кунад ва гунаи вай сурх бинад ва тан фарбеҳ ва дар вай нишот ва шодӣ бинад, на ба вақти /ҳангоми/ холияш, бидонад, ки он аз иллати ғолиб шудани хун аст ва он хобро асле набошад ва чун бар таъби мардум сафро ғолиб бошад, аз хурдани чизҳои сафровӣ чун панир ва пиёз ва фулфил ва чизҳои гарм ва хушк, дар хоб оташ ва чароғ ва шамъ ва қандил ва гармо ва чизи бисёр бинад, чун муаббир ӯро зардгуна ва лоғар бинад, дар вай тезӣ ва ҳаракат бинад ва сухан бисёр гӯяд, донад, ки сафро бар вай ғолиб аст ва хоби ӯро асле нест. Ва чун бар табъи ӯ балғам ғолиб шавад, аз хӯрдани чизҳои балғамафзо чун дӯғ ва мост ва шир ва он чӣ бадин монад. Дар хоб барф ва борон ва он чӣ бадон монад, бисёр бинад. Чун муаббир гӯнаи ӯ сафеду тани фарбеҳ бинад ва дар сухан ӯро гаронӣ бошад ва андак бар мизоҷи ӯ балғам ғолиб аст ва донад, ки хоби ӯро асле нест ва чун бар табъ савдо ғолиб шавад ва хӯрдани чизҳои савдоангез чун гӯшт ва туршиҳо ва бо-

*динҷон ва он чӣ бадин монад хобҳои бо биму тарс ва мору каждум ва торикӣ. Ва чун бинад, ки рангу рӯи ӯ аз андеша мутаффаккир аст ва бе сабаб ба рую риши худ даст молад, муаббир бидонад, ки саведо бар вай волиб аст ва хоби ӯро асле нест. Пас аз роҳи худ воҷиб аст, ки муаббир дар ин чизҳо ки гуфтем, ба тааммул нигоҳ кунад ва хоби ҳар касро нек пурсад ва бар он воқиф гардад, то таъвили хоб бар вафқи савоб ояд. Ибни Сайрин гӯяд, хоби он касоне, ки аз асҳоби ҳиммат бошанд, чун ошиқ маъшуқро ба хоб бинад ё арбоби ҳирфат пешаи ӯ ба хоб бинад. Масалан, ҷулоҳ карбосро ё оҳонгар оҳанро бинад, бар муаббир воҷиб аст, ки хоб боз пурсад, ки дӯш чӣ хӯрда будӣ? Ва дар чӣ андеша хуфтӣ то баёни таъбир кунад ё касе ки ба хоб дар миёни барфу борону ях ва сармо гирифтор аст чун бедор шавад ҷомаи хоб аз вай дур шуда бошад, он сармо ба хоб дидан сабаби бараҳнагӣ бошад ва он хобро асле набошад. Ва агар хоб бинад, андар гармо буд ё офтобу ҳарорате дар худ бинад, чун бедор шавад ва ҷома бар худ бисёр печида бошад ва он гармӣ ба сабаби бар худ ҷома бисёр печидан буд. Агар касе бинад, ки аз иллате ноливу дарде дар андоми ӯ афтода буд вайро ранҷур медошт ва ҳамон дард дорад.*

*Дар хоб бинад, ки бавл мекард, чун бедор шавад бинад, ки дар ҷомаи хоб бавл андохта буд ё бавл бар вай волиб шуда буд. Инчунин хобҳоро асле набошад.*

## ДАР МАЪРИФАТИ ФАРҚИ МИЁНИ ХОБҲО:

*Кирмонӣ гӯяд, ки хоби мусулмонон росттар аз хоби кофарон бошад ва хоби доно беҳтар аз хоби нодон ва хоби солеҳ беҳтар аз хоби фосиқ ва хоби пирон росттар аз хоби кӯдакон ва дар хоби ҳар кас муаббирро бояд, ки дар вақти гузаронидани хоб маротиб некӯ нигоҳ дорад. Чун аз худованди хоб суол кунад ва алфози пароканда шунавад, ҳамаро ба қиёси ақл рост кунад. Чунончӣ, лафзи аввал ба охир буд ва он охир ба аввал орад, он гоҳ таъбир кунад ва ҳар кадом, ки лафзи қавитар бинад, ба усул ба ҳамон лафз таъбир кунад, чун мизони калом нигоҳ дошта бошад, ӯро ғалат наяфтад ва он чӣ гӯяд, зеро уламои қадим қиёс чунин карданд ва савобу рост омадӣ. Ҳикоят: Мардс аз ибни Сайрин савол кард, ки ба хоб дидам, ки бонги /азон/ намоз гуфтам ибни Сайрин гуфт: Ҳаҷ бигзорӣ. Дар он вақт мардс*

биёмад ва гуфт: "Дар хоб дидам бонги намоз мегуфтам, Гуфт: туро ба дузди муттаҳам кунанд. Шогирдон гуфтанд, ки ин ду хоб як сурат дошт, ки бонги намоз мегуфтанд. Чигуна таъбири ин мухолифат кунад? Гуфт: "Онро симои салоҳ дидам гуфтам, ки ту ҳаҷ бикунӣ. Дар он дигаре симои аҳли фасод дидам ва мухолифат дар таъбир гуфтам, ки туро ба дузди бигиранд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд,"вақте бошад, ки хобе бинанд ва таъвили он ҳам дар он рӯз бошад ва хобе андар шаб бинанд ва таъвили он як сол бошад ва хобе бинанд таъвили он шаш моҳ бошад ва вақте бошад, ки хобе бинанд, таъвили он ба бист сол дуруст шавад то чиҳил сол бикашад. Чунончӣ дар куштани Амиралмуъминин Ҳусайн он чунон буд, ки Расули акрам с.а.в. ба хоб дид ки саге хуни вай бихӯрдӣ ва баъди 40 сол дурустии вай падид омад, ки ӯро /Ҳусайнро/ шаҳид карданд. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, ки таъвили хоби шаб қавитар аз рӯз бошад ва хобе, ки аввали шаб бинанд дуруст набошад, аксар аз касрати андеша ва ашгол ва хобе, ки дар ними шаббинанд, ҳам қисми азғос /парешон/ аст. Пас дурустар хоби саҳаргоҳ буд, зеро ки хоби саҳаргоҳ фаришта аз лавҳи маҳфуз бо мардум бинамояд. Аз ин сабаб таъвилаш дуруст ва рост буд. Ибни Сайрин гӯяд, ки хобе, ки дар аввали шаб бинанд, таъбираш ба панҷ сол пайдо шавад ва агар миёни шаб бинанд таъвилаш ба панҷ моҳ пайдо шавад ва агар дар саҳаргоҳ бинанд, таъвилаш то 10 рӯз пайдо шавад. Хулоса ҳарчанд, ки шаб ва рӯз наздик буд, хоб дурусттару зӯдтар буд.

## ДАР БАЁНИ ДОНИСТАНИ ХОБИ ҶАЗР ТО БАР МУАББИР РОСТ ОЯД

Дониёл алайҳиссалом гӯяд, ки ҳар ки хоҳад тадбири хоб кунад, ночор аст он ки илми ҷазр ва фолро ки устодони қадимро буд нек бидонанд. Чунон ки кас аз вай таъбири хоб бипурсад бояд, ки муаббир номи соил /пурсанда/ бипурсад.

Агар номаш нек бошад, далел бар нек кунад. Чунонки Муҳаммад Аҳмад, Ҳусайн ва Қашир, Ҳабиб ва ончи бадин монад. Бидон ки ҷумларо бар ҳайру фараҳ буд, бар он кас ки расида. Агар ном ба хилофи ин буд, далел кунад бар шар ва андӯҳ, ки бар ӯ расад. Чун соил аз вай таъбири хоб пурсад, муаббир дар он замон асп ё хар ё шутур бинад, хоб писандида ва некӯ бошад ва низ бинандаи хоб сафар кунад. Хоса ки аспу устури бо зин ва лагом бинад ва агар

*соил аз вай таъбири хоб бипурсад ва он замин калоғ / зоғи ало/ се бор бонг кунад,далел бар хайру некӣ кунад ва агар калоғ ду бор бонг кунад, далел бар бадӣ буд, ки ба вай расад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, шахсе хобе мепурсид аз Абдуллоҳ ибни Аббос дар он ҳол калоғе биёмад ва бар девори хона бинишаст ва ду бонг кард. Абдуллоҳ гуфт, далел ки бар ту шарре расад, ҳам дар он шаб дузде ба хонаи ӯ рафт. Сурохе карду ҳар чӣ дошт, бибурд. Абдуллоҳ гуфт ки ман ба ёрон гуфтам, агар касе таъбири хоб бипурсад ва калоғ ду бор бонг кунад, далел бар мазаррат ва зиён буд ва агар 4 бор бонг кунад, далел бар хайру некӯӣ ва агар 5 бор кунад, бад бошад ва агар шаш бор кунад, нек бошад. Ибни Сайрин гӯяд, ки бонги калоғ чун тоқ бошад, далел бар хайр бошад ва чун ҷуфт буд, далел бар табоҳӣ буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, агар марде бихуспад ба нияти он, ки хобе бинад ва аз он хоб аҳволи неку бад боз донад, агар дар хоб гӯспанд ё гов ё асп ва монанди ин бошад ки аз гӯшти вай чизе хӯранд далел бар табоҳии кори ӯ бошад. Агар бинад, ки дари баста аз баҳри ӯ кушоданд ё таъоме ширин ёфт ва хӯрд, далел бар некӣ кунад.*

## ДАР ХОБЕ, КИ ФАРОМӮШ КАРДА БОШАНД

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, чун касе хобе дида бошад ва фаромӯш кунад ва муаббир хоҳад, ки хоби ӯ бидонад, тариқ он аст, ки номаш бипурсад ва ҳарфҳои номаш бишуморад ва ба ҳисоби абҷад нӯҳ-нӯҳ аз вай биандозад ва нигоҳ кунад, ки чанд монда аст. Масалан, агар нӯҳ монда бошад, шаҳрро ба хоб дида таъвилаш бар фасод кунад. Ва агар ҳашт монда бошад, сафар ё тазвиқ дида бошад ва агар ҳафт монда бошад, дадон ё сағон дида бошад. Ва агар 6 монда бошад ва худованди хоб мастур бошад, далел кунад, ки фариштагон ва аҳли салоҳро хоб дида бошад, ва агар панҷ монда бошад, аспон ва силоҳҳо ба хоб дида бошад ва агар 4 монда бошад, осмону ситорагон ба хоб дида бошад, агар се монда бошад, далел, ки бо касе коре гуфта бошад. Агар ду монда бошад ё як, далел, ки дар дину дунё манфиат кунад. Ибни Сайрин гӯяд, чун касе хобе дида бошад ва фаромӯш карда буд ва муаббир хоҳад, ки хоб бидонад худованди хобро гӯяд, даст бар узвс, бар аъзои хеш нек. Агар ба сар ниҳад, кӯҳ хоб дида бошад ва агар ба чашм ниҳад, чашмаи оби шӯр дида бошад ва агар бар бинӣ ниҳад, домони кӯҳ хоб дида бошад ва агар бар рухсора ниҳад, марғзор*

дида бошад ва агар бар даҳон ниҳад, чашмаи оби хӯш дида бошад ва агар бар гӯш ниҳад, шикофҳо ва магокҳо дида бошад ва агар дар риш ниҳад, гиёҳҳо дар хоб дида бошад ва агар бар ишкам ниҳад, рӯдхона дар хоб дида бошад ва агар бар аврат ниҳад, харобот дар хоб дида бошад ва агар бар дӯш ниҳад, кушк ва манзара дида бошад Дониёл алайҳиссалом гӯяд. ки чун касе хоб бинад ва фаромӯш кунад аз чаҳор чиз буда бошад: 1/ аз бисёрии гуноҳ, 2/ аз кирдори мухталиф, 3/ аз заъфи ният 4/ ихтилофи табъҳо. Чун аз ҳол бигардед, лоҷарам /ноилоҷ/ хобҳо фаромӯш кунед.

## ДАР ГУЗАРОНИДАНИ ХОБ БА ҚАВЛИ ҶОҲИЛОН

Кирмонӣ гӯяд, аҳли ҳикмат ҷоиз надоштанд, ки касе хоб пеши ҷоҳил гӯяд, ё таъбири он аз ҷоҳил пурсад ва ин ки гӯянд агар касе хобе дида, аз нодон пурсид ва ӯ таъбир карду он чӣ муаббир гуфта бошад воқеъ шавад, ин маҳол аст. Зеро ниmояндаи хоб фариштаест ва ҳаргиз хато наандешад ва он чи гӯяд ҳақ бошад ва ҳақ ба қавли нодон ботил нагардад ва миёни олиму ҷоҳил фарқи бисёр аст.

## ДАР МАЪРИФАТИ ХОБҲО АЗ ҲОЛИ БА АВҚОТ ВА АСНОФ ВА ҲАЙАТ.

Ибни Сайрин гӯяд, хоб ба авқот /вақт/ гардад. Чунончи агар касе ба шаб хоб бинад, ки бар сабиле /роҳ/ нишастааст, далел, ки бузургӣ кунад ва шуғле, ки ӯро бошад, андар он манфиати андак буд ва агар ин хоб ба рӯз бинад, далел, ки занро талоқ диҳад ва агар ба шаб бинад, ки мург сагро бигирифт, далел, ки ӯро ба марди аблаҳ кор афтад ва агар ба рӯз бинад, бемор гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки хоб аз асл нигардад ба қадри дину санъату ҳирфат ва касб кардан чунон ки таъвили ҳамон хоб ба якдигар азоб буд.

Чун ин хоб марде солеҳ бинад, далел, ки даст аз гуноҳон ва корҳои носазо бидорад. Чунончи Муҳаммад бини Абдулазиз ривоят кунад ба исноди дуруст аз Абдураҳмон Салмо, ки пайғамбар с.а.в. миёни Абубакри Сиддиқ ва Салмони Форсӣ бародари карда дод. Ва Салмон хобе дид мар Абӯбакрро гуфт. Ва сабаби он хоб аз вай дур шуд. Ва Абубакр гуфт, даст аз сари ту кӯтоҳ шуд то ба қиёмат. Салмон ранҷу аз ин хоб сайиди оламро с.и.в.

*хабар дод, таъвил ҳамон фармуд, ки Абӯбакр гуфта буд.*

*Ривоят аст, ки зане аз расули акрам с.а.в. пурсид: Ба хоб дидам, ки сутуни сақфи хонаи ман бар ман шикаста буд. Гуфт, ки шавҳарат аз сафар боз ояд. Бори дигар ҳаминр хоб бидид, пеши Абӯбакр р.а. рафт аз ӯ пурсид. Гуфт: шавҳарат бимирад. Ва хоб ҳар ду яке буд, аммо таъвилаш аз ихтилофи вақт бигашт. Ва Кирмонӣ р.а. гӯяд, ҳар хобе, ки дар фасли баҳор бинад, умедвор бошад некӯ, аммо дар ҳукми таъвилаш таъхир буд. Хобе, ки дар фасли тобистон бинад, ҳукми таъвилаш зӯдтар ва ҳавитар бошад. Ва ҳар хоб, ки дар фасли хазон бинад, таъвилаш дуруст наояд. Ва бар дурустии ин сухан далел он аст, ки марде аз Абӯбакри Сиддиқ р.а. пурсид, ки ба хоб 70 барги шумурда аз дарахте ба ман доданд. Абӯбакр р.а. гуфт, ҳафтод чӯб бар ту зананд, дар он ҳафта 70 чӯб бар вай заданд. Пас соли дигар ҳамин хоб бидид, ҳамон 70 барг аз Абӯбакри Сиддиқ р.а. пурсид. Гуфт: "70 ҳазор дирам бар ту диҳанд. Гуфт: "Ё амирал мӯъминин, порсол ҳамин хоб дидам, таъвали он 70 чӯб буд, имсол 70 ҳазор дирам маро гуфтӣ аз фасли ин хабар кун. Гуфт: Порсол дар фасли хазон дида будӣ дар он вақт дарахтон ҳама хушк мешуданд ва барг мерехт, таъвили он буд, ки имсол баҳор аст ва дарахтон рӯй ба иқбол доранд. Он мард 70 ҳазор дирам ёфт.*

*Дониёл алайҳиссалом гуфт, ки чун касе дар иқболи хоб бипурсад, аз бомдод то нимрӯз ҳукми таъвилаш бар иқбол ва баъд аз завол то шабонгоҳ далел бар шарру фасод буд ва таъбири он хоб ба рӯзи абру барфу борон ва ба вақти омадан ва фурӯ шудани офтоб нашояд пурсид.*

*Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ки ростатарини хобҳо онаст, ки вақти саҳар то офтоб баромадан бинад, ва таъвили хоби шукуфтани дарахтон ва расидани меваҳо хобҳо некӯ буд ва таъвили он дуруст ояд ва хобе, ки рӯзи зимистон бинад ҳукми таъвилаш заиф бошад ва дар зимистон боду борон дорад ва дар баҳорон ҷаҳон хушу хуррам аст.*

## *ДАР МАЪРИФАТИ ШАРОИТИ ОДОБ БА АҲЛИ ХОБ.*

*Дониёл алайҳиссалом гӯяд, муаббир бояд, ки доно ва порсо бошад ва сокит ва алим ва аз исён дур бошад ва ба вақте,*

ёти тамом бишунавад ва бидонад, ки соил подшоҳ аст ё раъият, кеҳтар аст ё меҳтар, олим аст ё ҷоҳил озод аст ё банда, гариб аст ё шаҳрӣ, тавонгар аст ё дарвеш, мард аст ё зан, фориғдил аст ё машғул, дар тобистон дидааст он хоб ё зимистон. Чун инҳо ҷумла бидонад, ҳар якеро ба қиёси ақл, чунонки устодони ин илм гуфтаанд, таъвил кунад ва аз худ нагӯяд. Ибни Сайрин раҳматуллоҳи алайҳ гӯяд, ки бо вуҷуди он ки дар ин илм имом ва ягона буд, бо ин ҳама фазл хобҳое, ки таъбираш надонистӣ, нагуфтӣ. Пас муаббир бояд, ки аввал сухани писандидаи хоби некӯ бишнавад ва онро таъбири нек бидонад ва дар он тааммул кунад ва агар сухани дуруст бошад ва маънии он саҳеҳ бошад, чунонки эҳтимол таъвил кунад, он гоҳ таъбир кунад ва агар ҳашве /сухани зиёд/ дар миёнаи сухан бошад, он ҳашв аз вай ҷудо бияфганад ва бар асл таъвил кунад ва агар ҳама сухан мухталиф бошад, ҳеҷ ба якдигар намонад азғоси аҳлом /хоби парешон/ аст ва таъвили он накунад. Ва агар таъвили он бипӯшад, бар вай аз он маънӣ пурсад аз соил, ки тангдил аст ё хушдил ва он чӣ бишнавад, бинои таъвили хоб дар он ниҳод ва агар натавонад гуфтан ва муаббир он хоб натавонад донистан ба ном таъбир кунад ё бо табъ иборат ва гуфтор ва зиштӣ ва некӯӣ ва дурӯғ ва рост ва агар таъвили хобаш бар чизи бад бувад нагӯяд ва бар вай пӯшида дорад. Кирмонӣ гӯяд, асли хоб бар се чиз аст: яке ҷинс, дуввум сифат ва саввум табъ. Ва ҷинс чун дарахтон ва мурғон бувад. Ин ҳама дар таъвили мардон бошад. Ва сифат онаст, ки муаббир бидонад, ки дарахт кадом аст ва ин мурғ аз чӣ ҷинс аст ва аз чӣ сифат аст ва агар дарахт гирдакон, ба қиёс бидонад, ки марди аҷамӣ /ғайриарабе/ аст, зеро ки дар араб дарахти гирдакон набошад ва агар мурғ товус бошад, аҷамӣ бувад ва агар шутурмурғ бошад, марди арабӣ бувад. Ва табъ онаст, ки бидонад табъи он дарахт чӣ навъ аст. Пас таъвил бар навъи он дарахт кунад. Агар дарахти гирдакон бувад, марди тавонгар бувад. Валекин бадмуомила ва бахил бувад, зеро чун гирдакон биҷунбонӣ, бонг кунад ва то нашканӣ мағзаш берун наояд ва агар дарахти хурмо бошад, коре ихтиёр кунад, ки осон бошад. Он ҷо хурмо буд ва агар мурғе бошад, ки ҳамепарид, бидонад ки ин мард сафар кунад. Пас табъ мурғ низ бибояд донист, ки агар калоғ бошад, марде бадаҳд буд. Ва низ бинандаи хоб бояд, ки марде рост ва бодиёнат бошад ва ҳеҷ сухан дар он чӣ дида бошад, зиёдат ва нуқсон накунад, зеро ки ҳама хобро ба забон оварад. Ва агар касе хобе бинад ва аз он битарсад,

187685

боядки себороятулкурсӣ бихонад, ва бодбар хештан бидамад ва бигӯяд: Аъзу бираббӣ Мусо ва Иброҳима лази ва мин шарри руъёи лати ва айтуҳо мин маноли ан язурранӣ фид дини вад дунёи ва маъишати азза ҷоука ва ҷалла саноука ва ло илоҳо ғайрук. Пас аз ин ду ракат намоз хонад ва садақа диҳад, шарри он хоб бигардад. Мағрибӣ гуяд, Иблиси алайҳиллаънат дар ҳама хобҳо эътироз кунад ва ба ҳама чиз хештанро монанд кунад, магар ба худо азза ва ҷалла ва фариштагону пайғамбарон ва осмон ва офтоб ва моҳтоб, ситорагон худро бадин ташбеҳҳо монанд натавонад кард. Ва агар ғайро қуввати ин будӣ, ки худро монанди ин чизҳо намудӣ, миёни халоиқ фитна афкандӣ, ки гоҳе худро ба сурати пайғамбарон намудӣ ва гуфтӣ, ки ман аз ту хушнудам ҳар чӣ хоҳӣ, мекун, бо дигаре мегуфтӣ, ки ман офаридгори туам, гуноҳони туро афв кардам.

## ДАР МАЪРИФАТИ ИН КИ ТАЪБИР АЗ ЧАНД НАВЪ БОШАД.

Ибни Сайрин с.а.в. гӯяд, муаббир бояд ки нахустин ном ва миқдору мартабат ва мазҳабу сирату ақлу фаҳми соил маълум кунад ва вақти савол чӣ ҳаракат мекунад ва хоб бар чӣ насқ мегузорад. Фасли моҳи форсӣ ва рӯзи моҳи тозӣ бидонад, онгоҳ он чӣ савоб наздиктар бошад, таъвил кунад.

Дониёл алайҳиссалом гӯяд, чун касе аз муаббир хоб пурсад ё номи вай ё номи падари вай аз номҳои пайғамбарон буд аз роҳи ҷазру фол, далел кунад бар хайру бașорат ва хуррамӣ ва агар номи вай номи бад бошад, далел бар шарру фасод кунад. Дониёл алайҳиссалом гӯяд, хоб дар аввали рӯзи якшанбе некӯ буд тааллуқ бар офтоб ва дар аввали рӯзи сешанбе тааллуқ бар Миррих дорад.Пурсидани хоб нашояд дар аввали рӯзи чаҳоршанбе, ки тааллуқ ба Аторуд дорад ва далел ба ҳалоки қавм бошад. Ҳам нашояд пурсидан дар аввали рӯзи панҷшанбе Муштариро бошад. Аввал рӯзи хоб далел бар саъодат ва ишрат буд ва дар аввали рӯзи ҷумъа Зӯҳраро буд далел бар тарабу нишот.

Мағрибӣ гӯяд, муаббир бояд, ки таҷриба бисёр бошад дар таъбири хоб, чунонки табибро таҷриба ба бемор ва муолиҷати ӯ.

## ДАР ДОНИСТАНИ МАСОИЛ КИ ТАЪБИРИ ОН МАҚЛУБ /ЧАППА/ БОШАД.

*Бидон, ки бисёр масал буд, ки таъбири он мақлуб бошад. Чунонки баъзе аз он дар ин фасл баён кунем, то бар мудаллим пӯшида намонад.*

*Ибни Сайрин гӯяд, ки гирифтан дар хоб шодӣ бошад ва дар хоб хона хароб шудан, духтарон зодан буд ва духтарон зодан дар хоб кишт кардан. Карбос танидан дар хоб некӣ буд ва анҷир дар хоб хӯрдан пушаймонӣ хӯрдан.Мӯзаи нав пӯшидан дар хоб ғаму андӯҳ бошад. Ва агар касе дар хоб бо силоҳ мӯзаи кӯҳна пӯшида бошад, далел бар хуррамӣ бошад.*

## ДАР ДИДАНИ ХУДО ТАЪОЛО ВА ФАРИШТАГОН ВА ПАЙҒАМБАРОН АЛАЙҲИМУССАЛОМ:

*Мусаннифи ин китоб ки устоди ин заъиф буд, таъвилӣ дидани Худованд ва фариштагону пайғамбарон дар аввали китоб ёд кардаанд,бинобар ин мо низ савоб дидем, ки дар аввали китоб ёд кунем.*

*Таъвили дидани Худованд. Дониёл алайҳиссалом гӯяд. ҳар бандаи мӯъмин, ки худои таъоло азза ва ҷалларо дар хоб бинад, чунончи дар ахбор омадааст, далел кунад, ки ӯро дидори хеш бинмояд ва ҳоҷатҳои ӯро раво кунад ва агар чунон буд, ки истода буд ва худои таъоло ӯро медид, далел бар салоҳи кор ва саломатии нафс бошад ва агар гунаҳгор бошад тавба кунад. Агар бинад, ки ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ба ӯ роз мегуфт, далел кунад, ки он кас назди ҳақ киромӣ гардад ва агар бинад, ки аз паси ҳиҷоб /парда/ бо вай сухан гуфт, далел кунад, ки ӯро дар дин халале ё хатое бошад: Ва агар бинад, ки ӯро муқаррибӯ азиз гардонд бо вай ҳисоб карду ӯро биёмурзид /бубахшид/ далел кунад, ки ӯро биёмӯрзад ва аммо дар дунё бало бар вай гуморад ва агар бинад, ки ӯро панд медод, далел, кунад, ки ризои худо дар он набуд.*

*Агар бинад, ки худои таъоло ӯро чизе дод, далел кунад, ки дар дунё бало ва меҳнат бар вай гуморад ва агар бинад, ки ба назари лутф бар вай нигарист, далел кунад, ки биҳишт ва*

*лиқои худро ба ӯ рӯзӣ кунад. Агар бинад, ки ӯро аз матоъи дунё чизе дод, далел кунад, ки бемории сахт кашад ва аз он аҷру савоб ёбад. Баъзе муаббирон гуфтаанд, ки муставҷиби уқубат гардад. Агар ӯро бинад ва касе бадӯ гӯяд, ки худои азза ва ҷалла аст, далел, ки ӯро ба подшоҳе ҳоҷат афтад, ва агар бинад, ки худо ба замин фуруд омад, далел кунад, ки аҳли он мавзеъ мазлум бошанд ва ҳақ таоло аҳли он мавзеъро нусрат диҳад ва агар аҳли он мавзеъ гунаҳкор бошанд, ҳақ онҳоро тавба диҳад.*

*Ва агар ҳақро мисли нуре бинад, чунончи васфи он натвонад кард, онро далел бар ғаму андӯҳ кунад ва агар бинад, ки худо ӯро номе дигар ниҳод, далел бар шарафи бузургист ва чун бинад, ки бар вай хашм гирифт, далел кунад, ки зӯҳду порсоӣ бошад ва агар бинад, ки ӯро наздики худ хонад, далел, ки аҷалаш наздик шуда бошад. Мағрибӣ гӯяд, агар касе худоро дар деҳе ё шаҳре бинад, далел кунад, ки он мавзеъ, ононе ки муслиҳанд, иззу шараф ёбанд ва дасти зулм аз эшон дур шавад. Ва агар бинад, ки худо бар аҳли он шаҳр хашм гирифт, далел кунад, ки қозии он шаҳр майли мудоҳинат кунад ё амири он шаҳр ба раият зулм кунад ва агар ин хоб дузде бинад, далел кунад, ки дасту пой ӯро бибуранд. Абдуллоҳ ибни Масъуд гӯяд, агар касе худоро дар хоб бинад, аз тарсу ваҳм эмин гардад. Ва агар кофир бошад мусулмон шавад ва агар мусулмон бошад, дар охират дидори ҳақ таъолоро бинад.*

*Муфассирон таъбир дар лиқои ҳақ гуфтаанд, ки агар ӯро ба сурате бинад, ки мисли он сурат надида бошанд, далел кунад бар фазл ва карами худованд ва агар бар сурати марде бинад, далел кунад, ки он мард қоҳир ва номдор гардад ва агар худовандро дар намоз ва тасбеҳ бинад, далел кунад бар раҳмат ва омӯрзиши он кас, ки дида бошад. Ва агар Худоро ғозиён дар ғазо дида бошанд, далел, ки он ғозиёнро нусрат бошад. Ва агар худои таъолоро бар сари турбати мурдагон бинад, далел кунад, ки он мурдагонро биёмурзад. Ва агар бинад, ки худовандро дашном медод, далел кунад, ки он кас кофир гардад. Ва агар бинад, ки Худои таъоло бар тахт нишаста буд ё хуфта, ин ҳама сифат носазо аст. Далел кунад, ки бинандаи хоб баддин ва осӣ буд. Ҷаъфари Содиқ /разияллоҳу анҳу/ гӯяд: таъвили дидани худои таъоло бар ҳафт ваҷҳа буд. Аввал афв ва мағфират, дуввум эминӣ аз бало ва меҳнат, саввум нӯр ва ҳидоят ва қуввват дар дил, чаҳорум зафар бар аҳли зулм панҷум эминӣ аз бало ва уқубат ва азоби охират, шашум дар он диёр ободонӣ ва адл*

подшоҳ, ҳафтум иззу шараф ва баландӣ дар дунё ва охират чун ба раҳмат назар кунад ва агар наъузу биллоҳ минҳо ба назари қаҳр нигоҳ кунад хилофи он бошад. Ва агар қозӣ бинад, ки худованди таъоло бо вай бо хашм буд, далел ки дар шаръ таҷовуз кунад ва доди мазлум надиҳад ва агар подшоҳ буд далел ба беадлӣ кунад ва агар олим буд, дар дину эътиқоди ӯ халал буд. Ва ҳар киро ба назари қаҳр бинад заҳмату азоб буд ва ҳуҷҷати мо онаст, ки гӯем худои азза ва ҷалла мавҷуд аст, дидан уро аз роҳи ақл бошад. Пас бояд, ки ба хоб дидани худои таъоло мункир набошад.

Абӯ Ҳотам аз Муҳаммад ибни Сайрин шунид, ки гуфт: аз хобҳо ҳеҷ дурусттар аз он набошад ки ҳақ таъолоро ба хоб бинад.

## РӮЪЯТУЛ/ДИДАН/ МАЛОИКА

Таъвили дидани фариштагон далел кунад бар подшоҳи комгор бо дин ва диёнат ва ё олими парҳезгор ва бузургтарини малоика чаҳоранд: Ҷабраил, Макоил, Исрофил ва Азроил алайҳимуссалом. Ибни Сайрин раҳматуллоҳи алайҳӣ гӯяд: Агар касс Ҷабраилро дар хоб бинад, ӯ хуштабъ ва кушодарӯй, далел, ки бар душман зафар ёбад, ва агар ба хилофи ин бинад, далел бар ғаму андӯҳ. Ва чун хоб бинад, ки Ҷабраил ӯро мужда дод ё ваъдаи некӯ ё аз коре боздошт, давлату иззат ёбад. Агар бинад ки Ҷабраил ӯро чизе дод, далел аз подшоҳ қадр ёбад. Баъзе аз муаббирон гуфтаанд, ки агар Ҷабраил ба вай чизе дод, далел бар тарсу бими азим буд, ки ба вай расад. Ва агар дар хоб бинад, ки ба ӯ гӯянд, ки ту Ҷабраилӣ; далел кунад, ки сухандон гардад.

Ва агар касе Макоилро дар хоб бинад, чунонки сурати ӯст, далел, ки хайру башорат ба ӯ расад, зеро ки Ҷабраил орандаи азоб ва Макоил орандаи башорат аст. Ибни Сайрин гӯяд, ки агар дар хоб бинад, ки Микоил ӯро ато дода, далел, ки хайру бузургӣ ёбад. Ва агар ба хоб бинад, ки гӯянд ту Микоилӣ, далел, ки аз вай хайру башорат ба мардум расад.

Ибни Сайрин гӯяд, ки Исрофилро ба хоб дидан чунонки сурати ӯст, далел бар қуввату бузургӣ ва ҷоҳу молу илму дониш буд ва бар ҳар диёр ки бинад, далел бар эминӣ ва ободонӣ анд ва агар бинад, ки сӯр дар даст дошт ва медид, далел бар ғаму андӯҳ бошад. Ва агар бинад, ки Исрофил сӯр дар даст дошт ва

*намедид, далел, ки дар он шаҳр фитна ва бало афтад. Ва агар бинад, ки Исрофил ба хонаи ӯ омад, ӯ хуфта буд ва зуд бедор шуд, далел, ки подшоҳи он шаҳр бар вай хашм гирад. Кирмонӣ гӯяд, ки агар Исрофилро дар хоб бинад, ки андӯҳгин буд ва сӯр медамид ва ӯ ба тамаино овози сӯр мешунид, далел, ки дар он диёр марг бисёр буд ва золимон ҳалок шаванд. Ва агар бинад, ки дар он диёр марг бисёр буд ва золимон ҳалок шаванд. Ва агар бинад, ки Исрофил тозарӯй буд ва дар вай нигоҳ мекард, далел ки ӯро аз подшоҳ хайру эминӣ расад ва агар бинад, ки Исрофил бар нома мӯҳр кард ва ба ӯ дод, далел ки аҷалаш наздик бошад ва агар бинад, ки Исрофил бар вай бонг заду нопадид гашт, далел, ки аз подшоҳ ӯро зиён расад. Дидани Азроил Ибни Сайрин гӯяд, агар касе Азроилро бар осмон бинад ва худро дар замин, далел дар коре ки буд, маъзул шавад ва агар Азроилро дар наздики худ бинад, далел ки аҷалаш наздик расида ва агар Азроилро шодмон бинад далел, ки шаҳид гардад ва агар дар хоб бо ӯ гӯштӣ гирифт ва ӯ афтод, далел, ки аз дунё зуд равад ва агар бинад, ки Азроилро биандохт, баъзе муаббирин гуфтаанд, ки бемор шавад ва шифо ёбад. Мағрибӣ гӯяд, ҳар ки Азроилро ба хоб бинад, хуррам ва шодмон, далел, ки зиндагонии ӯ дароз бошад ва агар бинад, ки бар вай салом кард, далел, ки аҷалаш наздик расида ва агар бинад, ки ба вай чизе ширин дод, далел, ки ҷон кандан бар вай осон буд ва агар ба вай ба хашм нигоҳ кард, далел, ки хатари марги ӯ бошад ва агар чизе талх дод, далел, ки ҷон кандан бар вай душвор бошад ва агар хоб бинад, ки Азроилро бикушт, далел кунад, ки ӯ душмани халқ гардад.*

## ДИДАНИ БАРДОРАНДАҲОИ АРШ

*Он фариштаҳоеанд, ки Аршро ба амри ҳақ бардоштаанд. Агар касе эшонро хоб бинад, далел, ки бо султоне ӯро кор афтад ва мурод ёбад ва агар бинад, ки бо эшон пайвастагӣ дошт, далел, ки ӯро ба подшоҳе бузург кор афтад ва хайру манфиат бинад.*

*Кирмонӣ гӯяд, бо касоне, ки аҳли дин бошанд, пайвастагӣ кунад ва ҳаҷ гузорад.*

*Кироман Котибин мувакилонанд, ки кирдору гуфтори халоиқро аз неку бад бинависанд. Ибни Сайрин гӯяд, агар касе эшонро дар хоб бинад, агар муслиҳ бошад, хайру некии ду ҷаҳонӣ ҳосил шавад ӯро ва агар муфлис буд, ғаму андӯҳ бисёр*

кашад. Агар бинад, ки фариштагон бо ҳам ҷангу набард мекарданд, далел, ки гунаҳкору осӣ буд ва муставҷиби азоб бошад. Агар бинад, ки фариштагон мунтазир буданд, то чизе аз ӯ ситонанд, молу неъмати ӯро завол афтад ва агар бинад, ки фариштагон дар як мавзеъ истода буданд, дар он мавзеъ эминӣ бошад ва агар бинад, ки дар ҳарб машғуланд, далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки дар рукӯъанд ё дар суҷӯд, далел кунад, ки аҳволи дину дунёи ӯ мустақим гардад ва агар бинад, ки бар сурати занонанд далел, ки бинандаи хоб бар худованд азза ва ҷалла дурӯғ гӯяд ва агар бинад, ки пар дошт ва бо фариштагон мепарид, аҷалаш наздик буд ва агар бинад, ки аз дӯр онҳоро медид ва пеши эшон натавонист рафт, далел, ки ӯро мусибате расад.

Ва агар бинад, ки фариштагон ӯро итоати худ фармуданд, далел ки ӯ аз аҳли хайру салоҳ бошад, шодӣ ва хуррамӣ бинад ва агар аз аҳли фасод бошад, ранҷу андӯҳ ба вай расад ва агар бинад, ки фариштагон бар вай салом карданд далел, ки бар душман зафар ёбад ва агар бинад, ки малоика дар як мақом фурӯд омаданд, далел, ки аҳли он мақом аз ғаму фараҳ ёбанд ва агар бинад ки фаришта ӯро панду насиҳат дод, аз дунё шаҳид биравад. Агар фариштагони муқаррабро дар ҷое бинад, ки он ҷо аҳли ислом бошанд бо кофирон ҷанг мекунанд ва аҳли исломро зафар бошад ва агар бинад, ки фаришта гашту ба осмон рафт, далел, ки дар зуҳду вараъ/покӣ/ ихтиёр кунад ва агар бинад, ки ба осмон рафту боз наёмад, зуд аз дунё биравад ва номаш дар ҷаҳон ба некӣ бимонад.

Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки фариштаи муқарриб ба вай ба чашми раҳмат нигарист, далел, ки аз беморӣ зуд шифо ёбад ва баъд аз он ҳаҷ кунад ва ғазо ба хайрот бисёр кунад. Агар худро ба сурати фаришта бинад, далел кунад, ки аз ғам фараҳ ёбад.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд, фаришта агар ӯро ба коре мужда дод, далел ки ӯро бузурге ба шуғл боз дорад ва агар бинад, ки фаришта ӯро ато дод, бузургӣ ёбад ва агар бинад, ки фариштаи каррубӣ ӯро истиқбол карданд, далел ки давлати ду ҷаҳон ёбад ва агар бинанд ки фариштагон ба дидани ӯ омаданд ва шамъҳо ва чароғҳо доштанд, далел, ки ӯро фарзанди олими доно ояд, ва агар бинад, ки ӯро ҷомаи сабз ё сафед доданд, касе аз хешони ӯ бимирад ё аҷалаш бирасад ва агар бинад, ки ба ӯ ба хуррамӣ нигоҳ мекарданд, оқибати кораш бо саъодат бошад ва агар бошад, ки ба ӯ фаришта ҷомеъи Қуръон дод ё хатте навишт, далел, ки

ки ба ӯ фаришта ҷомеъи Қуръон дод ё хатте навишт, далел, ки касе бар вай доварӣ кунад ва бар вай ғолиб гардад.

## ТАЪВИЛИ ДИДАНИ ПАЙҒАМБАРОН АЛАЙҲИМУССАЛЛОМ:

Ибни Сайрин гӯяд, ки маротиби пайғамбарон се гуна аст: аввал улулъазм,/соҳибони азм/ дуввум мурсаланд, саввум Набӣ ва пайғамбарони улулъазм шашанд. 1.Одам лайҳиссалом.2.Нӯҳ.3.Иброҳим. 4.Мӯсо.5.Исо.6.Муҳаммад с.а.в. ва мурсал онанд, ки Ҷабраил бар эшон ваҳӣ овард ва эшон 313 то мебошанд ва анбиё ононанд, ки Ҷабраил ба эшон наёмада. Ҳар ки улулъазмро ба хоб бинад, далел ки иззу ҷалолат ёбад. Агар Мурсалро ба хоб бинад, бар душманон зафар ёбад. Ва бинад, ки пайғамбарон дар ҷое нақл мекарданд ва бар аҳли он мавзеъ дуои бад мекарданд, далел, ки худои таъоло балои азим бар аҳли он мавзеъ фиристод. Кирмонӣ гӯяд, ҳар бандаи мӯъмин, ки пайғамбареро дар ҷои худ тозарӯй ва шодмон бинад, далел, ки иззу ҷоҳ ва нусрат ёбад. Агар бинад пайғамбареро бикушт далел, ки хиёнат карда бошад.

Ҳазрати Муҳаммад с.а.в. агар ба хоб бинад, аз ҳама ғамҳо фараҳ ёбад, агар дар зиндон бошад, раҳо ёбад ва агар дар қаҳтию тангӣ бошад, фароҳӣ ёбад.

Ва баъзе гуфтаанд, ки ҳар кас тавонгар буд, дарвеш шавад. Абу Ҳурайра гуфт, аз расул с.а.в. шунидаам, ки гуфт: "Ҳар ки маро дар хоб дид, ҳақ дида бошад, ки ба дурустие шайтон ба сурати ман мутамассил нашавад. Агар касе маро ба хоб бинад, ғаму андӯҳ бар вай нарасад, аҷаб мадор, ки таъвили дидори ман бар саъодати охират бештар бошад Аммо агар Муҳаммад с.а.в. туршрӯй ба хоб бинад, далел бар сустии дин ва ошкоро шудани бидъат дар он диер буд. Агар Расул с.а.в.-ро дар хоб бинад, дар ҷое бонг мекарданд, далел, ки агар он диёр хароб буд, обод гардад ва агар ӯро дид, ки чизе мехӯрад, далел, ки садақа ва закот бояд додан ва агар ӯро дар ҷое бинад, ҳеҷ бало ва меҳнат набуд, аҳли он мавзеъро меҳнат зиёда гардад. Хоса агар ӯро дар масҷид бинад ва агар ӯро ғамнок ё бемор бинад, дини ӯ заиф буд. Кирмонӣ гӯяд, агар Расули акрам с.а.в.-ро дар шаҳре ё ҷое бинад, далел ки дар он мавзеъ неъмат фарох шавад.

Агар бинад, ки андоме аз андомҳои ӯ кам буд, далел ки мардуми он ҷо дар роҳи шариъат суст бошанд, зере ки нуқсони андоми вай нуқсони дин бошад. Ва агар бинад, ки Мустафо с.а.в.

мавзеҳтар ё хушк ба вай медод, ӯро дар дин порсоӣ ҳосил шавад.

Ибни Сайрин гӯяд агар касе Расул с.а.в.-ро ноқис бинад, нуқсони он ба бинанда боз гардад, зеро ки Расул с.а.в. -ро мардуми нек ба хоб бинад ва мардуми некрои муждадиҳанда буд ба чизҳое, ки ба вай хоҳад расид ва мардуми бадро ҳазар фармояд ва маъсият.

Агар Муҳаммад с.а.в. башир ва назир буд, башири муъминон ва назири кофирон ва агар ӯро хашмгин бинад бад бошад. Абдуллоҳ ибни Аббос гӯяд: Агар касе ҷанозаи Расулро с.а.в. ба хоб бинад, дар он диёр ранҷу мусибат бисёр буд ва агар дид, ки аз паси ҷанозаи ӯ мерафт, далел бар ҳаво ва бидъат бошад ва агар бинад, ки ӯро зиёрат мекард далел, ки молу неъмат ва вилоят ёбад. Ва агар бинад, ки Расул с.а.в. бар вай афсӯс мекард, далел, ки кофар шавад. Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд, ки зиёрати пайғамбарон дар хоб бар 10 ваҷҳ буд: 1/. раҳмат, 2/. неъмат, 3/. иззат, 4/.бузургӣ, 5/.давлат, 6/.зафар, 7/.саъодат, 8/.ҷамъият, 9/.қувват, 10/.хайри ду ҷаҳонӣ.

ОБОДОНИ. Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ҷойгаҳи харобро ободон ҳамекард, чун масҷид ва мадраса ва ғайра далел кунад бар салоҳи дин ва савоби охират ва агар бинад, ки замине хароб аз худ ободон ҳамекард, чун саро, дӯкон ва ғайра далел кунад, ки хайру салоҳи ин ҷаҳон ёбад ва агар бинад, ки ҷойгаҳи ободон биафтод ва хароб шуд далел кунад, ки аҳли он ҷойгаҳро бано ва зарар расад.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар касе худро дар ҷои ободон муқим бинад, далел кунад, ки хайру манфиъат ёбад ва агар акси инро бидид, далел бар шарру фасод аст.

Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд, ки дидани ободонӣ ба хоб бар чаҳор ваҷҳ буд. 1/. Бар салоҳи корҳои ин ҷаҳонӣ, 2/. Хайру манфиъат, 3/. Мурод ва комронӣ, 4/ Бар кушоиши корҳо.

ОБ. Ибни Сайрин гӯяд, ки барф об шуда ҳамерафт чун оби дарё, рӯдхона ва он чи бадон намояд, далел кунад бар қуввати имон ва эътиқоди поки вай.

Чун шахс бинад, ки оби софи хӯшгувор ҳамехӯрд, далел кунад, ки умраш дароз буд ва агар бинад, ки оби тира ё шӯр ҳамехӯрад таъвилаш ба хилофи ин буд. Агар бинад, ки аз дарс оби соф ҳамехӯрад, далел,ки аз подшоҳ молу неъмат ёбад агар бинад, ки ҷумла оби дарёро бихӯрад, далел кунад, ки подшоҳи ҳама ҷаҳонро бигирад, агар об соф буд. Ва агар тира буд, он чи ба ӯ расад, бо ранҷу сахтӣ ва биму тарс буд.

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки оби гарм ҳамехӯрад, далел, ки беморию ранҷ кашад, агар бинад, ки оби гарм бар вай ҳамерехтанд, чунонки ӯро хабар набошад, далел кунад, ки бемор гардад. Агар бинад, ки дар об бияфтод, далел, ки ба ранҷу ғам гирифтор шавад. Ва агар бинад, ки об ба ҷом бардошт далел кунад, ки бар мол ва зиндагонӣ фирефта гардад ва агар бинад, ки дар косаи обгина ба зани хеш дод ва косаи обгинаро нисбат ба ҷавҳари занон кардаанд ва об, ки дар косаи обгина буд, фарзанд ва тифл буд, ки дар шиками модар бошад. Ва агар бинад, ки бебаҳо об ба мардум ҳамедод далел кунад, ки дар дунё ва охират хайри ӯ ба мардум бирасад ва ҷойгаҳи хароброоободонӣ кунад ва агар бинад, ки дар хона андарон об рехта буд, дохил шуд далел кунад, ки ғамгин ва мутафаккир гардад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, обҳо ки ба вақт зиёда шавад, далел кунад ки дар он сол фарохӣ ва неъмат буд.*

*Агар бинад, ки обҳо ба сари мардумон фурӯ меояд, далел кунад, ки дар он сол неъмату фарохӣ буд, агар бинад, ки дар хонаи ӯ оби соф буд, далел кунад, ки неъмату хуррамӣ ёбад, агар бинад, ки оби тира бошад таъвилаш бо хилофи ин буд.*

*Дониёл гӯяд, об додани бовгу кишт аз ҷӯйҳо далел кунад бар молу растагорӣ аз ғаму андӯҳ, об додан мардумонро далел кунад, бар дину диёнат ва кирдорҳои нек ва агар бинад, ки ба об андар ҳамерафт ва андар он вақт тани ӯ қавӣ буд, далел кунад, ки ба шуғле сахт машғул шавад.*

*Ва агар бинад, ки дар оби соф ҳамерафт ва тани ӯ пӯшида буд, далел бар қуввати дин буд ва таваккул бар эзид таъоло кардан ва агар бинад, ки об ба бов ҳамебӯрд, далел ки зан хоҳад, агар касе бинад, ки оби пок бар вай ҳамерехт, далел кунад, ки аз он кас хайру манфиъат ба ӯ расад ва агар бинад, ки оби тира бар вай рехт, таъвилаш ба хилофи ин буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. мефармояд, ки ба об фурӯ рафтан ба хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/.яқин, 2/.қуввват, 3/.кори душвор, 4/.надимӣ, 5/ амал аз ҷиҳати раиси шаҳр.*

ОБИ БИНӢ: *Дониёл гӯяд, ки оби бинӣ далел бар фарзанд буд ва агар бинад, ки об аз бинии ӯ ҳамеомад, далел кунад, ки вайро фарзанд ояд, агар бинад, ки аз бинии ӯ об фурӯ меомад далел кунад, ки вомаш гузорида шавад ва аз ранҷу сахтӣ бираҳад. Чун бинад, ки оби бинӣ бар андоми ӯ афтод, далел кунад, ки вайро писаре ояд, ва агар бинад, ки бар замин афтод, далел кунад, ки духтаре ёбад, агар бинад, ки оби бинӣ бар зани хеш*

афтод, далел кунад, ки зани ӯ обистон гардад, лекин фарзандро бияфканад. Агар зан бинад, ки бар вай оби бини афканад далел кунад, ки ӯро писаре ояд. Агар бинад, ки оби бинӣ дар сарои хамсоя афканд, далел кунад, ки зани ҳамсоя хиёнат кунад. Агар бинад, ки оби бинии худро дар бистари марде афканд, ҳамин далел кунад.

ОБХОНА: Ибни Сайрин гӯяд, агар касе дар хоб бинад, ки обхона ҳамесохт, далел кунад, ки ба ҷамъ кардани мол ва дунё ҳарис гардад ва рогиб гардад ва бихоҳад ки аз моли худ чизе харҷ кунад ва баъзе аз муаббирон гуфтаанд, далел кунад, ки зани ҷодуя ва йро ҳосил гардад ва он зан ҳаромхор ва бадниёнат бувад ва агар бинад, ки дар обхона на бавл ва гоят ҳамегирад, далел кунад, ки моли хешро хазина кунад ва агар бинад, ки дар обхона бияфтод ё дар чоҳи обхона афтод, далел кунад, ки дар ҷамъи мол гарқ буд ва агар бинад, ки касе дар чоҳи обхонаи худ афтад, далел кунад, ки моли касе ба гасб биситонад. Агар бинад, ки чун бияфтад, даст ва пои ӯ бишкаст далел кунад, ки балое сахт бад ӯ расад. Ҳазрати Содиқ /а.с./ фармояд, ки дидани обхона дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд:

1/. моли ҳаром, 2/. айши дунё, 3/. хазина, 4/. шурӯъ дар ҳаром, 5/. зани ходима ва ҳаромхор.

## ОБИСТАНӢ

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки шиками ӯ бузург шуда буд чун зани обистан далел кунад, ки ӯро мол ва неъмати дунё ҳосил гардад ва ҳар чиз, ки шиками бузургтар бинад, моли дунё бештар буд. Кирмонӣ гӯяд агар фарзанди ноболиғ худро обистан бинад, далел, ки агар писар буд, падарашро неъмат ва мол ҳосил гардад. Ва агар бинандаи ин хоб духтар буд, модарашро неъмат ва мол ҳосил гардад.

## ОБГИНА

Дониёл гӯяд, ки обгина дар хоб зан буд. Агар бинад, ки дар обгина об ҳамехӯрд, далел кунад. ки зан хоҳад ва мол ёбад. Агар бинад, дар обгина ба касе шароб дод, далел кунад, ки аз ҳар кас зан хоҳад. Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки обгина сафед дошт ва номаш бар он ҷо навишта буд, далел кунад, ки

давлати дин ва дунё ёбад ва ҳоҷоти ӯ раво гардад. Ва агар бинад, ки бар он номи подшоҳ навишта буд далел кунад, ки аҷалаш наздик буда, агар бинандаи хоб подшоҳ бошад ва агар набошад, далел кунад, ки ба қадр ва андозаи он хайр ва хуррамӣ ёбад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки обгина дошт, бияфтоду шикаст далел кунад, агар зан дорад талоқ диҳад ва агар зан надорад, зане аз хешони вай реҳлат кунад. Ва бидон, ки обгина гар ба таъвил ба манзалаи худованди кор буд ва баъзе аз муаббирон гуфтаанд, ки обгина гар касе буд, ки корҳои занон гузорад ва пайваста ӯро бо занон мухолифат буд.

## ОБИЛА

Ибни Сайрин гӯяд, ки обила дар хоб зиёни мол буд, агар бинад, ки бар тани ӯ обила буд, ки ба қадри он хоста мол ӯро ҳосил гардад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад бар тани ӯ обила буд, далел буд, ки ба қавли он аз моли ҳаром ҳосил шавад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд ки обила бар тан дидан бар панҷ ваҷҳ буд. 1/ .зиёдатии мол, 2/. зан хоҳад, 3/ писар, 4/. ҳоҷат раво шудан. 5/. аз тарсу бим эмин гардад.

## ОТАШ

Дониёл гӯяд, агар касе оташи бедӯд бинад дар хоб, далел, ки ба подшоҳе наздик гардад ва кори бастаи ӯ кушода гардад ва агар бинад, ки касе вайро оташ афканд ва ӯ сӯхт далел, ки подшоҳе бар вай ситам кунад лекин зуд халосӣ ёбад ва башорати некӯи биёбад, агар бинад, ки оташ вайро насӯхт, далел, ки рӯй ба кароҳат сафаре кунад, агар оташро бо тафу сӯз бинад, далел, ки аз иллати тоб бемор гардад ва агар бинад, кӣ оташ андоми вайро бисӯхт далел, ки бар қадри он сухтагӣ ӯро ранҷ расад ва агар бинад, ки оташ дар хонаи ӯ афтад ва ҳама андоми ӯро бисӯхт ва забона мезад, далел кунад, ки аз меҳнату мусибат ки ба ӯ расид, сабаби беморӣ ва заъф буд.

Агар оташро дӯд буд, далел ки моли ҳаром вайро ба ранҷ ҳосил гардад ва агар бинад, ки аз оташ гармӣ ба вай мерасид, далел кунад, ки касе вайро аз дӯр ғайбат кунад.

Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки шӯълаи оташ ба мардумон мсандохт, далсл ки дар миёни мардум душманӣ ва адоват

афканад. Агар бозаргоне бинад, ки оташ дар дӯкон ва колои ӯ биярфтод, далел кунад, ки колое, ки дорад, барбод шавад, ва агар бинад, ки оташ дар хонаи касе афтод, далел ки он кас дар ҷангу фитна ва ҷаври султон афтад ва агар бинад, ки оташ ҷомаи ӯро бисӯхт, далел кунад, ки бо хешон ҷангу хусумат кунад ва аз сабаби мол андӯҳгин гардад ва агар касе оташи азим дар замине бинад, далел, ки дар он замин ҷанг ва фитна афтад.

Ва агар чизе сӯхта бинад, аз ҷиҳати занон вай бо касе ҳусумат кунад ва агар бинад, ки дар маҳале ё сарое оташ афтод, чунончӣ ҳар чӣ буд ҳамаро сӯхт, он забона мезаду овози саҳмгин /даҳшатнок/ ҳамедод, далел кунад, ки дар мавзеъ ҷангу корзор буд ё беморӣ афтад ва агар бинад, ки оташ бархе чизҳоро бисӯхт ва бархеро раҳо кард, овози саҳмгин надошт, далел буд бар ҷангу корзор дар он мавзеъ. Агар бинад, ки оташ аз осмон биярфтоду шаҳре ё маҳале ё сарое бисӯхт, далел кунад, ки он бало ва фитна ки гуфта шуд, бар аҳли он мавзеъ ва агар бинад, ки аз зери замин оташе саҳмгин баромад ва сӯи осмон шуд далел буд, ки он мавзеъ дӯстон бо ҳақ таъоло ҳарб кунанд ба дурӯғ ва бӯҳтон гуфтан бар вай ба қадри қуввати он оташ, ки дида буд ва агар бинад, ки оташ аз ҷое ба ҷое мерафт ва он оташ ҳеҷ газанд намекард, далел буд ки дар он манфиат ёбад ва агар дарвеш буд, тавонгар гардад ва агар бинад, ки оташ аз осмон биёмад ва чизҳои хурданӣ, ки аз они ӯ буд, бисӯхт далел кунад, ки тоатҳои вай назди ҳақ таъоло пазируфта гардад ва агар бинад, ки аз даҳони вай оташ берун меомад, далел кунад, ки сухани дурӯғ ва бӯҳтон гӯяд, ва агар дар размгоҳ оташ бинад, далел кунад бар бемориҳои сахт: вабо, тоун ва марги муфоҷот ва ғайраҳу. Ва агар оташ дар ҷомаи касе афтода бинад, далел ки он касро мусибат ва тарсу бим расад, Агар хештанро бар оташ истода бинад, далел ки ӯро ранҷ расад.

## ОТАШ АФРӮХТАН

Ибни Сайрин гӯяд, ки оташ афрӯхтан ба хоб подшоҳро қувват буд. Оташ бо дӯд подшоҳи ситамгар ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки оташ биярфрӯхт то гарм гардад ё касе дигар бо он гарм шавад далел ки чизе талаб кунад, ки аз он манфиат ёбад ва чун бинад, ки оташ биярфрӯхт то чизе бирён кунад, далел, ки коре пеш гирад ва агар бинад, ки аз он бирён бихӯрд далел кунад, ки

ба қадри рӯзи бар вай расад ва ғаму андӯҳ.

Агар бинад, ки ба зери дег оташ меафрӯхт ва дар дег гӯшт буд ё чизи дигар далел кунад, ки коре бисозад, ки аз он кор кадбонуи хонаро манфиат расад.

Ва агар бинад, ки дар он дег ҳеҷ таъом набуд, далел, ки аз он кор ӯро ғаму андӯҳ расад ва чун бинад, ки оташ биафрӯхт аз барои рӯшноӣ, далел, ки кореро ба ҳуҷҷат ва бӯҳрон равшан гардонад ва агар бинад, ки оташе бияфрӯхт, ки ҳалво созад, далел ки ӯро сухане некӯ гӯяд.

Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки дар ҷойгаҳе оташ афрӯхт, то аҳли он ҷойгаҳро бисӯзонад, далел буд, ки аҳли он мавзеъро ғайбат кунад ва бадӣ гӯяд. Агар бинад, ки оташ дар танӯр ё дар оташдон ҳамеафрӯхт бе он ки таъом пазад, далел ки бо марде аз хештан ва ё аҳли байт ӯро ҷанг ва хусумат афтад. Агар бинад ки хост, то оташ афрӯзад аз баҳри манфиъати хеш ва он оташ барнамеафрӯхт ва равшаноӣ намедод, далел, ки ба илми хеш бар хурдорӣ ёбад.

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дар хоб равшаноии оташ бинад, чунончӣ бадон равшаноӣ роҳ тавон рафт, далел кунад, ки зоҳидӣ ёбад ва агар равшаноии оташро истода бинад, далел кунад, ки сababи давлати ӯ ҳамон ҷо буд ва агар ахтаре афрӯхта бинад, далел ки дар он диёр руъият султон падидояд ва агар дар хонаи худ ахгар дид, чунончӣ аз нӯри он хона равшан буд, далел, ки кораш боло гирад ва давлаташ зиёда гардад.

Дониёл гӯяд, агар бинад ки оташро мепарастид ва саҷда мекард, далел ки подшоҳи ситамгарро саҷда кунад ва ба хидмати ӯ машғул гардад. Агар бинад, ки чароғ ё оташи танӯрро саҷда мекард, далел, ки ба хидмати занон машғул гардад ва агар бинад, ки оташро бӯса ҳамедод ва мепарастид, далел кунад ки соҳибхабари подшоҳ гардад ва агар бинад, ки дар миёни оташ ҳамегардад, далел, ки барои подшоҳ бо рағбату том бозаргонӣ кунад, валекин оқибати кораш бо хатар буд.

Ибни Сайрин гӯяд, ки шарораи оташ дар хоб сухани бад бошад, ки ба вай расад ва агар ба қиёс шарораи оташ дар вай меафтод, далел кунад, ки дар меҳнату балои сахт гирифтор гардад.

Кирмонӣ гӯяд, дар шаҳре ки кӯчае шарораи оташ меафтод, далел, ки ҷанг ва фитна дар он мавзеъ афтад.

Агар бинад, ки шарораҳои оташ сахт азим буданд, далел, ки азоби худои таъоло ба ӯ расад ва агар бинад, ки шарораҳои

*оташ дар миёни мардум афтод, далел ки мардумони он мавзеъ бо якдигар ҷанг ва хусумат кунанд бо оташ бозӣ кардан, сахт зишт гуфтан буд.*

## ОТАШДОН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки оташдон ба хоб зане буд, ки хидмати хона мекард. Агар оташдон оҳанин буд, далел ки он зан аз хешони аҳли он хона буд ва агар оташдон чӯбин буд, далел, ки он зан аз хешони аҳли он хона буд ва аз аҳли нифоқ буд , ва агар оташдон аз гил буд, далел, ки он зан аз аҳли гарданкашон буд ва аз мушрикон буд. Ҳазрати Содиқ мефармояд дидани оташдон ба хоб бар ду ваҷҳ буд: 1/. зани ходима, 2/ Канизак.*

## ОРД

*Далел буд бар молу неъмати ҳалол, ки бе ранҷ ба ӯ расад. Дониёл гӯяд, агар бинад, ки орд чун барф аз ҳаво меомад, далел кунад, ки молу неъмати ҳалол бар ӯ ҳосил шавад аз он ҷо ки умед надорад.*

*Ибни Сайрин гӯяд, ки ордбез ба хоб зане буд фузул. Агар бинад касе ба вай ордбез дод, далел кунад, ки зане бо сифати дар боло зикршуда дӯсти вай гардад.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. гӯяд ордбез ба хоб бар чаҳор ваҷҳ буд. 1/ мурди муслиҳ, 2/ зани фузӯл, 3/ ходим, 4/ манфиати андак.*

## ОЗОДӢ

*Дониёл гӯяд агар касе озод шуд ё касе ӯро озод кард, далел кунад, ки агар бемор буд, шифо ёбад агар ғамгин буд аз ғам фараҳ ёбад. Хулоса озодӣ дар хоб бавоят накӯ бошад.*

## ОСТОНА

*Остонаи болоӣ дар хоб кадхудо буд, остонаи зерин кадбонуи хона бошад. Агар бинад, ки остонаи болоӣ бияфтод, далел, ки кадхудои хона бимирад ва ҳамчунин аст остонаи зерин. Ва*

агар бинад, ки остонаи зерин ба остонаи баланди нав бадал гардад, далел кунад, ки занро талоқ бидиҳад.

## ОСМОН

Дониёл гӯяд, ки агар касе хешро дар осмони аввал бинад, далел кунад, ки аҷали вай наздик омада. Агар худро ба осмони дуввум бинад, далел, ки илму дониш ҳосил кунад. Агар ба осмони саввум бинад, далел кунад, ки иззу иқболи ин ҷаҳонӣ ёбад. Дар осмони чаҳорум бошад, далел, ки подшоҳро дӯст ва наздик гардад. Агар бар осмони панҷум бинад, далел ки ҳайбату буму тарс ёбад. Агар ба осмони шашум бинад, бахту давлат ёбад. Ва агар бинад, ки бар осмони нахустин бар шуд, валекин дарро баста дид, далел кунад, ки корҳои вай ба сабаби марде бузург баста гардад. Агар бинад, ки фариштагон аз осмон фуруд омаданд ва бар вай бигзаштанд, дари илму ҳикмат бар вай боз гардад.

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе худро дар осмон бинад, далел, ки ӯро сафаре пайдо шавад ва агар бинад, ки ба осмон мепарид далел кунад, ки зарару ранҷ бинад. Агар бинад, ки ба осмон рафт, ба он ният, ки ба замин боз наояд, далел кунад ки бузургӣ ва подшоҳӣ ёбад ва агар бинад ки мурғе дар осмон бо вай сухан мегуфт, далел буд, ки шодмон гардад.

Агар бинад, ки аз осмон ангубин меборид, далел кунад, ки мардумонро хайру неъмат буд. Агар бинад, ки аз осмон реге хок меборид ва агар андак борид, далел кунад, ки нек буд ва агар бисёр, далели он бад буд. Агар бинад, ки аз осмон каждум, мор ё санг меборид, далел буд бар азоби худои азза ва ҷалла андар он диёр. Агар бинад, ки худро аз осмон фурӯ овехт, далел кунад, ки кори ӯ баланд гардад.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки бар болои ҳафтум осмон рафт, ба ҷое ки ваҳм он ҷо нағунҷад ва фурӯ наёмад, далел ки анҷоми ӯ наздик омада ва хотимаи кораш писандида буд ва агар худованди хоб мастӯр буд ва муслиҳ бинад, ки дар онҷо фурӯд омад далел, ки дар роҳи дин зоҳид гардад. Ё агар бинад, ки аз осмон ба замин омад, далел, ки аз ранҷу беморӣ ба сарҳади ҳалок расид ва баъд аз он шифо ёбад. Агар бинад ки дар миёни замину осмон бунёде будӣ, чун қубба ё кӯшке ки на аз санг, далел, ки худованди хоб дар амал мағрӯр гашта буд. Агар бинад, ки дарҳои осмон кушода шуданд, далел кунад, ки дуо дар он сол

мустаҷоб гардад. Агар бинад ки аз осмон даре аз баҳри ӯ кушода гардид, далел кунад, ки бар хайру неъмати мардумони он диёр бошад. Агар бинад, ки осмон бияфтод, далел кунад, ки худои таъоло бо вай хашм буд. Имом Ҷаъфари Содиқ р.а. мефармояд, ки агар бинад, ки осмон ба гӯнаи сабз буд, далел кунад, ки дар он диёр хайру салоҳ буд ва агар бинад, ки ба гунаи сафед буд, далел кунад, ки дар он мавзеъ ранҷу беморӣ буд. Агар бинад, ки сурх буд, далел ки дар он диёр ҷангу хунрезӣ буд. Агар бинад, ки сиёҳ буд, далел, ки дар он диёр бало ва фитна буд ва агар бинад, ки равшантар аз он буд, далел ки ӯро ҳақ таъоло равшании тамом дар дин бошад. Агар бинад, ки осмон ҳаметаркид далел кунад, ки бедину гумроҳ гардад. Агар бинад, кц аз осмон гандум ё ҷав ҳаметборид, далел кунад, ки молу неъмати фаровон дар он диёр буд.

## ОСИЁБ

Дониёл гӯяд, агар бинад, ки ба осиёб ғалла бурд ва орд кард, далел кунад, ки аз худованди осиёб ба ӯ хайру некӯӣ расад, агар бинад, ки санги осиёб бишкаст ва аз кор бияфтод, далел ки соҳиби осиёб ҳалок гардад. Агар бинад, ки санги осиёб бишкофт ё халале дар вай падид омад, далел ки дар маишати худованди осиёб сустӣ ва халал падид ояд. Агар бинад, ки санги осиёбро касе бидуздид, далел ки худованди осиёбро манфиати ӯ мазаррат шавад.

Ибни Сайрин гӯяд, ки дидани осиёб ба хоб ҷанг ва хусумат афтад ва аммо агар донад, ки осиёб мулки ӯ буд осонтар бувад ва агар бинад, ки дар осиёб ғалла надошт, лекин нигоҳ мекард, ки осиёб чигуна мегардад, далел, ки ба сафар шавад. Ва агар бинад, ки санги осиёб аз мис ё аз биринҷ ё аз оҳан буд, ин ҷумла далел бар ҷанг ва корзор буд ва агар бинад, ки санги осиёб аз обгина буд, далел кунад, ки ӯро бо касе ҷанг ва хусумат сахт афтад, валекин агар бинад, ки осиёбро ба даст мегардонид, далел кунад, ки анбози сахтдил буд ва ба воситаи ӯ кораш ба низом набошад. Ҳазрати Содиқ а.с. фармояд, ки осиёб дар хоб дидан далелаш бар панҷ ваҷҳ буд: 1/ подшоҳ, 2/ раис, 3/ тавонгарӣ, 4/ марди далер, 5/ хонсолори подшоҳ. Ва дидани ҷойгоҳ ошёҷои раиси бузург буд. Ва агар бинад, ки осиёбро хароб ҳамекард, далел ки андар он чизе ки ба осиёб мансуб аст хароб гардад.

## ОСИЁББОН

*Ибни Сайрин гўяд, ки дидани осиёббон дар хоб марде буд, ки мардумро дар дасти ў рўзӣ буд. Чун осиёбони ҷавон буд ба таъвили некў бошад. Ва агар бинад, ки некў фурўд меомад, далел буд, ки осиёбонро давлат ва иқбол буд ва агар ба вақти гардидан, осиёбон бонги санги осиёб мешунид, далел кунад, ки кори вай қатъӣ гардад.*

## ОШТӢ КАРДАН

*Ибни Сайрин гўяд агар бинад, ки касе оштӣ кард, далел, ки умраш дароз гардад ва агар бинед, ки дар оштӣ касеро ба фасоди дин хонда, далел ки вайро ба салоҳи хайр ва роҳи дин хонда. Агар бинед, ки дар хашм касеро ба салоҳи дин мехонад, далел ки вайро ба фасод ва роҳи шар хонда. Ҳазрати Содиқ /а.с/ мефармояд, ки оштӣ кардан дар хоб далел кунад ба се ваҷҳ: Аввал дарозии умр, дуюм бар қувват, сеюм бар сират - эътиқоди писандида.*

## ОҒЎШ ГИРИФТАН

*Агар касе бинад, ки маъруфе дар оғуш гирифт, далел кунад, ки агар он кас мастур буд ва муслиҳ аз вай хайри дин ёбад. Ва агар бинад, ки кўдакеро дар оғўш гирифт, далел буд, ки хостгор ва муҳибби фарзанд буд ва агар бинад, ки шереро дар оғўш гирифт, далел буд, ки бо душман сулҳ кунад.*

## ОФТОБ

*Дониёл гўяд, ки офтоб дар хоб подшоҳ буд, ё халифаи бузургвор. Агар бинад ки офтобро аз осмон фаро гирифт ё вайро ба мулки хеш гирифт, далел ки подшоҳӣ ва бузургӣ ёбад, ё дўст ва муқарраби подшоҳ гардад ва агар бинад, ки худ офтоб шуд, далел кунад, ки подшоҳ гардад бар қадри рўшноии офтоб, агар аз аҳли он набошад, бар қадр ва қимат ва асли хеш, бузургӣ ва ҳашамат ёбад. Ва агар бинад, ки бо офтоб ба ҷанг буд, далел, ки*

*подшоҳ бо ӯ ҷанг ва хусумат кунад. Ва агар бинад, ки ҷойгоҳи офтоб ҷойгоҳи моҳ муқим шуд, далел, ки подшоҳ гардад ва мамлакат бар вай муқим гардад ва қарор гирад. Ва агар бинад, ки нури офтоб бисипад, далел, ки мулк аз подшоҳи бузург бисипонад. Ва агар бинад, ки офтобро фаро гирифт, лекин на аз осмон ва нӯраз шуоъ надошт ва низ торик ва тира ҳам набуд, далел кунад, ки аз ғамҳо фараҷ ёбад. Ва агар бинад, ки офтоб тирс ва торик буд ва ба ҷои хеш набуд, далел ки подшоҳ муҳтоҷи корҳои вай шавад. Ибни Сайрин гӯяд, ки Офтоб дар хоб подшоҳи бузургвор буд ва Моҳ вазири ӯ ва Зуҳра зани подшоҳ ва Аторуд дабири подшоҳ ва Миррих паҳлавони подшоҳ ва ситорагони дигар, лашкари ӯ буд. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, ки Офтоб дар хоб падар буд ва Моҳ модар буд ва ситорагони дигар лашкари подшоҳ буд. Ва ҳар зиёдат ва нуқсон, ки дар офтоб ва моҳ бинад, далел бар падар ва модар ва бародарон буд. Ва агар бинад, ки Офтоб рӯшан ва покиза баромад ва дар хонаи вай тофт, далел кунад, ки аз хешони худ зан хоҳад. Агар бинад, ки абр ё чизе дигар нури офтобро бипӯшонд, далел, ки Ҳол бар подшоҳ музар гардад ва аҳволаш бад шавад, хоса вақте ки бинад, ки офтоб аз тирагӣ рӯшан шуд, далел кунад, ки подшоҳ бемор гардад, валекин зуд беҳ шавад. Ва агар бинад, ки бар ҷурми офтоб расане ё риштае фурӯ ҳишта буд ва ӯ даст бар он расан зад, далел, ки аз подшоҳ ӯро ёрӣ ва қувват буд. Ва агар бинад, ки он расан бигусаст ва ӯ биафтод, далел, ки аз бузургӣ ва манзилат биафтад. Ва агар бинад, ки Офтоб ё Моҳро саҷда кард, далел ки гуноҳе хатое аз ӯ зоҳир гардад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки дар миёни офтоб нуқтаи сиёҳе буд, далел кунад, ки подшоҳ аз ҷиҳати мулк дил машғул медошт. Ва агар бинед, ки Офтоб бар Замин фурӯд омад ва ҳеҷ нӯр надошт, далел буд ки подшоҳи он диёр маъзул гардад ва аз мамлакат бебаҳра монад. Ва агар офтобро ба дасти хеш дид сиёҳ гардида, далел ки подшоҳро ғами бузург расад ва ӯро низ аз он баҳра буд. Ва агар бинад, ки Офтоб дар сурохӣ фурӯ шуд ва нопадид гардид, далел ки подшоҳ аз дунё реҳлат кунад ва оммаи мардумро ғам ва андӯҳ расад. Ва агар бинад, ки абр Офтоб ва ситорагонро ҳамепӯшонид, далел ки подшоҳ аз лашкараш аз пеши душманаш ба ҳазимат шаванд. Ва агар бинад, ки офтобро ҳамепарастид, далел ки бар подшоҳи бузурге муқарраб гардад. Исмоилӣ гӯяд, агар касе дид бар фалак нишаст ва рӯй бар офтоб кард, пас дигар бор рӯй аз офтоб бигардонид, далел, ки он кас нухуст кофир буд ва пас мусулмон*

*гардид ва ба оқибат кофир гардид. Ва агар бинад, ки Офтоб боздид, далел буд, ки подшоҳи он диёрро ба ҷиҳати чизе ҷазое, ранҷе расад аз ҷое, ки умед надорад. Ва агар бинад, ки Офтоб бо вай сухан гуфт, далел кунад, ки аз подшоҳ ҷоҳ ва ҳашамит ва бузургӣ ёбад. Ҳазрати Содиқ /а.с/ мефармояд, ки таъвили дидани Офтоб дар ҳашт ваҷҳ буд: Аввал халифа, дуюм султон, сеюм раис, чаҳорум омили бузург, панҷум адли подшоҳ, шашум манфиъати раъият, ҳафтум мардро зан ва занро шӯй, ҳаштум кори рӯшан ва накӯ. Ва ҳам ӯ гӯяд, агар бинад, ки офтобро саҷда кард далел, ки султон онро бинавозондӣ ва муқаррабӣ худ гардондӣ ва кори вай боло ва адл ва инсоф дар раис ва амирони диёр падидояд. Ва шуъои офтоб ба хоб дидан аз он буд, ки гуфтам.*

## ОФТОБА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки офтоба дар хоб зан бошад ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки офтоба ходиме буд қавӣ, ки қавм ба итоати ӯ гирд оянд ва аз маъсият парҳез кунанд ва агар бинад, ки офтобаи нав дошт ё касе ба ӯ дод, далел бар он кунад, ки вайро зан ҳосил шавад. Агар бинад, ки офтоба бишкаст, далел кунад, ки зани ӯ бемор шавад.*

## ОҲАК

*Дониёл гӯяд, агар бинад, ки бо оҳак мӯй аз тан бистурд, далел, ки агар мол дорад, ӯро ба қадри он мол ҳосил гардад ва агар ғамгин буд, аз ғам фараҳ ёбад. Ибни Сайрин гӯяд, оҳак кардан дар хоб тавонгарро дар хоб зиёдати мол буд ва дарвешро гузоридани вом /қарз/.*

## ОҲАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки оҳан дидан ба хоб ходим буд ва агар на маъмул буд чизе аз матоъи дунё ба ӯ расад. Агар бинад, ки касе ба ӯ оҳан дод, далел, ки ба қадри он ба касе чизе бигирад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар касе ба хоб бинад ки оҳангари мекард ва на аз аҳли он кор буд, далел, ки ӯро бо касе хусумат афтад ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки оҳангар ба хоб подшоҳи бузург*

буд. Ибни Сайрин гӯяд, ки дидани оҳангар ба хоб чун маъруф буд, далел подшоҳ буд ва агар бинад ки оҳан ё мис ҳамегудохт, далел кунад, ки ин кас мардумонро хеле ғайбат кунад. Ҷаъфари Содиқ /р.а/ мефармояд, ҳар чиз, ки аз оҳан ба хоб бинад, ки аз сӯзан буд он ҳам манфиат ва қувват ва бар душман зафар ёфтан буд.

## ОҲУ

Дар хоб бинад, ки оҳуро фаро гирифт, далел зане хубрӯй ӯро ҳосил шавад ва агар бинад, ки пӯсти оҳуро биканд, далел, ки ба зане ғариб зино кунад ва ё бинад, ки пӯсти оҳуро ҳамехӯрд, далел ки ӯро зане хубрӯй ҳосил гардад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ба панҷа оҳуро бигирифт ё касе ба ӯ дод, далел, ки ӯро аз зан фарзанд ояд. Ҷаъфари Содиқ /р.а/ гӯяд дидани оҳу дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/ зан, 2/ манфиат ва занон, 3/ фарзанд, 4/ канизак.

## ОВОЗ

Овози мард дар хоб чун баланд бошад, далел, ки бузургӣ ёбад. Агар касе бинад, ки овозаш баланд гашта буд, далел кунад, ки бар қадри баландии овоз ном ва бонгаш баланд гардад, агар бинад, ки овозаш заъиф гашта буд, ном ва бонгаш заъиф гардад. Баландии овоз мардонро далел шараф бошаду занонро некӯ набошад.

## ОВЕХТАН

Дониёл гӯяд, ки агар касе бинад, ки подшоҳ фармуд, то ӯро биёвезанд, далел ки аз подшоҳ ҳашамат ва ҷоҳу бузургӣ ёбад, лекин дар дилаш халал афтад. Агар бинад, ки ба ҳангоми овехтан мардумон назар дар вай мекарданд, далел, ки бар адади он қавм меҳтарӣ ва фармонравоӣ ёбад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, чун вайро овехта буданд, ресмон бурид ва бияфтод далел, ки аз бузургӣ ва ҷоҳу ҳурмат бияфтад.

## ОИНА

Оина ба хоб дидан ҷоҳ ва вилоят бошад. Агар бинад, ки оина дошт, ё касе ба вай оина дод, далел, ки ҷоҳу манзилат ва бузургӣ ёбад, ё ки оина ба касе дод, далел, ки молу матоъи хеш пеши касе ниҳад.

Кирмонӣ гӯяд, агар марде дар оина ҳаменигарист, агар зани ӯ ҳомила буд, писаре оварад ва агар зан бинад, ки ба оина менигарист далел, ки духтаре зояд.

## АБР

Абр ба хоб дидан бар 6 ваҷҳ буд: аввал абри сафеду сиёҳ ва зард ва сурх ва абри боранда ва ноборанда ҳар якеро таъбир махсус аст. Касе худро зери абри сафеди боранда дид, далел, ки худо ӯро илму ҳикмат арзонӣ дорад ва агар бинад, ки зери абри зард буд, далел ки бемор гардад ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки зане хоҳад.

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки абрро дар ҳаво ҳамеронд, далел, ки ӯро бо уламо сӯҳбат афтад ва агар бинад, ки абрро аз ҳаво бигрифт ва бар замин овард, далел, ки кораш некӯ гардад ва бузургӣ ёбад ва илм ҳосил шавад. Агар бинад, ки абр бар сари вай соя ҳамекард далел, ки дар он сол хайру неъмат бисёр ёбад. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, агар бинад, ки абрро мехӯрд, далел кунад, ки зиндагии ӯ аз ҳикмат буд.

## АБРӮҲО

Ибни Сайрин гӯяд абрӯҳо дидан ба хоб дин буд. Агар бинад ки абрӯҳояш тамом буд ва ҳеҷ нуқсон дар он набуд, далел кунад, ки зиннати вай тамому камол буд ва агар бинад, ки абрӯҳояш фурӯ рехт, таъвилаш ба хилофи ин буд. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки абрӯ надошт ё мӯи абрӯяш фурӯ рехт, далел, ки оҳанги чизе кунад аз он чиз бадномӣ ва фасоди дин ҳосил гардад. Агар ба хилофи ин буд, далел, ки қасди чизе кунад, вайро некномӣ ва салоҳи дин буд. Ва агар бинад, ки абрӯҳояш сафед гашта буд, далел, ки илм ва ҳилми ӯ зиёда гардад, лекин маошро нуқсон буд.

Ҷобири Магрибӣ гӯяд, агар яке абрӯи хешро рехта дид ва

*як дигарро канда дид, далел, ки дар молу ҷоҳи ва*
*афтад.*

## АРЗИЗ /ҚАЛЪАГӢ/

***И**бни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки арзиз бисёр дошт, далел, ки бар қадри он вайро чизе аз матоъи дунё ҳосил гардад.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки арзиз ҳаме гудохт, далел буд, ки дар забони мардум биафтад ба бадӣ. Ҷаъфари Содиқ /р.а/ гӯяд, ки дидани арзиз ба хоб се ваҷҳ буд: 1/ манфиат, 2/ хидматгор, 3/ матоъи хона.*

## АРРА

***И**бни Сайрин гӯяд, агар дар хоб бинад, ки бо арра дарахтеро канд, далел кунад, аз сӯҳбати марде, ки таалуқ ба он дарахт дорад, муфориқат ҷӯяд ва агар бинад, ки фарзанд ё бародар ё хоҳари хешро бо арра ба ду пора бибурид далел, ки монанди он вайро фарзанде ояд, ё бародар, ё хоҳар. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки арра фаро гирифт, ё биарид, ё касе ба ӯ дод, далел, ки агар писар дорад. вайро писари дигар ояд ва агар духтар дорад, вайро духтари дигар ояд...*

## ЭЗОР

***И**бни Сайрин гӯяд, эзор дар хоб зан буд. Агар бинад, ки эзор дар миён баст, далел ки зан хоҳад ва агар бинад, ки эзори вай зоеъ шуд, далел, ки аз зан ҷудо гардад ва агар бинад, ки эзораш бидарид, далел нуқсон ва айби зан буд, агар бинад, ки эзори вай ба оташ сӯхт далел, офату бемории зан буд, Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки эзори абрешим дошт далел, ки ӯро зане муошир ё мутакаббир буд.*

## АЖДАҲО

***И**бни Сайрин гӯяд, аждаҳоро ба хоб дидан душмани бузург доштан аст. Агар бинад, ки аждаҳое дошт далел, ки бо бозаргоне пайвандад. Агар бинад, ки бо аждаҳо набард мекард ва*

*бар ӯ чира шуд, далел, ки ӯро бо душман ҷанг ва хусумат биафтад ва саранҷом душманро мағлуб кунад. Агар бинад, ки аждаҳоро бикушт ва гушти вай бихӯрд, далел, ки бар душман зафар ёбад ва мол биситонад.*

*Ҷобири Мағрибӣ гӯяд агар аждаҳо вайро фурӯ хӯрд, далел, ки бим аз душман буд, ки вайро ҳалок гардонад, агар бинад, ки бар пушти аждаҳо нишаста асту ва аждаҳо мутеъу фармонбардор буд, далел, ки душмани бузург вайро мутеъ гардад.*

## ИСПАНДОН

*Кирмонӣ гӯяд агар испандон бинад далели ғам буд. Агар испандон ҳамехӯрд, далел, ки ба қадри он вайро ғам ва андӯҳ расад. Агар бинад, ки касе испандон ба ӯ дод, далел ки ғаме аз он кас бар дили вай ҳосил гардад. Агар бинад, ки испандон ӯ ба касе дод, ғаме аз вай бар дили ӯ ҳосил гардад. Исмоили Шамъас гӯяд, агар бинад, ки испандон дошт, лекин нахӯрд ва ё ба касе дод ва ё аз хона берун фиканд, далел, ки ӯро ғам ва андӯҳ камтар буд.*

## АСП

*Аспи тозиро ба хоб дидан далели бузургӣ ва изз/ат/ ва ҷоҳ буд. Агар бинад, ки бар аспи тозӣ нишаста буд ва он асп мутеъ ва бар фармони ӯ буд, далел, ки из /з/ ва бузургӣ ва давлат ёбад, бар қадри некӯӣ ва қимати асп Агар бинад, ки аспро фаро гирифт ё касе бадӯ дод ва бар вай нишаст, далел, ки шараф ва бузургӣ ёбад, лекин камтар аз он ки дар аспи тозӣ гуфтам.Ва агар бинад, ки аз он асп чизе кам буд, ё зин, ё намадзин, ё лаҷом,далел, ки бар қадри он нуқсон дар бузургии ӯ буд.*

*Агар бинад, ки бо асп ҷанг ва набард ҳамекард ва асп ғолиб буд ва фармон бар вай набуд, далел, ки маъсият ва гуноҳ кунад. Муҳаммад ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, бар аспи бараҳна нишаста буд, далел, ки маъсият ва мусибат ва гуноҳи ӯ бештар шавад. Агар он асп аз каси дигар буд, он чӣ гуфтем, худованди аспро буд. Агар бинад, ки асп бараҳна буд, лекин мутеъи ӯ шуд, далел бар бузургӣ ва шарафи ӯ буд. Агар бинад, ки бар аспе нишаста буд ва он асп бар ҳаво мепарид ё бинад, ки аспро парҳо буду чун мурғ ҳамепарид, далел, ки вайро шараф ва*

бузургӣ буд, дар дин ва дар дунё ва бошад худовандаш сафар кунад. Агар бинад, ки аз аспи бараҳна фуруд омад, далел, ки аз гуноҳ ва маъсият боз истад. Ва агар бинад, ки бар асп нишаста буд ва силоҳи тамом пӯшида буд, далел, ҳи шараф ва бузургӣ ёбад, чунонки касро аз он монеъ набошад ва душман бар ӯ зафар наёбад. Ва агар бинад, он асп роҳ метохт, то ҷанг кунад, далел ки вай гуноҳе дар вуҷуд ояд, ё тарсу ваҳме бад у расад, бар ҳадри тохтани асп.Ва агар бинад, ки бар асп нишаста буд ва асп ӯро дар масҷид бурд, далел ки ҳеҷ хайр андар ин набуд, магар бинад, ки асп ӯро аз он ҷо берун овард.

Агар бинад, ки аспе аз кӯчаи вай берун рафт, далел кунад, ки марде номдор аз кӯчаи вай воиб гардад ё бимирад.

Ҷобир гӯяд, ки агар аспи модиёнро фаро гирифт, ё касе ба ӯ дод ва бар вай нишаст, далел кунад, ки зан хоҳад ва бар вай муборак буд ва агар бинад, ки он модиён ба гӯнаи сиёҳ буд, далел кунад, ки он зан шарифу номдор бошад.

Агар бинад, ки дар паси касе дар асп нишаста буд, далел ки он мардро, ки аз паси ӯ нишаста буд, тобеъ гардад Агар бинад, ки аспони бисёр дар саро ё кӯчаи ӯ буд, далел, ки дар он мавзеъ борон ва агар бинад, ки гӯши аспи вай бурида буд, далел, ки пайғоми меҳтарон аз вай бурида гардад. Агар бинад, ки аспе харид, бе дум ва бар ӯ нишаст далел, ки зине бе аслро ба зани хоҳад ва агар бинад, ки асп ба ҳаво бар шуд ва баъд аз он фурӯд омад, далел кунад, ки бар дасти подшоҳ ҳалок гардад. Агар бинад, ки аспи вайро бидуздид, бим буд, ки аёлаш ҳалок гардад ва агар бинад, ки аспи вай гум шуд далел, ки занро талоқ диҳад.

Ҷобир гӯяд, ки асп дар хоб ҳавои нафси бинандаи хоб буд ва агар аспи худро саркаш дид, далел кунад, ки ҳавои нафси ӯ саркаш буд ва агар бинад, ки аспи мутеъ буд, далел, ки ҳавои нафси ӯ саъбтар буд ва бадӣ. Ҷаъфари Содиқ фармояд, асп дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: аввал шараф 2.мартабат,3.фармонравоӣ, 4.бузургӣ, 5.хайру баракат.

## УСТУХОН

Ибни Сайрин гӯяд, ки устухон дар хоб мол буд. Агар бинад, ки устухон фаро гирифт ва бар он устухон гӯшт буд, далел кунад, ки хайру мол ёбад.

*Агар бинад, ки ӯ ба касе устухон дод, далел ки аз ӯ ба он кас хайр расад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки устухони касеро шикаста буд, далел кунад, ки бузургӣ ва санъатҳои гуногун ёбад.*

*Ҳазрати Содиқ /р.а./ мефармояд: дидани устухон ба хоб 7 ваҷҳ буд: 1/ амал. 2/ хешон.3/фарзандон.4.ҳимхона.5/мол. 6/бародарон 7/ёру анбоз буд.*

## АШК

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки ашки сард аз чашми ӯ ҳамеборид, далел кунад, ки шодӣ ва хуррамӣ ёбад.Агар бинад, ки ашк борид, далел ки вамгин ва дардманд гардад. Ва агар бинад, ки бе гиристан ашк ба рӯи ӯ буд, далел, ки вайро бо сухан таъна зананд. Агар бинад, ки дар чашми вай ба ҷои ашк гард ва хок ҷамъ шуда буд, далел, ки ба ҳадри он моли ҳалоли беранҷ ба Ӯ расад. Ва агар бинад,ки ашк рӯи ӯ фуруд омад, далел, ки моли хешро хазина кунад.*

*Ҳазрати Содиқ /а.с./ фармояд, ки дар хобдидани ашк, ки аз чашм ояд, бар се ваҷҳа буд:Аввал шодӣ ва хуррамӣ,дуюм вам ва андӯҳ, сеюм неъмат буд.*

## ОЛУИ СУРХ

*Агар дар хоб олуи сурх ва сиёҳро ба вақти худ бинад, далел бар мол ва хоста буд ва олуи зард бо сурх ва сиёҳ,ки ба таъм ширин буд, фаро гирифт, ё касе ба ӯ дод ва бихӯрд, далел кунад, ки ба ҳадри он мол, хоста биёбад Агар бинад, ки олуи зард хӯрд ва вақти он набуд /зимистону аввали баҳор/, далел кунад, бар вам ва андӯҳ ва мусибат ва хусумат ва агар ба таъми туруш буд, беҳтар буд.*

## АМРУД /НОК/

*Ибн · Сайрин р.а. гӯяд, ки хӯрдани амруд ба вақти худ чун сабз ва ширин буд, далел, ки моли ҳалол ёбад ва агар зард буд беморӣ буд. Агар турш ва нохуш буд инчунин беморӣ ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд хӯрдани амрӯд ба хоб бар 5*

ваҳҳ буд: 1/ моли ҳалол 2/тавонгарӣ 3/ зан 4/ ёфтани мурод 5/манфиат

## АНОР

**А**нор ба хоб мол буд, агар ба вақти худ буд. Агар ба вақти худ набуд, бад буд Агар бинад, ки анор аз дарахт гирифт ва бихӯрд далел, ки аз зане ба ҷамол манфиат ёбад. Баъзе муаббирон гуфтаанд, анори ширин дар хоб мол буд, анори туруш ғаму андӯҳ ва аноре, ки надонад турш ё ширин буд, таъбираш чун анори ширин буд.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки анори ширин ҳамехӯрд далел, ки ба қадри он мол ёбад, агар бинад, ки анор ба зимистон ҳамехӯрд далел, ки баъди ҳар донае ӯро чӯбе зананд.

Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд анори ширин дар хоб бар се ваҷҳ буд аввал мол 2/зани порсо 3/шаҳри ободон, аммо анори турш ғам буд.

## АНҶИР

**И**бни Сайрин гӯяд, хӯрдани анҷир хоҳ вақташ буд хоҳ бевақт бад буд Агар бинад, ки анҷир мехӯрад ва ё касе ба ӯ дод, далел ки ғаму андӯҳ бо вай расад.

Анҷири зард бо хоб дидан ва ё хӯрдан беморӣ буд Анҷири сабз хӯрдан ба вақти худ чун ба таъми ширин буд зиёне надорад.

## АНДОМҲО

**И**бни Сайрин гӯяд агар бинад ки андомҳои қавм афзун шуд далел ки хешон ва аҳли байти ӯ зиёда гардад Агар бинад, ки андомҳои ӯ бурида шуд ё аз тан биафтод, далел ки ба сафар равад ва хешони ӯ пароканда гарданд. Агар бинад ки андоми хеш мебурид ва пароканда мекард далел ки хешонро дар шаҳрҳо пароканда кунанд, агар бинад ки андоме аз тани ӯ ҷудо шуд, далел, ки касе аз моли ӯ ба зӯр чизе ситонад.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд агар бинад, ки андоме аз тани вай бо вай сухан гуфт, далел,ки дар миёни халқ расво шавад Агар бинад, ки андомҳояш озурда буд, далел ки бемор гардад. Агар бинад, ки мурғе аз андоми ӯ гӯшт бурид далел ки моли ӯро касе

*бисипонад.*

*Умми Фазл гӯяд, ки ба расули худо с.а.в. арз кардам "Рассулоҳ хобе мункар дидаам." Фармуд: чӣ дидам? Арз кардам: Ба хоб дидам, ки порае аз андоми ту бибриданд ва бар каноре ниҳоданд. Расули худо фармуд, ки Фотимаро писаре ояд, ки дар канори ту бузург шавад.Ва баъд аз он аз Фотима Ҳусайн ба вуҷуд омад ва дар канори ӯ бузург шуд.*

## АНГУБИН

***К**ирмонӣ гӯяд, ангубин дар хоб ғанимат буд, аз молу кирдорҳо некӣ буд.Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд ки ангубин дар хоб бар се ваҷҳ буд: рӯзии ҳалол, манфиат, коми дил ёфтан.*

## АНГУШТОН

***И**бни Сайрин гӯяд, ки 5 ангушти дасти рост дар таъвил 5 намоз буд ва 5 ангушти дасти чап фарзандон ва бародар буд. Ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки ангушти меҳин далели намози бомдод ва ангушти сабҳа далел бар намози пешин ва ангушти миёна далел бар намози аср кунад ва ангушти бинсир далел бар намози шом кунад ва ангушти хинсир далел бар намози хуфтан кунад.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки ангуштро ба ҳам гузошта дошт, далел, ки тангдаст гардад ва агар бинад, ки ангуштонро бо ҳам ҷамъ кард, далел ки кори бародарон ва фарзандонашро ба салоҳ овард, агар бинад, ки ангуштонро ба кирдори мушт дар ҳам баста буд, далел кунад, ки корҳо бар вай баста гардад.*

*Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки ангушти меҳини ӯ бурида аст, далел ки қуввати молаш буд.Агар бинад, ки ангушти сабҳаи ӯ бурида аст, далел, ки дар фариза ва намозҳо тақсир кунад ва агар бинад, ки ангушти миёнаи ӯ бурида ё подшоҳе бимирад ва агар бинад, ки ангушти баъд аз миёна бурида аст, далел ки вайро дар мол зиён афтад ва агар бинад, ки ангушти кӯчаки ӯ бурида аст далел ки фарзандзодаи ӯ бимирад.*

*Исмоили Ашъас р.а. гӯяд ки ангушти пой дар хоб дидан далели зиннату ороиш аст ва агар ангушти пойро дурушт ва қавӣ бинад далел, ки кори кадхудои ӯ сохта гардад ва агар ба*

*хилофи ин бинад,кори вай нособхта гардад. Ва агар бинад, ки ангушти пои варо офате расид, чунон ки рафтан натвонист, далел ки вайро ғаме сахт расад ба сабаби рафтани мол.Агар ангушти дасту пойро зиёда бинад, далел, ки кори вай ноомад шавад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дидани ангушт дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/фарзанд 2/бародарон 3/ бародарзодагон 4/ёрон 5/қувват 6/ 5 вақт намоз.*

## АНГУШТАРӢ

*Дониёл гӯяд, чун бинад нақш ва сифати ангуштарӣ далел, ки аз худо хайр, некӣ расад агар бинад, ки ангуштарӣ касе ба вай дод, то чизе ба он мӯҳр кунад, далел, ки аз он чизе, лоиқи он бошад бархе ёбад, яъне агар лоиқи подшоҳӣ бошад, ки дар масҷиде дар намоз ё дар қазо касе ангуштарӣ ба вай дод, агар ӯ зоҳиду обид буд ва агар бозаргон буд, насиби ӯ нафъи тиҷорат буд ва ҷумла ҳам бар ин. Агар касе бинад, ки ангуштарии ӯ зоеъ шуд, ё дузд бурд, далел, ки дар корҳои ӯ офату душворӣ падид ояд. Агар бинад, ки ангуштарӣ бишкаст, ва нигинаш бимонд, далел, ки бузургӣ ва ҷоҳи ӯ беш шавад ва обрӯ ва ҳайбаташ бар ҷой буд. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд агар бинад, ки дар ангушти вай ангуштарии оҳанин буд, далел кунад, ки қувват ва тавоноӣ ёбад ва агар бинад, ки аз биринҷӣ ё мис буд,далел кунад, ки манфиат ёбад. Агар бинад, ки бузург аст, далел, ки аз мардуми омма ба ӯ чизе расад, агар бинад, ки аз сим аст, аз ҷое ба ӯ чизе расад ва агар бинад, ки ангуштарии хеш назди касе ба амонат ниҳод ё вайро бахшид ва он ҳам ангуштарӣ ба ӯ рад кард, далел, ки зане ба никоҳ хоҳад ва қабулаш накунад. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд ангуштарии симмин дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ мамлакат, 2/зан, 3/фарзанд, 4/мол.*

## АНГУР

*Дониёл алайҳиссалом гӯяд, ки хӯрдани ангури сиёҳ ба вақти худ ғаму андӯҳ буд ва бевақт /ғайри мавсими он/ тарсу бим буд ва хӯрдани ангури сафед ба вақти худ неъмат ва хайри дунё буд, ангури сурх низ ҳамин далел аст. Ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки ангури сурх бар сарфи мол аст. Ибни Сайрин гӯяд, ки ангури сафед ба вақтӣ, далел бар моле аст,ки ба душ-*

*ворӣ ба даст ояд ва ангури сурх ба вақти худ хӯрдан, далел бар манфиати андак буд ва ҳар ангуре, ки пӯсти ӯ сахт буд далел, ки мол ба душворӣ ба дасти ӯ ояд. Ҳар ангуре пусти ӯ равшан буд, далел бар моли ҳаром буд ва ҳар ангуре тира буд, далел бар моли ҳаром буд ва ҳар ангуре ба дидор сурх намояд, далел бар иззу ҷоҳ кунад ва ҳар ангуре ба дидор сиёҳ намояд, далел бар ғаму андӯҳ буд.*

*Ҳазрати Ҷаъфари Содиқ р.а. ангури сиёҳ ва сафед бар вақти худ ва бевақт бар се ваҷҳ буд.*

*1/фарзанди нек 2/ илми фароиз 3/моли ҳалол. Ва афшурдани он ҳам дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/Моли бо хайру баракат, 2/ фарохии неъмат, 3/ аз қаҳтӣ амон ёфтан.*

## АФТОДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе ки бар вай дарафтод, далели ташвиши ӯ буда хоса дар ҷангу хусумат Агар бинад, ки дар ҷойгаҳе бо зер афтод, далел, ки ноумед гардад ва агар бинад, ки аз кӯҳ ба зер афтод, далел, ки ҳолаш бад гардад ва агар бинад, ки захме бар вай расид ва хун аз он узв равон шуд, далел, ки зиёне ба ӯ расад ва агар бинад, ки пояш лағзид ва афтод далел, ки ранҷе ба ӯ расад ва агар бинад, ки аз остонаи хонаи ӯ мору каждум ва газандагон бияфтод, далел, ки аз касе ӯро ғаму андӯҳ расад. Агар бинад, ки боми хона ё девор ба ӯ афтод, далел, ки моли бисёр ба ӯ расад.*

## БОДОМ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки бодом дар хоб дидан неъмату рӯзӣ буд Агар бинад, ки бодом фаро гирифт, далел, ки ба қадри он неъмат расад.*

*Муаббирон гӯянд, ки бодом дар хоб илм буд ва шифо аз ранҷ.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки бодом бо пӯст дошт ё касе ба вай дод далел, ки аз марди бахил чизе ёбад. Ва агар бинад, ки аз мағзи бодоми талх равған берун овард, далел ки аз марди бахил вайро манфиат расад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дидани бодом дар хоб бар ду ваҷҳ буд. Моли ниҳонӣ ҳосил гардад, аз беморӣ шифо ёбад.*

## ПОДШОҲ /*сарвари давлат*/

*Ибни Сайрин гӯяд, ки 12 чиз аст, ки бинандаи хобро далел бар подшоҳӣ бошад.*

*1/Бинад ки пайғамбар с.а.в. ӯро инъом кард.*

*2/Он ки бинад, ки илми шариат варзад.*

*3/Он ки гуши пайғамбар с.а.в. пеши худ бинад, яъне мунтазири иқомат ва намоз буд.*

*4/Бар минбари ӯ пайғамбар с.а.в. хутба хонд.*

*5/Ҷомаи Расул с.а.в. пӯшид*

*6/Ангуштарӣ бинад ки дар даст дорад,*

*7/Он ки бинад офтоб ё моҳтоб гардид.*

*8/Тани ӯ рӯдхона шудааст.*

*9/Бинад, ки чашми ӯ девори шаҳр гаштааст.*

*10/Бинад, ки чашми ӯ меҳроби масҷид гаштааст.*

*11/Подшоҳи мурда ӯро ангуштарӣ диҳад.*

*12/Бинад, ки чашми ӯ монанди гове шуда аст.*

*Дониёл гӯяд, ки агар бинад, ки подшоҳ ӯро ҷомае дод, далел,ки бар мардумони худ раис гардад.Агар бинад, ки подшоҳ дар кӯча ё сарои ӯ даромад, далел, ки аҳли он мавзеъро ваму андӯҳ расад.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки подшоҳ бимурд ва дафнаш накарданд, далел ки баъзе аз сарои ӯ хароб гардад.*

*Ҳазрати Содиқ фармояд, агар касе подшоҳро кӯшодарӯй ва хуррам бинад, далел ки кори ӯ кушода гардад.*

## БОД

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки боди сахт ҳамеҷаст, далел ки мардуми он диёрро биму тарс буд, агар бинад, ки бод чунон сахт буд, ки дарахтонро ҳамеканд, далел ки аҳли он диёрро бало ва мусибат аз иллати ягон беморӣ расад. Кирмонӣ гӯяд, боди самум дар хоб ба бемориҳои аз сардӣ ва бодӣ мӯътадили сард ба бемориҳои шӯрида дар он диёр. Боди мӯътадил бошад, далел бар тандурустӣ буд.*

*Агар бинад, ки бод ӯро аз ҷое ба ҷое мебурд, далел агар ки сафари дуре кунад. Ҷобир гӯяд, агар бинад, ки боди сахт ӯро ба сӯи осмон бурд, далел ки аҷали ӯ наздик аст ва агар бинад ки бод*

*ӯро аз осмон ба замин овард, далел, ки бемор гардад. Ҳазрати Содиқ фармояд, дидани бод дар хоб бар 9 ваҷҳ буд: 1/башорат 2/ фармон 3/ мол 4/ марг 5/ азоб 6/ куштан 7/ беморӣ 8/ шифо 9/ роҳат. Ва агар бинад, ки бар бод нишаста буд, далел, ки ҷоҳу бузургӣ ёбад. Боди нарм далел бар шифо буд.*

## БОД РАҲО КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки дар миёни мардум бод раҳо кард ва овози он шуниданд, ки далел, ки сухане зишт гӯяд ва агар мардум бар вай афсӯс кунанд, ба сабабе дар миёни мардум расво гардад ва агар бинад, ки боди нарм раҳо кард ва овозаш нашуниданд, таъвилаш ба хилофи ин аст.*

*Ва агар бинад, ки бар қасд бод раҳо кард ва мардумон бар ӯ хандиданд ва ӯ шарм медошт далел ки аз коре бе шуғл маишати ӯ сохта гардад.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд раҳо кардани бод дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/сухани зишт, 2/ маломат, 3/кори ташниъ, 4/ расвоӣ. Агар бинад, ки бод барқасд раҳо кард, далел ки баддин ва бадмазҳаб буд.*

## БОРОН

*Дониёл гӯяд, борон дар хоб раҳмат ва баракат буд. Ва агар борони хоса буд, чунон ки ба сари он кӯча борони сахт мебориd ва ҷуз он ҷо ҷои дигар набориd, далел кунад ба ранҷу беморӣ ба аҳли он мавзеъ. Агар бинад, ки борон оҳиста мебориd, таъбираш хилофи ин аст. Ва агар бинад, ки аввали сол ё аввали моҳ борон бориd, далел кунад, ки дар он сол ё дар он моҳ фароҳию неъмат зиёда гардад. Агар бинад, ки ба оби борон масҳ мекард, далел ки аз тарсу бим раҳо ёбад. Агар бинад, ки борон ба сари вай мебориd, далел бар сафар дорад. Агар бинад, ки борон ба сари мардумон чун тӯфон мебориd, далел ки дар ин диёр марги муфоҷот ояд. Ва агар бинад, ки аз ҳар қатраи борон овоз ҳамеомад, далел кунад, ки овози иззату ҷоҳи ӯ зиёда гардад. Агар бинад, ки ба ҷои борон ангубин ҳамебориd, далели неъмату ғанимат бар он диёр буд.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд дидани борон ба хоб бар 12 ваҷҳ буд: 1/раҳмат, 2/баракат, 3/фарёд хостан, 4/ранҷу беморӣ,*

5/бало, 6/корзор, 7/хун рехтан, 8/фитна, 9/қаҳтӣ, 10/амон ёфтан, 11/куфр, 12/ дурӯғ.

## БОЗ

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки бозе бигрифт ё касе ба вай дод, далел, ки бузургӣ ва қадру афзунии ҷоҳ ва манзалати ӯ. Ва агар бинад, ки боз аз дасти ӯ бияфтоду бимурд, далел аз манзилат ба дарвешӣ ва бечорагӣ афтид.

Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки бозе сафед биёфт ва агар подшоҳ буд, вилоят ва ҳурмат буд ва агар аз раият буд, мол бисёр ҳосил кунад. Агар бинад, ки касе ба ӯ боз бахшид, далел, ки ӯро фарзанде ояд соҳибҷамол ва агар бинад, ки бозе бар боми ӯ нишаст, далел, ки ӯро бо шоҳи нав сӯҳбат афтад ва аз ӯ хайру манфиат ёбад. Агар бинад, ки боз бигрехт ва дар хона шуд ё дар зери домани зане пинҳон гардид, далел ки он занро писаре хубрӯй падид ояд, агар бинад, ки бар пои он боз зангӯлаи симин буд, ӯро духтаре ояд ва агар касе бинад, ки бозе биёфт ва ӯро бикушт, далел ки он касро ғаму андӯҳ расад ва агар бинад, ки боз аз дасти ӯ бихарид ва дигар наёмад, далел ки агар подшоҳ буд, мамлакат аз дасти ӯ биравад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, чун бинад, ки боз мутеи ӯ буд, таъвилаш бар 5 ваҷҳ буд: 1/ромиш, 2/шодӣ, 3/башорат, 4/фармон, 5/ёфтани мурод.

## БОЗӮ

Ибни Сайрин гӯяд, ки бозӯ дар хоб бародар буд ё фарзанд ё дӯст. Агар бинад, ки бозӯи вай қавӣ буд далел бар манфиате аст, ки аз эшон ба ӯ расад ва агар аз хилофи ин буд: ӯро аз эшон ҳеҷ манфиат нарасад ва агар бинад, ки бозӯи ӯ афтод ё касе ӯро бибрид, далел кунад, ки аз эшон касе аз дунё реҳлат кунад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, бозу дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/бародар, 2/фарзанд, 3/анбоз, 4/дӯст, 5/писари ом, 6/ҳамсоя.

## БОЗУБАНД

Кирмонӣ гӯяд, ки бозубанд дар хоб агар заррин буд, ки дар бозӯ дошт, далел, ки аз бародар ё касе дигар ӯро ғаму кароҳат

*расад.Агар бозубанди симин дошт, далел, ки духтари худро ё духтари бародари худро ба шавҳар диҳад.Агар инро зане бинад, далел бар молу неъмати вай буд ва агар бинад, ки бозубанд шикаст, ё зоеъ шуд, далел, ки таъвилаш бар хилофи ин буд.*

## ПОШНАИ ПОЙ

***П**ошнаи пой дар хоб далел бар низому кору касби мардум кунад ва агар бинад, ки пошнаи пои ӯ бишкаст далел буд, ки ба коре машғул гардад, ки аз он кор ӯро пушаймонӣ ҳосил гардад ва агар бинад, ки пошнаи пои ӯ бишкофт ё маҷрӯҳ гардид, далел ҳамин таъвил дорад. Ва агар касе бинад, ки пошнаи пои ӯ бияфтод, далел ки ӯро кору касб набошад ва дарвешу бечора бошад.*

## БОҒ ДИДАН

***Д**ониёл, гӯяд, ки дидани боғ ба хоб зан буд ва агар бинад, ки боғро об ҳамедод, далел, ки бо зани хеш муҷомиат кунад. Ва агар бинад, ки боғро об медод ва тар намешуд, далел, ки зани ӯ аз шавҳар муҷомиат талаб кунад ва агар бинад, ки дар боғ гулу райҳон мекишт, далел ки фарзанди солеҳ ёбад ва агар бинад, ки дар боғ шафтолу мекишт, далел кунад, ки ӯро фарзанде ояд ва зуд илму одоб биёмӯзад.*

*Агар боғи худро сабзу ободон ва оби равон ва кушк бинад ва аз меваи дарахтон мехӯрд ва аз зани худ дар тамошо буд, далел, ки эшон аҳли биҳишт бошанд. Агар бинад, ки дар фасли хазон дар боғе машғул шуд ва аз дарахтон баргҳо мерехт, далел, ки ғаму андӯҳ ба ӯ расад. Ва агар бинад, ки дар боғ кушкҳо буд, сабзаҳо ва оби равону дарахтон зане соҳибҷамол ӯро бихонд, далел буд, ки биҳишт ва ҳурулъин дар охират ёбад. Ва агар бинад, ки боғе дошт ё касе ба ӯ дод ва аз меваи он боғ мехӯрд, далел, ки зане молдор бихоҳад ва агар бинад, ки дар боғ буд ва меваҳо аз дарахти баланд бар вай ҳамеафтод, далел буд, ки бо марде шариф ӯро ҳусумат афтад ва бар вай ғолиб гардад ва агар бинад, ки дар боғ бар сари дарахт хуфта буд, далел, ки наслу фарзандони ӯ бисёр бошад. Агар бинад, ки дар вақти баҳор ё тобистон боғ хуррам гашта буд ва дар ӯ меваҳо раста буд ва гулу райҳон шукуфта ва*

оби равон ва ӯ дар миёни боғ нишаста, далел буд, ки марги ӯ ба шаҳодат буд, зеро ки ҷумла сифоти биҳишт аст ва агар дар тобистон боғе бинад, маъруф ва меваҳои он ширин буд ва баргҳои дарахтон рехта буд, далел, ки ӯро бо подшоҳ сӯҳбат афтад ва агар дар боғ, дар тобистон сабзу пурмева ва оби рӯд миёмад ва боғҳо аз асл барканд ва хароб кард, далел, ки подшоҳи он диёрро бими ҳалок буд ва агар бинад, ки оташе биёмад ва дарахтони он боғро бисӯхт, далел, ки подшоҳро марги муфоҷот расад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ки асли боғ дар хоб шуғли мардум буд ба қадри ҳиммат ва агар дар боғ сабза бинад, далел, ки кораш некӯ гардад. Агар дар вақти баҳор ё тобистон боғе хароб дид, чунон, ки дар вай ҳеҷ дарахту сабза надид, далел буд, ки подшоҳ бар раъият ҷавру ситам кунад ва агар бинад, ки ба дасти худ боғе нав сохт ва дарахт нишонд ва мева баромад, далел, ки зане ба тавонгар ба занӣ хоҳад ва молу неъмату фарзандон ҳосил гардад. Ҳикоят: Овардаанд, ки марде пеши Сулаймон алайҳиссалом омад ва гуфт.

-Эй пайғамбари худо! Ба хоб дидам боғе ороста ва дар вай меваҳои бисёр буд ва дар он боғ дидам, ки хуке бузург нишаста буд ва маро гуфтанд, ки ин боғ мулки ин хук аст. Ман аз он ҳол мутаҳайир гардидам ва дар боғ хукони бисёр дидам, ки мева мехӯрданд ва гуфтанд, ки ин хӯкон мева ба фармони он хук мехӯранд. Сулаймон гуфт: Он хӯки бузург подшоҳи золим ва ситамгар аст ва хукони дигар донишмандони ҳаромхора, ки мутеъи подшоҳи золиманд ва динро ба дунё фурӯшанд ва аз азоби ҳақ таъоло натарсанд.

Ҳазрати Содиқ алайҳиссалом фармояд, ки дидани боғ дар хоб бар 7 ваҷҳ буд: аввал зани хуб, 2/ фарзанди нек, 3/ айшу хушӣ, 4/ мол, 5/ баландӣ 6/ шодӣ, 7/ зан.

## БОФТАНИ ҶОМАҲО

Ибни Сайрин гӯяд, ки бофтани ҷомаҳо дар хоб сафар буд ва бофанда мусофир буд. Агар бинад, ки ҷома ё чизе мебофт, далел буд, ки ба сафар равад.

Овардаанд, ки бофтани ҷомаҳо дар хоб хусумат буд ва агар бинад, ки ҷомаи бофта бибрид, далел буд, ки ин кор бо хусуматҳо бартараф шавад ва агар расан ва ресмонро тоб медод, далел кунад, ки ба сафар шавад. Кирмонӣ гӯяд, ба ҷои

*абрешим ресмон ё катон мебофт далел буд, ки бад буд, зеро ки нишони хиёнат буд ва агар бинад ки ҷомаро тамом бибофт ва бибрид, далел буд, ки ба сафар шавад ва кори вай тамом гардад ва агар тамом набофта буд кори ӯ тамом нагардад.*

*Ҷобири Мавриби гӯяд, агар бинад, ки бофандагӣ ҳамекард, далел буд, ки бо мардум ӯро хусумат афтад ва ҳолаш некӯ гардад аммо аз мардумон ӯро сарзаниш ва маломат расад.*

## БОЛО РАФТАН

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки болои кӯҳе нишаста буд ё бар бом ё бар кушк ва монанди инҳо ва боло рафтан, далел кунад, ки он чӣ ҷӯяд, биёбад ва ҳоҷаташ раво гардад.*

*Агар бинад, ки ба душворӣ боло мерафт, далел, ки он чӣ ҷӯяд ба ранҷу машаққат биёбад ва агар бинад, ки ба нардбон боло мерафт, далел ки дар дин шарафи бузург ёбад хоса, ки нардбон аз гил буд ва агар аз гаҷ ва санг буд, далел ки дар дини ӯ халал буд ва агар аз хишти хом ё гил буд, далел ки қадру манзилат ёбад ва агар бинад, ки ба осмон рафт ва дигар наёмад, далел, ки аҷали ӯ наздик бошад ва агар боз омад, далел, ки сахт бемор шавад. саранҷом шифо ёбад. Ҳазрати Содиқ р.а. мефармояд, ки боло рафтан ба хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/. равои ҳоҷат, 2/.зан хостан, 3/.қурб ва бузургӣ, 4/.мурод ёфтан, 5/.боло рафтани кор.*

## БОЛИШ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки болиш дар хоб ходим буд. Агар бинад, ки болиши нав фаро гирифт ва он болиш сабз буд ё касе ба вай дод, далел, ки ӯро ходими порсо ҳосил гардад, агар болиши чиркин ва сиёҳ буд, таъвилаш ба хилофи ин буд.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки касе аз хонаи ӯ болиш дуздид, далел, ки касе аз паи зани ӯ мегардад.*

*Баъзе муаббирон гуфтаанд, ки дидани болиш дар хона далел буд, ки касе аз он хона бимирад.*

*Ҳазрати Содиқ алайҳиссалом фармояд, ки дидани болиш ба хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.ходим, 2/.зан, 3/.раёсат, 4/.дини некӯ, 5/.парҳезкорӣ ва адл.*

## БОМ

Агар бинад, ки боми хона маъруф буд, далел ки шарафу бузургӣ ёбад. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, агар бинад, ки бар боми хонаи подшоҳ буд, далел, ки бузургӣ ва манзилат ёбад, агар бинад, ки аз бом бияфтод, далел, ки аз бузургӣ ва ҷоҳу манзилат бияфтод.

## БОНГ ДОШТАНИ ҶОНВАРОН

Ибни Сайрин гӯяд, ки бонг доштани ҷонварон ва мардум ба хоб далел буд, бар ғаму мусибат ва он диёр.

Агар ба хоб дид, ки ӯро бонг мекарданд, аз ҷои дур, агар ҷавоб дод, далел зуд бимирад ва агар ҷавоб надиҳад, далел, ки бемор шавад.

Ва агар бинад, ки овози гиристан меояд, шод шавад. ва агар бинад, ки бонги зорӣ мешунид, далел, ки ҳоҷати ӯ раво гардад, бар душман зафар ёбад ва агар бонги дашном шунавад, кароҳате ба ӯ расад. Ва агар бинад, ки гург бонг мекард, далел, ки бар душман зафар ёбад ва агар шагол бонг кард, далел бар ғаму андӯҳ аз сабаби занон ва агар рӯбоҳ бонг кард, далел, ки марде дурӯғгӯй бар вай ҳила кунад ва агар гурба бонг зад, далел, ки ӯро аз дузд бим буд. Ва агар бинад, ки шутурмурғ бонг кард, далел, ки ӯро ходиме ҳосил гардад.

Ва агар бинад, ки хурӯс бонг мекард, хабари марге ҷавонмард шунавад. Ва агар бинад, ки бум бонг мекард, далел ки хабари андӯҳу мусибат шунавад ва агар бинад, ки фохта бонг мекард, далел, ки хабари дурӯғ шунавад ва агар бинад, ки товус бонг мекард, далел хабари подшоҳи Аҷамӣ шунавад ва агар бинад, ки кабк бонг мекард, далел хабари зане некӯ шунавад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки бонги ҳама мурғон дар хоб шунидан некӯ буд, магар мурғе ки ӯро ба фол бад оранд, ки бонги ӯ андӯҳу мусибат буд ва бонги мор тарсу бим буд аз душман.

## БОНГИ НАМОЗ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки ҳар бандаи мӯъмин ва муслиҳ ва мастур чун бинад, ки дар ҷойгаҳе маъруф бонги намоз шунавад ё бонги намоз диҳад, далел кунад, ки ҳаҷҷи байтуллоҳ бигзорад ва агар бонги намоз дар ҷои маҷҳул буд, макрӯҳ ва нописандида буд ва агар бинад, ки бонги намозро аз масчид ё аз манорае диҳад, далел буд, ки мардумонро ба худо мехонад ва агар бинад, ки дар бистари хуфта бонги азон медод, далел, ки бо зани худ улфат дорад ва агар бинад, ки бонги намоз дар хонаи худ медод, далел, ки қашшоқ гардад ё аз аҳли байти ӯ касе ҳалок гардад. Агар бинад, ки бонг дар чоҳ ё дар сардоба медод, далел, ки он кас мунофиқ буд.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки агар касе бинад, ки бо зани худ бонги намоз медод, далел, ки бимирад ва агар бинад, ки кӯдаке бонги намоз медод, далел, ки падару модари ӯ дурӯғ мегӯянд. Агар бонги намоз дар гармоба медод, далел бар бадҳолии ӯ буд, дар дин ва дунё.*

*Ва агар бинад, ки бонги намоз дар қофила ва лашкаргоҳ медод, таъвилаш бад буд. Агар бинад, ки маҷӯсе дар зиндон бонги намоз медод ва иқомат кард, далел, ки аз зиндон раҳоӣ ёбад ва агар бинад, ки бар сари кӯҳе бонги намоз медод, далел, ки подшоҳ сухани рост гӯяд ва агар бинад, ки дар кунҷи хонае бонги намоз медод, таъвилаш он ки дар кори ҳақ хиёнат кунад ва агар бинад, ки дар миёни ду кӯҳ бонги намоз мекард, далел, ки дар миёни қавми ситамгар гирифтор ояд ва бо вай хиёнат кунад. Агар касе бинад, ки бар курсӣ ё бар тахте нишаста ё истода бонги намоз мекард, далел, ки ақл аз ӯ зоил гардад ва агар бинад, ки дигаре бонги намоз мекард ва ӯ бишнид, далел, ки ба кори тоат ва ибодат коҳил буд ва агар бинад, ки бонги иқомат шунавад, далел, ки дар корҳои ҳақ тавфиқ ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, бонги намоз дар хоб бар 12 ваҷҳ аст: 1/. Ҳаҷ, 2/.Сухан, 3/.Фармон, 4/ Бузургӣ, 5/ Раёсат, 6/.Сафар, 7/ Мурдан, 8/ Муфлисӣ, 9/ Хиёнат, 10/.Ҷосусӣ 11/ Мунофиқӣ, 12/. Буридани даст.*

## ПОБАНД

## ПОБАНД

Ибни Сайрин гўяд, ки як пора побанд дидан дар хоб сухани хўш ва латиф буд ё бўса буд, ки ба фарзанду аёл диҳад ё ёбад ва агар побанди бисёр бинад, неъмату рўзии ҳалол ёбад ва агар бинад, ки побанди бисёр дошт ва ҷумларо бахшид далел аст, ки агар мол дорад ҷумларо нафақа кунад.

## ПОЙ

Дониёл гўяд, ки агар бинад, ки як пой дорад, яъне як пои ў бурида ё шикаста аст, далел буд, ки нимаи мол аз вай зоеъ гардад ва агар ҳарду пой бурида бинад, далел, ки ҷумлаи моли ў зоеъ гардад. Муаббирон гўянд, ки агар касе ҳар ду пои худро бурида ё шикаста бинад, далел буд, ки ба сафар шавад. Агар бинад, ки пои ў оҳанин буд, далел, ки умри дароз бинад. Агар бинад, ки пояш обгина буд, далел ки умраш зуд сипарӣ гардад. Агар бинад, ки пояш шал ё мубтало шуда буд, далел буд бар сустӣ ва заъфи ҳол. Агар солиҳе бинад, ки пояш шал шуда буд, далел буд бар зиёдатии дини ў. Ва агар бинад, ки пойҳои ў ба расан баста буд, далел буд, ки аз касе манфиате ба вай расад ва агар бинад, ки пояш набуд ва ба чўб роҳ мерафт далел буд, ки эътимод бар касе кунад, ки аз он кас вафо нағбад ва агар бинад, ки пояш оҳанин буд далел буд, ки молаш зиёда гардад ва агар бинад, ки пои ў дардманд буд далел, ки ўро зиёне расад. Ва агар бинад, ки пои ў дар доме гирифтор буд ё дар ҷое фурў рафта буд, далел, ки дар макру ҳилае гирифтор гардад. Ва агар бинад, ки пои ў дар ҷойгаҳе билағзид. далел, ки аз кори дин ё дунё боз монад, ё касе ба ў сухане гўяд ба он ғамгин шавад.

Кирмонӣ гўяд, ки ҳар ду пой ба таъвил падару модар буд ва ҳар заъфу нуқсоне, ки дар пойҳо бинад, далел бар падару модар кунад. Агар бинад, ки пой бисёр дошт, далел ки ба сафар шавад ва агар дарвеш буд, тавонгар гардад.

Агар пои ў чун пои даррандагон буд, чизе ҳаром ҳосил кунад ва агар пои худро чун чанголи мурғон бинад, далел бар қувват ва касбу маъишати ў буд.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани пой дар хоб дар ҳафт ваҷҳ буд. 1/.айш, 2/.умр, 3/.саъи кардан, 4/.талаби мол, 5/.қувват, 6/.сафар, 7/.зан. Ва пой куфтан дар хоб ғаму мусибат буд.

## ПОЧА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дар хоб бинад, ки почаи гӯсфанд ҳамехӯрд, далел, ки неъмате ба ӯ расад. Агар бинад, ки почаи гов ҳамехӯрд, далел, ки дар он сол ӯро фарохӣ ва неъмат буд. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ки хӯрдани поча дар хоб далел буд, бар хӯрдани моли ятимон ба қадри он чӣ хӯрда буд ва хоса чун бинад, ки хом мехӯрд.*

## БАБР

*Ибни Сайрин гӯяд, ки бабр ҷонварест дарранда ва душмани шер аст ва дидани вай дар хоб душмани қавӣ ва далер буд ва агар бинад, ки бо бабр дар набард буд ва ӯро мағлуб сохт далел бар душман хира гардад ва агар бабр ӯро мағлуб сохт, таъбираш хилофи ин буд ва агар бинад, ки бабр аз вай тарсон буд ва мегурехт далел ки аз душман эмин гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки пӯст ва устухон ва мӯи бабр молу манфиат буд ва агар бинад, ки бар бабр нишаста буд ва ӯ мутеъ буд, далел, ки душман мутеъи ӯ гардад.*

## БАХШИШ КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки моли худро ба кори хайр бахшид, далел, ки фарзанди худро зан хоҳад ё касе аз хешонро ба зан диҳад ва моли худ бар эшон қисмат кунад ва агар бинад, ки моли хеш ба роҳи фасод бахшид, далел, ки сӯи ҳаром ва фасод гиройд ва агар молро ба бегонагон бахшид, далел ки ҳолаш ҳам ба марги ӯ ва ҳам бар зиндагонии ӯ пароканда гардад.*

## ПАР

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе ба хоб бинад, ки ӯро парҳо буд чун пари мурғ далел, ки ӯро меҳтарӣ ва бузургӣ буд. Баъзе муаббирон гуфтаанд, ки пар дидан ба хоб қувват ва паноҳ.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад парҳо дошт ва мепарид, далел, ки ба сафар равад ва агар бинад, ки бо худ пари мурғ дошт, далел, ки ӯро хайр ва манфиат расад ва агар бинад, ки парҳои ӯ*

*биафтод далел буд, ки аз бузургӣ бияфтод ва молаш нуқсон пазирад.*

## БАРҶАСТАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки аз ҷое ба ҷое меҷаст, далел, ки ҳоли ӯ бигардад ва агар бинад, ки ба ҷое дӯре барҷаст далел ки ба сафари дур равад. Агар бинад, ки дар вақти ҷастан дар даст асое дошт, далел, ки эътимоди ӯ бар марде қавӣ буд.*

*Ва агар бинад, ки ба ҳар ҷое мехост, меҷаст, далел буд бар қуввату тавоноии вай. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ки агар бинад, ки аз ҷои покиза биҷаст далел буд, ки аз ҳоли фасод ба ҳоли салоҳ ояд. Агар ба хилоф бинад аз салоҳ ба фасод ояд.*

## ПАРДА

*Ҳар ки парда ба хоб бинад, ки бар дар овехта ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки парда бар дари сарое бузург ё масҷид ё бозор ғаму андӯҳ буд.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки парда зоеъ шуд, далел, ки аз ғаму андӯҳ фараҳ ёбад.*

*Пардаи нав подшоҳро некӯ буд ва раиятро бад ва пардаи кӯҳна ба ҳар ваҷҳ хуб буд.*

## ПАРАСТУ

*Агар касе бинад, ки парасту дошт ё касе ба вай дод, далел буд, ки аз касе, ки аз вай ҷудо шуда буд, муонисат гирад ва дар мақоми ӯ қарор гирад. Агар бинад, ки парастуро бикушт ё бияфканд далел, ки бо касе, ки унс дорад, ҷудоӣ ҷӯяд.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки парасту дар хоб марде тавонгар ва боҳирад буд ва агар парастӯи мода бинад, ҳамчунин зане буд.*

*Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад ки парастуе фаро гирифт далел, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад ва аз тарсу бим эмин гардад.*

## БАРФ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки барф ба хоб дидан ғаму андӯҳ буд ва агар дар зимистон барф бинад ё ба ҷойгаҳе, ки дар он ҷо пайваста барф буд далел кунад, ки аҳли он мавзеъро ғаму андӯҳ расид.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд ки дидани барф дар хоб бар 6 вaҷҳ буд: 1/. рӯзӣ, 2/.зиндагонӣ, 3/. моли бисёр, 4/ .лашкар, 5/.беморӣ, 6/. ғаму андӯҳ ва агар бинад, ки дар тобистон барф ҷамъ мекард, далел, ки моли ҳалоле ҷамъ мекард.*

## БАРҚ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки барқ дар хоб хазондори подшоҳ буд ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки барқ ваъда кардани подшоҳ буд ба бадӣ марди тамаъкунандаро ба тамаъи вай.*

*Агар бинад, ки барқро аз ҳаво ё аз абр гирифт, далел, ки коре кунад, ки дар он хеле ҳайрон буд. Ва агар бинад, ки барқҳо ҳамедурахшид, далел, ки дар он сол неъмат фарох буд.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки дидани барқ дар хоб бар 5 вaҷҳ буд. 1/.хазонадори подшоҳ, 2/.ваъдаи бад, 3/.итоб, 4/ .раҳмат, 5/.роҳи рост./бародар, 2/фарзанд, 3/анбоз,4/дӯст, 5/писари ом, 6/ҳамсоя.*

## БОЗУБАНД

*Кирмонӣ гӯяд, ки бозубанд дар хоб агар заррин буд, ки дар бозӯ дошт, далел, ки аз бародар ё касе дигар ӯро ғаму кароҳат расад Агар бозубанди симин дошт, далел, ки духтари хӯдро ё духтари бародари худро ба шавҳар диҳад.Агар инро зане бинад, далел бар молу неъмати вай буд ва агар бинад, ки бозубанд шикаст, ё зоеъ шуд, далел, ки таъвилаш бар хилофи ин буд.*

## ПОШНАИ ПОЙ

*Пошнаи пой дар хоб далел бар низому кору касби мардум кунад ва агар бинад, ки пошнаи пои ӯ бишкаст далел буд, ки ба*

*коре машғул гардад, ки аз он кор ўро пушаймонӣ ҳосил гардад ва агар бинад, ки пошнаи пои ў бишкофт ё маҷрўҳ гардид, далел ҳамин таъвил дорад. Ва агар касе бинад, ки пошнаи пои ў бияфтод, далел ки ўро кору касб набошад ва дарвешу бечора бошад.*

## БИРИНҶ

*Ибни Сайрин гўяд, ки биринҷ дидан ба хоб мол буд. Кирмонӣ гўяд, ки агар бинад, ки биринҷи пўхта мехўрад, далел буд, ки ҳоҷати ў раво гардад ва хайру некӣ ба ў расад ва агар бинад, ки биринҷ ба гўшти пўхта ҳамехўрд, беҳтар буд. Биринҷ бо шир хўрдан низ некӣ буд. Агар бинад, ки биринҷ бо дўғ пухта ҳамехўрд, далел бар ғаму андўҳ буд.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки биринҷ дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/ мол, 2/ ҳоҷат, 3/ хайру манфиат.*

## ПАРАНДА

*Ибни Сайрин гўяд, ки агар бинад, ки паранда дошт ва аз дасти ў бипарид ва дигар бор ба дасти ў омад, далел, ки ҳоҷати ў раво гардад ва агар наёмад далел, ки баъзе аз моли ў равад.*

## БАРРА

*Ибни Сайрин гўяд, ки барра дар хоб агар нар ё мода буд, фарзанд буд. Агар бинад, ки барра фаро гирифт ё касе ба ў дод, далел, ки фарзанд ёбад ва агар бинад, ки барраро бикушт, далел буд, ки фарзанди ў бимирад ва агар бинад, ки гўшти барраро бихўрд, далел ки ба сабаби фарзанд ғаму андўҳ расад. Кирмонӣ гўяд, ки дидани барра дар хоб хайру манфиат буд некию моли ҳалол низ ҳаст. Агар бинад, ки барра ё бузғоларо бикушт ва бихўрд, далел, ки ўро мусибате расад ба сабаби фарзанд.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани барра дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/ .фарзанд, 2/ моли ҳалол, 3/ маъишат, 4/ .ғам.*

## БАРАҲНАГӢ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе худро бараҳна бинад, чунон ки аз мардум шарм дорад ва кӯшиш талаб кунад, далел, ки ҳаҷ талаб кунад ва агар бинандаи хоб марди солеҳ буд, гуноҳаш афв гардад ва агар худованди хоб солеҳ набошад, далелаш бад буд.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар касе худро бараҳна бинад ва дар талаби дунё буд, далел бар ғаму андӯҳ буд ва агар бинад, ки эзори бар миён баста буд, далел ки дар тоату ибодат муҷтаҳид гардад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, бараҳнагӣ дар хоб далели меҳнату расвоӣ буд, аммо агар авратро пушида бинад, марди солеҳро некӯ буд, фосиқро бад буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки марди солеҳро бараҳнагӣ дар хоб некӣ ва муфсидро бадӣ.*

## ПАРВОНА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки парвона дар хоб дидан марди заъиф ва нодон буд, ки худро ба нодонӣ дар ҳалок андозад. Кирмонӣ гӯяд, ки агар парвона аз паси ӯ бипарид ва ин кас ӯро гирифт, далел бар зани дӯшиза кунад, ки ӯро писаре ояд ва агар бинад, ки парвонаро бикушт ё аз дасти ӯ ҳалок гардид, далел, ки фарзанди ӯ ҳалок гардад.*

## БУРУТ

*Дар хоб дидан далел дар ҳайбати мард кунад. Агар бинад, ки касе бурути ӯро ба миқроз биёрост, ба таъвил некӯ буд агар дид, ки бурути ӯ дар вақти пиростан аз тан бибрид далел нуқсони ҳайбати мард буд. Агар бинад, ки бурути ӯ дароз шуда буд, далел, ки ӯро қуввате буд ва агар бинад, ки бо касе ҳусумат кунад ва агар бинад, ки буруташ сафед гашта буд, далел, ки аз кори нокардани биистад.*

## ПАРӢ

Бидон, ки муаббиронро дар ин хилоф аст. Баъзе гуфтаанд, ки душман буд ва баъзе гуфтаанд бахт аст.

Абӯ Ҳурайра гӯяд аз расули Худо с.а.в. марвист, ки дидори парӣ дар хоб давлату бузургӣ буд. Муҳаммад ибни Сайрин гӯяд, ки парӣ ба хоб дидан, ки хушфеъл ва хубрӯй буд, далел, ки иззу давлат ёбад ва агар ӯро зишту ғамгин бинад, далел бар ғаму андӯҳ буд.

Кирмонӣ гӯяд, ки париён баъзе мусулмонанд дар хоб дидори дӯст ва бахту давлат буд ва он чӣ кофир бошанд дидори душман ва ғаму андӯҳ буд.

Агар касе дар хоб бинад, ки дар миёни париён буд, далел буд, ки ба сафар шавад ва он сафари хуб буд. Агар бинад, ки парӣ ӯро чизе дод аз зару сим ва он чӣ бадин монад, далел ки давлат ва иқболаш зиёдат гардад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар париро мурда ё бемор бинад, далел, ки ҳоли ӯ бад гардад ва агар бинад, ки подшоҳи париён ӯро бинавохт далел буд, ки давлат ёбад ва наздикӣ подшоҳ гардад, ва агар бинад, ки парӣ ҷойгаҳи хешро ба ӯ намуд ва худро ба ӯ арза кард ва гоҳ худро пинҳон, далел буд, ки зане бо вай макру хиёнат созад. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани парӣ дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.дӯсти азиз, 2/.бахту давлат, 3/.кори хуб, 4/.бузургӣ ва ҳашамат, 5/.хабари дурӯғ ва корҳои ботил.

## ПАРВОЗ КАРДАН

Дониёл гӯяд, ки агар бинад, ки чун мурғ аз ҷое ба ҷое мепарид далел, ки ба сафар равад ба қадри баландӣ ва паридани вай аз замин баландию шараф ёбад ва агар бинад, ки рост ба осмон мерафт, далел, ки ӯро сахт мазаррат расад ва агар бинад, ки аз боми хеш ба боми дигар мепарид, далел ки занро талоқ диҳад.

Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки ба осмон парид, далел кунад, ки ҳаҷ кунад ва агар бинад, ки аз сарои худ ба сарои маҷҳул парид, далел ки аҷали ӯ наздик омада.

Агар бинад, ки парҳо дошт на монанди пари мурғон, далел, ки бемор гардад ва оқибат шифо ёбад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки паридан ба хоб бар 5

*ваҷҳ буд: 1/.сафар, 2/.бузургӣ, 3/.тағйири ҳол, 4/.ҳаҷ, 5/.беморӣ ва марг.*

## БИРЁН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки бирён дар хоб худованди сухан буд ва фарохии ризқ ва гӯшти пухта ба таъвил беҳтар аз гӯшти хом буд. Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки бирён аз гӯшти гӯсфанд хӯрд, далел, ки ба қадри он мол ёбад ва агар бинад, ки бирён аз гӯшти гов хӯрд, далел, ки аз тарсу бим эмин гардад. Муаббирон гуфтаанд, ки хӯрдани барраи пӯхта дар хоб омадани писаре буд ва агар бинад, ки мурве бирён хӯрд, далел буд, ки аз ҷиҳати зане мол ба макру ҳила ба даст оварад ва агар бинад, ки моҳии бирён карда ҳамехӯрд, далел, ки ба сафар шавад.*

## БУЗ

*Ибни Сайрин гӯяд, буз дар хоб марде буд бузург ва мода буз зане буд дар хоб ҳам ба ин сон. Агар бинад, ки бузеро бикушт, далел буд, ки бар марде бузург зафар ёбад ва агар бинад, ки пӯсти бузро биканад, далел кунад, ки моли бисёр бистонад ва хазина кунад ва агар бинад, ки аз гӯшти ӯ бихӯрд, далел, ки мол бихӯрад ва агар бинад, ки бар ӯ нишаст ва ба ҳар ҷониб меронд, далел буд, ки бо марде бузург ҳила кунад ва агар бинад, ки модабузеро биёфт ё касе ба ӯ бахшид, далел, ки зане бихоҳад ва агар бинад, ки модабузеро бикушт ва гӯшти ӯро бихӯрд, далел, ки аз он зан ҳоҷати ӯ раво гардад ва агар бинад, ки модабузеро бикушт на аз баҳри гӯшт, далел, ки зане ба никоҳ хоҳад ва аз ӯ фоида набинад ва агар бинад, ки модабуз аз хонаи ӯ берун шуд, далел ки занро талоқ диҳад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки аз гӯшти модабуз мехӯрд, далел кунад, ки бемор гардад ва зуд шифо ёбад.*

*Пӯсту пашму шири буз дар хоб хайру баракат ва мол буд, ки ба ӯ расад. Агар бинад, ки бузғола ба ӯ доданд ё биёфт, далел, ки ӯро фарзанде муборак ояд ва агар бузғоларо бикушт, далел, ки фарзанди ӯ ҳалок гардад ва агар бинад, ки гӯшти бузғоларо бихӯрд, далел ки аз моли фарзанд чизе бихӯрад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд, ки буз дар хоб муқаддимаи лашкар буд ва агар бинад, ки буз биёфт ва ба ӯ нишаст, далел, ки*

муқаддами лашкар гардад.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, ки бузи мода дидан ва хӯрдан далел бар хайру манфиат буд, чун батаъм хӯш ва некӯ буд ва агар ба таъм нохӯш буд, далел бар ғаму андӯҳ буд.

## БИСОТ

Агар бинад ки бисоте бигустурд ва бар вай нишаст, далел, ки рӯзӣ бар вай фарох гардад ва умраш дароз буд ва агар бисоти хеш бифрӯхт ё ба касе бахшид, далел, ки дар моли вай нуқсон афтад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани бисот дар хоб чун бузургу нав буд, бар шаш ваҷҳ буд: 1/.иззу ҷоҳ, 2/.бузургӣ, 3/.мартабат, 4/.мол, 5/.сано ва қадри бузурге.

## БИСТАР

Ибни Сайрин гӯяд, ки бистар дар хоб зани нек буд ва агар бинад, ки бистарро бадал кард, далел, ки занро талоқ диҳад ва агар касе бинад, ки бистари хеш биафрӯхт далел ки занро талоқ диҳад ё аз эшон касе реҳлат кунад. Бистар дар хоб вилояту таносаб буд ва агар бинад, ки бистари ӯ дарида ё сӯхта буд, далел, ки занц ӯро дину диёнат ва шарм набошад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд ки дидани бистар дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.зан, 2/.ходима, 3/.вилоят, 4/.манфиат.

## ПИСТОН

Дар хоб духтаре буд, ва агар бинад, ки аз пистонаш шир равон гардид, далел, ки бар духтараш неъмат фарох гардад ва агар аз пистонаш хун равон гардад, далел, ки моли ҳаром ёбад ва агар бинад, ки пистонаш беш аз андоза фурӯ овехта буд, далел ки ӯро духтаре ояд ва агар марде бинад, ки дар пистони ӯ шир ҷамъ шудааст агар зан надорад, зан хоҳад ва агар зан дорад, тавонгар гардад ва агар зани ҷавон ин хобро бинад, далел буд, ки умраш дароз буд:

Агар марде бинад, ки пистони марде мемакид, далел буд, ки бемор гардад ва агар занаш обистон буд писар оварад.

Ҷобири Мағрибӣ, ки пистони мард дар хоб зани ӯ буд. Ва

*агар марде /ё зане/ бинад, ки пистони ӯ бурида, далел, ки зани ӯ бимирад ва агар зане бинад, ки зери пистонаш пистоне дигар баромад, далел буд, ки духтаре оварад ва агар бинад ки ҳарду пистонаш бузург шуда буд, далел, ки аҳволи фарзандонаш хуб аст ва агар бинад, ки як пистонаш ба оташ месӯхт, далел, ки духтарашро шуъле афтад аз подшоҳӣ ва агар зане бинад, ки ӯро аз пистон овехта буд, далел буд, ки аз ҳаром писаре оварад. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки дидани пистон ба хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.фарзандон, 2/.духтарон, 3/.ходимон, 4/.дӯстон, 5/.бародарон.*

## ПИСТОНБАНД

*Дидани пистонбанд дар хоб занро мартабат ва комронӣ буд ва мардонро захми тозиёна ва вам. Агар зане бинад, ки пистонбанди нав ба тоза дошт, далел, ки иззу мартабат биёбад ва агар марде бинад, далел буд бар ҳазлон ва номуродӣ аз ҳамгинон.*

## ПУШТА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дид, ки дар пуштаи ҳомуне нишаста буд ё бар пуштаи кӯҳе, далел, ки бузургӣ ва манзилат ёбад ва агар бинад, ки бар сари пушта истода буд ва он пушта молу мулки ӯ буд, далел ки марде бузург ӯро мавлуб кунад ва неъмату моли ӯ биситонад. Ва агар бинад, бар пушта боло мерафт, далел, ки бар ӯ меҳнату вам расад. Ҳазрати*

*Содиқ. р.а. фармояд, ки дидани пушта дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.баландӣ, 2/.мол, 3/.қувват, 4/.тануммандӣ.*

## ПАШМ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки пашм дар хоб дидан аз ҳама ваҷҳе моли ҳалол ва пашме, ки бофта набошад, беҳтар буд ва агар бинад, ки пашм дошт ва ё касе ба ӯ дод, далел, ки ӯро мол ҳосил гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки пашм аз хеш дур ҳамеандохт, далел, ки моли худро талаф кунад ва агар бинад, ки пош ҳамесӯхт, далел, ки моли худро хазина кунад ва агар пашми уштур дар хоб бинад, далел бар мол буд.*

## ПАШША

Ибни Сайрин гӯяд, ки пашша дар хоб марде заъифу нокас буд ва агар бинад, ки бо пашша ҷанг ҳамекард, далел, ки бо марде заъиф хусумат кунад ва агар бинад, ки пашша дар гулӯи ӯ фурӯ шуд, далел, ки бо марде ҳақир ба кори ҳақир машғул мешавад ва агар бинад, ки пашшае бисёр дар тани ӯ ҷамъ шуданд ва ӯро мегазиданд, далел ки дар забони мардуми авом афтад ва аз эшон ба вай мазаррат расад ва агар бинад, ки пашша дар гӯши ӯ афтод, далел, ки аз мардуми заъиф ба ӯ ранҷу газанд ва агар бинад, ки пашшаи бисёр ба хонаи ӯ даромаданд, далел буд, ки ӯро ғаму андӯҳ расад ва агар бинад, ки пашша дар бинии ӯ шуд ва берун наёмад, далел, ки бар меҳнату ғам гирифтор гардад.

## ПАЛОС

Дар хоб дидан дарвеше буд муслиҳ ва порсо ва агар бинад, ки палос пӯшида дошт далел, ки ӯро бо чунин марде сӯҳбат афтад ва аз ӯ хайру манфиати охират ёбад ва агар бинад, ки палос дошт, далел, ки ӯро молу неъмат ҳосил гардад ва агар бинад, ки палоси нав ёфт, далел, ки зани порсои тавонгар бихоҳад.

## БУЛБУЛ

Кирмонӣ гӯяд, ки булбул ба хоб фарзанд буд ва ӯро каломи хуш ва сухани латиф буд ва агар бинад, ки булбул аз макони ӯ бипарид, далел, ки фарзанди ӯ зоеъ гардад.

## БАРГ

Ибни Сайрин гӯяд, ки барг дар хоб хулқу феъли бинандаи хоб буд ва агар бинад, ки барги сабз аз дарахте фаро гирифт, далел, ки бинандаи хобро хулқу хӯи хуш буд ва агар касе бинад, ки барги тоза аз дарахт фаро гирифт, далел, ки қадри он мол ӯро ҳосил гардад. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, дар хоб барги дарахтон,

*ки меваащ ширин буд, далел,бар хулқи некӯ буд. Барги дарахтони мевааш турш хулқи бад буд.*

## ПАЛАНГ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки паланг дар хоб дидан душмани қавӣ ва тавоно буд ва агар бинад, ки бо паланг ҷанг мекард, далел, ки бо душмани худ хусумат кунад ва агар паланг валаба кард, ӯро душман мағлуб созад ва агар ӯ таъбираш хилофи ин буд, ва агар бинад, ки гӯшти паланг ҳамехӯрд,далел, ки дар ҷангу хусумат афтад, лекин музаффар гардад ва агар бинад, бар паланг нишаст, далел буд бар иззу ҷоҳи вай ва душманро қаҳр кунад, ва агар бинад, ки шири палангро ҳамехӯрд далел, ки аз душман ба ӯ тарсе расад. Агар бинад, ки пӯсти паланге устухон ё мӯи онро фаро гирифт, далел, ки аз моли душман ба қадри он чизе бинад ва агар бинад, ки палангеро бикушт, далел, ки аз ислом рӯй бигардонад. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки дидани паланг дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/ душмани қавӣ, 2/мол ёфтан аз душман 3/ тарс аз подшоҳ.*

## БУЛӮР

*Бидон, ки булӯр дар хоб зане бе асл буд. Агар бинад, ки булӯр дошт ё касе ба вай дод, далел, ки зане бе асл ба занӣ бихоҳад ва агар булӯри ӯ зоеъ шуд, далел, ки занро талоқ диҳад.*

## ПУНБА /ПАХТА/

*Ибни Сайрин гӯяд, ки пунба дар хоб моли ҳалол буд. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки пунба дар хоб бар 3 ваҷҳ буд:1/ моли ҳалол, 2/манфиат, 3/сатр будан.*

## БУНҶИШК /ГУНҶИШК/

*Дониёл гӯяд, ки бунҷишк дар хоб дидан марде бо қадру ҷоҳ буд агар соҳибмастур буд,Агар бинад, ки бунҷишки мода гирифт, далел, ки зане бо қадр бар вай зафар ёбад ва агар бинад, ки аз гӯшти вай бихӯрд, далел, ки аз моли он мард бад он қадр, ки*

гўшти вай хўрда буд ба ў расад ва агар бинад, ки бунҷишк аз ошиёна берун овард, далел, ки ба ў ранҷу маломат расад, ва агар бинад, ки бунҷишки зард гирифт, далел, ки зани бемор кунад.Муаббирон гўянд, ки бунҷишк ёфтан дар хоб фарзанд буд. Агар бинад, ки бунҷишки кўр дошт, далел, ки бо марди бадфеъл дўстӣ кунад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки дидани бунҷишк дар хоб бар 8 ваҷҳ буд: 1/ подшоҳ 2/ волӣ, 3/ марди бузурге, 4/ агар сўхтан гўянд, бунҷишкон далел тасбеҳ буд, 5/ қозӣ, 6/ марди бохусумат,7/ марди роҳзан, 8/ бозургон.

## БАНД НИҲОДАН

Ибни Сайрин гўяд, ки агар касе бинад, ки банди оҳанин дар пой дошт, далел, ки дини ў ба халал буда. Ва ў даъвои мусулмонӣ кунад ба дурўғ ва марде бахил буд ва баъзе муаббирон гуфтаанд ки агар марде муслиҳ дар дасти худ банд бинад, далел, ки аз корҳои бад бозистад. Кирмонӣ гўяд, ки агар касе дар гардани худ банд аз чўб бинад далел, ки амонате дар гардани ў буд ва ў амонат намегузорад, агар банди чўбин бар пои худ бинад, далел аст аз тоати ҳақ таъоло ва агар ин кас дар сафар бошад ба саломат боз ояд ва агар банди гарданаш аз сим буд, далел, ки ўро ба сабаби зан ранҷу заҳмат буд ва агар нони худро ба расан баста бинад, далел, ки аз касе ба вай манфиат расад ва агар бинад, ки чаҳор банд дар пой дошт, далел буд, ки ўро 4 писар ояд ва агар бинад, ки банд аз пои ў бардоштаанд, далел, ки аз вамҳо фараҳ ёбад.

## БУНЁД НИҲОДАН

Ибни Сайрин гўяд, ки агар касе бинад ки бунёди нав ниҳода, фоидаи дунёӣ бинад, агар касе бунёдро дар замини маҷҳул ниҳод далел ки дунё ва дини ў зоеъ шуд ва агар дар замини худ ниҳод, далел бар фоидаи ў буд.

Агар бинад, ки бунёд аз хишти пухта ё гаҷ ниҳод, далел, ки моли ў аз ҳаром ҳосил гардад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки агар касе бинад, ки шаҳре бино кард, далел, ки ҷамоате аз мардумонро дар паноҳи худ гирад ва агар бинад, ки қалъае бино кард, далел буд, ки аз шарри

душманон эмин гардад ва агар бинад, ки кушке бино кард, далел, ки ба кори дунё машғул гардад ва агар бинад, ки масҷид бино кард, далел, ки ҷамъеро ба кори салоҳ ҷамъ оварад.

## ПАНИР

Ибни Сайрин гӯяд, ки панир дар хоб агар хушк буд, моли андак буд, ки аз сафар ҳосил гардад. Панири тар молу неъмат буд, ки ба осонӣ ба даст ояд.

## БИҲӢ

Бидон, ки устодони ин фан дар таъвили биҳӣ ихтилоф кардаанд. Баъзе гӯянд ки меҳтарӣ ёбад ва баъзе гӯянд, ки фарзанд буд ва баъзе гӯянд, ки беморӣ буд ва он ки ҳукми беморӣ кард чунин гӯяд, ки биҳӣ ба гунаи зард бошад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки чун биҳӣ ба гунаи сабз буд, фарзанд буд.

## БАҲОР

Ибни Сайрин гӯяд, ки баҳор ба хоб дидан дар вақти баҳор подшоҳ буд ва агар бинад, ки фасли баҳор буд ва ҳаво номӯътадил буд, далел, ки аҳли он диёрро аз подшоҳ ранҷу маззарат расад ва агар ҳаво хуш буд, таъвилаш хилофи ин буд.

## БИҲИШТ

Биҳишт дар хоб дидан далели хуррамӣ ва мужда буд аз худои таъоло. Ва агар бинад, ки меваҳои биҳишт фаро гирифт ё касе ба вай дод, далел, ки илму дониш омӯзад ва агар биҳишт хост ва ӯро нагзоштанд, далел ки дар дунё майлаш ба фасоду исён буд ва агар бинад, ки наздики биҳишт шуд ва бозгардид, далел, ки бемор гардад ва боз шифо ёбид ва агар бинад, ки фариштагон дасти вайро бигирифтанд ва ба биҳишт бурданд ва ӯ зери дарахти тӯбо /дарахти биҳиштӣ/ нишаст, далел, ки муроди ҳар ду ҷаҳон ёбад ва агар бинад, ки вайро аз хӯрдани шароб ва

*шир манъ карданд, далел буд бар табоҳии дини вай ва агар бинад, ки аз ҳавзи кавсар об мехӯрд, далел буд, ки бар душман зафар ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки биҳишт дар хоб бар 9 ваҷҳ буд:1/илм, 2/миннат,3/зӯҳд, 4/щодӣ, 5/башорат, 6/эминӣ,7/хайру баракат 8/неъмат, 9/саъодат.*

## БӮЗИНА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки бӯзина дар хоб далел бар душмани фиребанда буд. Агар бинад, ки бо бӯзина нишаста буд ва он бӯзина мутеъи ӯ буд, далел буд, ки бар душман волиб гардад ва агар бӯзина ӯро маглуб сохт, далел,ки бемор гардад ва шифо ёбад ва агар дид, ки гӯшти бӯзинаро бихӯрд, далел, ки ба ранҷе гирифторояд ва агар бинад, ки бӯзина бар асп нишаста буд, далел, ки ҷуҳуде бо зани вай фасод кунад.*

## ПӮСТ

*Пӯсти тани мардум дар хоб ороиши мардум буд. Агар касе пӯсти худро кабуд ё сиёҳ бинад, далел, ки ӯро андӯҳ расад, агар пӯсти пояш равшан буд, далел, ки114 кораш хаста гардад. Агар пӯсти ҷумла ҷаҳорпоёнро дар хоб бинад, далел бар мол буд.*

## ПӮСТИН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дар хоб бинад, ки пӯстин пӯшида буд ва вақти зимистон буд, далел, ки чизе бар вай расад ки ваҷҳи маишати ӯ буд ва вақти тобистон низ ҳамин далел бикунад ва саранҷом вамнок гардад ва агар бинад, ки пӯстини барра ё бузгола дошт, далел ки зани тавонгар кунад ва агар пӯсти рӯбоҳ пӯшида буд, далел бар зани тавонгару порсо, лекин фиребанда ва агар пӯсти харгӯш, далел бар зани нобакор кунад. Агар пӯсти санҷоб, зани носозкор бихоҳад, агар пӯстини гурба, далел бар зани бадхӯ ва агар пӯстини ӯ дарида ё сӯхта буд. далел бар ғаму андӯҳ ва нуқсони мол буд.*

## БЎСА ДОДАН

*Ибни Сайрин гўяд, ки агар касе бинад, ки касеро бўса дод, далел ки он касро дўст ва хостгор буд. Агар бинад, ки мардеро ба шаҳват бўса медод, далел, ки аз баҳри мурда хайр кунад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки бўса додан дар хоб далелаш бар 4 ваҷҳ буд: 1/.хайру манфиат, 2/.ҳоҷатравоӣ, 3/.Бар душман зафар ёфтан, 4/.Сухани хўш шунидан.*

## ПУЛ /КУПРУК/

*Ибни Сайрин гўяд, ки пул дар хоб подшоҳ буд ё марде бузург ки мардумон ба сабаби ў ба мурод расанд. Кирмонӣ гўяд, ки пул дар хоб таъвилаш он буд, ки некў бошад. Агар бинад, ки аз пул гузашт, далел ки аз подшоҳ иззу ҷоҳ ёбад ва аз ў манфиат бинад ва агар бинад, ки бунёд бар пўл мениҳад, далел, ки вилояту подшоҳи ёбад.*

*Агар бинад, ки пўл бияфтоду хароб шуд, далел, буд бар табоҳии ҳоли подшоҳ ва нуқсони мулки ў.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки пўл дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ марде буд, ки ҳоҷати ҳама кас раво кунад, 2/ подшоҳ, 3/ некўӣ ва комронӣ ёфтан, 4/ моли бисёр ҳосил кардан.*

## БЎЙҲОИ ХЎШ

*Ибни Сайрин гўяд, ки бўйҳои хўш ва ноҳўш сухани нек ва сухани носавоб буд ва агар бинад, ки бўйи хўш бўид, далел буд, ки ўро накўҳиш кунанд ва агар дар хоб бўи хўш бисёр бўяд, далел, буд, бар марг, зеро мурдаро аз бўи хўш ногузир буд ва агар бинад, ки ўро хушбўй кардаанд, далел ки ўро ситоиш гўянд ва сано гўянд ва агар ба хилофи ин бинад, далел, ки ўро назди мардум накўҳиш кунанд ва номи ў ба зиштӣ мунташир гардад.*

## БИЁБОН

Дониёл гўяд, ки биёбон дар хоб қисмат ва рўзи буд ба қадри бузургӣ ва фарохии он. Агар бинад, ки дар биёбон танҳо буд, далел кунад, ки аз касби хеш моли фаровон ҳосил кунад. Агар бинад, ки бо гурўҳе дар биёбон мегашт, далел буд, ки молу неъмати бисёр аз сафар ҳосил кунад. Ибни Сайрин гўяд, ки агар касе бинад, ки аз биёбон берун омад, далел буд, ки аз ғаму андўҳ раҳста гардад ва агар бинад, ки дар биёбон шуд далел, ки ғамнок гардад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани биёбон дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.рўзӣ ва қисмат, 2/ Ҳайрат ва саргаштагӣ, 3/ .ғаму ранҷ, 4/. бим ва хатари ҳалок магар аз вай зўд берун ояд.

## ПИЁЗ

Кирмонӣ гўяд, ки пиёз дар хоб дидан моли ҳаром буд ва сухани нохўш ва зишт, ва агар бинандаи хоб муслиҳ ва мастур буд, ба ҷаҳд худро аз хўрдани он манъ кунад ва агар бинандаи хоб муслиҳ набошад, далел кунад, ки ҳаром ҷамъ кунад ва пайваста дар вай суханони зишт гўянд, хоса чун пиёзи сурх буд ва агар пиёзи пўхта хўрд, далел, ки саранҷом аз ҳаром хўрдан тавба кунад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки пиёз дар хоб хўрдан бар 3 ваҷҳ буд: 1/.моли ҳаром, 2/.ғайбат ва сухани зишт, 3/.пўшаймонӣ дар корҳо.

## ПИЁЛА

Ибни Сайрин гўяд, ки пиёла дар хоб канизак буд, ки бо вай ишрат ва тараб кунад ва агар бинад, ки аз пиёла об ё ҷўлоб мехўрад, далел, ки бо канизаке бо ҳалол ҷамъ шавад ва вай фарзанди солеҳ оварад ва агар бинад, ки об ё ҷўлоб аз пиёла рехт, далел буд, ки фарзанди вай бимирад Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки пиёла дар хоб бар 2 ваҷҳ буд: 1/.зан, 2/.ходим.

## *ПИРОҲАН*

***Д**ониёл гӯяд, ки пироҳани сафед дар хоб дини мард буд ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки пироҳан зан буд ва агар бинад, ки пироҳани нав ба фарох пушид, далел буд бар салоҳи кори вай ва агар бинад, ки пора аз пироҳани вай дарида буд, таъвилаш миёна буд дар некию бадӣ ва агар бинад, ки пироҳани вай кӯҳна ва чиркин буд, далел, ки бечорагӣ ва ғам ранҷ ба ӯ расад ва агар кӯҳна ва дарида бинад, бар бало ва мусибат буд. Агар касе бинад, ки подшоҳ ӯро пироҳани худ дод, далел буд, ки подшоҳӣ аз вай биситонад. Кирмонӣ гӯяд, агар касе бинад, ки пироҳани нав пӯшида буд, далел буд, ки ба зоҳир некӯ буд ва дар ботин бад ва агар бинад, ки пироҳанаш дарида буд, далел, ки розаш ошкор гардад ва агар бинад, ки пироҳани бе гиребон ва беостин пӯшида буд, далел, ки аҷалаш наздик омада бошад ва агар бинад, ки пироҳани дароз дошт, далел, ки кораш бад гардад ва муродаш барояд ва агар бинад, ки гиребони пироҳан аз сӯи кас дарида буд, далел, ки ӯро ба дурӯғ тӯҳмат ниҳанд ва агар бинад, ки ба касе пироҳан дод ва он кас пироҳанро ба вай фурӯ молид, далел, ки безам гардад.*

*Ва агар бинад, ки пироҳани хунолуд дар даст дошт далел, ки рӯзгори дароз дар ғаму андӯҳ бимонад ва агар бинад, ки пироҳани дарида пӯшида буд, далел, ки кораш пароканда гардад ва розаш ошкор шавад.*

*Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд ки пироҳан дар хоб чун наву фарох буд бар 6 ваҷҳ буд: 1/ дидани мардум, 2/ сатр, 3/ айшу хушӣ, 4/ раёсат, 5/ ромиш ва хуррамӣ, 6/ башорат.*

### ПИРӮЗА */навъе аз сангҳои қиматбаҳои кабудранг/,/*ФИРӮЗА*/*

***И**бни Сайрин гӯяд, ки пирӯза дар хоб дидан зафар ва қуввату ҳоли равоӣ буд ва агар бинад, ки пирӯза аз вай зоеъ гардад, далел, ки муродаш барнаояд. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки пирӯза хирвор дошт, далел, ки ба қадри он ӯро мол ҳосил гардад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки дидани пирӯза дар хоб бар 4 ваҷҳ аст/ 1/.зафару нусрат, 2/. ҳоҷатравоӣ, 3/. қувват, 4/ вилоят.*

## ПИР ШУДАН

Ибни Сайрин гӯяд, агар касе ба хоб бинад, ки пир гардад ва махосини ӯ сафед шуд, далел, ки иззу шараф ёбад ва агар пире маҷҳулро бинад, ки хурраму шодон буд; далел, ки аз дӯсте муродҳои ӯ барояд ва агар пире маъруфро бинад, ки хурраму шодмон буд, далел, ки аз ӯ чизе ба ӯ расад ва агар ӯро туршрӯй ва ғамгин бинад, далелаш ба хилофи ин буд. Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, агар пиреро бинад, ки ҷавон шуд, далел, ки дар бузургии ӯ нуқсон бошад. Агар ҷавоне ё кӯдаке бинад, ки пир шуд, далел, ки иззу бузургӣ бинад ба кори охират машғул гардэд;

## ПЕСӢ

Ибни Сайрин гӯяд, ки песӣ дар хоб мол ва тавонгарӣ буд. Агар бинад, ки тани ӯ пес гардид, далел, ки ба қадри он ӯро мол ҳосил гардад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд ки песӣ дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ мол, 2/ мерос, 3/ манфиат, 4/ падидомадани кори мушкил.

## ПЕШОНӢ

Ибни Сайрин гӯяд, ки пешонӣ дар хоб қадру ҷоҳи мардум буд, зеро ки мавзеъи саҷдаи бори таъолост ва баъзе гӯяд, ки пешонӣ далел бар фарзанд буд, ки аз аҳли байти ӯ тавонгар гардад ва агар бинад, ки бар пешонии ӯ нишонӣ буд, далел ки худовандаш дар покдинӣ ва парҳезкорӣ машҳӯр гардад ва агар бинад, ки касе захме бар пешонии ӯ зад ва хун равон нашуд, далел ки қадру ҷоҳаш зиёда гардад ва агар бинад, ки пешонии ӯ кӯчак гардид, таъвилаш ба хилофи ин буд ва агар бинад, ки пешонии ӯ аз ҳоли худ бигашт, далел буд, ки зиёне ба вай расад ва агар бинад, ки дар пешонии ӯ мӯ раста аст, далел буд, ки вомдор /қарздор/ гардад ва агар бинад, ки он мӯи сурх ва сафед буд, далел, ки он вомаш аз ҷиҳати аёл буд. Агар бинад, ки пешонии ӯ омос дошт, далел, ки молаш зиёда гардад ва агар бинад, ки аз пешонии ӯ мор ё каждум ё чизе дигар берун ояд, далел буд, ки ба қадри он ӯро аз душманон газанд /осеб/ расад. Агар касе бинад, ки бар пешонӣ як чашм дошт, далел, ки ба кори кадхудоӣ ӯ пиндор гардад ва агар бинад, ки дар пешонӣ чашмҳои

*бисёр дошт, ҳамин далел кунад. Агар бинад, ки бар пешонии вай хате сабз навишта буд, далел ки ӯро фарзанде ояд олиму парҳезгор. Ва агар бинад, ки бар пешонии вай ояти раҳмат навиштааст, далел, ки оқибатро маҳдуд кунад ва марги ӯ бар шаҳодати ӯ буд ва агар бинад, ки дар пешонии ӯ ояти азоб навишта аст, таъвилаш хилофи ин буд.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд ки дидани пешонӣ дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/.Ҷоҳ, 2/.бузургӣ, 3/.фарзанди тавонгар, 4/.маишат, 5/.раёсат, 6/.ҷуду некӣ.*

## ПАЙКОН

*Агар бинад, ки пайкони тир ёфт, далел буд бар дурустии кор. Ҷобири Магрибӣ гӯяд, ки дидани пайкон дар хоб қуввват буд дар сухане ки бинандаи хоб ба хасм гӯяд, хоса ки пайконаш аз пӯлод буд. Агар шикаста ё зангор бинад, таъвилаш хилофи ин буд.*

## ПАЙКАР

*Ибни Сайрин гӯяд, ки пайкар дар хоб зан буд. Агар бинад, ки ӯро пайкаре буд, далел кунад, ки зан хоҳад ва агар бинад ки пайкари ӯ зоеъ шуд, далел ки занро талоқ диҳад. Агар пайкари худро ба сурати зишт бадал карда бинад, далел, ки ҳоли ӯ мутавйир гардад ва агар ба сурати хуб бинад, далел ки ба ҳоли худ ба сӯи худо боз гардад ва агар пайкарро бо шукӯҳ бинад, далел, ки ҳама рӯй аз вай бигардонанд ва бар вай ҷафо кунанд. Агар бинад, ки пайкари одамӣ ба пайкари ҳайвонӣ бадал гашт, далел, ки он кас бадмазҳаб ва дурӯгӯ буд.*

## БЕМОРӢ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дар хоб бинад, ки бемор аст, далел буд, ки дини ӯ ба фасод буд ва агар бинад, ки аз беморӣ тандуруст шуда буд ва дар хона набуд бо касе сухан намегуфт, далел кунад, ки беморӣ бар вай дароз гардад ва агар бинад, ки бо мардум сухан мегуфт, далел, ки зуд шифо ёбад. Баъзе муаббирон гуфтаанд, ки беморӣ дар хоб бар фисқу фуҷур буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки агар касе бинад, ки бемор буд, аз иллати*

хеш менолид, далел буд, ки аз вам эмин гардад ва агар бемор бараҳна буд, далел аҷалаш наздик омад.

## ПАЙМОНА

Ибни Сайрин гӯяд, ки паймона дар хоб низоми кор буд. Чун паймонаи ӯ бишкаст, далел ки худовандашро бими марг буд. Агар бинад, ки аз паймона чизе мепаймуд, агар аҳли илм буд, далел ки қозӣ гардад ва агар аз аҳли илм набошад, далел, ки аз баҳри додаре ба қозӣ муҳтоҷ гардад, ба қавли дигар, паймона марди ростгӯй буд.

## БИНӢ

Дониёл гӯяд, ки бинӣ дар хоб далел бар ҷоҳу манзилоти бинанда буд. Агар бинад, ки бинии ӯ кӯтоҳ шуда буд, далел бар нуқсони қадру манзилоти вай буд ва агар бинад, ки бинии ӯ афтода буд, далел ки аз ҷоҳу манзилат биафтад ва агар бинад, ки сурохии бинии ӯ фарох шуда буд, далел, ки маъишат бар вай фарох гардад. Агар танг шуда буд, таъвилаш хилофи ин аст ва агар бинад, ки кирм ё магас аз бинии ӯ берун омад, далел, ки ӯро фарзанде ояд ва агар бинии худ маҳор бинад, далел, ки мардумонро тавозӯъ кунад ё ба зане бузург ҷамъ гардад ва агар сари бинии ӯ баста буд, чунонки дам задан натавонад, далел, ки кор бар вай баста гардад ва агар бинад, ки сухан дар бинӣ мегӯяд, далел, ки давлаташ зоил гардад.

Агар бинад, ки пӯсти сари бинии вай рафта буд, далел, ки ӯро зиёне афтад. Агар касе бинад, ки аз бинии ӯ хун меомад, далел, ки моли бисёр ёбад ва агар касе бинад, ки ҳар ду сурохии бинии вай як шуда буд, далел, ки бо зане оқила ҷимоъ кунад ва агар сари бинии худро бурида бинад, далел, ки фарзанди худро хатна кунад. Ва агар бинад, ки бинии ӯ ба замин афтод, далел, ки ӯро духтар ояд ва агар бинад, ки бинии худро мешуфт, далел буд, ки марде зани ӯро фиреб кунад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд ки бинӣ дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.ҷоҳ, 2/.мол, 3/.бузургӣ, 4/.фарзанд, 5/.айш.

## ТОҶ

Ибни Сайрин гӯяд, ки тоҷ дар хоб дидан подшоҳонро вилоят буд ва занонро шавҳар ва мардуми омро хайру салоҳ.

Агар бинад, ки дар сар тоҷ дошт, аз зари мурассаъ далел буд, ки қадру манзилате бузург ёбад ва агар ин хобро зане бинад, далел, ки шавҳар кунад. Ва агар бинад, ки подшоҳ бар сари ӯ тоҷ гузошт, далел, ки ӯро аз подшоҳ нафъ буд ва агар бинад, ки тоҷ аз сари ӯ афтоду бишкаст, далел, ки занро талоқ диҳад.

## ТОРОҶ

Агар моли касеро тороҷ намуд, далел, ки он касро ғаму андӯҳ расад. Ҷ.Содиқ р.а. фармояд, ки тороҷ кардан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ Шаъб, 2/.зиён, 3/.ғаму андӯҳ, 4/.арзонӣ.

## ТОРИКӢ

Ибни Сайрин гӯяд, ки торикӣ дар хоб залолат буд дар роҳи дин. Агар бинад, ки торикӣ фаро гирифт, далел, ки бар қадри он гумроҳӣ ёбад.

Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки дар торикӣ фурӯ буд ва он торикӣ боз ба равшаноӣ шуду дигар бор ба торикӣ шуд, далел буд, ки ин мунофиқ буд.

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, торикӣ ба хоб ғаму андӯҳ буд.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки торикӣ дар хоб бар 5 ваҷҳ аст: 1/ Қуфр, 2/.таҳайгор, 3/.фурӯ бастани кор, 4/.бидъат, 5/.залолат ва афтодан.

## ТОЗИЁНА

Дониёл гӯяд, агар касе бинад, ки тозиёна ба харт / чӯб/ карда дошт, далел буд, ки кораш на бар мурoду низоми ӯ буд. Ва баъзе гӯяд, ки тозиёна дар хоб далел бар моли андак буд. Агар касе бинад, ки касеро бо тозиёна бизад, далел, ки ба коре машғул шавад.

Агар бинад, ки ӯро ба тозиёна бизад, далел, ки аз он кас мол ёбад. Ҷобир гӯяд, агар касе ба хоб бинад, ки дар даст тозиёнаи некӯ дошт, далел кунад, ки ӯро фарзанде ояд. Агар бинад, ки

тозиёнаи ӯ аз чӯб буд, далел буд ба қуввату ҳоли вай, агар аз чарм буд, далел ки хайру манфиат ба ӯ расад. Агар бинад, ки тозиёна дар дасти ӯ бишкаст, далел, ки фарзандаш бимирад. Ва агар бинад, ки бар асп нишаста буд ва тозиёна бар ӯ мезад, далел кунад, ки ба ҷои касе кор кунад бадон кор бар вай миннат ниҳад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки тозиёна дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.шаът, 2/.ҷадал кардан, 3/.равшан шудани коре, 4/.муфориқат, 5/.бузургӣ ва мол.

## ТАБАР

Ҷобир гӯяд, ки табар дар хоб марде тарсанда буд ва агар ёрӣ хоҳад, аз марди мунофиқ буд ва дар миёни мардум ҷанг ва ҷудоӣ афканд.

Агар бинад, ки табаре дошт, далел, ки ӯро ба марде ба он сифат дӯстӣ афтад, агар табари ӯ зоеъ шуд, далел, ки он мардро аҷал фаро расад.

## ТАБИРА /ТАБЛ/

Дидани табл дар хоб хабари макрӯҳ ва сухани дурӯғ буд. Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки бо табл пой кӯбад ва рақс кунад далел буд бар ғаму андӯҳ ва мусибат.

Кирмонӣ гӯяд, ки агар касе бинад, ки табира мезад, далел, ки корҳои ботил кунад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки табл задан дар хоб коре буд, ки ба нодонӣ карда шавад ва табл задан дар хоб марде буд, ки дурӯғи ширин гӯяд ба зоҳир ва дар ботин мардумро ғайбат кунад.

## ТАХТ

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки ба тахт нишаста буд, далел кунад, ки ба сафар шавад ва агар бинад, ки ба тахт хуфта буд ва бар он чизе густурда буд, далел буд, ки бузургӣ ёбад агар ин шахс аз аҳли фасод буд, далел, ки бар дораш кунанд ва агар бинад, ки тахт бишкаст ва ӯ биёфтод, далел, ки аз ҷоҳу бузургӣ биёфтад.

Ҳазрати Содиқ фармояд, ки дидани тахт дар хоб бар 7

*ваҷҳ буд: 1/.Иззу ҷоҳ, 2/.сафар, 3/ мартаба, 4/.баландӣ, 5/.вилоят, 6/.қадру ҷоҳ, 7/.олӣ шудани корҳо.*

## ТУХМ КОШТАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки тухмӣ кошт ва боз ҷамъ кард, далел, ки шарафу бузӯргӣ ёбад ва агар аз он чӣ кишта буд, чизе ҳосил накард, далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки гандум ҳамекошт, далел, ки ӯро хайру некӯӣ расад, агар ҷав, далел, ки ӯро мол ҳосил гардад. Чун бинад, ки бар замини хеш ҳамекошт, далел, ки зан хоҳад ва кораш сохта гардад ва агар замини маҷҳулро кишт, далел, ки ғазо кунад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд киштан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.ҷоҳу бузургӣ, 2/.фасод, 3/.моли ҳаром, 4/.нафъ дар бозаргонӣ.*

## ТУХМА

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки ӯро тухма буд, далел, ки ӯ рибо хӯрад ва фасод кунад. Ҳазрати Содиқ мефармояд, ки тухма дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/.моли ҳаром, 2/.фасод, 3/.мутобиати ҳавои нафс.*

## ТУХМҲО

*Кирмонӣ гӯяд, тухмҳо дар хоб дидан он чӣ турш ва талх ва нохӯш буд, ҷумла далел бар ғаму андеша кунад, он чӣ ширин ва хӯш буд хӯрдани он манфиати андак буд.*

## ТАРОЗӮ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки тарозӯ дар хоб қозӣ буд. Агар бинад, ки тарозӯи нав дошт ё касе ба ӯ дод, далел буд, ки онҷо қозӣ буд ва кафаи тарозӯ самъи қозӣ буд ва дирамҳо, ки дар ӯ буд хусумат буд ва сангҳои тарозӯ адлу дод ва агар бинад, ки тарозӯ истода буд, чунон, ки ҳеҷ майл надошт, далел, ки қозӣ адл кунад ва агар бинад, ки тарозӯ дуруст набуд, далел ки қозӣ рост набуд. Агар бинад, ки амуди тарозӯ бишкаст, далел, ки*

*ҳозиш он диёр бимирад.*

## ТУРБ

*Кирмонӣ гӯяд, ки турб ба хоб дидан далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки касе ба ӯ турб дод ӯро далел, ки аз он кас ба ӯ ғам расад. Агар турб ба касе дод ё аз хона берун афканд, далел, ки аз ғаму андӯҳ раста гардад.*

## ТАРСИДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки тарсидан дар хоб эмин буд. Ҳазрати Содиқ фармояд ки тарсидан дар хоб нусрат буд. Агар бинад, ки аз дузде ё ҷонваре метарсид далел ки ӯро нусрат расад.*

## ТУРШИҲО

*Ибни Сайрин гӯяд, ки туршӣ хӯрдан дар хоб андеша ва ғам буд ва агар бинад, ки ба вай чизи турше касе дод, далел, ки ӯро аз вай ғаму андӯҳ расад.*

*Филҷумла дар хӯрдани туршиҳо ҳеҷ хайр набошад.*

## ТАРЁК

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки тарёк аз баҳри беморӣ хӯрд, далел, ки аз ранҷ бираҳад, агар ба хилофи ин буд, далел бар ғаму андӯҳ буд.*

## ТАЗВИҶ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки зан хост далел, ки шарафу бузургӣ ёбад ва агар бинад, ки занро талоқ дод, далел, ки аз мартаба бияфтад. Агар бинад, ки зан хост ва занро надид ва номашро надонист, далел, ки аҷалаш наздик шуда: Кирмонӣ гӯяд, агар шавҳар дорад ва дар хоб бинад, ки дигар шавҳаре дорад, далел бар зиёдатии моли ӯ. Ва агар бинад, ки бемор буд ва зане маҷҳул бихост ва ё касе дид, ки зани ӯ шавҳаре карда ва он*

*шаҳварро ба хона бурд, далел буд, ки моли бисёре аз ин зан ба шавҳар расад ва агар бинад, ки зане нобакорро ба зани бихост ва бо вай ҷамъ шуд, далел буд, ки кори душвор бар вай осон шавад.*

*Ҷобири Мавривӣ гӯяд, агар касе бинад, дӯшизаеро ба занӣ гирифт, далел, ки ҳамон сол ӯро зане муяссар гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки зан хостан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.бузург, 2/.зиёдатии мол, 3/.ромиш, 4/.хуррамӣ ва шодӣ.*

## ТАСБЕҲ КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, тасбеҳ кардан дар хоб мутеъ будан ба фармони ҳақ таъоло агар бинад, ки тасбеҳ мекард, мутеъ буд ба фармони ҳақ таъоло ва аз вамҳо фараҳ ёбад.*

*Агар бинад, ки тасбеҳ бо худ дошт, далел, ки ваму андӯҳ ба ӯ расад, лекин ӯро дар ин аҷру савоб буд.*

## ТАШНАГӢ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки серобӣ аз ташнагӣ беҳтар буд.*

*Агар бинад, ки бавоят ташна буд ва об намеёфт, далел кунад, ки ранҷе ва меҳнате ба ӯ расад. Агар бинад, ки ташна буд ва об намеёфт ва касе ба ӯ дод ва нахӯрд далел, ки ваму бало раста гардад.*

*Ҷобири Мавривӣ гӯяд, ки ташнагӣ дар хоб далел бар фасод буд дар дин ва агар бинад, ки дар ташнагӣ об ёфт ва бихӯрд, далел, ки гунаҳ кунад ва саранҷом тавба кунад.*

## ТАКБИР КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе дар хоб дид ки такбир мекард, далел, ки аз шарри душманон эмин гардад ва дари хайрот ба рӯи вай кушода гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани такбир кардан дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/.Эмин, 2/ Растагорӣ ва бало, 3/ .хайру баракат, 4/.кушоиши корҳо.*

## ТАМОМ ШУДАНИ КОРҲО

*Ибни Сайрин гӯяд, ки ҳар ки ба хоб бинад, ки корҳои дунёии ӯ ба низом гашт ва комгор шуд, далел ки аҳволаш мутавайир гардад ва ҳар ки кораш тамом нашуд, далел бар тағйири ҳоли ӯ буд ва ҳам бим буд, ки умраш сипарӣ гардад.*

## ТАНИ МАРДУМ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки тани мардум дар хоб дидан далел бар ваму андӯҳ буд. Агар бинад, ки танаш лоғар ва нақиф буд, далел буд бар дарвешӣ ва бастагии корҳо. Ва агар танро фарбеҳ бинад, далел бар тавонгарӣ ва кушоиши корҳо ва агар бинад, ки аз тани ӯ ришта берун меомад ва дароз мегардид, далел, кунад, ки зиндагонӣ ба айшу хуршӣ гузаронад ва агар бинад, ки он ришта гусаста гардад, таъвилаш хилофи ин буд ва агар тани худро оҳанин ё мисин дид, далел бар дарозии умр. Ва агар тани худро обгина дид, далел бар кӯтоҳии умр.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. мефармояд, ки агар тани хеш зиёдатӣ бинад, далел кунад бар қуввату тавонгарӣ ва зафар ёфтан бар душман ва агар бар тани хеш нуқсон бинад, далелаш бар хилофи ин буд ва агар бинад, ки ҳама тани ӯ омос дошт. далел буд, ки бемор гардад.*

## ТУНДАР /РАЪД/

*Дидани тундар дар хоб агар бинад, ки меғӯрид ва борон буд, далел, ки мардумонро тарсу бим камтар буд ва агар борон тундари сахт буд, далел буд тарсгории бинандаи хоб ва дуъои падару модар.*

*Ҷаъфари Содиқ мефармояд, ки дидани тундар дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/ азоб, 2/ ҳикмат, 3/ заҳмат, 4/ савлат, 5/ хашми подшоҳ.*

## ТАНГӢ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки аз тангӣ ба фароҳӣ*

*омад, далел, ки корҳои ӯ ба низом шавад ва агар ба хилофи ин буд, бад буд.*

*Агар бинад, ки дар ҷойгаҳе танг ҷойгир шуд, далел, ки дар кори ӯ душвор гардад.*

## ТАНӮР

*Танӯр дар хоб меҳтар буд ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки бонӯи хона буд ва агир бинад ки танӯр дар даст дошт, далел бар тандурустии бонӯи хона буд ва агар бинад, ки танӯр бияфтод ва зоеъ шуд, далел бар ранҷу бемории кадхудои хона буд.*

*Агар бинад, ки дар танӯр нон мепӯхт, далел, ки бар қадри он нонҳо рӯзии ҳалол ёбад ва агар бинад, ки дар танӯр шӯъои оташ метофт ва дӯд набуд, далел бар ин ки ба сафари Байтулмуқаддас равад ё ҳаҷ кунад.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки танӯр дар хоб бар ду ваҷҳ буд: 1/.хайру манфиат, 2/.марде бо ҳайбат.*

## ТАВБА КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки тавба кард, далел ки аз ҳама гуноҳҳо ва маъсият пушаймон гардад. Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки тавба кардан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.пушаймонӣ аз гуноҳ, 2/.ризои худо, 3/.роҳи охират, 4/.саъодат.*

## ТУТИЁ

*Кирмонӣ гӯяд, тутӣ дар хоб дидан мол буд. Агар касе бинад, ки тутиё дар чашм кашид ва мақсуд аз тутиё равшаноии чашм буд, далел, ки салоҳи дин ҷӯяд ва агар мақсади вай хилофи ин буд, далел кунад, ки худро ба нифоқ бар мардум зоҳир кунад ва агар бинад, ки ӯро тутиё доданд, далел, ки мол ёбад. Ва агар тутиё бихӯрад дар хоб, мустаманду ғамгин гардад.*

## ТУТ

*Тути ширин хӯрдан дар хоб рузӣ буд ва хӯрдани хар-*

тут ғаму андӯҳ буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки тут дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/.мол, 2/.манфиат аз касб, 3/.мунозиъа баҳри зан.

## ТАВРОТ

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, ки таврот ҳамехонд, ба зоҳир далел, ки вайро қуввате падид ояд.

## ТИР

Тир дар хоб дидан одами ростгӯ. Агар бинад. ки тир касе ба вай андохт далел ки пайғоме ба ӯ расад.

## ЧОДАР

Ибни Сайрин гӯяд, ки чодар дар хоб дидан сатрпӯши зан буд. Агар бинад, ки чун занон чодар пӯшида буд, далел ки дар он кор хайру шар буд ва агар бинад, ки чодарро бидаридӣ бисӯхт, далел буд, ки сатри вай дарида гардад. Чодар дар шаб дар хоб дидан зан буд. Агар бинад, ки чодари шаб фаро гирифт далел кунад, ки зани нав хоҳад, ва агар бинад, ки чодари нав бихарид, далел, ки зани нав хоҳад ва аз ӯ фарзанд ояд ва агар ин хобро зане бинад, далел ки шавҳар хоҳад.

Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки чодар дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/.қадру ҷоҳ, 2/.мардро зан ва занро шавҳар, 3/.кадхудои сарой.

## ҶОДӮИ КАРДАН

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷодӯи кардан дар хоб кори ботил буд. Агар ба хоб бинад, ки ҷодӯӣ мекард, далел кунад, ки коре кунад беҳуда.

Ҳазрати Содиқ р.а. фармояд, ки ҷодӯӣ кардан дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/.Фитна, 2/.фиреб, 3/.макр, 4/.афкори бад, 5/.ботил ва дурӯғ, 6/.коре ки дар он фоида набуд.

## ҶОРӮБ

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷорӯб ба хоб дидан ходим ва хидматгор буд ва агар бинад, ки хонаро бо ҷорӯб меруфт, далел, ки молаш зоеъ гардад. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки ҷорӯб дар хоб бар се ваҷҳ буд/ 1/.ходим, 2/ манфиат, 3/ мутақозии чизҳо ки бо мардум буд.

## ҶОМ

Кирмонӣ гӯяд, ки агар бинад, ки ҷоми пуроб фаро гирифт, далел кунад, ки зан хоҳад ва агар бинад, ки ҷомро бишкаст ва обро бимонд, далел, ки занаш бимирад ва фарзандаш бимонад ва акси ӯ хилоф аст. Агар ҷоми сабз ё сафед бинад, далел, ки зани ӯ порсо буд ва агар ҷоми сурх далел, ки зани ӯ муфсид буд ва агар ҷомҳои зард зани ӯ бемор бошад.

## ҶОМА

Ҷома дар хоб касбу кори вай буд ва агар ҷомаи худро некӯ бинад, далел ки касбу кораш бад шавад ва агар подшоҳ дар хоб ҷомаи худро сиёҳ бинад, далел бар некӯии ҳоли ӯ буд. Агар раият ҷомаи худро сиёҳ бинад, далел бар ваму андӯҳ. Ва ҷомаи мард дар хоб бемори буд. Ҷомаи сурх хуррамӣ буд. Ҷомаи сабз тавфиқи тоат. Ҷомаи сафед сохтагии кори мардум буд. Ҷомаи кабуд далел бар мазаррат ва ҷомаи дарида зоҳир шудани роз. Ҷомаи пашмин, намадин ва ингуна далел бар моли хоста дорад, ки ӯро ҳосил гардад. Ҷомаи мураққаъ далел бар дарвешӣ ва тангдастӣ. Ҷомаи чиркин, ғаму андӯҳ. Ҷомаи ковазӣ далел бар маломат. Агар бинад, ки пӯсти хар пушида бошад, далел, ки иззу ҷоҳ ёбад ва агар дар хоб бинад, ки ҷомаи сӯфиён пӯшида бошад, далел, ки дини ӯ зиёда гардад ва агар бинад, ки ҷомаи табибон пӯшида бошад, далел ки кораш некӯ гардад.

Ҳазрати Содиқ алайҳиссалом фармояд: Ҷомаи нав дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.зан, 2/.подшоҳ, 3/ мол, 4/.хайру манфиат ва агар бинад, ки Ҷомаи худро миқроз бурид, далел, ки чизе ба ӯ расад ва агар бинад, ки дуздон Ҷомаи ӯро дуздиданд далел бар

## ҶОН

*Ибни Сайрин гўяд, ки ҷон дар хоб дидан фарзанд буд. Агар бинад, ки ҷон аз тани ваи берун шуд, далел, ки фарзанд ё аёлаш бимирад ва ё молаш талаф гардад.*

*Агар бинад, ки ҷон аз кафи ў ба осмон шуд, далел аст, ки зуд бимирад ва агар бинад, ки ранги ҷони ў зард буд, далел, ки бемории вазнин шавад. Агар ҷон ба гўнаи сурх ё сафед бинад, оқибаташ накў буд. Агар ба гунаи сиёҳ бинад мустаҷиби азоби ҳақтаъоло буд.*

*Ҷобир гўяд, агар бинад, ки мурда ҷон меканд ва хешони ваи ба ў навҳа мекарданд, далел, ки аҳли байти мурдаро ғаму андўҳ расад.*

## ҶОҲ

*Ибни Сайрин гўяд, ки чоҳ дар асл зан буд. Агар бинад, ки дар ҷойгаҳе чоҳ меканд, далел буд, ки зан хоҳад. Агар касе бинад, ки аз чоҳе об хўрд, далел буд, ки мол аз зан бихўрад. Кирмонӣ гўяд, ки агар бинад, ки оби чоҳ хўрдан ба таъми хуш буд, далел, ки моли зан ба кароҳи биситонад ва агар бинад, ки оби чоҳ гарм буд ва аз он бихўрд, далел, ки ба ҷиҳати моли зан дифоъ ёбад. Агар оби чоҳ хунук ва хуш буд, далел, ки аз зан хайру манфиат ёбад. Агар бинад, ки оби чоҳ бисёр буд, далел, ки зани ҷавонмарду сахӣ буд.*

*Агар оби чоҳ андак буд, далел буд, ки зани сифла ва дун буд. Агар бинад, ки чоҳ биканд ва об зўд баромад, далел, ки зан бемор гардад ва агар аз чоҳ оби сиёҳ баромад, далел, ки ғаму андўҳи зиёд бинад. Агар бинад, ки чоҳ зери замин фурў рафт, далел, буд бар ҳалоки зан Агар бинад, ки давл сатина дар чоҳ кард, то об бароварад ва сатина дар чоҳ афтад, ресмон гусаста шуд, далел буд, ки ўро фарзанде ояд. Чоҳ кардан дар хоб ба ақидаи Дониёл ҳилаву макр кардан буд. Ҳазрати Содиқ гўяд, ки дидани чоҳ дар хоб ба шаш ваҷҳ буд: 1/.зан, 2/.канизак, 3/.олим, 4/.тавонгарӣ, 5/.макр, 6/.ҳилаву найранг.*

## ЧАТР

**И**бни Сайрин гӯяд, агар касе бинад, ки дар болои сари ӯ чатр мезананд. далел буд, ки подшоҳӣ ёбад. Ҳазрати Содиқ гӯяд, ки дидани чатр дар хоб бар ҳафт ваҷҳ аст: 1/.салтанат, 2/.идат, 3/.мартаба, 4/.риёсат, 5/.рифъат, 6/.вилоят, 7/.сӯҳбат бо бузургон.

## ЧАРОҒ

**К**ирмонӣ гӯяд, ки чароғ дар хоб ходими хона буд. Агар бинад, ки чароғ дар хона равшан буд, далел, ки бонуи хона зани нексират буд. Агар бинад, ки чароғ хира месӯхт, далел, ки бонуи хона дар ранҷ буд. Агар чароғ биафрӯхт, агар зан дорад, ӯро фарзанде ояд. Агар бинад, ки дар ҳар ду даст чароғ дошт, далел, ки кори дунё ва динии ӯ сохта гардад. Агар дар даст як чароғ дошт, ки дар вай ду сурох ва ду фарзанди нек буд, ки аз шикам оянд. Ҳазрати Содиқ гӯяд, ки дидани чароғ дар хоб бар чордаҳ ваҷҳ буд: 1/.подшоҳ, 2/.қозӣ, 3/.фарзанд, 4/.арӯс, 5/.вилоят, 6/.сарой, 7/.меҳтар, 8/.шодӣ, 9/.илм, 10/.тавонгарӣ, 11/.айши хуш, 12/.канизак, 13/.манфиат, 14/.он чӣ бинад, ҳамчунон буд.

## ЧИРК

**И**бни Сайрин гӯяд, ки ҳар ки дар хоб бинад, ки ҷомаи чиркин дошт, далел кунад фасодкор буд. Кирмонӣ гӯяд, ки чирк дидан дар хоб бар сару тан ғаму андӯҳ буд.

## ҶАСТАН

**И**бни Сайрин гӯяд, ки агар дар хоб аз ҷое меҷаст далел буд, ки аз ҳоле дорад ба ҳоли дигар шавад. Агар бинад, ки чӯбе ё найзае дар даст дошт ва ба он аз ҷое ба ҷое меҷаст, далел буд ба марди қавӣ эътимод кунад, то ӯро мададе диҳад дар коре. Агар бинад, ки аз деворе фурӯ ҷаст ва бар сутур нишаст, далел, ки ҳалок гардад ва агар бинад, ки бар биме ҷаст ва хона дар зери пояш фурӯ рафт ва бимурд, далел буд, ки зан аз вай ҷудо гардад

ва агар бинад, ки аз замин ба ҳаво барҷаст ва рӯй ба қибла оварду ва ба назди он худро дар ҳарам дид, ҷумла далели ҳаҷ кардан буд.

## ЧАШМ

Ибни Сайрин гӯяд, ки чашм ба хоб дидан марди бийнос буд, ки ба он роҳи худо ёбад ва чашми азраҳ бидъат буд. Чашми шаҳло фарзанд буд. Агар бинад, ки нобино шуда аст, далел буд, ки аз роҳи худо гум шуда буд. Агар як чашмаш кур шуд, далел, ки як ними дини ӯ рафта буд ё ба як аъзои вай мусибате расад. Агар бинад, ки дар чашм сурма кашид, далел, ки салоҳи дин ҷӯяд ва агар бинад, ки аз сурма мақсудаш ороишӣ аст, далел, ки хештанро бо амонату диндор ба мардумон намояд. Агар бинад, ки касе сурма ба вай дод, то дар чашм кашад, далел, ки ба қадри он мол ёбад ва агар бинад, ки равшаноии чашми ӯ заъиф буд, далел, ки дурӯю мунофиқ буд. Агар бинад, ки бар тани ӯ чашми бисёр буд, далел буд бар салоҳияти вай дар ба ҷой овардани суннату фарз. Агар бинад, ки чашми вайро касе канд, далел, ки равшаноии чашми вай касе буд, хоҳ фарзанд хоҳ зан аз назари ӯ ғоиб шавад. Агар бинад, ки чашми вай аз оҳан аст далел, ки рози вай ошкор шавад. Агар ҳар ду чашми ӯ омосида аст, далел, ки бо марде мухолиф суҳбат кунад. Агар бинад, ки чашмҳои ӯ равшан аст ва мардумон пиндоранд ӯ кӯр аст, далел буд, ки ботини ӯ дар дин беҳтар аз зоҳири ӯ буд. Агар бинад, ки ҳарду чашми ӯ сафед гашт ва боз сиёҳ гашт, далел буд, ки бемор гардад. Агар бинад, ки ба ҷиҳати фарзанд ғаме бар вай афтад. Агар бинад, ки чашм дар кафи дасташ буд, далел буд, ки мол ёбад. Агар бинад, ки дар чашми ӯ сафедӣ буд, далел, ки ӯро ғаму андӯҳ бар вай расад. Ҳикоят: Чунин гӯяд, ки марде пеши Дониёл омад ва гуфт ба хоб дидам, ки чашми рости ман бӯса бар чашми чапи ман медод. Гуфт: Эй мард аз худо битарс ва тавба кун баъд аз ин бо зани ҳамсоя хиёнат макун. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки чашм дар хоб бар ҳафт ваҷҳ аст: 1/ равшаноӣ, 2/ дини худо, 3/ олим, 4/ фарзанд, 5/ мол, 6/ илм, 7/ зиёдатӣ дар дин.

### Чашма

Ибни Сайрин гӯяд, чашмаи об дар хоб меҳтарӣ буд чун обаш хуш ва хуштаъм буд, агар обаш тира ва нохуш буд, далел,

*ки анҷоми ғаму беморӣ ва мусибат буд. Агар бинад, ки аз он чашма масҳ мекард, далел буд, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад. Агар оби чашма истода буд, далел бар хайру салоҳи дин кунад, агар равон буд, далел бар ғаму андӯҳ буд. Ҳазрати Содиқ гӯяд, ки оби чашма дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд. 1/ меҳтарӣ, 2/ ғаму андӯҳ, 3/ мусибат, 4/беморӣ, 5/умру зиндагонӣ.*

## Ҷигар

*Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷигар дар хоб моли пинҳонкарда буд, агар бинад, ки бисёр ҷигари пухта ё хом ба ӯ ҳосил гардид, далел кунад, ки ганҷ биёбад. Баъзе муаббирон гӯянд, ки ҷигар дар хоб далел бар фарзандон буд. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки дидани ҷигар дар хоб бар се ваҷҳ буд, 1/ фарзанд, мол, 2/ дӯст, 3/ илм.*

## Ҷимоъ

*Дониёл гӯяд, ки ҷимоъ дар хоб раво шудани ҳоҷат буд ва хоса чун бинад, ки манӣ аз вай ҷудо гардид. Агар касе бинад, ки бо касе ҷимоъ кард, далел, ки аз он кас некӣ ёбад ва ҳоҷати ӯ раво гардад. Агар бинад, ки бо зани худ ҷимоъ кард чунон, ки мард аз боло буд ва зан аз зер, далел, ки зане дигар хоҳад ва аз вай хайру манфиат бинад Агар бинад, ки бо зани худ ё зани дигар аз роҳе дигар муҷомиат кард далел ки марди мубтадеъ ва суннати Расулро с.а.в. нигоҳ надорад. Агар бинад, ки бо модар ё бо хоҳар ё ба каси дигар ки бар вай ҳаром аст, муҷомиат кард, далел, ки шафқати хешӣ аз вай бурида гардад. Агар бо зани мурда муҷомиат кард, далел, ки ғамгин ва мустаманд гардад. Агар бинад, ки бо ҷавони маҷҳул муҷомиат кард, далел, ки миёни эшон хусумат бошад, Агар бинад, ки бо марди пир муҷомиат мекард, далел, ки хайру некӣ аз бахти худ бинад, Агар аз духтаре душизагӣ бистурд, далел, ки дар он сол зане хоҳад Агар бинад, ки ба ҳарами подшоҳ шуд ва муҷомиъат кард, далел ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки бо тарсое ё ҷуҳуде ё габре муҷомиъат кард, далел, ки корҳои дунявии ӯ ба низом шаванд. Агар марде пир ки ба куллӣ шаҳваташ зоил шуда буд, дар хоб бинад, ки шаҳваташ ғолиб шудааст, далел, ки дар кори дин нек рағиб гардад ва агар бинад, ки бо зани нобакор ҷимоъ кард, далел,*

ки толиби дунё шавад ва агар ин хоб зане бинад, таъвил ҳамин дорад. Агар бинад, ки бо уштуре ҷимоъ кард, далел, ки аз сахтӣ бираҳад ва бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки бо подшоҳе ҷимоъ кард, далел аст, наздики ӯ гардад. Агар бо зани ҳоиз ҷимоъ кард, далел, ки кораш бад шавад. Агар бинад, ки бо марде маъруф ҷимоъ кард, далел, ки аз он мард хайру манфиат ба ӯ расад, Агар зане бинад, ки бо зане ҷимоъ кард, далел, ки аз вай хайру нèкӣ бинад, Ҳазрати Содиқ фармояд, ки дар хоб ҷимоъ кардан, ки аз ӯ ғусл воҷиб шавад таъвилаш набошад.

## ҶАНОЗА

Агар касе бинад, ки ҷаноза мебурданд, далел, ки худовандашро чандон мардумон ки аз паи ӯ мерафтанд, фармонраво гардад, лекин бар эшон зулм кунад ва агар бинад, ки ӯ бимурд ва ӯро дар ҷаноза ниҳоданд ва мардумон аз паси ҷанозаи ӯ мерафтанд далел, ки шарафу бузургӣ ёбад валекин дини ӯ ба фасод буд, ва ба он қавм, ки аз паси ӯ мграфтанд, фармонраво буд.

Ва агар бинад, ки қавме аз паси ҷанозаи ӯ шуданд ва дар ҳаво мешуданд, далел, ки марде бузург дар он шаҳр дар сафар бимирад.

Агар хештанро дар ҷаноза бинад, ки он ҷаноза ба замин мерафт, далел, ки ба сафар шавад.

Ҳазрати Содиқ фармояд, ки ҷаноза дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/бузургӣ, 2/вилоят, 3/иззу ҷоҳ.

## ЧАНГОЛ

Агар касе худро чун мурғон чанголдор бинад, далел ки ӯро қувват буд дар касбу маъишат ва бар душманон ғолиб гардад. Агар бинад, ки чанголи мурғон дар даст дошт, далел, ки хайру манфиат ёбад. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки чангол дар хоб бар 3 ваҷҳ аст; 1/қувват 2/маъишат 3/касб кардан.

## ҶАНГ КАРДАН

Ибни Сайрин гӯяд, ки ӯ ҷанг кард бо мардумон ё ҳайвони дигар чун ҳарду дар як ҷинс бошанд. Он ки ғолиб буд, бар душман зафар ёбад.

## ҶУҲУД ШУДАН

*Ибни Сайрин гўяд, ки агар касе дар хоб бинад, ки ҷуҳуд шуд, далел буд, ки бар роҳи бидъат буд. Агар бинад, ки ў ҷуҳуд ё тарсо ё мушрик ё будпараст, далел, ки бар залоли ва гумроҳи ў. Агар бинад, ки аз он кеш баргашт ё мусулмон шуд, далел, ки гуноҳи бузург аз ў ба вуҷуд ояд ва ба Ҳақ таъоло боз гардад. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки агар касе бинад, ки ҷуҳуд шуд, далел буд, ки соҳиби хобро кори мушкила пайдо гардад. Агар мурғеро ба хоб бинад, далел, ки соҳиби хобро ба корҳои дунё фирефта гардад. Агар бинад, ки ҷуҳуде мусулмон шуд, далел буд, ки зуд бимирад.*

## ҶАВ

*Кирмонӣ гўяд, агар бинад, ки ҷави тар ё хушк ҳамехўрд, далел, ки чизе андак ба вай расад. Агар бинад, ки ҷав дошт далел буд, ки ба қадри он хайру некўӣ ёбад. Агар бинад, ки ҷав дар замин мекошт, далел буд, ки вайро мол ҷамъ гардад. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки ҷав дар хоб дидан мол буд. Ҷавфурўш дар хоб дидан, марде буд, ки дунёро бар дин ихтиёр кунад.*

## ҶАВОН ШУДАН

*Ибни Сайрин гўяд, ки касе бинад ҷавон шуд далел, ки фурўмоя гардад. Агар ҷавони маҷҳулро бинад далел буд, ки аз душман хорӣ бинад. Агар бинад, ки ҷавоне пир шуд, далел буд ки ҳурматаш зиёд гардад.*

## ЧЎБ

*Ибни Сайрин гўяд, ки чўб дар хоб дидан нифоқ буд. Баъзе аз муаббирон гўянд, ки чун чўб бинад, дар хоб марде буд, ки дар нифоқ буд. Чўби каҷ дар хоб чун таъбири чўби рост буд.*

## ҶӮРОБ

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷӯроб дар хоб ходиме буд аз шумори занон. Агар бинад, ки ҷӯроби нав аз абрешимӣ ё аз ресмон пӯшида буд, далел буд, ки ӯро ходиме буд аслӣ ва аз ӯ бархурдор гардад. Агар бинад, ки ҷӯроби пашмин ё нақшин дошт, далел буд, зани боҷамол бихоҳад. Ҷӯроби зард зани бемор аст, ҷӯроби сурх далел бар зани шӯху бешарм, ҷӯроби сиёҳ бар марди муслиҳ нек буд, бар марди бад. Агар бинад, ҷӯробаш кӯҳна ва чиркин буд, далел, ки занишро ба фасодӣ тӯҳмат кунанд. Агар бинад, ки ҷӯробаш зоеъ шуд, далел бар марги занаш буд. Баъзе аз муаббирон гӯянд, ки ҷӯроб дар хоб моли хоста буд ва агар ҷӯроб бӯй дошт дид, далел дид, ки закоти мол бидиҳад. Агар бӯи ҷӯроб нохуш буд, ки закоти мол надиҳад. Агар ҷӯроби ӯ аз пӯсти шутур буд, далел, ки ходими вай боҳиммат буд. Агар аз пӯсти гӯсфанд буд, ки ходими ӯ аз мардуми омма буд ва агар аз пӯсти асп буд, далел буд, ки ходимаш аз асли сипоҳиён буд. Агар аз пӯсти нахчир буд, ходими ӯ аз мардуми биёбонӣ буд. Ҳазрати Содиқ фармояд, ки ҷӯроби пой моли мард буд ва нигоҳдори мол закот буд. Агар ҷӯроби ӯ зоеъ шуд, далел буд, ки закот надиҳад ва моли ӯ зоеъ гардад.

## ҶӮИ ОБ

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷӯи об дар хоб дидан чун оби хуштамъ буд ва покиза далел, ки зиндагони ӯ хуш буд. Агар бинад, ки аз ҷӯи маҷҳуле об менӯшид ва ин кас дар сафар буд, далел, ки ба кори маҷҳуле машғул гардад, агар оби ҷӯй шӯру нохуш буд, далел буд бар талхии маишат.

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҷӯй дар хоб дидан вакил буд, ки муқарриб гардад. Агар бинад, ки оби ҷӯй тира буд, далел, ки корaш табоҳ ва бенизом шавад. Агар бинад, ки дар тахт нишаста буд далел буд давлату иқбол бар вай рӯй намояд.

## ҲИБР /СИЁҲӢ/

Ибни Сайрин гӯяд, ки ҳибр /сиёҳӣ/ дар хоб талаб кардани маишат ва ёфтани мол буд. Агар бинад, ки ҳибр бихарид ё касе ба вай дод, далел, ки маишат бар вай фарох гардад ва ага-

*бинад, ки ҳибр бирехт ё аз вай зоеъ шуд, таъвилаш ба хилофи он буд. Агар бинад, ки ба ҷомаи ӯ бирехт, далел буд, ки ӯро зиёне расад. Агар бинад, ки ба ҳибр чизе менавист, агар он чи навишт, аз Қуръон ё аз номи худои таъоло буд, далел бар хайру салоҳи ӯ кунад ва агар ба хилофи ин буд, далел бар шару фасод кунад.*

## ҲАБ ХӮРДАН

*Агар бинад, ки ҳаб аз барои бeмoрӣ хурд, шифои ӯ буд. Агар бинад, ки аз дору хӯрдан ӯро манфиат набуд, таъвилаш бар хилофи ин буд.*

## ҲАҶ ГУЗОРИДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар дар хоб бинад, ки ба ҳаҷ равад, ҳақ таъоло ӯро ҳаҷ гузоридан рӯзӣ гардонад. Агар бемор ин хоб бинад, шифо ёбад. Агар бинад ба ҳаҷ рафт ва ҳаҷ аз вай вафт шуд, далел, ки умраш дароз ёбад. Агар бинад ба хоб ба ҳаҷ рафт ва дар ҳарам лаббайн мезад, далел, ки ӯро тарсу бим буд. Агар бинад, ки ҳаҷ ба вай воҷиб шуд ва дар рафтан қасд намекард, далел, ки хиёнат кунад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки ҳаҷ дар хоб ҳафт ваҷҳ бошад: 1/Тазвиҷ кардан, 2/Канизак харидан, 3/Зиёрати подшоҳ кардан, 4/некӯӣ 5/саъй кардан дар кори хайр 6/Музди савоб ёфтан 7/Сӯҳбати аҳли илм.*

## ҲАРАМ

*Агар бинад, ки дар ҳарами Каъба буд, далел, ки аз офоти дунёи эминӣ ёбад ва ӯро ҳаҷ рӯзӣ шавад. Агар бинад, ки дар ҳарами подшоҳ ё бузурге рафт, далел, ки аз ҳама шарҳо эмин гардад. Агар бинад, ки подшоҳ ӯро дар ҳарами худ хонд ва ӯ онҷо муқим шуд, далел, ки дар кори подшоҳ шурӯъ кунад ва коре кунад, ки ӯро аз он кор бадномӣ ҳосил ояд.*

## ҲИСОБ

Ибни Сайрин гўяд, агар касе дар хоб ҳисоб кунад, далел ки дар меҳнату азоб афтад. Агар бинад, ки Ҳақ таъоло рўзи қиёмат ҳисоб бо вай осон мекард ва умед ҳаст, ки растгорӣ ёбад ва агар ба хилофи ин бинад, далел, ки дар заҳмат афтад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки ҳисоб кардан дар хоб бар 6 вақт буд: 1/азоби подшоҳ 2/ машғулӣ,3/сахтӣ ва ранҷ 4/ бадҳолӣ 5/андўҳ 6/ умри кўтоҳ.

## ҲИСОР /ҚАЛЪА/

Агар бинад, ки дар ҳисоре шуд далел ки аз шарри душман эмин гардад Агар бинад, ки аз ҳисор берун омад, далел, ки бар душман зафар ёбад.Кирмонӣ гўяд, агар бинад, ки дар ҳисор маҳкам буд ва он аз они ў буд, аз шарри душман эмин гардад.

Мағрибӣ гўяд, агар худро дар ҳисор бинад, далел, ки рўзӣ бар вай фарох гардад.

## ҲИКМАТ

Ибни Сайрин гўяд, ки агар дар хоб бинад, ки илми ҳикмат мехонд, далел, ки Қуръонхон шавад. Агар китоби ҳикмат бисўхт, далел бар табоҳии дини вай буд. Агар бинад, ки авроқи китоби ҳикмат мехўрд, далел, ки илми Ҳикмат бисёр хонад. Агар бинад, ки авроқ бидаронд, далел, ки бинандаи хоб намоз нагузорад.

## ҲАЛВО

Ибни Сайрин гўяд, ки ҳалво дар хоб мол буд, ки ба дасти подшоҳ гузашта ва ҳаром гашта. Ҳазрати Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ҳалво дар хоб моли бисёр буд ва дини холис ва як луқма аз ҳалво бўса буд, ки ба фарзанд диҳад.

Ҳалво кардан дар хоб далел, ки ба қадри он моли ҳалол ва рўзии ҳалол.

Ҳалвофурўш дар хоб марде ширинсухан буд.

## ҲАММОЛ

**И**бни Сайрин гӯяд, ки ҳаммол дар хоб худованди ҷоҳ ва хатар буд. Ва агар бинад, ки бар пушт боре сабук дошт ва он бор мулки ӯ буд, далел, ки ба қадри он бор ӯро роҳату хайру манфиъат расад. Агар бинад, ки он бор бар пушт дошт, чунон буд, ки ӯро аз он бор газанд буд, далел, ки гунаҳкору осӣ шавад.

Агар ҳаммолӣ кунад, баҳри дигарон ба аҷр далел, ки бо халқи худо хайру эҳсон кунад Агар ҳаммолӣ мекард ва муздаш мегирифт далел, ки ғаму андӯҳ буд.

## ҲИНО

**К**ирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки бар дасту по ҳино ниҳода буд, далел, ки хештанро биёрад, лекин дар дин кароҳат буд, баъзе муаббирон гӯянд, ки ҳоли хешон аз вай пӯшида намонад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки ҳино бастан дар хоб бар се ваҷҳ буд:1/ ороиш, 2/ сабри аҳли байт, 3/ ғаму андӯҳ.

## ҲАВЗ

**И**бни Сайрин гӯяд, ки асли ҳавз дар хоб илму дониш буд. Агар бинад, ки дар ҳавзи пок оби поку соф хӯрд, далел, ки бар қадри он аз илм баҳра ёбад. Ва агар бинад, ки худро ба оби ҳавз мешуст, далел, ки тавфиқи тоат ёбад ва агар бинад, ки оби ҳавз ҳамехӯрд, далел ки умр ба саломат гузорад ва молаш зиёда шавад. Агар бинад, ки ҷомаи худро дар ҳавз мешуст, далел, ки аҳли байти ӯ тавба кунанд ва ба роҳи дин дароянд. Агар бинад, ки оби ҳавз зиёдат шуд, бе он ки аз ҷое ба ҳавз об ояд, далел, ки моли илми вай бар қадри он зиёдат гардад. Агар оби ҳавз тира ва талх буд, далел бар ғаму андӯҳ буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани ҳавз дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ марди бо манфиат, 2/ тавонгар,3/ мол ҷамъ кардан, 4/ олиме, ки мардум аз илми вай нафъ ёбанд.

## ҲАВЗИ КАВСАР

**А**гар бинад, ки қиёмат бархост ва халқро ба наздики

ҳавзи Кавсар талаб мекарданд, далел, ки подшоҳе пайдо шавад, ки миёни халқ адлу дод пайдо кунад.

Агар бинад, ки аз ҳавзи кавсар як ҷом об хӯрд, далел ки марги вай бар мусулмонӣ буд. Агар бинад, ки пиромуни ҳавзи кавсар мегашт ва об мехост ва ӯро об надоданд, далел, ки душмани ёрони пайғамбар с.а.в. бошад. Агар бинад, ки пайғамбар с.а.в. ӯро аз ҳавзи кавсар об дод ва бихӯрд, далел, ки аз шафоъати пайғамбар с.а.в. баҳра ёбад. Агар бинад, ки номи вай бар ҳавзи кавсар навишта буд ва ҷоме бистуда об мехӯрд, далел, ки ӯро бо олиме сӯҳбат афтад ва манфиати ду ҷаҳонӣ ёбад. Агар бинад, ки аз ҳавзи кавсар об мехӯрд ва об тира буд, далел, ки бинандаи хоб мунофиқ буд.

## ҲАЙЗ

Дар хоб мардонро бақо бошад дар маъишат ва занонро зиёдатии мол Агар бинад, ки ҳоиз шуд, далел, ки бар фасоду ҳаром бошад, агар зане бинад, ки ҳоиз шуд далел, ки моли ҳаром ёбад. Агар марде бинад, ки занаш ҳоиз шуд, далел, ки кори дунё бар вай баста гардад.

## ХОР

Дар хоб вом буд. Агар бинад, ки хор дар андоми ӯ шуд ё касе ба вай зад, далел, ки аз касе вом ситонад ва ба қадри ранҷи хор аз вай сухани талх шунавад. Агар бинад, ки ӯ хор дар андоми касе зад, далел, ки ӯ касеро вом диҳад ва сухани талх он касро гӯяд.

Агар бинад, ки хор бисёр дошт ва пояшро аз он хорон газанд мерасид, далел вомдор шавад ва оқибат вомҳо бигзорад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки хор дар хоб бар се вауҳ буд: 1/ вом, 2/ дашном, 3/ душвории корҳо.

## ХОРПУШТ

Ҷобири Мағрибӣ гӯяд, хорпушт дар хоб душмани зиштдор буд. Агар бинад, ки хорпуштро бикушт, далел, ки душманро мағлуб кунад. Агар бинад, гӯшти хорпуштро бихӯрд, далел, ки бар қадри он мол аз душман хӯрад. Агар бинад, ки

*хорпушт ӯро бигазад, далел, ки аз душман ӯро зиён расад.*

## ХОРИШИ ТАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар ба хоб хориши тан падид омад, далел, ки хешон талаб кунад ва аз баҳри эшон ғаму андӯҳ хӯрад.*

*Хориши тан агар заҳмат диҳад, ӯро аз хешон мазаррат расад.*

## ХОШОК

*Хошок ба хоб дидан молу неъмат буд, мардуми омро. Агар бинад, ки хошок дар хонаи эшон бисёр буд ва ӯ дар миёни он муқим шуд, далел, ки ба қадри он ӯро молу неъмат ҳосил шавад. Агар бинад, ки хошоки ӯро бод бардошт ё оташ бисӯхт, далел, ки моли худ сарф кунад.*

## ХОК

*Хок дар хоб дидан андаку бисёр дирам буд. Агар бинад, ки бар хок мерафт ё хок мехӯрд ё хок ҷамъ мекард ин ҷумла далел бар мол буд Агар хокро аз хона мекашид ва дар беруни хона пароканда мекард, далел ки моли худ талаф кунад аз даст афшонидан низ ҳамин далел аст.*

*Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани хок дар хоб бар 5 ваҷҳ аст: 1/мол, 2/манфиат, з/шуғл, 4/фоида аз қабли подшоҳ,5/ фоида аз қабили раис.*

## ХОКИСТАР

*Дар хоб моли ботил буд аз ҷониби султон, ки бар касе боқӣ набошад ё илме ҳосил кунад, ки дар он манфиат набошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки хокистар дар хоб бар 9 ваҷҳ буд: 1/ илми бефоида 2/ моли ҳаром, 3/кори ботил, 4/хусумат,5/ макру ҳила, 6/ҳасрат 7/ фисқ,пушаймонӣ,9/коре ки дар он хайр буд.*

## ХОМА

Агар бинад, ки қаламе фаро гирифт, далел ки илме ҳосил кунад ва муродаш бароядАгар бинад, ки ба қалам чизе навишт ва агар он навишта, хайр буд, далел бар некӯи кунад ва агар шар буд, далел бар фасод кунад.

Агар бинад, ки қалам дар дасти вай бишкаст далел, ки агар олим буд, иззаташ кам шавад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, дидани қалам дар хоб бар 7 вақт буд: 1/ ҳикмат,2/ фармон, з/ илм, 4/ фарҳанг,5/ вилоят, 6/ рост шудан, 7/ кому мурод.

## ХОНА

Ибни Сайрин гӯяд, ки хона дар хоб мардро зан буд. Агар бинад, ки хона бо сутунҳо аз ҷой бардошт далел, ки зане хоҳад. Агар дар хонаи нав шуд, зани тавонгар хоҳад. Агар бинад, ки дар хонае ба кунҷи андӯҳ нишаст,далел, ки соҳиби он хона аз дунё биравад. Агар бинад, ки дари хонаи худ бишикаст, далел, ки молро харҷ кунад. Ва агар бинад, ки хонаи вай аз он бузургтар шуд, далел, ки молу неъмат бар вай фароҳ шуд. Агар хилофи ин буд, таъвилаш молу неъмат бар вай танг гардад. Агар бинад, ки хонаи вай афтод ё девори вай, далел, ки моли бисёр ба вай расад.

## ХАРОБӢ

Ибни Сайрин гӯяд, харобӣ дар хоб дидан далели ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки дар харобӣ фурӯ шуд, далел, ки ғамгин гардад. Агар бинад, ки дар харобӣ васл кард, далел, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад. Агар дар сарое ё хонае харобиҳои бисёре падид омад, далел бар ғаму андӯҳ буд.

## ХОЯИ /ТУХМИ / МУРҒ

Агар ба хоб бинад, ки мокиён пеши ӯ хоя /тухм/ кард, далел, ки зан хоҳад ва агар бинад, ки хояи мурғ пухта мехӯрд,

*далел, ки бар ранҷу тааб мол ба даст оварад. Агар бинад, ки хояи мурғ нимпухта мехӯрд, далел, ки моли ҳаром ба даст оварад. Агар бинад, ки хоя бишкаст, далел ки духтареро душизагӣ бистонад. Агар бинад, ки хояи бисёр дошт, далел, ки фарзандони бисёр ӯро ҳосил ояд.*

## ХАТНА КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар ба хоб бинад, ки хатна кард, далел, ки суннатӣ ба ҷой оварад, ки ӯро пок созанд аз гуноҳ. Агар бинад, ки ҳангоми хатна хун аз вай равон шуд, далел, ки дар он суннат собит шуд. Агар бинад, ки чун хатна мекард ва назар ба хатна дошт далел, ки ваму андӯҳ бар вай бисёр расад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки хатна кардан дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/ суннат ба ҷо овардан, 2/ фарзанд, 3/ некуӣ, 4/ ромиш, 5/ ҷудоӣ аз зану фарзанд.*

*Харбуза дар хоб беморӣ буд ва сабзу ширин офият ва манфиат буд. Агар бинад, ки харбуза пеши вай бисёр ниҳода буданд, далел, ки гирифтори вам гардад. Харбуза дар хоб ба вақти худ бинад, зани боманфиат бисёр ба айшу хӯш буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки харбуза дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/ беморӣ, 2/ зан, 3/ ғулом, 4/ манфиат, 5/ айшу хуш.*

## ХАРЧАНГ

*Харчанг дар хоб далел бар марди дунҳиммат / пастҳиммат/ буд. Агар бинад, ки харчанге бигирифт, далел, ки бо марде бадхӯй ҳамсӯҳбат гардад. Агар бинад, ки харчангро бикушт ё ба тур андохт далел, ки аз бадхӯи дунҳимат ҷудо гардад. Агар гӯшти харчангро мехӯрд, далел, ки мол ҳосил кунад.*

## ХАР

*Хар дар хоб дидан бахт ва бузургӣ буд. Некӣ ва бадии хар ба бинандаи хоб боз гардад. Агар бинад, харе мулки вай шуд, далел, ки дари хайр ба вай кушода шавад. Агар хари бисёр бинад, далел, ки моли ӯ бисёр гардад. Беҳтарин харҳо бар хоб он аст, ки мутеъи ӯ буд. Агар бинад, ки ба хари сиёҳ нишаста буд, далел, ки иззу ҷоҳаш биафзояд. Агар бинад, ки гӯшти хар*

мехӯрад, далел, ки аз тиҷорат мол ба даст оварад. Агар бинад, ки хари худ бикушт ва гӯшти он бихӯрд, далел, ки моли худ харҷ кунад Агар бинад, ки дар хари худ нишаст ва хар бимурд, далел, ки ӯ ба зудӣ бимирад. Агар бинад, ки аз хари худ биафтод, далел, ки дарвешу танг гардад, Агар бинад, ки хари вай бимурд ва бар хари дигар нишаст, далел, ки маишати вай аз ҳоле ба ҳоле гардад. Агар бинад, ки хари вай уштур шуд, далел, ки маишати вай аз султон буд. Агар бинад, ки харе гӯсфанд шуд, далел ки моли ҳалол ёбад. Агар бинад, ки хари вай мурғ шуд, далел, ки маишати вай аз чизе бошад, ки бо он мурғ мансуб бошад. Агар бинад, ки хари вайро дузд бурд, далел, ки бар фасоду шаҳвати зани ӯ буд ва оқибат бо зан ба фироқ анҷомад. Агар бинад, ки ба харе муҷоимат кард, далел, ки муродҳои худ биёбад. Агар бинад, ки бо харе нишаста буд ва хар зери ӯ бонг мекард, далел, ки аёлаш бадхӯӣ бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани хар дар хоб бар даҳ ваҷҳ буд: 1/бахт, 2/давлат, 3/ фармонравоӣ, 4/раёсат, 5/мол, 6/зан, 7/шодӣ, 8/ иқбол, 9/ бузургӣ, 10/мартаба.

## ХИРС

Ибни Сайрин гӯяд, хирс дар хоб душмани фурумоя ва аҳмақ буд. Агар бинад, ки бар хирс нишаста буд, далел, ки аз подшоҳ хорӣ ёбад. Агар хирсро бикушт, далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки хирси мода бигирифт, далел, ки зани девона хоҳад. Дидани хирс дар ҳама ҳол некӯ набошад.

## ХИРГОҲ /МАНЗИЛ, ЧОДАР, ХАЙМА/

Ибни Сайрин гӯяд, хиргоҳ дар хоб некӯ буд. Агар бинад, дар хиргоҳ нишаста буд, далел аз матои дунё чизе ёбад. Агар бинад, хиргоҳ мулки ӯ буд, далел ки зане хоҳад. Агар хиргоҳ сабз, сафед буд, далел бар хайру некӯӣ буд. Агар хиргоҳ маҷҳул буд, далел, ки шаҳид гардад. Агар хиргоҳ сурх буд, далел бар лавҳу тараб машғул гардад. Агар бинад, ки хиргоҳ кабуд буд, далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар сиёҳ буд, манфиати андак буд.

## ХАРГЎШ

*Ибни Сайрин гўяд, агар ба хоб харгўш гирифт, далел, ки зане бихоҳад. Агар бинад, пўстини харгўш пўшид ё гўшти ў хўрд, далел, ки чизе аз зане ба вай расад.*

## ХУРМО

*Ибни Сайрин гўяд, хурмо дар хоб моли хоста буд. Агар бинад, ки хурмо хўрд, агар аз аҳли илм аст, илмаш зиёда гардад ва агар бозоргон аст, молаш зиёда гардад. Ва агар бинад, хурмо хўрд ва донааш берун андохт, далел, ки аҳкоми шариат ба ҷо оварад. Агар бинад, дар хонаи ў хурмо буд ва бор бисёр дошт, далел, ки бо бузурге пайвастагӣ кунад. Агар бинад, ки дар саройи ў хурмо хушк буд ва сабз гашт, далел, ки агар бемор буд, шифо ёбад.*

## ҲИКОЯТ

*Шахсе ба пеши Ибни Сайрин омад ва гуфт ба хоб дидам, дар саройи султон чиҳил хурмо ёфтам. Гуфто: туро фардо ҳамон ҷо чиҳил чўб бизананд. Ҳамчунин шуд. Соли дигар ҳамон мард пеши Ибни Сайрин омад, гуфт: ба хоб дидам дар саройи подшоҳ чиҳил хурмо ёфтам. Гуфт чиҳил ҳазор дирам биёбӣ. Гуфт: чаро таъбири ин хоб ба гунаи дигар буд? Гуфт:порсол хурмо бар дарахт набуд, таъвили он чўббуд. Ва имсол хурмо бар дарахт аст ва дарахтон сабзу тозаанд, таъбири он чунин бошад. Баъд аз як ҳафта он шахс чиҳил дирам ёфт.*

## ХИРМАН ГИРИФТАН

*Ибни Сайрин гўяд хирмани гандум дар хоб марде буд, ки ба ранҷу таб мол ҳосил кунад. Агар бинад, ки хирмани ғалла бихарид, далел, ки зан хоҳад.*

## ХУРЎС

*Ибни Сайрин гўяд, агар ба хоб бинад, ки хурўс дошт ва*

*донист, ки мулки ӯст, далел, ки марди аҷамӣ ки бандазодаи ӯ буд ӯро қаҳр кунад, агар бинад, ки хурӯсро бикушт, далел, ки бар бандазода зафар ёбад. Агар бинад, ки бо хурӯс ҷанг мекард, далел, ки бо марде хусумат кунад. Агар бинад, ки хурӯсе дошт, далел, ки ӯро писаре ояд.*

## ХАРИДУ ФУРӮХТ

*Ибни Сайрин гӯяд, хариду фурӯхт дар хоб некӯ бошад. Агар кола бо коло иваз кунад, далел, ки ба қадри он хайру манфиат ёбад.*

## ХИШТ

*Ибни Сайрин гӯяд, хишт дар хоб мол ҷамъ кардан аст. Агар бинад, ки хишт пора пора кард, далел, ки моли худро пароканда ва талаф намояд. Хишти пухта дар хоб бад буд. Зеро ки оташ бар вай задаст.*

## ХАШМ ГИРИФТАН

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки бо касе аз баҳри дунё хашм гирифт, далел, ки кори динро ҳақиру хор дорад. Агар бинад, ки падару модар ба вай хашм гирифт, далел, ки аз ҷои баланд афтад.*

## ХУСУМАТ

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, бо касе хусумат кард ва бар ӯ ғолиб шуд, далел ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад пеши подшоҳ ба хусумат рафт, далел, ки ҳоҷаташ равон гардад.*

## ХУТБА ХОНДАН

*Агар бинад, ки бар сари минбар хутба мехонд, далел он кас азизу бузургӣ ёбад. Агар бинад, ки подшоҳе бар сари минбар хутба мехонд, агар подшоҳ муслиҳ буд, далел, ки адл намояд.*

Агар бинад, зане бар сари минбар хутба мехонд, далел, ки шавҳари ӯ расво шавад.

## ХУФТАН

Агар бинад бар тахте хуфта буд, далел, ки бузургӣ ёбад аз роҳи дин. Ва агар дар ҷойгоҳ ё бистар хобида буд, далел бар ҳақорат ва хорӣ буд. Хоб тарсандаро эмин буд ва мурдаро омурзиш ва беморро шифо ва зиндониро халосӣ.

## ХИЛОЛ КАРДАН

Хилол дар хоб некӯ бошад, зеро ки дандонҳо дар хоб аз аҳли байт буд ва хилол монанди ҷорӯб, ки моли аҳли байт мерӯбад ва агар бинад, ки хилол мекард, далел, ки ба қадри он ки аз дандон берун меояд, нуқсони аҳли байт мебошад. Мағрибӣ гӯяд, агар бинад он чӣ ба хилол аз буни дандон берун овард ва ба касе дод, далел, ки аз моли аҳли байти хеш ба ноҳақ биситонад ва ба касе диҳад.

## ХИЛЪАТ

Ибни Сайрин гӯяд, хильат дар хоб чун покиза ва хуб буд, далел иззат ёфтан ва мартабаи раёсат ва мамлакат бошад ва зан ба канизак ва ҳукми таъвил ба қадр ва қимати хилъатдиҳанда буд Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки подшоҳ ба ӯ хилъат дод, далел, ки аз подшоҳ ба қадри хилъат ёбад. Ва агар бинад, ки олиме ба вай хилъат дод, далел, ки аз он олим ӯро илм ва дониш ҳосил гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд агар хилъат сафед ё сабз буд, далел, ки из ва ҷоҳи динӣ ёбад. Ва агар дебо ё ҷома абрешимин буд, далел, ки из ва ҷоҳи динӣ ва дунё ёбад.

## ХИРҚА

Ҷомаи кӯҳна пӯшидани он ғам ва андӯҳ буд ва агар бинад ҷома хирқаи аз тани худ берун кард далел, ки ғаму андӯҳ аз вай дур шавад ва ҳама чизҳои нав дар хоб дидан некӯ бошад магар мӯза Мӯзаи кӯҳна аз нав беҳтар бошад. Кирмонӣ гӯяд агар касе

дар хоб хирқафурӯшӣ кунад, бад бошад.

## ХАМИР КАРДАН

Ибни Сайрин гӯяд, сириштани орд ба таъвил дурустии дин бошад ва сириштани орди гандум моле бошад, ки аз тиҷорат ҳосил шуда. Агар бинад, ки хамир фаро гирифт, агар хамири ҷавин буд, дурустии дин ва салоҳият буд.

Ҷаъфари Содиқ /р.а./ фармояд дидани хамир дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1.Зиёдатӣ дар дин, 2.манфиат, 3/моли ҳалол.

## ХАНҶАР

Агар бинад, ки дар даст ханҷар дошт, далел, ки ӯро ба касе хусумат афтад ва агар бинад, ки ханҷар шикаст, далел, ки ҷангу хусумат аз миёни эшон бархезад. Агар бо ханҷар силоҳи бисёр дошт, далел ки бар душман зафар ёбад.

## ХАНДА

Дар хоб ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки бо қаҳ- қаҳа механдид, далел, ки ғамаш зиёда шавад. Оҳиста хандидан далел бар ёфтани мурод бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд ки хандаи оҳиста дар хоб далел бар фарзанд буд.

## ХОН

Агар дар хоб бинад, ки хоне дошт ва дар он монда буд аз он мехӯрд, далел ки бар қадри он аз он ғанимат ёбад, нохӯрда далел бар ғаму андӯҳ дорад, бисёр хӯрдани таъом далел бар дарозии умр буд. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд: дидани хон дар хоб бар 5 ваҷҳ буд:

1.ғанимат, 2.марде шариф, 3. қувват, 4.низоми корҳо, 5.изу ҷоҳ.

## ХӮРДАН

Ҳар хӯрише ки бӯи хуш дорад, дар хоб хӯрдани он хайру

*хуррамӣ буд, агар бӯи нохуш буд, далел бар бадӣ буд. Сиру пиёз ва амсоли ин хӯрдан далел бар ваму андӯҳ буд. Хӯриши талх далел бар дарвешӣ ва бечорагӣ буд.*

## ХӮША

***Х**ӯша дар хоб дидан чун тоза буд ва умри дароз, аммо дар он сол қаҳтӣ бошад. Хӯшаи хурмо ва хӯшаи ангур хуб буд.*

## ХӮК

***Х**ӯк дар хоб марде тавонгару бақувват, лекин дунҳиммат ва бехайр бошад. Агар бинад, ки хӯкон дар як ҷо нигоҳ медошт, далел, ки мол бисёр ҷамъ кунад. Бачаи хӯк дар хоб ваму андӯҳ бошад. Агар бинад, ки дар миёни хӯкон нишаста буд, далел ки душман ғолиб ояд.*

*Агар пӯсти хӯк ёфт, далел, ки моли ҳаром ҳосил кунад. Агар бинад, ки ӯ хӯкбон буд, далел, ки бар гурӯҳи баддинон меҳтар гардад.*

## ХУН ОМАДАН

***А**гар бар тани худ ҷароҳате ёбад, далел бар зиёни молу ваму андӯҳ буд. Агар бинад, ки ӯро ба шамшер заданд ва хун равон шуд, далел ӯро зиён расад. Агар бинад ки хуни ҷароҳат ҷомаи ӯ олуда кард, далел, ки моли ҳаром ҳосил кунад. Агар ба хоб бинад, ки хун мехӯрад. далел, ки моли ҳаром хӯрад. Агар бинад, ки аз дандонҳои ӯ хун меомад, далел ки аз хешон ваму андӯҳ хӯрад. Агар бинад, ки дар кӯчаҳои шаҳр хун ҳамерафт, далел бар хун рехтани бисёр буд.*

## ХЕВ/ОБИ ДАҲОН/

***А**гар бинад, ки хев андохт, далел ки сухане гӯяд, ки ӯро ҳалол набуд. Агар бинад, ки хев дар масҷид андохт, далел, ки сухан дар дин гӯяд ва ҳамчунин дар ҳар мавзее,ки хев андохт, далел ки сухан дар аҳли он мавзеъ гӯяд. Агар хев дар девор андохт, далел ки моле харҷ кунад, ки ба ризои худо набуд. Агар*

хев дар дарахт андохт, далел, ки аҳд бишканад. Хеви гарм далели умри дароз бошад ва хеви сард далел бар марг буд. Хеви сиёҳ бар ғаму андӯҳ буд. Хеви зард далел бар беморӣ. Агар хеви хуномехта буд, далел, ки моли ҳаром хӯрад.

## ДОРУ

Ибни Сайрин гӯяд, агар касе аз баҳри беморӣ дору хӯрд, далел ки салоҳи дин гӯяд. Агар дору баҳри тандурустӣ хӯрад, далел, ки салоҳи дунё талаб кунад. Агар бинад, ки аз баҳри мардумон дору сохт, далел, ки бар халқ эҳсон кунад. Агар бинад, ки дору хушк мешуд, далел, ки аз ғаму андӯҳ халосӣ ёбад. Агар дору хӯрд ва ақлу ҳуш аз вай бирафт, далел, ки аз ғаму андӯҳ фараҳ ёбад. Ҳар дору ки зард бошад, беморию ранҷ буд ва он чӣ ба хӯрдан макрӯҳ буд, далел бар беморӣ бошад.

## ДОҒ КАРДАН

Доғ кардан дар хоб мол буд. Агар бинад, ки аз нишони доғ хуну рим меояд, далел ки наздики подшоҳ гардад. Агар бинад, ки доғе бар тани касе ниҳод таъвилаш сухани зишт бошад. Агар бинад, ки ба ҷиҳати иллате бар пушти вай доғ ниҳоданд, далел бар салоҳи дину дунё бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки доғ кардан ба маънӣ закот буд.

## ДАБИРИСТОН /МАКТАБ/

Дабиристон бар хоб дидан ҷои андӯҳ буд, валекин оқибат ба хайр буд.

## ДУХТАР

Духтар ба хоб дидан фараҳу шодӣ буд. Агар ба хоб бинад, ки ӯро духтаре омад, далел ки ӯро молу хуррамӣ ҳосил гардад. Агар бинад, ки духтар бимурд, таъвилаш бар хилофи ин буд.

## ДАР

*Дар ба хоб дидани зан буд. Агар бинад, ки дарҳои баста ба рӯи вай кушода шуданд, далел, ки мол харҷ кунад ва агар дари сарое бишкаст, далел, ки мусибату ранҷи азим буд. Агар дари сарои ӯ канданд, ва бурданд, далел бар мусибати соҳиби хона буд. Агар бинад, ки дари вай кӯчак буд, далел ки офат ба аёли ӯ расад. Агар дари сарои худ ниҳоят фарох бинад, далел, ки қавме бефармон дар сарои ӯ раванд бо хусумат. Агар бинад, ки халқа дар сарои ӯ ҷунбонд, агар ҷавобат доданд, далел, ки дуъои ӯ мустаҷоб гардад. Агар даре нав маҳкам бибаст; далел, ки занро талоқ диҳад. Агар бинад, ки дадон /даранда/ бар дари хонаи вай меҷаҳанд ва бонг мекарданд далел, ки мардумон қасди аёли ӯ кунанд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани дар бар се ваҷҳ буд: 1/ соҳиби хона, 2/ зан, 3/ ходим.*

## ДАРАХТОН

*Дарахте, ки пеши мардум азиз аст, ба хоб дидан марди шариф ва бузургвор буд. Дарахте, ки хор буд, марди фурӯмоя буд. Дарахти мевадор марди тавонгар, дарахти бебар далел бар мардуми дарвеш буд. Дарахти хурмо ба хоб марде шарифу олим буд ва агар дарахти хурмо дар хона дошт, далел, ки бо марде бо чунин сифат рафиқ буд. Олу марде табиб буд, бодом зане хубрӯй ва соҳибҷамол буд. Анор марде тавонгар.*

*Дарахти зайтун далел бар марде бо аслу насаб бошад.*

*Зардолу далел бар марде муборак буд.*

*Сарв далел бар марде хӯштабъ кунад.*

*Санҷид далел бар марде сабукрӯҳ ва мӯҳташам.*

*Себ далел бар марде беморгун бошад.*

*Шафтолу далел бар марде бузургвору ба шарм.*

*Гул далел бар марди шодком бошад.*

*Булут далел бар марде мунофиқ буд.*

*Лимун далел бар марди ҷодӯи кунад.*

*Най далел бар марди суханчин буд.*

*Ва ҳар дарахти мевадор далел қиёс бар меваи ӯ буд. Агар бинад, ки аз дарахти мевадор мева мехӯрад, далел, ки мол ёбад. Пӯсти дарахт далел ба рӯзӣ буд, шохи дарахт бародарону*

хешон ва фарзандон буд, агар дарахт баргҳо бисёр дошт, далел, ки хуштабъ буд ва агар бинад, ки дарахт бибурид ва бияфтод, далели марги худовандаш буд. Агар бинад, ки дарахт дар замини бегона менишонд, далел. ки ӯро бо мардуми бегона сӯҳбат афтад ва агар бар дарахте баланд мешуд, далел ки кори вай бузург шавад. Агар бинад, ки барги дарахтон ҷамъ мекард, далел, ки ба қадри он дирам ҳосил кунад ва агар бинад, ки аз дарахтон мева ҳосил мекард, далел, ки фарзандону насли вай зиёдат шавад ва агар дарахтон мевадор бинад ва андак мулки ӯст, далел, ки умри дароз бинад. Агар бинад, ки дарахтро мебурид, далел ки бемор гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дарахт дар хоб бар 10 ваҷҳ буд: 1/ подшоҳ, 2/зан, 3/бозургон, 4/ мардуми мубориз, 5/олим, 6/мӯъмин,7/кофир,8/авон, 9/ хусумат 10/ моли шубҳанок.

## ДАРДИ АНДОМҲО

Агар ба хоб бинад, ки андомҳои вай дард мекарданд, далел ки мол аз дасти вай биравад. Агар сараш дард мекард, далел ки гуноҳи бисёр карда буд. Агар бинад ки пешонии ӯ дард мекард, далел бар фасодии вай ва ваму андӯҳ буд. Агар чашм дард мекард, далел ки ӯро касе ба ҳақ роҳ намояд Агар бинад, ки дӯш дард мекард, далел ки суханҳои зишт шунавад. Агар забони худ бурида бинад, далел бар норасоӣ буд. Агар комаш дард мекард, далел, ки аз ҳаққи касе мункир шавад. Агар даҳони ӯ дард мекард, далел аз хешон андӯҳ ёбад. Агар гардани ӯ дард мекард, далел ки амонате дар гардани вай бошад. Агар шикамаш дард мекард, далел, ки моли ҳаром хӯрда бошад. Агар пушти ӯ дард мекард, далел, ки аз меҳтари худ озурда бошад. Агар паҳлӯи ӯ дард мекард, далел, ки бо сабаби хешон дард бинад, Агар бинад, ки ҷигари ӯ дард мекард, далел, ки бар фарзандаш мушфиқ буд. Агар дарди дастро бинад, далел ки бародари ҳамсояро ҷафо диҳад. Дарди ангушт далел ки кинадор буд. Агар дарди ноф бинад, далел ки аёлро биранҷонид Агар аврати ӯ дард мекард, далел ки ба фасод дарояд. Агар маҳъади ӯ дард мекард, далел ки бар зердастон шафқат накунад.

## ДУРӮҒ ГУФТАН

Дурӯғ гуфтан дар хоб бар фасоду табоҳии дин буд. Агар касе бинад, ки дурӯғ мегуфт, далел ки дини вай табоҳ бошад.

## ДУРЕДГАРӢ КАРДАН

Дар хоб сӯҳбат бо мардуми мунофиқу бадмазҳаб бошад. Аҳли чӯбро ба хоб дидан далел бар нифоқ бошад. Дуредгар, ба таъбири Ҷаъфари Содиқ муаллими кӯдакон бошад.

## ДАРВЕШӢ

Дарвешӣ дар хоб беҳтар аз тавонгарӣ буд. Агар бинад ки дарвеш шуда буд, далел бар салоҳи дин буд Агар тавонгар шуда буд, таъвилаш хилофи ин буд Агар бинад ки бо дарвеши мусулмон хайрат кард, далел, ки аз ваму ранҷ раста гардад.

## ДАРЁ

Дарё дар хоб подшоҳ буд ё олиме бузург. Агар бинад оби дарё равшан ва соф буд ва хуштаъм далел ки подшоҳ оқилу порсо буд, агар нохӯшу талх буд, подшоҳ муфлису золим буд.

Агар оби дарё бихӯрд, далел ки аз подшоҳ ӯро манфиат расад, агар бинад, ки ба дарё фурӯ шуд, чунон ки ба куллӣ олуда гашт, далел ки ӯро аз подшоҳ ваму андӯҳ расад, агар бинад, ки тани худро аз гил шуст, далел ки ваму андӯҳ аз вай зоил гардад. Агар бинад, ки дар оби дарё шино кард далел ки подшоҳ ӯро маҳбус дорад. Агар бинад ки дар дарё ғарқ шуд ва бимурд, далел ки дар кори дин ғарқ шавад. Ва агар бинад ки фарози дарё мерафт ва пои ӯ тар намешуд далел ки аз оташи дӯзах эмин гардад. Агар бинад, ки аз дарё шикор мегирифт, далел ки рӯзии ҳалол бошад Агар бинад, ки аз дарё ёқуту марҷон баровард далел ки бар илми дин омӯхтан машғул гардад. Агар бинад ки аз дарё наҳангро бигрифт ва кушт далел ки подшоҳ аз дасти вай ва кушта шавад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дидани дарё дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1.подшоҳ, 2.волӣ, 3.раис, 4.мол, 5.олим, 6.кори бузург.

## ДИЖ /КАЛЪА/

Агар бинад ки диж бино кард, далел бар салоҳи вай буд. Агар бинад, дижи худро хароб кард, далел бар табоҳии вай буд. Агар бинад, ки ҳар замон аз диж берун омад, далел ки дар кори дин комил набошад.

## ДУЗДӢ КАРДАН

Агар бинад, ки моли касе дуздид ва чизе харҷ кард, далел ки ӯро бикушанд. Агар бинад ки ният дошт, бидуздад, аммо надуздид, далел ки ба касе макрӯҳӣ расад. Агар бинад ки аз хонаи вай чизе бидузданд, далел ки ранҷе офате ба вай расад. Кирмонӣ гӯяд агар, ба хоб бинад, дар дасти дузд асир шуд, далел ки ҳоли вай бад шавад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, дуздӣ дар хоб беморӣ буд. Муаббирон гӯянд, он ҷо ки дуздӣ кунанд, далел домоде бошад ва ё писаре дар вуҷуд ояд ва агар худованди хоб воибе дорад, ба саломат боз ояд Дониёл гӯяд, дуздӣ дар хоб дидан хиёнат ва ҳиллат буд.

## ДАСТОРИ САР /САЛЛА/

Ибни Сайрин гӯяд, дастор ба хоб дидан дин буд. Ва агар бинад, дастор ба сар сафед ё сабз буд ё аз қатон ё аз пунба буд, далели салоҳи дин буд. Агар бинад, дастор сафед ва покиза дошт, далели салоҳи дин ва дунё буд. Дастори қаз ва абрешим далели некӯии ҳоли ин ҷаҳон буд Ва агар бинад, ки бо дастори вай дастори дигар пайваста шуд, далел, ки бузургӣ ва манзалаташ бештар гардад ва агар бинад, ки дастор аз вай биафтод ва зоеъ шуд, далел бар нуқсони дин ва беҳурматии ӯ бошад. Кирмонӣ гӯяд, агар дастори худ дуздид, бинад далел бар нуқсони қадр ва ҷоҳи ӯ буд. Ва агар бинад, дасторе печида хуб дошт, далел, ки бо асҳоби дин ва дунё созгорӣ кунад ва агар бинад, ки дастор тироз дошт, далел, ки дар миёни сафар дар мардум машҳур гардад. Ва агар ки дастор сурх бинад, далел ки бар касе ситам кунад ва агар зард бинад, далел ки бемор шавад ва агар кабуд бинад, далел, ки ӯро мусибат расад ва агар сиёҳ бинад,

*магар хатиб ва қозӣ ва агар бар сар дастори абрешимӣ бинад далел, ки музаф ва додгар буд ва мардум ӯро азиз доранд ва агар бинад, ки дастори дароз печида буд, далел ки аз сафар зуд боз ояд ва дастори абрешими далел бар фасоди дин. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дидани дастор дар хоб бар ҳафт ваҷҳ буд: 1/Дин, 2/ Раёсат,3/Амал, 4/ Вилоят, 5/Мартаба, 6/Тавоноӣ, 7/Сафар.*

## ДАСТ

*Дониёл гӯяд, дасти рост таҷвили бародар буд ва дасти чап хоҳар буд. Ва агар бинад, ки дасти рости вай дароз шуд, далел, ки кори бародараш ё анбозаш некӯ гардад ва агар бинад, ки ҳарду дасташ боз кӯтаҳ шуд далел ки бародар ва хоҳар аз вай рӯй бигардонанд ва агар бинад, ки ҳарду дасташ кӯтаҳ шуд, далел, ки нафъе аз бародар ва хоҳар боз гирад, ва агар бинад, ки ҳарду дасташ кӯтоҳ шуд, далел, ки нафъи аз бародар ва хоҳар боз гирад ва агар бинад, ки ҳарду дасташ бурида афтода буд, далел ки бародар ва хоҳар дар зиндагӣ аз вай ҷудо шаванд.Ва агар бинад, ки ҳарду даст бар сина ниҳода буд,далел ки ба ҷиҳати дӯстони худ вам хӯрад ва агар бинад, ки миёни гурӯҳе буд ва даст мезаданд, далел ки дар он ҷо арӯсе кунад ва агар бинад, ки танҳо даст мезад ва шодӣ мекард, далели вам ва андӯҳ буд ва агар бинад, ки қозӣ ё султон дасти рости ӯ буриданд, ба қавли Ибни Сайрин, далел ки бародар ё хоҳар ё фарзандаш бимирад ва агар ҳарду дасташ буриданд далел аз касб ва муроди худ бозмонад ва агар бинад ки ба як даст аз дасти дигар пӯст бозмегирад, далел, ки бар касони худ зулм ва бедод кунад ва агар бинад ки дасти худро бо корд мебурид, далел ки бо касе хусумат кунад ё дили вай ба касе машғул буд ва агар бинад ки яке дасташ буриданд ва ӯро бар дор карданд далел ки амирони он мавзеъ маъзул гарданд. Агар бинад ки монанди чаҳорпоён ба чаҳор дасту пой мерафт, далел ки орзуи маҳол ҷӯяд ва душвор барояд. Агар бинад ки дасташ бурида шуд ва Қуръон мехонд, далел ки дасташ аз маъсият боз дорад ва муаббирон гӯянд, ки дасти бурида далел ба умри дароз дорад. Агар бинад ки дасти рости ӯ буриданд ба гуноҳе, далел, ки дурӯғгӯй буд. Агар бинад ки дасти хеш чун чанбар бар гардан карда буд далел бар кирдори некӯ тоати ҳаҷу ғазо кардан буд.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки даст дар хоб бар 12 ваҷҳ*

*буд:1.бародар, 2.хоҳар, 3.анбоз,4.дӯст, 5.фарзанд,6.рафиқ, 7.қувват, 8.тавоноӣ,9.мол, 10.вилоят,11.муҳиб, 12.пеша ва ҷанъат*

## ДАСТУ РӮЙ ШУСТАН

*Агар бинад, ки дасту рӯй ба оби сард шуст, далел, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад. Агар бемор буд, шифо ёбад. Агар бинад, ки дасту рӯй нашуста намоз гузорид, далел ки динаш заиф бошад. Агар бинад, ки дасту рӯяш каси дигар мешуст, ва ӯ тааммул кард, далел ки муродаш ҳосилояд.*

## ДУШМАН

*Агар ба хоб бинад, ки ӯ ба душман ғалаба кард, таъвилаш хилофи ин буд.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани душман дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1.бастагии корҳо, 2.ғаму андӯҳ, 3.хусрони мол.*

## ДАШНОМ

*Агар бинад ки касе ӯро дашном медод далел ки ӯро ҳол некӯ буд ва он кас бар душман дашномдиҳанда зафар ёбад.*

## ДУЪО КАРДАН

*Дуоъ кардан дар хоб равои ҳоҷат ва омӯрзиш мехост, далел ки хотимаи кораш ба хайр буд.*

## ДАФ ЗАДАН

*Дафъ задан дар хоб амри маъруф кардан аст. Ҷаъфари Содиқ фармояд даф задан дар хоб шунидани нишот буд.*

## ДАЛОЛӢ КАРДАН

Далолӣ кардан ба хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1.маслиҳат кардан дар миёни мардумон. 2. роҳи рост. 3.кирдори нек. 4.амри маъруф. Далол марде буд, ки роҳномаи мардумон бошад.

## ДИЛ

Бидон ки дил подшоҳи шаҳри тан аст ва тан ба фармони ӯ қоим аст. Дил дар хоб дидан ҷамъ кардани мол аст. Агар бинад, ки дил аз тани вай берун буд, далел бар салоҳу некӯӣ буд. Агар бинад ки дили вай танг шуд, далел ки корҳо бар вай душвор гардад.Агар дили вай шодмон буд, далел ки корҳо бар вай кушода гардад. Агар дил бар даст ниҳода бошад, далел ки бемор гардад. Агар бинад ки дилаш дард мекард, далел ки молаш зиёда гардад.

Агар бинад, ки аз дили вай хун берун меояд, далел, ки аз корҳои бад тавба кунад. Агар бинад, ки аз дили вай гавҳар берун омад, далел, ки кофар гардад. агар бинад ки дили вай равшан буд, далел бар салоҳияти дини вай буд ва агар торик буд, хилофи ин буд.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд дидани дил дар хоб бар 10 ваҷҳ буд: 1/ мол, 2/ раёсат, 3/ фарзанд, 4/ шуҷоат, 5/.ҷавонмардӣ, 6/ ҳирс, 7/ қувват, 8/ нусрат, 9/ шаҳват, 10/ниҳон доштани аҳволи худ.

## ДУМ

Агар бинад, ки чун гову хар дум дошт, далел ки молаш зиёда гардад. Аммо дар роҳи дин суст аст. Агар бинад, ки.думи ӯ чун думи саг ё гург ё шагол буд, далел ки моли ҳаром ёбад.Агар дар даст дум,, гов ё хар дошт, далел ки бар қадри он молу неъмат ёбад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, дум дар хоб дидан бар 4 ваҷҳ буд: 1.байъ, 2.борон, 3.мол, 4.роҳат.

## ДУНБА

Агар бинад ки дунбаи хом мехӯрд, далел ки моли шубҳа

*хӯрад. Агар бинад ки дунбаи пухта мехӯрд, далел ки душманаш аз моли вай бихӯрад Агар бинад ки ӯро чун гӯсфанд дунба буд, далел, ки ӯро фарзанде ояд, ки худованди давлату иқбол буд.*

## ДАНДОН

*Дандон дар хоб дидан аҳли хонавода буд. Дандонҳои боло далел бар нарина буд. Ва дандони зер далел бар модина. Дандони пеш далел бар фарзандон буд ва ҳамчунин бародарон, хоҳарон ва ё падару модар ва дандонҳои пасин бар хешони дур буд.*

*Агар бинад ки дандони пеши вай меҷунбад, далел ки бар касоне, ки васф кардем, яке бемор шавад. Агар бинад ки дандони пешини вай бар кафи даст ё бар замин афтод ва хоколуд нагашт, далел ки ӯро фарзанде ояд. Агар дандони вай дар хок афтод ё зоеъ шуд, далел, ки аз хешовандони вай касе бимирад. Агар бинад ки дандони вай бишкаст, ё пӯсид, далел, ки аз хешовандони вай касеро офате расад. Ва агар дандони вай кӯфта шуд, бо касоне ки гуфтем ӯро бо эшон хусумат афтод. Агар аз дандон яке биканд, далел, ки он ҷо ҷамоат ӯро сухани зишт гӯянд. Агар бинад ки даңдони вай зиёда шуд, касонеро ки гуфтем, якеро хуррамӣ расад. Агар бинад ки дар ҷанби дандони вай дандоне раст, агар дар зер буд, далел ки ӯро духтаре ояд ва агар аз боло буд, далел, ки ӯро писаре ояд. Агар бинад, ки ҷумла дандони вай бияфтод, далел ки ҷумла хонаводии ӯ ҳалок шаванд.*

*Агар бинад, ки дандонҳо ба вай хуш меомад, далел, ки ӯро хешовандонаш сано гӯянд. Агар ба хилофи ин буд, далел ки ӯро вайбат кунанд. Агар дандонҳояш дард мекарданд, далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар дандонҳояш зард буд, далел бар беморӣ буд. Агар дандонҳояш сиёҳ буд, далел, бар ғаму андӯҳ буд.*

*Агар дандони худро ба дар ду даст барканд ва бар даст гирифт, далел ки моли бисёр ёбад ва агар аз даҳони касе дандони хунолуд бигрифт далел ки манфиат ӯро буд, ки дандон баргирифт. Ҷаъфари Содиқ фармояд дандон дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1. аҳли байт, 2 мол. 3. манфиат 4. ғаму андӯҳ, 5 муфориқат, 6 мазаррат.*

## ДАҲОН

*Даҳон дар хоб калиди корҳо ва хотимаи кор буд. Агар бинад, ки даҳони вай сахт баста буд, далел ки ҳалок шавад. Агар бинад, ки даҳони вай фарох шуд, далел, ки ўро неъмату рўзӣ расад. Агар бинад, ки даҳони вай некў буд, далел ки суханҳои некў шунавад. Агар бинад, ки гўшти даҳони ў бияфтод, далел ки ўро зиёне расад. Агар аз даҳонаш хун берун омад, далел, ки бо касе гуфтугўе кунад. Агар аз даҳонаш кирм ё ҷонваре берун омад, далел, ки аз аёл ҷудо шавад. Агар аз даҳони вай марворид баромад ва мардум гирифтанд, далел, ки мардумро аз илми вай манфиат буд. Ва агар аз даҳони худ палидӣ меандохт ва мардум аз он мегурехтанд: далел ки шоир буд ва мардумро ҳаҷв гўяд. Ва агар бинад ки касе бар даҳони вай мўҳр ниҳод, далел ки расво шавад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани даҳон дар хоб бар 7 ваҷҳ аст: 1.манзил, 2.хазона, 3.кушоиши корҳо, 4.мол, 5.хоҷат, 6.вазир, 7.дарбон.*

## ДУҲУЛ ЗАДАН

*Дуҳул задан дар хоб каломи ботил ва хабари макрўҳ ва дурўғ буд. Агар бинад, ки бо дуҳул най securities заданд ва пой кўфтанд далел бар ваму андўҳ буд.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд дуҳул задан дар хоб хабарҳои мухталиф буд ва дар он ҳеҷ фоида набуд.*

## ДЎХТАНИ ҶОМА

*Агар дар хоб бинад, ки ҷомаи худ медўхт, далел ки кораш ба мурод шавад. Агар ҷомаи аёли худ медўхт, ҳамин таъвил дорад, агар ҷомаи зани бегона медўхт, далел ки зиёне ба вай расад ва агар бинад, ки ҷомаи марде медўхт, далел ки хайру некӣ бинад. Агар бинад, ки ҷомаи дўхта дар хона бисёр дошт, далел ки рўзии фарох шавад. Агар аз баҳри аёли худ ҷомаи абрешимин медўхт, далел ки ғамгин гардад.*

## ДУД

Дуд дар хоб подшоҳи ситамгар буд. Агар бинад, ки аз ҷониби машриқ ё мағриб дуди азиме буд, далел ки мардуми он диёр аз дасти подшоҳи худ ҷавру ситам кашанд Агар бинад, ки дуд дар олам бархоста буд ва оташ забона мезад, далел ки фитна дар олам афтад, агар бинад, ки аз хона ё аз даҳони вай дуд меомад, далел ки аз подшоҳи ситамгар ўро зиён расад.

## ДЎЗАХ

Агар бинад, ки дар дўзах буд ва берун наёмад, далел ки осӣ ва бадкирдор бошад ва тавба мебояд кардан. Агар дўзахро дид ва ўро аз вай газанде нарасад, далел ки дар ранҷу ғам гирифтор ояд ва агар бинад, ки дар дўзах муқим буд, далел ки дар дунё пайваста аз паи рўзӣ буд. Агар бинад, ки фаришта аз мўи пешонии вай бигрифт ва дар дўзах андохт, далел, ки бинандаи хобро аломати бадбахтӣ буд. Агар бинад, ки дар дўзах чизе мехўрд, далел ки моли ятим ба рибо хўрад. Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дўзах дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.хашми ҳақ таъоло,2. мубталои гуноҳ,3.ҷаври султон,4..мусибату ранҷ.

## ДЎҒ

Харидани дўғ дар хоб ғаму андўҳ буд ва хўрдани он моли ҳаром буд.

## ДЎКОН

Агар касе ба хоб бинад, ки дўконе бино кард, далел ки зане хоҳад агар дўконро хароб кард, далел ки занро талоқ диҳад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд, ки дўкон дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1.зан,2.айш, 3.иззу ҷоҳ 4.накўӣ,5.баландӣ, 6.чун дўкон нав буд, мартаба бошад.

## ДАВИДАН

*Агар дар хоб бинад, ки медавид, ё сутур медавонид далел ки ба сафар шавад, ҳарчанд давидани ӯ баландтар буд сафари ӯ дур буд. Ва агар бинад, ки бар аспи полонӣ савор буд ва медавонд, далел ки бо аёл ба сафар равад. Агар дар давидани бар касе сабқат кард, далел дар ҳирси мол аз вай сабақ гирад.*

## ДЕБО

*Дебо дар хоб хайру салоҳи ин ҷаҳонӣ буд. Агар марде бинад, ки қабои заррини парниёнӣ пӯшида буд ва вазо кард, далел ки иззу ҷоҳ ё бад дар дин ва дунё. Агар зане бинад, ки ҷуббаи атласини сабз пӯшида буд, далел ки он зан диндор буд, агар атласи сафед пӯшида буд, далел бар порсоии ӯ кунад, агар атласи кабуд буд, далел бар мусибат буд. Агар атласи сиёҳ буд, далел ки андӯҳгин гардад.*

## ДЕГ

*Деги нав дар хоб зан буд ва агар бинад ки дег фаро гирифт ва дар оташ ниҳод ва хӯрданӣ мепухт, далел ки ба сабаби коре аз подшоҳ манфиат ёбад. Агар бинад, ки деги мисин ё сангин дошт, далел, ки фоида ёбад. Агар бинад, ки дар дег гӯшту хӯрданӣ буд, далел ки рӯзи беранҷ бар вай расад. Агар дег бишкаст, далел, ки кадхудо ё кадбону бимирад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд. Дег дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1.кадхудоӣ хона, 2.кадбону, 3.зан, 4.раис, 5.муаккил бар ҳавоиҷ.*

## ДЕҲА

*Агар ба хоб бинад, ки дар деҳа буд ва номи он деҳа намедонист, далел ки хайру некӣ буд, агар номи он деҳа бидонад, таъвилаш хилофи ин буд. Агар касе ба хоб бинад аз шаҳре ба деҳа ободон шуд, далел бар хайру баракат ва иззу иқбол кунад.*

## ДЕВОР

*Ибни Сайрин гўяд, ки девор ҳоли бинандаи хоб буд, агар девори маҳкам ва некў буд, далел бар некўи ҳоли ў буд ва агар девори кўҳна буд ва хароб мекард, далел бар ғаму андўҳ буд. Агар бинад, ки девор бияфтод, далел ки аз маишат бияфтад. Агар бинад, ки девори шоҳ ё девори масҷид бияфтод далел ки волии шаҳр ҳалок шавад. Агар ба дасти худ девор аз гилу хишт кард, ба қавли Ҷаъфари Содиқ далел бар покдинии вай буд, агар аз гач буд, далел бар габоҳии вай буд.*

## ДЕВ

*Дев дар хоб душмани бузург бошад. Агар бинад, ки дев ўро васваса кард далел ки аз корҳои носавоб тавба бояд кардан ва агар бо девҷанг кард, ва ўро мағлуб сохт, далел ки динаш дуруст бошад ва агар хилофи ин буд, аз заъфи дин бошад. Агар бинад, ки ба дасти дев асир шуд, далел гуноҳи бузург аз вай содир шавад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд: дев дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1. дидори душман, 2. фасод, 3. шаҳват, 4. аз тоат дур будан. 5. аз аҳли хайру салоҳ дурӣ ҷустан, 6. чизҳои ҳаром.*

## ДЕВОНАГӢ

*Девонагӣ дар хоб моли ҳаром буд Агар бинад ки девона буд, далел ки бо ҳаром афтад, агар бинад ки бо девона ҳамсўҳбат шуд, далел ки бо марде рибохуру муфсид ҳамсўҳбат шавад.*

## ЗАКАР

*Қозиб дар хоб фарзанди муборак ва номовар бошад. Агар касе бинад, ки ўро ду қозиб буд, далел ки ўро фарзанд буд миёни мардум ба бузургӣ машҳур. Бузургии қозиб далел бар бисёрии фарзанду номоварӣ буд. Кўчакии қозиб хилофи ин буд. Агар бинад, ки аз қозиби вай моҳӣ берун омад, далел ки ўро духтаре ояд ва агар аз қозиби вай гурба берун омад, далел ки ўро фарзанде дузду роҳзан ояд. Агар муше берун ояд, далел бар нобакор. Ва*

*агар море берун ояд, далел ки ӯро фарзанде ояд, ки ӯро душман бошад. Агар бинад, ки бар қозибаш мӯй раста буд, далел ки бар ҷиҳати фарзанд шодмон гардад ва агар қозибаш омос /варам/ гирифт, далел ки молаш зиёдат шавад. Агар бинад, ки касе ба қозиби вай зад, далел бар табоҳии айши вай буд. Агар зане бинад, ки қозиб дошт, агар он зан обистан буд, далел ки ӯ писаре орад. Ва агар обистан набуд, далел ки обистан гардад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, қозиб бар хоб бар 7 ваҷҳ буд: 1.фарзанд, 2.аҳли хона, 3.мол, 4.умр, 5.бузургӣ, 6.талаби ҳоҷат, 7.некӯии ҳол.*

## *РОН*

***Р**он дар хоб қуввати хешони вай бошад. Агар ба хоб бинад, ки рони ӯ бишкаст, ё бияфтод, далел ки вай аз хешон ҷудо шавад. Рони рост далел бар хешони падар. Рони чап далел бар хешони модар аст. Агар бинад, ки рони вай борик шуд, далел ки кори хешони вай заиф шавад. Агар бинад, ки гӯшти рони вай афтода буд, далел ки моли хешони вай зоеъ шавад. Агар бинад, ки рон ба ресмон баста буд, далел ки аз хешон ҷудо нашавад. Агар бинад, ки гӯшти рони ӯ худ мехӯрд, далел ки моли хешон бихӯрад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки рон дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.аҳли байт, 2.дӯстон.3 мол.4.хашм.*

## *РОҲ*

***Р**оҳ ба хоб дидан далели дину истиқомат буд. Агар бинад, ки дар шоҳроҳ мерафт, далел ки ба роҳи дин буд. Агар бинад, ки гурӯҳеро ба роҳи рост роҳбарӣ мекард, далел ки қавмеро барои салоҳи дин роҳбарӣ кунад Агар бинад, ки дар роҳе саргашта ва ҳайрон буд, далел ки дар роҳи дин ё кори дунё саргашта ва ҳайрон гардад Агар бинад, ки касе ӯро аз роҳи рост ба роҳи каҷ бурд, далел ки ба маъсияте машғул гардад ва агар ба шаби торик мерафт ва роҳ бар вай мушкил буд ва гумон дошт ки роҳи рост аст, далел ки истиқомати роҳи рост ёбад. Агар бинад, ки роҳ бар вай мушкил шуд ва надонист куҷо меравад ё ба қавли Расули Икром с.а.в. ҷониби дасти рост гирифт, далел ки роҳи ҳақ бар вай пӯшида гардад. Агар дар роҳе ки мерафт, сабза буд, далел бар покдинии ӯ.*

*Агар дар роҳе пӯшида ба гумон мерафт, далел ки бар дин бидъат оварад ё дар кори худ саргашта шавад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани роҳ дар хоб бар 5 ваҷҳ буд, 1.дунё,2.ромиш,3.кори некӯ,4.хайру баракат, 5.осонӣ ва заҳмат.*

## РОҲЗАН

*Агар бинад, ки роҳзан моли вай бистуд, далел ки бо марде пайвандад, ки ӯро азиз ва гиромӣ кунад ва аз вай фоида ёбад.Агар роҳзан аз вай чизе бидуздид, далел ки он роҳзан ба вай дурӯғ гӯяд.Агар роҳзан кулоҳи ӯро бидуздид, далел ки ба мусибат олуда гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд: роҳзан дар хоб бар се ваҷҳ буд. 1.ҷанг, 2.хусумат ва воми дурӯғ. 3.табоҳии айш.*

## РУБОБ

*Рубоб дар хоб далел бар сухани ботилу дурӯғ буд. Агар бинад, ки рубоб мезад, далел ки сухани дурӯғ гӯяд Агар бинад, ки дар пеши вай рубоб мезаданд, далел, ки ба дурӯғ ризо бидиҳад. Агар бинад, ки бо рубоб чангу чағона мезад, далел бар мусибат буд.Агар бинад, ки рубоб бишкаст, ё зоеъ шуд, далел ки аз сухани ботил тавба кунад.Агар бемор бинад, ки рубоб мезад, далел ки бимирад ё беморияш сахт шавад.*

## РУХСОРА

*Агар ба хоб бинад, ки рухсораи ӯ сурх буд, далел ки дар миёни мардум равшаноӣ гардад.Агар рухсораи ӯ зард ё сиёҳ буд, таъвилаш хилофи ин буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, рухсора дар хоб далел бар некӯии ҳол ва шодии мардум буд ва зиштии рухсора далел бар ғаму андӯҳ буд ва беморӣ кунад.*

## РАСТАХЕЗ

*Агар бинад, ки қиёмат оманно ва садақно бархост, далел ки дар он диёр ҳақ таъоло адл густаронад. Агар бинад, ки*

*аҳли он диёр пеши худо истодаанд, далел ки худованд бар онҳо хашм фиристад. Агар бинад, ки қиёмат бархост, далел ки мазлум бар золим даст ёбад ва агар бинад, ки бо вай ҳисоб карданд, далел ки ўро зиёне расад. Агар худро бар сирот дид, далел ба роҳи рост бошад ва агар бар сирот натавонист гузашт, далел ки бар роҳи хато буд.*

## РАСАН

*Расан дар хоб аҳду паймон буд. Агар бинад, ки даст дар расан зада буд ва аз ҳаво муаллақ овехта буд, далел ки ба қадри баландии расан манзилат ёбад. Агар бинад, ки расане аз осмон овехта буд ва ў даст дар он зада буд, далел ки паймоне буд миёни ў ва ҳақ таъоло Агар даст дар расан зада бошад, далел ки даст дар дин зада бошад.*

*Агар бинад, ки расан дар гардани вай карда буданд, далел ки паймоне ки бо касе карда буд, дар гузоридани вай таъхир мекунад.*

*Ҷаъфари Содиқ гўяд: расан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.Аҳду паймон, 2.дин, 3.амонат,4.равои ҳоҷат&*

## РИЗВОН

*Бидон, ки ризвон дарбони биҳишт бошад. Агар бинад, ки ризвон ба хоб дид, далел, ки аз азоб эмин гардад. Агар бинад, ки ризвон дар биҳишт истода буд, далел ки аз дунё биравад. Агар ризвон ўро марворид ё ёқут дод, далел ки ўро фарзанде ояд доно ва олим чунон, ки номаш ба илм машҳур гардад.*

## РАФТАН

*Агар бинад, ки аз шаҳри худ мерафт, ва надонист, ки куҷо меравад, далел ки саргашта гардад. Агар бинад, ки монанди уштуре мерафт, далел ки саодати дунё ёбад. Агар бинад, ки монанди даде /ҳайвон/ мерафт, таъвилаш бад бошад. Агар монанди мурғони шикорӣ мерафт, таъвилаш хуб бошад. Агар аз харобӣ ба ободӣ мерафт, далел ки аз тангӣ ба фарохӣ расад.*

## РУФӮ /ДАРБЕҲ/ КАРДАН

Руфӯ кардан дар хоб ҷомаро ва дигар чизҳоро далел бар ҷангу хусумат буд. Агар бинад, ки ҷомаро руфӯ кард, далел ки ӯро ба касе аз хешон хусумат афтад. Агар ҷомаи худро руфӯ кард ва натавонист, далел ки аз ҷиҳати аёли худ ғаму андеша кунад.

## РАҚС КАРДАН

Пой кӯфтан дар хоб ғаму андӯҳ буд. Баъзе муаббирон гӯянд, мардонро аз зиндон раҳоӣ буд. Рақс кардан дар хоб занонро расвоӣ буд ва мардонро мусибат. Сӯфиёнро ғаму андӯҳ набуд.

## РАГ КУШОДАН /ХУН ГИРИФТАН/

Агар бинад, ки ӯро рагкушоданд, далел ки аз дӯсте сухани хуш шунавад. Агар бинад, ки раг кушод ва хун аз вай берун омад, далел ки аз султон ӯро заҳмате расад. Агар бинад, ки олиме ӯро раг зад ва хуни бисёр рафт, далел бар зиёдатии мол. Агар аз дасти чап далел аз зиёдатии моли дӯстон. Агар бинад, ки маъруфе ӯро раг кушод, агар занаш обистан набуд, далел ки обистан шавад, агар обистан буд, далел ки духтаре орад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. гӯяд. Раг задан дар хоб далел бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/ кушодани кор, 2/ сафар, 3/ хусумат, 4/ аз ҷиҳати мол анбозӣ кардан.

## РАГҲО

Рагҳои тан далел бар аҳли байт ва хешон буд. Агар бинад, ки ба рагҳои андоми вай офате расид, далел ки хешони вай ғаму андӯҳ хӯранд. Рагҳои пешонӣ далел бар меҳтарон кунад. Раги даст ва бозу далел бар фарзандон ва хешон буд. Агар бинад, ки аз дасти ӯ хун ҳамерафт, далел ки мол ёбад ва агар бинад, ки раги ӯ тиҳӣ ва кабуд буд, далел ки ӯро андӯҳе расад.

## РИКОБ

Агар ба хоб бинад, рикоб аз зин ҷудо буд, далел бар фарзанд буд. Агар бинад, ки рикоби ӯ зин буд, далел, ки фарзанди хеш танбин оварад ва агар рикоби ӯ симин буд, далел, ки фарзанд ба моли дунё фирефта шавад. Агар рикоб оҳанӣ буд, далел, ки бар ҳадри равшанӣ ӯро ҳуввват дар кори дунё буд.

## РАНГҲО

Рангҳои сафед дар хоб дидан дар ҷома ва ғайри он далел бар покии дин буд. Ранги сурх мурод ва кароҳият ва ранҷ буд ва занонро нек буд. Ранги сабз нек буд, дар дину дунё ва ранги сабз мусибат бошад.

## РӮБОҲ

Рӯбоҳ дар хоб марди фиребанда бошад, зани дурӯғгӯ. Агар бинад, ки бо рӯбоҳ дар набард буд, далел, ки ӯро бо марде хусумат афтад. Агар бинад, ки бо рӯбоҳ бозӣ мекард, далел ки зане ӯро дӯст дорад. Пӯсти рӯбоҳ моле буд, ки ба ҳила ситонад ва шири рӯбоҳ хӯрдан ба хоб далел шифо аз беморӣ буд.

## РӮД

Рӯди бузург дар хоб марди бузург буд. Агар бинад, ки аз рӯд берун омад, далел ки аз балову ғам раста гардад. Агар бинад, ки рӯди бузург хушк шуд, далел ки вазир маъзул гардад. Оби рӯдро тира бинад. далел, ки бемор гардад. Агар оби рӯд талх буд, далел ки ришва ситонад. Агар бинад, ки дар рӯд хун мерафт, далел ки дар он мавзеъ хунрезӣ бисёр шавад. Агар ки ба оби рӯд худро шуст, далел ки аз шарри подшоҳу вазир эмин гардад. Агар

бинад, ки зери об ғӯта мехӯрд, далел ки аз рози подшоҳ огоҳ шавад. Агар ҷомаи худро шуст, далел ки варо ва аҳли байти ӯро аз подшоҳ эминӣ буд. Агар худро дар рӯд аз шир бинад, далел ки дар фитна афтад.

Ҷаъфари Содиқ р.а. фармояд рӯд дар хоб бар 7 ваҷҳ

буд: 1.ҳаҷ, 2.бандагӣ, 3.подшоҳӣ, 4.тиҷорат, 5.мол, 6.раёсат, 7.зафару илм.

## РӮДА

Агар ба хоб бинад, ки рӯдае фаро гирифт ва бихӯрд, далел ки аз хешон хайру манфиат бинад. Агар бинад, ки рӯдаҳои вай аз дарун пайдо шуд, далел ки фарзанде аз хешони вай меҳтар гардад. Агар бинад, ки рӯдаи касе мехӯрд, далел ки моли касе бихӯрад.

Магрибӣ гӯяд, агар рӯда аз даҳонаш берун омад, далел ки марги фарзандонаш буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд рӯда дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1.моли ҳаром, 2.сухани нохуш, 3.дашном, 4.фарзанд, 5.зиндагонӣ, 6.кор кардани хеш.

## РӮЗҲО

Агар бинад, ки рӯзҳои одина буд ва рӯзи шанбе буд, далел ки коре шурӯъ кунад ва пиндорад, ки дар он кор хайр аст, аммо дар он кор шарр буд. Ва агар бинад, ки рӯзи шанбе ва рӯзи одина буд, хилофи болост. Ва агар бинад, ки шаб аст ва рӯз бошад, далел бар некӣ бошад. Рӯзи шанбе бошад, дӯсти ҷӯҳудон бошад. Рӯзи якшанбе, дӯсти тарсоён. Агар шанберо одина пиндорад, далел ки ҳавоҳоҳи неъмат ва тавонгарӣ бошад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки беҳтарин рӯзҳо одина буд ва рӯзи шанбею панҷшанбе.

## РӮЗА ДОШТАН

Агар ба хоб бинад, ки рӯза медошт ва тасбеҳу қуръон мехонд, далел ки аз гуноҳи ҳаром тавба кунад. Агар бинад, ки рӯза дошт ва ғайбати мардум мекард, далел ки тоати ба риё бикунад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки рӯза доштан дар хоб ба 10 ваҷҳ буд: 1.бузургӣ, 2.раёсат, 3. тандурустӣ, 4.мартабат, 5.тавба, 6.зафар, 7.неъмат, 8.ҳаҷ. 9.ғазо, 10.писар. Рӯза кушодан ба фаромӯшӣ далел бар некмардӣ ва ӯ рӯзии ҳалол буд. Чун рӯза ба қасд кушояд, далел ки дар сафар боло кашад ё бемор гардад. Агар бинад, ки як сол пайпай рӯза дошт, далел ки ҳаҷ гузорад. Агар рӯзаи Ошура дошт, далел ки аз ғаму андӯҳ халосӣ ёбад.

## РУСТО

**А**гар рустоӣ худро дар ҷойгаҳи маҷҳул дид, далел ки бар хайр буд. Агар дар ҷойгаҳи маъруф бинад, далели нек буд. Агар бинад, ки аз рустое ба шаҳристон рафт, иншооллоҳ аз фитна ва азоб эмин гардад. Агар бинад, аз шаҳр ба русто рафт, таъвилаш ба хилофи ин буд.

## РАВШАНОӢ

**Р**авшаноӣ дар хоб дини худо буд Агар бинад, ки равшаноӣ фаро гирифт: далел ки касеро илми дин биёмузад. Агар бинад, ки равшаноӣ ба дили ӯ афтод, далел ки порсо ва покдин бӯд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки равшаноӣ дар хоб бар 4 ваҷҳ аст: 1.дини худо, 2.илм, 3.роҳи рост, 4.эътиқоди пок.

## РАВҒАН

**Р**авған дар хоб молу неъмат буд. Агар бинад, ки равғани гов дошт ва мехӯрд, далел ки ба қадри он мол ёбад ва агар равғани гӯспанд бинад, ҳамин таъвил дорад. Равғани бодом ва равғани кунҷит молу неъмат ёбад. Агар ба хоб бинад, ки ҳама тани вай равғанолуд буд, далел, ки бемор гардад. Ҳама равған чун хушбӯ буд, далел бар некӯӣ буд, Агар бинад, ки ҷомаи ӯ равғанолуда шуд, далел ки андӯҳгин гардад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд, равғани хуш ба об бар 6 ваҷҳ буд. 1.зани хубрӯ, 2.канизак. 3.санои некӯ, 4.манфиат, 5.суханони хуш, 6.табъҳои некӯ.

Равғани ганда далел бар се ваҷҳ буд: 1:зани русӣ /пурхӯр/, 2.фисқ, 3.суханони зишт.

## РӮЙ

**А**гар касе рӯе ба хоб бинад, ба ҷамолтар аз он ки ҳаст, далел ки шарафу манзилати ӯ зиёда гардад ва агар рӯи худ зишту нохуш бинад, далел ки манзилаташ кам гардад. Агар гунаи хӯд сурх ё покиза бинад, далел ки рӯшинос гардад. Агар гунаи рӯи вай сафед шуд, далел бар қуввати дини вай буд. Агар

*гунаи вай зард шуд, далел ки бемор шавад Агар рӯи вай сиёҳ буд, далел ки миёни халқ расво шавад. Агар бинад, ки бо сиёҳрӯӣ ҷомаи сафед пӯшид, далел ки ӯро духтаре сяд. Агар бинад, ки рӯяш хунолуда буд ё зардоб аз рӯяш меомад, далел нуқсони моли вай буд. Агар бинад, ки рӯи вай каҷ буд, далел бар табоҳии ҳоли вай буд. Агар бинад, ки пеши рӯи вай хол буд, далел ки зандор гардад. Агар бар рӯи худ ҷароҳате бинад, далел ки қадри он ғаму андӯҳ ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани рӯй дар хоб бар 8 ваҷҳ буд: 1.шарафу бузургӣ, 2.хорӣ, 3.низоми корҳо, 4.дину диёнат, 5.расвоӣ, 6.вом, 7.некӯӣ, 8.тавфиқи тоат.*

## РАЙҲОН

*Агар бинад, ки райҳон сабзу хушбӯй буд, далел бар фарзанд буд. Кандани райҳон аз замин далел бар ғаму андӯҳ буд. Донёр гӯяд, ки райҳон ба хоб дидан агар хушбӯй буд, далел бар некӣ буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, райҳон ба хоб дидан ба ҳафт ваҷҳ буд: 1.зан, 2.канизак, 3.дӯст, 4.фарзанд, 5.сухани хуш, 6 маҷлиси илм, 7.кирдори нек.*

## РЕСМОН

*Ресмон дар хоб сафар буд. Агар бинад, ки аз пашм ресмон мерешт, далел, ки кори ҳалол кунад. Агар бинад, ки ресмони бисёр дошт, далел ки умри дароз бинад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ресмон дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1.кор, 2.сафар, 3.умри дароз, 4.манфиати бисёр, 5.ҳоҷат ва касби ҳалол.*

## РИШ

*Риш дар хоб ороиши мардум аст. Агар бинад, ки риши худро бо нохун биёрост, далел ки кадхудои худро бемор бинад. Агар риши ӯ дароз шуд, далел ки кори кадхудои ӯ сохта гардад. Ва агар ба дарозӣ аз ноф гузашта бошад. далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки риши худро ба замин мекашид, далел ки аҷалаш наздик омада бошад. Агар риши ӯ бурида буд, далел ки моли ӯ зиён ёбад. Агар риши ӯ сафед гардида буд, далел бар*

бурдбории ӯст, аммо ғамгин шавад агар бинад, ки риш бо дандон мебурид далел ки аҳли байти ӯро зиён расад. Агар бинад, ки риши ӯ аз беморӣ фурӯ рехт, далел ки ӯро аз марги муфоҷот бим бошад. Ва молу обрӯяш биравад. Агар бинад, ки риши худро шона кард, далел ки шуғле кунад, ки мардум шукри ӯ кунанд. Агар бинад, ки даст бар риш бурд, ва пораи риш ба дасташ монд, далел ки мол аз дасташ биравад. Агар бинад, риши ӯ кӯтоҳ буд, агар вомдор буд, вомаш гузорида шавад ва агар ғамдор буд, беғам гардад. Агар риши ӯ бар замин афтода буд, далел ки бимирад. Агар бинад, ки мӯи сафед аз риши худ канд, далел ки мухолифи суннат бошад. Агар бинад, ки сару риш якбора тарошид, далел ки ҳурмату обрӯяш биравад. Агар зане бинад ӯро риш буд, далел ки ғамгин шавад ва коре кунад, ки ӯ расво шавад. Ва агар марде бинад, ки ӯро риш баромад, далел ки ҳаргиз фарзанд наёбад. Ҷаъфари Содиқ фармояд: риш дар хоб бар даҳ ваҷҳ буд: 1.баъъ, 2.изу ҷоҳ 3.мартабат, 4.ҳайбат, 5.мурувват, 6.некӯӣ, 7.тазвиҷ, 8.мол, 9.киромӣ шудан. Аммо риш тарошидан ҳоҷиёнро ва зиндониёнро хуб буд.

## РЕГ

Ибни Сайрин гӯяд рег дар хоб далел бар салоҳ, хайру манфиат буд.

Агар бинад, ки дар миёни рег мешуд, далел ки аз баҳри касб ба шуғле машғул гардад. Агар бинад, ки рег мехӯрд, ё ҷамъ мекард, далел ки бар қадри он аз мардум хайру манфиат бинад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд: рег дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1: машғул будан, 2.мол, 3.манфиат, 4.рафъат.

## ҲАРФИ З

## ЗАН

Ибни Сайрин гӯяд агар зане ба хоб бинад, ки ӯро духтаре буд, далел ки чизе ба вай расад. Агар бинад ки марде писаре зод ва занаш обистан набуд, далел ки ӯро духтаре ояд ва агар бинад, ки духтаре зод, далел, ки писаре ояд. Зани подшоҳ агар бинад, ки духтаре зод, далел ки ғамгин шавад.

Агар духтари дӯшиза бинад, ки духтаре зод, далел ки

таъвили он зан дорад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд агар касе ба хоб бинад, ки писаре зоид ва ҳам дар он рӯз ба вай сухан гуфт, далел бар марги бинандаи хоб буд.

### ЗОҒ

Ибни Сайрин гӯяд зов дар хоб марди фосиқ ва баддин буд. Агар зоверо бигирифт, далел, ки ба каси баддин пайвандад. Агар бинад, ки зоверо бикушт, далел, ки дар он ҷо дуздону фосиқон гирд оянд. Агар бинад, ки зове шикор кард, далел, ки аз ҷое ба ботил мол ёбад. Зовҳои бисёр дар хоб дидан лашкар буд. Ва агар бинад, ки зоверо пӯст меканд, далел, ки бо зани вариб зино кунад. Агар бинад, ки зоверо бикушт, далел ки бар аҳли байти ӯ зарар бирасад. Агар бинад, ки зову тазарв дар як шалвор буданд, далел, ки канизак фасод кунад. Ва агар бинад, ки бо зов муҷомиат мекард, далел, ки марди дуздро банд кунад.

### ЖОЛА

Ибни Сайрин гӯяд агар бинад дар мақоме жола меборид, далел ки аз мардуми он шаҳрҳо ба подшоҳ ранҷ расад. Кирмонӣ гӯяд жола бо борон ба хоб дидан далел бар неъмат ва фароҳӣ ва эминӣ буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, жола дар хоб дидан бар 5 ваҷҳ буд: 1.Бало. 2.Хусумат,3.Шукр, 4.Қаҳтӣ, 5.Беморӣ.

### ЗОНӮ

Асли зонӯ ба хоб маишати бинандаи хоб буд. Агар бинад, ки зонӯи вай қавӣ ва бузург буд, далел ки кори вай қавӣ гардад. Ва айш дар вай фароғ гардад. Агар бинад, ки ба зону роҳ мерафт, далел ки кори ӯ заиф гардад. Ва маишат бар вай танг шавад Агар зонуи вай шикаста буд, далел ки ҳоли вай табоҳ шавад. Мағрибӣ гӯяд, зонӯ дар хоб ҷойгаҳии ранҷ бошад ва ҳарчи зиёдату нуқсон бар зонӯ бинад, таъвилаш чунин буд, ки ёд кардем.

### ЗАБОН

Агар бинад, ки забонаш бурида шуд, бе он ки ба касе

хусумат дошт, ва ба вақти ҳуҷҷат забонаш баста шуд, таъвилаш ба хилофи ин буд.

Агар бинад, ки забон дар тўлу арз зиёдат шуда буд, далел ки забонаш ба вақти ҳуҷҷат зиёдат шавад ва зафар ёбад. Кирмонӣ гўяд агар бинад, ки ўро ду забон буд, далел ки ўро ҳақ таъоло илму доноӣ насиб кунад. Агар бинад, ки забони худ бибриду қасдан сухан нагўяд, далел ки аз гуфтани ботил тавба кунад. Ва агар бинад, ки забони касе мемакид, далел ки аз он кас илму дониш ҳосил кунад. Агар бинад, ки забонаш гунг шуда буд, далел ки бар фасоди дину дунёи вай буд. Агар бинад, ки забони зане бибрид, далел ки бесатраш кунад ва розаш ошкор кунад. Агар бинад, ки забони дарвеше бибрид, далел ки чизе ба дарвеш диҳад. Агар бинад, ки забонаш ба комаш гирифта буд, далел ки вомдор шавад. Агар бинад, ки бар забони вай мўй баромада буд, далел ки аз сабаби гуфтораш балое бар вай афтад. Агар бинад, ки забонаш омосида буд, далел ки ба сабаби гуфтораш мол ўро ҳосил ояд. Агар бинад, ки забони вай душоха шуда буд, далел ки мунофиқаст. Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани забон дар хоб бар 6 ваҷҳ аст: 1.ҳиммат, 2.раёсат, 3.тарҷумон, 4.ҳоҷат, 5.вакил, 6.ёри сухан гуфтан.

## ЗАХМ

Агар бинад, ки ба тан захм дошт ва асари хун пайдо набуд, далел ки бар захмзананда зафар ёбад. Ва агар бинад, ки аз захми вай хун равон гашт ва андоми ў олуда шуд, далел ки моли ҳаром ёбад ва агар захм хўрд ва тани вай хунолуда гашт ба қавли Кирмонӣ дар моли вай нуқсон буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани захм дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1.зафар ёфтан, 2.хайру манфиат, 3.нуқсони мол.

## ЗАДАН

Агар бинад, ки ўро тозиёна заданд, чунон ки асари задан падид омад, ё ўро ба сутун бастанд чандон заданд, ки хун аз вай падид омад, таъвилаш бад бошад. Агар касе ба хоб бинад, ки ўро тозиёна заданд, далел ки ўро моли ҳаром ҳосил шавад. Агар бинад, ки тозиёна бар касе зад, чандон ки тозиёна пора пора шуд, далел, ки аҳли хонадони вай парокандa гарданд. Ва агар

бинад, ки касе ӯро тозиёнаи бешумор зад, далел ки ӯро ғамє расад. Ва агар касе ӯро дар хоб тозиёна зад, далел ки ғамгин шавад ба сабаби марди мунофиқе. Ва агар бинад, мӯҳтасиб ӯро ба дарра бизад, далел ки султон ӯро амал диҳад. Ва агар бинад, ки ӯро ба кулӯх зад, далел ки аз он касе манфиат ёбад ва агар бинад, ки тапонча ба рӯи вай заданд, далел ки аз касе сухани зишт шунавад. Агар бинад, ки мурда ӯро мезад, далел, ки дар сафар манфиат ёбад. Ва агар бинад ки мурда буд ва ӯро мезаданд, далел, ки қуввати дин буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, задан дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1.манфиат, 2.муҷодила, 3.равшан шудани кори мушкил, 4.сафар, 5.шарафу бузургӣ, 6.моли ҳаром.

## ЗАР

Зар дар хоб дидан мардонро ғаму андӯҳ буд ва занонро некӣ. Агар бинад, ки зар ёфт, далел ки ба қадри он моли ӯ зоеъ шавад. Агар бинад, зар ё сим мегудохт, далел ки дар забони мардум афтад ва агар бинад, зар мефурӯхту мехарид, далел ки ӯро ғаму андӯҳ расад.

## ЗАРДОЛУ

Зардолу ба вақти худ агар ширин буд, далел, ки мол бошад ва агар турш буд, далел бар бемориюю ғам. Кирмонӣ гӯяд, агар устухони зардолу бишкаст ва дид, ки марзи он талх буд, далел бар ғаму андӯҳ. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ба вақти беморӣ буд ва бевақту турш андӯҳ буд. Ва агар ширин бошад, манфиат ёбад.

## ЗАКОТ

Агар бинад, ки закоти мол медод, далел, ки молаш зиёда шавад. Агар бинад, ки закоти фитр медод, далел, ки намозу рӯза ва тасбеҳ зиёдат кунад ва растагорӣ ёбад. Агар вомдор буд, вомаш гузорида шавад, агар бемор буд, шифо ёбад. агар душмандор буд, бар душман зафар ёбад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки закоти мол медод, далел, ки бало аз вай дафъ шавад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки закот ё садақа дар хоб бар 7 ваҷҳ буд: 1.башорат, 2.хайру баракат, 3.равшан шудани кори мушкил, 4. қазои

ҳоҷат, 5.равшаноӣ, 6.фароғ аз ғам. 7.зафар ёфтан бар душман.

## ЗИЛЗИЛА

Агар бинад, ки замин меҷунбид, далел ки мардуми он диёрро подшоҳ мазаррат расад. Баъзе муаббирон гӯянд, офат бар мардум расад ва дар он диёр беморӣ афтад.Ҷаъфари Содиқ фармояд, зилзила дар хоб ва фурӯ шудани замин меҳнату балои азим аз ҷониби подшоҳ буд. Ба ҳар ҳол зилзила дар хоб далел бар уқубат буд бар аҳли он диёр.

## ЗУМУРРАД

Зумуррад ба хоб далел бар фарзанди бародар бошад. Агар бинад, ки зумуррад дошт, далел, ки ӯро фарзанде ояд ё бародаре, ки аз ӯ манфиат ояд. Кирмонӣ гӯяд, зумуррад дар хоб далел бар мазҳабу дини пок буд ва ҳар нуқсону зиёдатӣ, ки дар зумуррад буд, таъвили ӯ бар мазҳаби поки ӯ гардад. Мағрибӣ гӯяд, зумуррад дар хоб дидан сухани некӯ буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки зумуррад дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1.фарзанд, 2.бародар, 3.моли ҳалол, 4.канизак, 5.дӯсти некӯ.

## ЗИМИСТОН

Зимистон дар хоб подшоҳ буд. Агар дар хоб бинад, ки зимистон буд, чунонки мардумонро аз он мазаррат расад, далел ки аҳли он диёрро аз подшоҳ зарар расад. Агар мухолифи ин буд, далел ки аз подшоҳ мардумонро накӯӣ расад. Зимистон дар хоб дидан ба вақти худ нусрату зафар бошад.

## ЗАМИН

Замин дар хоб зан буд. Агар бинад, ки замине дошт фарох ва нек, далел ки ӯро зане бошад ба сатҳу салоҳ. Агар бинад, ки дар он замин сабза ва наботи маҷҳул бошад ва андак аз они ӯ буд, далел ки он кас диндору мусулмон бошад. Агар дар замин биное ниҳод ва иморате кард, далел ки ӯро фазли дину дунё бошад. агар ӯро замине буд, дар миёни саҳро ва он заминро нашнохт,

*далел ки сафари дур кунад. Агар бинад, ки замин меканд ва мехӯрд, далел ки ӯро мол ҳосил шавад. агар бинад, ки дар замине фурӯ рафт, далел ки бимирад. Агар заминро монанди чоҳ меканд, далел ки дар андуҳӯ мусибат афтад. Агар замин ӯро суханони некӯ гуфт, далел ки дар дунё некӣ бисёр кунад. Агар замини ӯ фароху бузург шуд, далел бар дарозии умр ва фарохии ризқ бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, замин дар хоб дидан бар 4 ваҷҳ аст: 1.зан, 2.дунё, 3 мол, 4.вилоят.*

## ЗАНОН

*Зани ҷавон дар хоб шодӣ буд ва зани пир дунё ва шуғли ин ҷаҳонӣ. Зани фарбеҳу маъруф фарохии рӯзӣ буд ва зани зишту ловар қаҳтӣ ва тангӣ буд. Пиразани чиркин далел бар номуродӣ ва бадҳолӣ буд. Агар зане бинад, ки ӯро қозиб буд монанди мардон, далел фарзанде оварад, ки он фарзанд бар қавм бузургу сарвар гардад. Агар зани ҷавон худро пир дид ва дунё кунад ва агар зане бинад ки қозиб дошт ва муҷомиат кард, далел ки ҳурмату бузургии вай кам шавад ва агар он зан мастур буд далел бар хайру салоҳ буд, агар муфсид буд, далел бар шарру фасод буд.*

*Дӯстии занон дар хоб аҳли дунёро зиёдатии мол буд ва аҳли салоҳро илм. Агар бинад, ки ба зани вай касе дастдарон мекард, далел ки аҳли он зан тавонгар шавад Агар бинад, ки зани вай ба фасод назди бегона рафт, далел ки зани вай писар оварад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд зан дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1.Шодӣ, 2.Дунё, 3.Шуғли ин ҷаҳонӣ, 4.Фарохии неъмат, 5.Қаҳтӣ, 6.Тавонгарӣ*

## ЗАНБӮР

*Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки ӯро занбӯр газид, далел ки ӯро бо занони дун ва суханчин кор афтад. Агар бинад, ки занбӯрро бикушт, далел ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки занбӯри бисёр ба қиёс гирд омада буданд, далел ки дар он диёр лашкаре бирасад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд: занбӯр дар хоб бар 6 ваҷҳ аст: 1.ғавғо, 2 марди дӯн, 3 лашкар, 4.зани дӯн, 5.душман, 6.фарзан-*

*дон.*

## ЗАНҶАБИЛ

*Ибни Сайрин гӯяд, занҷабил дар хоб далел бар ғаму андӯҳ бошад ва дар хӯрдани он мазаррату зиён бошад. Баъзе муаббирон гӯянд, занҷабил дар хоб далел бар ғаму андӯҳ буд.*

## ЗАНҶИР

*Ибни Сайрин гӯяд занҷир дар хоб маъсияту гуноҳ буд. Агар бинад, ки занҷир бишкаст ва биандохт, далел ки аз гуноҳ тавба кунад. Агар бинад, занҷир дар гардан дошт, далел, ки дар моли касон дастдарозӣ кунад. Агар бинад, ки занҷир дар пой дошт, далел ки дар хонаҳои мардум маъсият кунад. Ва занҷир дар хоб марде аст ва гунаҳкор буд.*

## ЗАНАХ

*Агар бинад, ки занахи ӯ бузург шуд, далел ки аз баҳри аҳли хона хор гардад. Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки касе занах ба занахи ӯ мезад, далел ки меҳтари хона он бо вай сухан гӯяд, ки аз он ранҷур шавад. Агар бинад, ки аз занахи вай хун мерафт, далел ки бар қадр он аз меҳтари хонадон озор бинад.*

## ЗИНДОН

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки дар зиндон буд, далел бар ҳалокии вай буд. Агар зиндони маъруф буд, далел бар ғаму андӯҳ буд. Зиндон дар хоб чун маъруф бошад, далел бар ёфтани мурод ва оқибати некӯ буд. Ва чун зиндон маҷҳул буд, гӯр бошад ва ғамӯ андӯҳ буд. Чунонки меҳтари Юсуф алайҳиссалом фармуд:"Зиндон ба хоб гӯри зиндагон аст ва манзили болост ва озмоиш кардани дӯстон аст." Ва агар дид, ки дар зиндон шуд ва зуд берун омад, далел муроди тамом биёбад.*

## ЗАНГЎЛА

Ибни Сайрин гўяд зангўла дар хоб ҷангу хусумат буд. Агар бинад, ки зангўла дошт, далел ки бо касе ҷангу хусумат кунад. Агар бинад, ки зангўлаи симин ё заррин касе ба вай дод, далел ки бо тавонгаре хусумат кунад.

## ЗАҲР

Ибни Сайрин гўяд, заҳр дар хоб хўрдан моли ҳаром буд ё хуни ба ноҳақ резад. Агар бинад, ки аз хўрдани заҳр тани вай омос гирифта буд, далел ки моли ҳаром ҳосил кунад. Кирмонӣ гўяд, агар бинад, ки тани вай заҳролуд буд, далел ки дар коре ки буд, сахт ҳарс буд. Ва баъзе муаббирон гўянд, агар тани ўро аз заҳр газанде расад, далел ки ўро ғаму андўҳ расад.

## ЗИРА

Ибни Сайрин гўяд, зира дар хоб чун бисёр бинад, далел бар манфиати дину дунё буд.

## ЗИН

Ибни Сайрин гўяд, зин дар хоб чун бар пушти чаҳорпой набошад, зан буд ва агар бинад, ки бар пушти чаҳорпой буд, далел ки ҳукми некў баъди он бар раҳиб бошад. Агар бинад, ки зине бихарид, далел ки зане бихоҳад ва худованди моли бисёр шавад. Агар бинад, ки зини ў бишкаст, далел ки зани ў бимирад ва ё бемор шавад.

## СОҚ

Ибни Сайрин гўяд соқ дар хоб молу маишат бошад ва баъзе муаббирон гўянд, ки соқ мардумро иззу ҷоҳ бошад. Агар соқи вай қавӣ буд, далел ки кораш некў шавад ва агар заиф буд, ҳолаш заиф буд. Кирмонӣ гўяд, агар бинад, ки соқаш оҳанин ё руъйин буд, далел ки умраш дароз шавад Агар бинад, ки соқи ў бишкаст, бар тани ў бад бошад. Магрибӣ гўяд дидани соқ дар хоб

*мардонро зан буд, занонро шўй. Агар бинад, ки соқҳои вай бар якдигар мепечиданд, далел ки бими ҳалок буд. Агар бар соқи ў мўи бисёр буд, далел ки вомдор шавад ва агар мўи соқро бистурд, далел ки вомиў гузорида шавад. Ҷаъфари Содиқ гўяд, соқ дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд:1.мол,2.маишат,3.умри дароз. 4.мардонро зан ва занонро шўй.*

## СОЯ

*Ибни Сайрин гўяд соя дар хоб бузургӣ ва ҳайбат буд ва сояи подшоҳ дар таъвил ҳам подшоҳ буд ва сояи девор марди бузург буд. Сояи дарахти бебар далел бар фасод кунад. Кирмонӣ гўяд, агар бинад, ки дар ҷое зери соя нишаста буд, далел ки маргаш наздик буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд соя дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1.бузургӣ, 2.ҳайбат,3.паноҳ,4.манфиат,5 марг.*

## САБЗА

*Ибни Сайрин гўяд сабза дар хоб дин буд хоса дар вақти хеш бошад. Агар бинад, ки замине дошт ва дар он сабзаи бисёр буд, далел бар салоҳи покдинии вай буд. Агар бинад, ки дар он замин гиёҳи маҷҳул буд, ин далел бар дину диёнати бинанда кунад.Агар гиёҳи маъруф буд, далел бар фарохии неъмату мол. Сабзазори покизаву хуррам бинад, далел бар покдинӣ ва парҳезгузори вай буд. Агар сабзазорро бинад, таъвилаш хилофи ин буд.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд сабза дар хоб бар 4 ваҷҳ буд:1.роҳи ислом, 2.дин,3.эътиқоди пок,4.парҳезгорӣ.*

## СИТОРАГОН

*Ибни Сайрин гўяд ситорагон дар хоб далел бар бузургон аст. Офтоб далел бар подшоҳ,Моҳ вазир. Агар баъзе аз ситорагон бо вай сухан гуфтанд, далел, ки бузургӣ ёбад ва агар бинад, ки ситораи равшан аз осмон афтод, далел ки олиме аз он диёр аз олам биравад ва агар бинад ситора ба даст бигирифт, далел ки ўро писаре ояд ва агар дар хонаи худ ситора бинад, далел ки фарзандони ў бисёр шаванд ва агар бинад, ситорагони саъд як ҷо ҷамъ шуданд, далел ки ҳолаш нек шавад.Агар бинад, ки ситора-*

*гон вайро мутеъ шуданд, далел ки подшоҳӣ ёбад. Агар бинад, ки ситорагон бо ҳамдигар ҷанг мекарданд, далел ки дар он диёр ҷанг шавад. Агар бинад, ки ситора мепарастид, далел ки хидмати бузурге кунад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд,ситора дар хоб бар 9 ваҷҳ буд: 1.фуқаҳо, 2.уламо, 3.қуззот, 4.хулафо, 5.вузаро,6.вайрона,7.хазона,8.мардумони ҷангҷӯ,9.шогирдон.*

*Ҳикоят овардаанд, ки дар Бағдод марде ба хоб дид, ки ситорае равшан бар замин афтод.Муаббирон гуфтанд,олиме бимирад ва дар он ҳафта Имоми Аъзам аз дунё реҳлат кард.*

## СУТУН

***И**бни Сайрин гӯяд сутун дар хоб бахту иқбол буд. Агар ба хоб бинад, ки сутуне дошт ва қавӣ буд, далел ки аз марди муқбил мол ҳосил кунад. Агар бинад, ки сутуни хонаи вай бияфтод ва бишкаст, далел бар ҳалоки вай буд, Кирмонӣ гӯяд, сутун дар хоб ислом буд. Агар бинад, ки сутуни хонаи вай борик буд, далел бар заифии вай буд.*

## САҶДА

***И**бни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ҳақ таъолоро саҷда мекард, далел ки бар марде бузург зафар ёбад. Агар бинад, ки вайри худои таъолоро саҷда мекард, далел ки муроде дорад, бар наёяд Агар бинад, ки меҳтареро саҷда мекард, далел ки ӯро аз султон заҳмат расад.*

## САНҶИДАН

***А**гар бинад, ки торозу дар даст дошт ва чизеро месанҷид, далел ки миёни мардум доварӣ кунад. Агар рост месанҷид, далел ки ҳукм ба ростӣ кунад. Агар рост санҷид ва аҳли илм буд, далел ки қозӣ шавад ва агар аз аҳли илм набуд, далел ки ба қозӣ мӯҳтоҷ гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, санҷидан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1:ҳукми рост, 2.некӯӣ,3 мӯҳтоҷ шудан ба доваре, 4.ҳоким шудан.*

## СУХАН

Ибни Сайрин гӯяд сухан гуфтан дар хоб ва шунидан ба таъвил дар забонҳо мухталиф буд. Агар бинад, ки ба забони арабӣ сухан гуфт, далел ки аз меҳтарон иззу ҷоҳ ёбад. Ва агар ахборҳои расули Акрам мешунид, далел ки бо меҳтарон ӯро сӯҳбат афтад. Агар ба забони ҳиндӣ сухан гуфт, ё шунид, далел ки бо мардуми беаслу дунҳиммат вайро коре афтад. Агар ба забони хоразмӣ сухан гуфт, ё шунид далел ки хабаре макрӯҳ шунавад. Агар ба забони юнонӣ сухан гуфт ё шунид, далел ки ба маъқулот машғул гардад. Агар ба забони румӣ сухан гуфт ё шунид, далел ӯро аз сӯҳбати нодон ғаму андӯҳ расад.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ба ҳар забон ки дар хоб сухан гӯяд ё шунавад, агар хайру салоҳ буд, таъвили он хайру салоҳ бошад, таъвили он ба он мӯъҷиб бошад. Агар бинад, ки ба андоме аз андомҳои хеш сухан гуфт, далел бар хештан гувоҳии рост диҳад.

## САР

Сар ба хоб дидан меҳтари қавӣ буд. Агар бинад, ки сараш ба захми теғ ҷудо карданд, агар вомдор бошад, далел ки вомаш гузорида шавад ва аз ғам фараҳ ёбад. Агар ин хоб ранҷур бинад, шифо ёбад. Агар касе сарҳои бурида бисёр бинад, далел ки меҳтарон он ҷо бисёр ҷамъ шаванд. Агар аз он сарҳо мӯй ё пӯст ё чизе бардошт, далел ки аз он меҳтарон мол ёбад. Агар бинад, ки сари чаҳорпои даштӣ мехӯрд, далел ки мол ёбад. Агар бинад, ки сари гӯсфанд мехӯрд, далел ки умраш дароз гардад Агар сари худ бузург бинад, далел ки ҷоҳу мартабат ёбад. Агар сари худ бараҳна дид, далел ки аз шуғле, ки дорад, бияфтад ва ғамгин шавад.Ва агар бар сари худ ҷароҳате бинад, ки аз он хун меомад, далел ки бо касе доварӣ афтад. Агар сари бурида дар даст дошт, далел ки моли бисёр ёбад. Агар сари худро дуним бинад, ва як ҳисса дар дасти рост ва дигаре дар дасти чап, далел ки падару модари ӯ бимиранд Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки сари ӯ чун сари фил шуд, далел ки вилоят ёбад, агар чун сари уштур шуд. далел ки ба ҳарому фасод гарояд. Агар чун сари асп шуд, далел ки аз подшоҳ мол ёбад, агар чун сари хар шуд, далел ки аз бахти худ маккорӣ бинад ва агар чун сари гов шуд, далел ки ба назди

*халқ хор гардад, агар чун сари гӯсфанд шуд, далел ки ҷаҳл бар вай ғолиб ояд. Агар чун сари шер бинад, далел ки фармонравоӣ бинад. Агар чун сари саг бинад, далел ки зулму хорӣ бинад. Агар чун сари хук шуд, далел ки майлаш ба куфр бошад наъзу биллоҳ минҳо Агар сари вай обгина шуд, далел бар халоки вай буд. Агар сари худ заррин бинад, далел ки мол ёбад. Агар сари худ оҳанин бинад, далел ки хидмати меҳтари сифла кунад ва агар сари худ чӯбин бинад, далел ки аҷалаш наздик шуда. Агар сари ӯ сафолин шуда, далел ки хидмати марди лофзан кунад. Агар сари вай чун сари мурғон шуд, далел ки ба сафар равад. Агар бинад, ки сари вай ҷудо карданд, ва боз бар ҷой ниҳоданд, далел ки оқибат дараҷаи шаҳодат ёбад. Агар зани худро сартарошида бинад, далел ки шавҳараш бимирад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, сар дар хоб бар 12 ваҷҳ буд: 1.раис, 2.меҳтар, 3.падар, 4.модар, 5.имом, 6.муаззин, 7.олим. 8.даҳ ҳазор дирам, 9.писар, 10.ходим, 11.зан, 12.тавонгарӣ.*

## САРОЙ

*Дониёл гӯяд, агар касе ба хоб бинад, ки сарои бегона шуд ва ҳеҷ нашнохт ва дар он ҷо мурдагон дид, далел ки он сарои охират аст ва соҳиби хобро вақти аҷалаш бошад ва агар аз он ҷо берун омад, далел бар беморӣ буд ва агар ба сарои маъруф шуд ва бунёдаш аз гил буд, далел ки рӯзии ҳалол ёбад ва бунёдаш аз гаҷ буд, далел ки моли ҳаром ёбад ва агар бинад, ки он сарой бузург ва фарох буд, далел ки рӯзӣ бар вай фарох гардад ва агар сарой кӯчак буд, таъвилаш бар хилофи ин буд. Ва агар бинад, ки сарои кӯҳнаро меканд, далел ки дари хайрот бар вай кушода шавад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дидани сарой дар хоб бар 7 ваҷҳ буд: 1.мардро зан ва занро шӯй. 2.тавонгарӣ. 3.эминӣ, 4.айш, 5.мол, 6.вилоят, 7.амонат.*

## СУРФИДАН

*Агар ба хоб бинад, ки ба гоҳи сурфидан балғам барорад, далел ки пеши касе шикоят кунад аз балое агар сурфаи хушк дошт, далел ки шикояти вай аз маҳолу беҳуда буд, агар сурфаи тар дошт, шикояти вай аз хешон буд, агар сурфаи хунӣ дошт, далел ки шикояти вай аз фарзандон буд ва агар сурфаи сафро*

*дошт, далел ки аз ҳама шикоят кунад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки сурфаи вай меомад, далел бар нотавонӣ бошад. Агар сурфа дар гулӯи вай бимонд, далел ки вақти маргаш бошад.*

## САРГИН

*Ибни Сайрин гӯяд, саргини аспу гов дар хоб молу неъмат буд ва агар бинад, ки саргини бисёр ҷамъ овард, далел, ки ӯро молу неъмат ҳосил шавад. Агар бинад, ки саргини мардум буд, далел бар моли ҳаром буд. Агар бинад, ки дар оби хона саргин меандохт, далел, ки макрӯҳӣ бар вай расад. Агар бинад, ки дар бистар палидӣ кард, далел, ки аз моли худ баъзе ба аёл диҳад. Агар саргин кард ва онро бо хок пӯшонд, далел, ки мол дар замин пинҳон кунад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки саргини мардум мехӯрд, далел, ки моли ҳаром хӯрад Агар бинад, ки ба ҷойгаҳи маҷҳул саргин кард, далел, ки моли худ ба ҷое харҷ кунад. Агар бинад, ки тани худро бо саргин биёлуд, далел ки дар гуноҳ афтад. Дониёл гӯяд, ки саргини мардум моли ҳаром буд ва саргини чаҳорпоён моли ҳалол буд.*

## САРМО

*Ибни Сайрин гӯяд, сармо дар хоб ранҷу мазаррат буд Агар бинад, ки сармо ӯро мазаррат расонд, далел, ки аз хешон ӯро мазаррат расад.*

## СУРМА

*Ибни Сайрин гӯяд, сурма дар хоб мол буд ва баъзе гӯянд, ки сурма дар хоб ёфтани роҳи ҳақ. Сурмафурӯш дар хоб марде буд, ки салоҳи дин ҷӯяд, зеро ки чашми дин буд ва сурма равшанои.*

## СУРУД

*Суруд дар хоб далел бар сухани ботил ва мусибат буд. Агар бинад, ки суруд бо навоҳои дигар монанди дафу чангу най мезад, далел ки андӯҳу мусибат бештар буд. Агар суруд мешу-*

*нид, далел ки сухани ботил шунавад. Кирмонӣ гӯяд, чун ба хоб бинад, ки суруд мегуфт, агар дар бозор буд, далел, ки тавонгаронро расвоӣ бошад ва дарвешонро вам буд.*

## СУФРА

*Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки суфраи нав ва покиза дошт, далел ки зани зиштрӯӣ буд ва агар он суфра пур аз нону неъмат буд, далел, ки аз он зан манфиат ёбад.*

## САГ

*Ибни Сайрин гӯяд саг дар хоб душмане фурӯмоя буд. Агар бинад, саг ӯро бигазид, далел, ки аз душман газанд ёбад. Агар бинад, ки ба оби даҳони саг ҷомаи вай олуда гашт, далел ки аз душман хаста гардад. Агар бинад, ки ҷомаи ӯ бидарид, далел, ки дар моли ӯ нуқсон ояд. Агар бинад, ки гӯшти саг мехӯрд, далел, ки душманро дафъ кунад. Агар бинад, ки нон ба саг дод, далел, ки рӯзӣ бар вай фарох шавад. Агар бинад, ки саге бо вай наздикӣ кард, далел, ки душмане аз моли вай тамаъ кунад Агар бинад, ки шири саг мехӯрд, далел, ки тарсу биме ба вай расад.Саги шикорӣ душмани зоҳирӣ бошад. Агар бинад, ки бо саги шикорӣ шикор мекард, аз душмане, ки даъвии дониш кунад, хайре ба ӯ расад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани саг дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.душман, 2.подшоҳи томеъ, 3.донишманд, 4.ғаммоз.*

## САЛОМ КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки дӯсте бар вай салом кард, далел ки он дӯст аз вай шодӣ бинад. Агар бинад, ки душмане бо вай салом кард, далел ки душман дӯсти вай шавад. Агар пире маҷҳул ӯро салом кард, далел ки аз азоби ҳақ таъоло эмин гардад. Агар пире ошно бар вай салом кард, далел, ки зани хубрӯй хоҳад. Кирмонӣ гӯяд, агар дӯсте бар вай салом кард, ва ӯ ҷавоби салом надод, далел ки миёни эшон ҷудоӣ афтад. Агар бинад, ки зани ҷавон бар вай салом кард, далел ки иқболи дунё ёбад. Агар бинад ки дар намоз буд ва бар ҷониби чап салом дод, далел ки кораш шӯрида гардад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, салом кардан*

*дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.эминӣ, 2.шодӣ,3.иқбол,4.манфиат.*

## САНҶИД

***И**бни Сайрин гӯяд санҷид дар хоб моли солеҳ буд, ки ба ранҷ ба даст орад. Агар бинад, ки санҷид харид, ё касе бар ваи дод далел ки моли бисёр ҳосил кунад. Агар бинад, ки санҷид мехӯрд, далел ки молро бар аёл нафақа кунад.*

## САНГҲО

***К**ирмонӣ гӯяд дар хоб дидани сангҳо бар ду ваҷҳ буд 1.мол, 2.меҳтарӣ ва ҳар санге, ки нарм буд манфиат бештар бошад. Агар бинад, санги сапед бигрифт, далел ки бо меҳтаре хушхулқ ӯро сӯҳбат афтад ва агар санги сурх бигрифт, далел ки ӯро бо меҳтаре муфсид кор афтад.*

*Ибни Сайрин гӯяд, ки санг дар хоб сухanс бошад. Агар бинад, ки санг аз зери об ҷамъ мекард, далел мол ба макруҳи лот ҷамъ кунад. Агар бинад, ки санг аз кӯҳ метарошид, далел ки мол аз бузурге ҷамъ кунад.*

*Агар бинад, ки санг бар касе андохт, далел, ки ба кароҳият аз моли худ ба касе диҳад. Агар бинад, ки касе бар ваи санг андохт, далел, ки бар қадри он мол ёбад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дидани санг дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.мол,2.меҳтарӣ, 3.сахтӣ дар корҳо; 4.касб ва ранҷ.*

## СУРАҲОИ ҚУРЪОН ХОНДАН ДАР ХОБ

***Сураи ФОТИҲА.** Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи фотиҳа мехонд, далел ки умраш дароз бошад ва хотимоти кораш ба имон буд.*

***Сураи БАҚАРА** агар дар хоб бинад, ки сураи бақара мехонд, ҳамин таъвил дорад ва аз шарри душманон эмин гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд миёни халқ ростгӯӣ бошад ва агар дарвеш бувад, тавонгар гардад ва агар бемор бошад, шифо ёбад, агар ғамгин буд, шод гардад.*

***Сураи ОЛИ ИМРОН** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад.*

*ки сураи Оли Имрон мехонд, далел ки аз ҳама бадиҳо эмин гардид ва пок шавад ва оқибат хайр гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, агар бинад, ки ояи "Шаҳидаллоҳу" мехонд, далел ки ба қазои ҳақ таъоло розӣ бошад. Кирмонӣ гӯяд, агар воме дорад, бигзорад ва мардум ӯро азиз доранд.*

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ояи "Қул оллоҳум ма маликул мулк" дар хоб мехонд, далел ки бузургӣ ва иззу ҷоҳ ёбад.*

**Сураи НИСО** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Нисо мехонд, далел ки мерос ёбад ва хешону аҳли байти ӯ бисёр шаванд.*

**Сураи МОИДА.** *Ҷаъфари Содиқ фармояд, агар бинад, ки сураи Моида мехонд, далел ки шарафу бузургӣ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, хондани сураи Моида далел бар зиёдатии молу неъмат буд. Муаббирон гӯянд, хондани сураи Моида далел бар сиҳатию саломатӣ буд.*

**Сураи АНЪОМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар касе ба хоб бинад, ки сураи Анъом мехонд, далел ки саодати дунё ва охират ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ба эҳсону саховат тавфиқ ёбад.*

**Сураи АЪРОФ** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Аъроф мехонд, далел ки диндору мӯъмин буд Кирмонӣ раҳматуллоҳи алайҳ гӯяд, хондани сураи Аъроф дар хоб, далел, ки кӯҳи Тӯрро зиёрат кунад.Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки хондани сураи Аъроф дар хоб далел ки ҳама халқ аз вай хушнуд шаванд.*

**Сураи АНФОЛ** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Анфол мехонд, далел ки ба хайру салоҳ буд.*

**Сураи ТАВБА** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Тавба мехонд, далел ки аз гуноҳ тавба кунад.Кирмонӣ гӯяд саранҷом кораш ба хайр бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд дар роҳи дин ягона бошад.*

**Сураи ЮНУС** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Юнус мехонд, далел ки рӯзии ӯ фарох гардад ва кораш ба мурод шавад.Кирмонӣ гӯяд, макри кофирон ва сеҳру ҷоду аз вай дафъ шавад ва бар душман ғолиб гардад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, лафзу ибодаташ некӯ шавад.*

**Сураи ҲУД** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Ҳуд мехонд, далел, ки рӯзии ӯ аз кишту заръ буд. Кирмонӣ гӯяд,*

*ки кораш некӯ гардад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дар роҳи дин ягона гардад.*

**Сураи ЮСУФ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Юсуф мехонд, далел, ки сафар бисёр кунад ва мол ёбад. Кирмонӣ гӯяд, пас аз ранҷу меҳнат иззу бузургӣ ёбад ва кораш боло гирад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ростқавл ва бо амонат бошад.*

**Сураи РАЪД** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Раъд мехонд, далел, ки пайваста ба ибодату Қуръон хондан машғул гардад. Кирмонӣ гӯяд, ба кори хайру ибодат роғиб гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд далел ки умраш кӯтоҳ бошад.*

**Сураи ИБРОҲИМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад ки сураи Иброҳим мехонд, далел бар он ки мудом ба тоат ва корҳои хайр машғул бошад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд. назди ҳақ таъоло азиз ва гиромӣ буд ва оқибаташ маҳмуд гардад.*

**Сураи ҲИҶР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар касе ба хоб бинад, ки сураи Ҳиҷр мехонд, далел, ки назди ҳақ таъоло писандида буд. Кирмонӣ гӯяд: ки ҳар умед дорад, ҳосил ояд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ҳазрати ҳақ таъоло ӯро илм рӯзӣ гардонад.*

**Сураи НАҲЛ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Наҳл мехонд, далел, ки рӯзии ҳалол ёбад ва дӯстдори аҳли дин бошад. Кирмонӣ гӯяд, аз меҳнату офат эмин гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ҳақ таъоло ӯро илм рӯзӣ кунад.*

**Сураи БАНИ ИСРОИЛ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Бани Исроил мехонд, далел, ки назди ҳақ таъоло қурб ёбад ва дар дунё ҷоҳу манзалат ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки бар душман зафар ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дар дин эътиқодаш пок шавад.*

**Сураи КАҲФ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Каҳф мехонд, далел, ки аз ҳама балоҳо эмин гардад ва дар роҳи дин ягона ва мухлис буд. Кирмонӣ гӯяд, ки умраш дароз бошад ва саодати уқбо ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, чандон умр бинад, ки ба мурод расад.*

**Сураи МАРЯМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Марям мехонд, далел,ки дар қиёмат аз азоб раста гардад. Кирмонӣ гӯяд суннати пайғамбарро ба ҷой орад.*

**Сураи ТОҲО** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Тоҳо мехонд, далел, ки бо душмане сухане гӯяд ва душман-*

ро қаҳр кунад. Кирмонӣ гӯяд номаш дар диёр ба хайрот мунташир гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дар роҳи дин ягона ва номдор гардад.

**Сураи АНБИЁ** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Анбиё мехонд, далел, ки ҳақ таъоло ӯро сирати Анбиё бошад. Кирмонӣ гӯяд, ки иқболи ду ҷаҳонӣ ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки олими доно шавад.

**Сураи ҲАҶ** Ибни Сайрин гӯяд, агар дар хоб бинад, ки сураи Ҳаҷ мехонад, далел, ки моли худро дар роҳи илоҳи таъоло сарф кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дар зуҳд ягона ва дар роҳи дин муҷтаҳид буд.

**Сураи МӮЪМИНУН** Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Мӯъминун мехонад, дар биҳишт равад. Кирмонӣ гӯяд, динаш қавӣ гардад.

**Сураи ФУРҚОН** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад ки сураи Фурқон мехонад, далел, ки ба ростии ҳақ аз ботил ҷудо шавад.Кирмонӣ гӯяд, миёни халқ мунсиф ва додгар буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, аз роҳи ботил ба роҳи ҳақ гирояд.

**Сураи НУР** Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки Сураи Нур мехонад, далел, ки дилаш ба илму ҳикмат мунаввар гардад.

**Сураи ШУЪАРО** Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Шуъаро мехонад, далел, ки дар паноҳии ҳақ таъоло бошад Кирмонӣ гӯяд, ки аз гуноҳ пок шавад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ӯро худо аз корҳои фавоҳиш нигоҳ дорад.

**Сураи НАМЛ** Ибни Сайрин гӯяд, ки агар ба хоб бинад, ки сураи Намл мехонад, далел, ки бузургӣ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки давлату бахташ мусоид гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки молу давлаташ зиёда гардад.

**Сураи ҚАСАС** Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Қасас мехонад, далел, ки молу неъмат ёбад ва ба зикри худо машғул гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар роҳи салоҳи дин кӯшад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дарҳои раҳмат бар вай кушода гардад.

**Сураи АНКАБУТ** Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Анкабут мехонад, далел, ки то ба вақти марг дар амони худои таъоло бошад. Кирмонӣ гӯяд, ки аз ранҷу бало эмин гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки халқро аз салоҳияту

*неъмати ӯ насиб буд.*

**Сураи РУМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Рум мехонад, далел, ки бар дасти вай шаҳре аз Рум кушода гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар роҳи дин ва вазо ва ҷиҳод муҷтаҳид гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки мардумро аз дину салоҳи вай баҳра бошад.*

**Сураи САҶДА** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Саҷда мехонад, далел, ки дар саҷда бошад, ки аз дунё биравад. Кирмонӣ гӯяд, ки суҷуди ҳақ таъоло бисёр кунад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки оқибати кораш маҳмуд буд.*

**Сураи АҲЗОБ** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Азҳоб мехонад, далел, ки мол ёбад ва ба хасм диҳад. Кирмонӣ гӯяд, ки сад динор ёбад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки мутобиати ҳақ таъоло ёбад.*

**Сураи САБО** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Сабо мехонад, далел, ки зоҳиду обид гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки пайваста дар ибодат бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки сурати солеҳон гузинад.*

**Сураи ФОТИР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Фотир мехонад, далел, ки оқибаташ ба хайр гардад. Кирмонӣ гӯяд, пайваста ба тоат машғул гардад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки дари неъмат бар вай кушода гардад.*

**Сураи ЁСИН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Ёсин мехонад, далел, ки оқибаташ ба хайр бошад. Кирмонӣ гӯяд, умраш дароз бошад ва аз ҳақ таъоло раҳмат ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дӯстии ҳазрати Расуллоҳ дар дилаш мустақим шавад.*

**Сураи СОФФОТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Соффот мехонад, далел, ки ҳидояти дин аз бори субҳонаҳу таъоло тавфиқ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки барои роҳи салоҳ дарояд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ӯро фарзанди солеҳ ояд.*

**Сураи СОД** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Сод мехонад, далел:, ки молаш зиёда гардад ва бузург шавад. Кирмонӣ гӯяд, ки хотимати кораш ба хайр бошад.*

**Сураи ЗУМАР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба*

*хоббинад, ки сураи Зумар мехонад, далел, ки ҳақ таҳ субҳонаҳу ва таъоло гуноҳони ӯро авф намояд. Кирмонӣ гӯяд, ки хотимати кораш ба хайр бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки динаш қавӣ гардад.*

**Сураи ФУССИЛАТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад ки сураи Фуссилат мехонад, далел ки аз муқаррибони ҳақ гардад Кирмонӣ гӯяд, пайваста дар салоҳи дин бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, доъӣ буд ва ҳақ ва иҷобат кунад вайро.*

**Сураи ШУРО** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Шуро хонад, далел ки дар охират аз азоб раста гардад. Кирмонӣ ин таъвилро гӯяд.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки умраш дароз гардад.*

**Сураи ЗУХРУФ** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Зухруф мехонад, далел ки намозу тоат бисёр кунад ва рӯза дорад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ростқавлу хубфаъол буд.*

**Сураи ДУХОН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, сураи Духон мехонад, далел ки шаб тоат кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки ростгӯй бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки тавонгир гардад.*

**Сураи ҶОСИА** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Ҷосиа мехонад, далел, ки тавба кунад ба худо боз гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки базаҳкор буд, тавба кунад.*

**Сураи АҲКОФ** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Аҳкоф мехонад, далел ки фармони падару модар ба ҷой орад.*

**Сураи МУҲАММАД** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Муҳаммад мехонад, далел, ки бар душманонаш зафар ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки аз офату бало эмин гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дар ҷаҳон тавфиқ ёбад.*

**Сураи ФАТҲ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Фатҳ мехонад, далел ки дар ҳама боб ӯро фатҳ бошад.*

**Сураи ҲУҶУРОТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Ҳуҷурот мехонад, далел, ки мардумро ба алқоб ва ғайбат накунад. Кирмонӣ гӯяд, озори касе наҷӯяд.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ба мардум пайвандад.*

**Сураи ЗОРИЁТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар*

*бинад, ки сураи Зориёт мехонад, далел ки ба тоату ибодат машғул гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки ӯ халқ ҷуду эҳсон кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки бар вай рӯзӣ фарох гардад.*

**Сураи ҚОФ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Қоф мехонад, далел ки ҳақ таъоло ӯро дар корҳои хайр тавфиқ бахшад.*

*Кирмонӣ гӯяд, ки корҳои душвор бар вай осон шавад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аз касби худ баҳра гирад.*

**Сураи ТӮР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад сураи Тӯр мехонад, далел, ки бар душманонаш зафар ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки ҳақ таъоло ӯро ёрӣ диҳад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дар Макка муҷовир шавад.*

**Сураи НАҶМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Наҷм мехонад далел ки ҳақ таъоло дари раҳмат бар вай кушода гардад. Кирмонӣ гӯяд, бар душманон зафар ёбад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ӯро писари солеҳ ояд.*

**Сураи ҚАМАР.** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Қамар мехонад, далел ки бар душманонаш зафар ёбад.Кирмонӣ гӯяд, ки корҳоц душвор бар вай осон гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ҷоду бар вай асар накунад.*

**Сураи АРРАҲМОН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Арраҳмон мехонад, далел ки аз дурӯғу ҳаром иҷтиноб кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки сирати некӯ дорад ва бар роҳи дин гузинад. Ҷаъфари Содиқ дар ин ҷаҳон мол ёбад ва дар он ҷаҳон раҳмат.*

**Сураи ВОҚЕЪА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад сураи Воқеъа мехонад, далел ки аз гуноҳ тавба кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки тавфиқу тоат ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дар тоат сабқат кунад.*

**Сураи ҲАДИД** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Ҳадид мехонад, далел ки рӯзӣ ба ранҷу сахтӣ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар роҳи охират гузинад ва ризоии ҳақ таъоло ҷӯяд.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дар роҳи дин сутуда гардад.*

**Сураи МУҶОДИЛА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Муҷодила мехонад, далел ки ӯро ба занон хусумат афтад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар роҳи дин ба халқ муҷодила кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки бо аҳли худ хусумат кунад.*

**Сураи ҲАШР** *Ибни Сайрин гӯяд агар ба хоб бинад, ки сураи Ҳашр мехонад, далел ки ҳашри вай бо мухлисон бошад. Кирмонӣ гӯяд, ки сӯҳбати вай бо диндорон ва аҳли дин бошад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки бар душманон зафар ёбад.*

**Сураи МУМТАҲИНА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сураи Мумтаҳина мехонад, далел ки озмоиши кор ба ростӣ кунад Кирмонӣ гӯяд сӯҳбати ӯ бо аҳли салоҳ бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ё бо меҳнате гирифтор шавад, ки ҳалоки ӯ дар он бошад.*

**Сураи САФ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Саф мехонад, далел ки дар роҳи худ ғазо кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки пайваста дар ризоии худои таъоло бошад.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки охири умр шаҳодат ёбад.*

**Сураи ҶУМЪА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад,ки сураи Ҷумъа мехонад,далел ки ҳақ таъоло тавба рӯзӣ кунад. Кирмонӣ гӯяд,ки тавфиқи хайрот ёбад.*

**Сураи МУНОФИҚУН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Мунофиқун мехонад, далел ки мунофиқ бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аз мунофиқӣ тавба кунад.*

**Сураи ТАҒОБУН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Тағобун мехонад, далел ки садоқат бисёр диҳад. Кирмонӣ гӯяд, ки дастгирии заифон бикунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ростқавл ва муқими аҳвол бошад.*

**Сураи ТАЛОҚ** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Талоқ мехонд, далел ки бо занон гуфтугӯе кунад. Кирмонӣ гӯяд сирати ҳақ нигоҳ дорад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки гуфтугӯе аз баҳри кори дин кунад.*

**Сураи ТАҲРИМА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Таҳрима мехонд, далел ки дар хонаи худ сухан ба нифоқ кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аз ҳаром тавба кунад ва дур бошад.*

**Сураи МУЛК** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Мулк мехонд, далел ки ӯро азоби гӯр набошад. Кирмонӣ гӯяд, ки оқибаташ маҳмуд бошад.*

**Сураи ҚАЛАМ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Қалам мехонд, далел ки садақа ва хайр карданро дӯст дорад. Кирмонӣ гӯяд, ки бо ҳама кас эҳсон кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, худои таъоло ӯро ҳилм рӯзӣ гардонад.*

**Сураи АЛҲАҚҚА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Алҳаққа мехонд, далел ки фаризаҳоро бигузорад. Кирмонӣ гӯяд, ки сифати ҳақ гузинад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки бар ҷодаи шаръ бошад.*

**Сураи МАЪОРИҶ** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Маъориҷ мехонд, далел ки хайру некии бисёр кунад. Кирмонӣ гӯяд ба хайру ҳасанот гарояд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд аз тарсу бим эмин гардад.*

**Сураи НӮЙ** *Ибни Сайрин гӯяд,агар бинад ки сураи Нуҳ мехонд, далел ки тавба кунад ва оқибаташ `некӯ бошад. Кирмонӣ низ ин таъвил гӯяд.Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки пайваста дар амри маъруф бошад.*

**Сураи ҶИН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Ҷин мехонд, далел ки тавба кунад ва аз ҷин эмин бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд деву парӣ ӯро мазаррат нарасонад.*

**Сураи МУЗАММИЛ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Музаммил мехонд, далел ки намози шаб дӯст дорад.Кирмонӣ гӯяд, ки тавфиқи тоат ёбад.*

**Сураи МУДАССИР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Мудассир мехонд, далел ки амали солеҳ кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки сирати пок ва роҳи рост ёбад.*

**Сураи ҚИЁМАТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Қиёмат мехонд, далел ки ба шаҳодат аз дунё биравад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки тоиб гардад.*

**Сураи ИНСОН/ДАҲР/** *Ибни Сайрин гӯяд,агар бинад, ки сураи Инсон мехонд, далел ки дарвешонро таъом диҳад. Кирмонӣ гӯяд, ки бар саховату шукри неъмат ёбад.*

**Сураи МУРСАЛОТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Мурсалот мехонд, далел ки аз дурӯғ гуфтан тавба кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки роҳи рост ҷӯяд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки рӯзӣ бар вай фарох гардад.*

**Сураи НАБОЪ** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Набоъ мехонд, далел ки тарсгор ва мутаваккил буд. Кирмонӣ гӯяд, ки кори хайр мекунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, кораш бузург шавад.*

**Сураи НОЗИЪОТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Нозиъот мехонд, далел ки ба вақти ҷон кандан*

*аз марг натарсад. Кирмонӣ гӯяд, ки тавба кунад ва аз уқубат раста гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дилаш аз макру ҳила пок гардад.*

**Сураи АБАСА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Абаса мехонд, далел ки ба мардум туршрӯӣ кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки рӯза бисёр дорад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки хайрот кунад.*

**Сураи ТАКВИР** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Таквир мехонд, далел ки аз дарди чашм натарсад. Кирмонӣ гӯяд, ки сафар бисёр кунад аз ҷониби машриқ, Ҷаъфари Содиқ гӯяд ки аз он чи метарсад, эмин шавад.*

**Сураи ИНФИТОР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Инфитор мехонд, далел ки аз худои таъоло тарсад. Кирмонӣ гӯяд, ки майли вай ба дунё бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки наздики мулук мӯътабар бошад.*

**Сураи МУТАФФИФИН** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Мутаффифин мехонд, далел ки қавлу паймона рост дорад. Кирмонӣ гӯяд, ки ростӣ ҷӯяд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ба ҳама кас мунсиф буд.*

**Сураи ИНШИҚОҚ** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад сураи Иншиқоқ мехонд, далел ки дар қиёмат номаи аъмоли вай дар дасти рост диҳанд. Кирмонӣ гӯяд, ҳисобу шумори қиёмат бар вай осон гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки наслаш бисёр шавад.*

**Сураи БУРУҶ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Буруҷ мехонд, далел ки дар дунё андӯҳгин бошад ва оқибати кораш маҳмуд гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар охират рафиъдараҷа бошад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад.*

**Сураи ТОРИҚ** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Ториқ мехонд, далел ки ӯро фарзанде солеҳояд. Кирмонӣ гӯяд, ки ӯро фарзанди хубрӯӣ ояд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ба сабаби фарзанди муқбил хуррам шавад.*

**Сураи АЪЛО** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Аъло мехонад, далел ки тасбеҳу таҳлил бисёр хонад. Кирмонӣ гӯяд, забонаш ба зикри ҳақ машғул ва ҷорӣ гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки кори душвор бар вай осон гардад.*

**Сураи ҒОШИЯ** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Ғошия мехонад, далел ки аз ҳавли қиёмат*

тарсад, тавба кунад ва аз тарс эмин гардад.

Кирмонӣ гӯяд, дар ризоии ҳақ таъоло собит буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки қадри ӯ бузург шавад.

**Сураи ФАҶР** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад сураи Фаҷр мехонад, далел ки ба корҳои нек машғул гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки ҳаҷҷи ислом бигзорад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ҳайбат ва шукӯҳи ӯ кам шавад.

**Сураи БАЛАД** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Балад мехонад, далел ки садақа додан бар вай воҷиббошад. Кирмонӣ гӯяд, ки ба ҳама кас эҳсон кунад. Ҷаъфари Содиқ аз офату риё эмин гардад.

**Сураи ШАМС** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Шамс мехонад, далел ки ба дасти ӯ кори фосид равад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аз балоҳо эмин гардад.

**Сураи ЛАЙЛ** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Лайл мехонад, далел ки соилонро манъ накунад ва закоти мол диҳад.

**Сураи ЗУҲО** Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Зуҳо мехонад, далел ки чизе ба хоҳандагон бидиҳад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки ғарибонро азиз дорад.

**Сураи АЛАМНАШРАҲ** Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Аламнашраҳ мехонад, далел ки душворӣ бар вай осон гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки корҳои баста бар вай кушода гардад. Ҷ.Содиқ гӯяд, ки муроди ду ҷаҳон ёбад.

**Сураи ТИН** Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Тин мехонад, далел ки нексират ва хубрӯй ва хубкирдор гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки хайру манфиат ёбад. Ҷаъфари гӯяд, ки аз сахтӣ фараҳ ёбад.

**Сураи АЛАҚ** Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Алақ мехонад, худои таъоло ҳақ ӯро илми қуръон рӯзи кунад. Кирмонӣ гӯяд, олиму фасеҳ гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд ки мутавозеҳ ва некухисол гардад.

**Сураи ҚАДР** Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Қадр мехонад, далел ки аз дунё берун наравад то савоби шаби қадр наёбад. Кирмонӣ гӯяд ки умраш дароз аст ва муроди ӯ барояд. Ҷ.Содиқ гӯяд, ки ҷоҳу қадраш олӣ гардад.

**Сураи БАЙЙИНА** Ибни Сайрин гӯяд, агар [су]раи Баййина мехонад, далел ки ба тавба аз дунё биравад. [illegible]

*Ҷ.Содиқ низ ин таъвилро дорад.*

**Сураи ЗИЛЗИЛА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Зилзила мехонад, далел ки ӯро касе корафтод ва адлу инсоф кунад. Ҷ.Содиқ гӯяд, ки қавме аз кофаронро ҳалок кунад.*

**Сураи ОДИЁТ** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Одиёт мехонд, далел ки аҳли байти ӯ ӯро дӯст дорад. Кирмонӣ гӯяд, ки ба газо равад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки газо кунад ва музаффар гардад.*

**Сураи ҚОРИЪА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи ҚОРИЪА мехонд, далел ки дар қиёмат тарозуи аъмоли вай аз кирдори нек гарон ояд. Кирмонӣ гӯяд, ки дар кори хайр кӯшад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки мардумро киромӣ дорад.*

**Сураи ТАКОСУР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Такосур мехонад, далел ки зиёрати ҷамъе солеҳон кунад. Кирмонӣ гӯяд, ки ӯро ба қавме дурӯғзан сӯҳбат афтад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки даст аз дунё бидорад.*

**Сураи АСР** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи аср мехонад, далел ки дар корҳои собир ва шикебо гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки ӯро зиёне расад. Ҷ.Содиқ гӯяд, ки аз тиҷорат кораш некӯ шавад.*

**Сураи ҲУМАЗА** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Ҳумазаро мехонад далел ки сухани бисёр гӯяд ва пеши мардум рӯшинос гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки ба мол ҳарис буд ва аз оқибат наандешад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дар роҳи худои таъоло мол нафақа кунад.*

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, сураи фил мехонад, далел ки золимеро ёрӣ диҳад. Кирмонӣ гӯяд, бар вай душманон зафар ёбад ва муродаш ҳосил гардад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки бар дасти ӯ фатҳе барояд ва бар душман зафар ёбад.*

**Сураи ҚУРАЙШ** *Ибни Сайрин гӯяд: агар бинад, ки сураи Қурайш мехонад, далел ки аз тарсу бим эмин гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки бо касе сӯҳбат дорад, ки ӯро фазиҳат кунад дар роҳи дин. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки бар халқ эҳсон кунад.*

**Сураи МОЪУН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Моъун мехонад, далел ки намоз гузорад. Кир-*

*монӣ гӯяд, ҳазар бояд кард аз сӯҳбати баддине, Ҷ.Содиқ гӯяд, ки бар душман зафар ёбад.*

**Сураи КАВСАР** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Кавсар мехонад, далел ки молу неъмат ёбад. Кирмонӣ гӯяд, аз бузургон ато ёбад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки хайрот бисёр кунад.*

**Сураи КОФИРУН** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Кофирун мехонад, далел ки ба роҳи бидъат равад ва ба дунё мағрур гардад. Кирмонӣ гӯяд, агар дар ғам буд фараҳ ёбад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки аҷали ӯ фаро расида бошад. Зеро чун ин сура нозил шуд, ҳазрати расулро охири умр буд.*

**Сураи НАСР** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар ба хоб бинад ки сураи Наср мехонад далел, ки дар роҳи худои таъоло мутавакил гардад.*

**Сураи ТАББАТ** *Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки сураи Таббат мехонад далел, ки маккору фиребанда буд ва аз уқубати худои таъоло ӯро хатар бошад. Кирмонӣ гӯяд, ки ӯро зане бадкирдор бошад. Ҷ.Содиқ фармояд, ки гурӯҳе ба бадии вай кӯшанд.*

**Сураи ИХЛОС** *Ибни Сайрин гӯяд агар бинад, ки сураи Ихлос мехонад, далел, ки дар роҳи дин муваҳҳиду ягона гардад. Кирмонӣ гӯяд, ки покдин ва некэътиқод бошад. Ҷ.Содиқ фармояд, ки муроди ӯ ҷаҳони ёбад ва айш бар вай хӯш гардад.*

**Сураи ФАЛАК** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Фалак мехонд, далел, ки ҷоду бар вай кор накунад. Кирмонӣ гӯяд, ки аз шарри бадкирдорон эмин гардад.*

**Сураи НОС** *Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки сураи Нос мехонд, далел ки ӯро ҳақ таъоло аз чашми бад нигоҳ дорад ва рӯзи бар вай фароҳ гардонад. Агар бинсд, ки ло ҳавла ва ло қуввата илло билоҳил алиюл азим гуфт, далел, ки моли хоста ёбад.*

## *СӮЗАН*

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар ба хоб бинад, ки Сӯзан дошт ва чизе дӯхт, далел, ки ба шуғулҳои пароканди машғул шавад ва ҳоҷаташ раво шавад. Кирмонӣ гӯяд, ки агар ба хоб ди д, ки ҷома*

*медўхт далел, ки аҳволи ў некў гардад. Агар бинад, ки сўзани ў гум шуд, далел, ки аҳволаш бад шавад. Магрибӣ гўяд, агар бинад, ки касе ба ў сўзан бахшид, далел, ки он кас мўшфиқи аҳволи ў бошад. Агар сўзан бисёр дошт, далел ба хайру салоҳи кори ў буд.*

## САВГАНД

*Ибни Сайрин гўяд, агар бинад, ки савганд хўрд, далел, ки кори нек аз дасти вай барояд ё амонате гузорад ва аз он чӣ метарсад, эмин гардад. Агар бинад, ки савганди ба дурўғ хўрд, далел, ки бар хашми худои таъоло гирифтор аст. КИрмонӣ гўяд, агар бинад, ки савганд рост хўрд, далел, ки ўро тавба бояд кард аз гуноҳ агар савганди дурўғ хўрд динаш табоҳ шавад ва эътиқодаш халал пазирад. Магрибӣ гўяд, агар дар хоб савганди рост хўрд далел ба мазарат аст.*

## СЕБ

*Ибни Сайрин гўяд, себ ба хоб дидан чун сабз бошад. фарзанд буд ва чун сурх бошад, манфиат аз подшоҳ ва чун зарду туруш буд, далел бар беморист. Агар бинад, ки себи сапед ба ду ним кард, далел, ки бо касе ширкат дорад, аз ў ҷудо шавад. Агар бинад, ки себе сурх аз дарахт боз кард ва хўрд, далел, ки ўро духтаре ояд. Кирмонӣ гўяд, ки себ дар хоб далели хайр буд ва агар себи туруш буд, далели хайр набошад. Ҷ.Содиқ фармояд, ки себ дар хоб бар 7 ваҷҳ буд. 1/.фарзанд, 2/.манфиат, 3/.беморӣ, 4/. каниз, 5/.мол, 6/.фармонравоӣ, 7/.ҳиммати худованди хоб.*

## СИР

*Ибни Сайрин гўяд, хўрдани сир дар хоб моли ҳаром буд. Кирмонӣ гўяд, ки сухани зишт буд ва агар бинад, ки сири пухта мехўрд далел, ки аз сухани зишт тавба кунад. Магрибӣ гўяд, сир дар хоб ранҷу гиристан бошад. Ҷ.Содиқ дидани сир дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/.моли ҳаром, 2/.сухани зишт, 3/.ғаму андўҳ, 4/.гиристан, 5/.сахти дидан.*

## СЕРӢ

*Ибни Сайрин гӯяд агар касе худро дар серӣ бинад, далел, ки бениёз шавад, валекин дар роҳи дин заъиф буд, агар худро гурусна бинад, далел, ки маъсият кунад. Беҳтарин хоб он аст. ки худро на гурусна на сер бинад, зеро ки ҳарду хилофи таъбанд.*

## САБЗӢ.

*Ибни Сайрин гӯяд, агар ба хоб бинад, ки сабзӣ дошт, далел, ки номаш ба хайру неки мунташир шавад. Агар бинад, ки дар замини ӯ сабзӣ буд, ваҳти худ. далел бар хайру манфият кунад ва агар хилофи ин бинад далел бар музаррат бошад.*

## СЕЛ

*Ибни Сайрин гӯяд, дар хоб душмани бузург бошад ё подшоҳи золим буд ва агар дар хоб бинад, ки селро дар хоб дафъ кард, далел, ки бар душман зафар ёбад ва агар бинад, ки аз сел мегурехт, далел, ки аз душман гурезад. Мағрибӣ гӯяд, агар ҷаҳоне пур сел бинад, далел, ки худои таъоло азобе ба он диёр фиристад. Ҷ.Содиқ фармояд, ки дидани сел дар хоб 4 ваҷҳ буд: 1/ .душмани бузург, 2/ ,подшоҳи ситамгар, 3/ .лашкари ғайб, 4/ .бало, фитна ва сахтӣ.*

## СИМОБ

*Ибни Сайрин гӯяд, симоб дар хоб гирифтан далел, бар он, ки занаш дар кори бад афтод. Агар бинад, ки симоб бифрӯхт ё ба касе дод далел, ки аз макру ҳилаи зан эмин гардад. Агар бинад, ки дар чашмаи симоб ғарқ шуд, далел, ки занро бар вай ҷоду кунанд.*

## СИМ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки бисёр мардум бошад, ки дар хоб сим бинанд ва дар бедорӣ сим ёбанд ва бисёр мардум бошанд, ки дар хоб сим бинанд ва дар бедорӣ ғаму андӯҳ буд бо сабаби таби-*

атҳои мухталиф. Кирмонӣ гӯяд ки сим дар даст дар хоб хабар аст ва сими шикаста хабари дурӯғ. Дониёл гӯяд, агар бинад, ки коса ё ташт ё офтобаи симин ёфт, далел, ки ба қадри он ганҷ ёбад. Баъзе гӯяд, ки симпора дар хоб марде буд, ки дар ҳаққи ӯ суханони зишт гӯянд.

## СИНА

Ибни Сайрин гӯяд, сина дар хоб шариат буд. Агар дар хоб бинад, ки синаи вай фарох шуд, далел, ки корҳои вай сохта гардад. Агар бинад, ки синаи вай танг шуд, далел ки дар динаш халал буд. Агар бинад, ки бар синаи вай хати сабз навишта буд. далел, ки ҳақ бар вай каромат кунад. Агар хати кабуд буд, далел, ки дар дини вай халал афтад ва бе шаҳодат бимирад. Агар бинад, ки аз сина мӯи сутурда буд далелаш ин, ки вомаш гузорида шавад. Мавғибӣ гӯяд, агар бинад, ки синаи вай дам гирифта буд, чунонки дам натавонист задан далел, ки дину дунё бар вай кушода гардад. Ҷ.Содиқ фармояд, ки дидани сина дар хоб бар 7 ваҷҳ буд, 1/.илму хикмат, 2/.саховат, 3/.имон, 4/.куфр, 5/.амон, 6/.марг, 7/.бухл.

## ШОДӢ

Ибни Сайрин гӯяд, шодӣ дар хоб ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, касе шодмон шуд, далел, ки аз он ғаму андӯҳ расад. Агар мурдаро дар хоб шоду хуррам бинад, далел, ки ҳолаш некӯ гардад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки агар дар хоб бе сабабе шодмон буд, далел, ки аҷалаш фаро расида буд.

## ШОХ

Ибни Сайрин гӯяд, дидани шохҳо дар хоб бар худованди хобҳо далел бар бародарону фарзандону хешон буд. Агар бинад, ки шохҳои дарахт бисёранд, далел, ки хешони бисёр дорад. Агар бинад, ки шох аз дарахт бибурид, далел, ки аз аҳли байти худ касеро дур кунад. Агар бинад, ки шохи дарахти ӯ хушк шуд, далел, ки аз хешони ӯ касе ҳалок шавад. Агар бинад, ки шохи дарахти хурмо бар вай додаанд, далел, ки ӯро фарзанде ёбад.

## ШОНА

*Ибни Сайрин гӯяд, шона дар хоб марде буд, ки ӯро ҳасбу насаб набуд, дар дини ӯ нифоқ бошад. Агар бинад, сару риш шона мекард, далел, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, агар ба хоб бинад, ки ришро шона мекард ва ягон мӯй берун меовард, далел, ки закоти мол бидиҳад. Магрибӣ гӯяд, шона дар хоб ёрони мувофиқ дар кори хайр бошанд ва мӯйро шона кардан ёфтани мурод буд ва шонатарош марде буд, ки ғаму андӯҳ аз дилаш бибарад.*

## ШОНАИ ОДАМӢ

*Ибни Сайрин гӯяд, шонаи одамӣ дар хоб дидан зан буд Агар бинад, шонаи худ қавӣ ёфт ё шонаи гов ё гӯсфанд ёфт, далел, ки ӯро зане ҳосил шавад. Агар бинад, ки дӯши ӯ бишкаст, далел, ки зани ӯ бимурд. Агар бинад, ки дар он шона сиёҳӣ буд, далел, ки дар он сол офат ва бало бошад. Агар дар он шона сиёҳӣ ё сурхӣ бинад, далел, ки нархҳо арзон шавад.*

## ШОҲИСПАРҒАМ /РАЙҲОН/

*Агар бинад, шоҳиспарғам сабзу покиза ва хушрӯ буд, далел бар бузургӣ буд ва агар зуд пажмурда буд, далел бар беморӣ буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки шоҳиспарғам дар хоб ба шаш ваҷҳ буд: 1/.Иззу бузургӣ, 2/.фарзанд, 3/.дӯст, 4/.сухани хуш, 5/.маҷлиси илм, 6/.номи неку.*

## ШОҲИН

*Ибни Сайрин гӯяд, ки дидани шоҳин дар хоб, агар мутеъи ӯ буд, далел, ки аз подшоҳ ӯро манфиате расад. Кирмонӣ гӯяд, ки шоҳин дар хоб марде бисёрдон буд ва агар бинад, ки шоҳин гирифт, далел, ки бо марди бисёрдон ҳамсӯҳбат шавад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки шоҳин дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/.қадру манзилат, 2/.фарзанд, 3/.мол ва неъмат, 4/.фармонравоӣ.*

## ШАБ

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар шаб тира ва нохуш буд, таъбири он ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, шаб равшан ва маҳтоб буд, далел ки айшу хуррам, буд,

## ШАРОБ

Ибни Сайрин гӯяд, ки хӯрдани шаробҳо ё ки ба таъми ширин буд, чун шароби себ шароби анор ва монанди ин бар шаш ваҷҳ буд: 1/. дин, 2/. манфиат, 3/. дини муфид, 4/. умри дароз, 4/. айши хуш, 6/. зикри ҳаќ таъоло. Агар бинад, ки шаробҳои он турш буд, хӯрдани он дар хоб ғаму андӯҳ буд. Шаробҳои талх далел бар фоидаи дин ва дунё буд.

## ШАРМ

Агар бинад, ки дар коре шарм дошт, далел, ки дар он кор хайру салоҳ буд.

## ШУСТАН

Ибни Сайрин гӯяд, ки шустан дар хоб ва оби ҷӯй ва дарё далел бар наҷот аз ғаму андӯҳ буд. Агар ин хоб маҳбус бинад, аз зиндон озод шавад. Агар ҳомдор ҳомаш гузорида шавад, агар бемор бинад, шифо ёбад. Агар бинад бо оби шӯр худро мешуст, далел, ки ранҷ ба вай расад. Агар бинад, ки ҷомаи пок бо оби чиркин мешуст, далел бар кори беҳуда ва фасоди ӯ дар дин буд, Мағрибӣ гӯяд, шустан ба оби сард ба чаҳор ваҷҳ буд: 1/. тавба, 2/. офият, 3/. халосӣ аз зиндон, 4/. эмин аз тарс.

## ШУШ

Шуш дар хоб шодию хуррамӣ буд. Агар бинад касе ба ӯ шуш дод, агар он кас маъруф буд, далел, ки аз вай хуррамӣ бинад. Агар бинад, шуши хом ё пухта мехӯрд, далел, ки ӯро мол ҳосил шавад.

## ШАТРАНҶ

*Ибни Сайрин гўяд, ки шатранҷ бохтан дар хоб бўҳтон ва сухани дурўғ буд. Муаббирон гўянд, ки шатранҷ дар хоб нек набуд.*

## ШЕЪР

*Ибни Сайрин гўяд, агар шеър ё ғазал мехонд, далел, ки сўхани ботил гўяд. Аммо агар тавҳидӣ ё сухани боҳикмат мехонд, далел, ки бо заҳкор нашавад.*

## ШАФТОЛУ

*Ибни Сайрин гўяд, шафтолу дар хоб, агар зард, далел бар беморӣ буд ва агар бо вақт бошад, мазарати камтар буд ва агар бинад, шафтолу ширин буд, зан бошад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, шафтолу дар хоб ба панҷ ваҷҳ буд: 1/.канизак, 2/.писар, 3/.иллат, 4/.мол, 5/.манфиат.*

## ШАКАР

*Ибни Сайрин гўяд, пораи шакар дар хоб сухани латиф буд ё бўса ба фарзанд диҳад ва агар шакар бисёр буд далел бар мол ва рўзии ҳалол буд. Ҷаъфари Содиқ гўяд, шакар дар хоб ба панҷ ваҷҳ буд: 1/.сухани латиф, 2/.бўса додан, 3/.манфиат, 4/.фарзандон, 5/.мол.*

## ШИКОР КАРДАН

*Ибни Сайрин гўяд, агар бинад, ки гўсфандон ё гови кўҳӣ ё харгўш шикор мекард ва гўшти вай мехўрд, ҳама далел бар накўӣ буд.*

## ШУКР ГУЗОРИДАН

Ибни Сайрин гўяд, агар дар хоб шукри худои таъоло гузорид, далел бар дурустии дин ва қуввату ҷоҳу мол ва саодати ду ҷаҳонӣ буд.

## ШИКАСТАН

Агар бинад, ки чизи бишкаст, ба қадри он ўро зиён расад. Агар бинад, ки яке аз андомҳои ў бишкаст, далел бар он мусибат буд. Агар бинад, аз олот чангу рубобу най чизе бишкаст, далел бар хуррамӣ буд.

## ШИКАМ

Шикам дар таъбири муаббирон бар се қавл аст. Дониёл гўяд, шикам зоҳиру ботини мол буд. Ибни Сайрин гўяд, фарзанд буд. Кирмонӣ гўяд, ки шикам дар хоб далел бар хешон бошад. Агар бинад, ки шиками вай бузург шуд, далел бар зиёдатии мол ва фарзандону хешони ў бошад. Агар бинад, ки шиками вай кўчак буд, таъбираш бар хилофи ин буд. Агар шиками худро омосида бинад, далел, ки ўро моли бисёр ҳосил шавад. Агар марде бинад, ки аз шиками вай фарзанде берун ояд, аз қавми вай касе падид ояд, ки аҳли байти ўро ҷоҳу ҳашамат биафзояд ва агар шиками худро шикофта бинад, далел, ки ўро мусибат расад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, шикам дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1..ҶОИ илм, 2/ Хазина, 3/ Низому айш, 4/. Фарзанд.

## ШИКАНҶА

Ибни Сайрин гўяд, шиканҷа дар хоб далел бар хор ва бечорагӣ буд. Агар бинад, ки аз шиканҷа бар вай захмат нарасид, таъвилаш бар хилофи ин буд.

## ШУКУФАИ ДАРАХТОН

Шукуфаи дарахтон ба таъвил ба вақти хеш беҳтар буд ва агар сурху сафед буд ё гулнор, дар хоб арўси некў буд. Агар

бинад, ки шукуфа мебӯид, далел, ки мардум ӯро мадҳу сано мегӯянд.

## ШАЛ ШУДАН

Агар бинад, ки андоме аз андомҳои ӯ шал шуд, далел, ки аз корҳои бад тавба кунад. Агар бинандаи хоб муфсид буд, таъбираш хилофи ин буд.

## ШАЛҒАМ

Шалғам дар хоб ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки шалғам ба касе дод, далел буд, ки ба ӯ ранҷ расад. Шалғами пухта дар хоб беҳ аз шалғами хом буд. Агар бинад,ки шалғам аз худ дур кард, далел, ки аз ғаму андӯҳ халосӣ ёбад.

## ШАЛВОР

Шалвор дар хоб зани дунҳиммат буд. Агар бинад, ки ӯро шалвор бахшиданд, далел, ки ӯ зани дунҳиммат талаб кунад. Агар бинад, ки шалвори чиркин дошт, далел, ки ба уқубати парвардигор гирифтор гардад. Агар бинад, ки шалвори сурх дошт, далел, ки зани зебо ёбад. Агар бинад, ки шалвори зард дошт, далел ки бемор шавад. Занонро шалвори рангин некӯ бошад. Агар зане бинад, шалвори нав харид, далел, ки шавҳар кунад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, шалвор дар хоб ба се ваҷҳ буд: 1/ Зан, 2/ Канизак, 3/ Ходими хона.

## ШАМШЕР

Дониёл гӯяд, шамшер дар наём зан буд ва бе наём моли хоста буд. Агар бинад, ки шамшер дар даст дошт, далел, ки ӯ писаре ёбад. Агар бинад, шамшер аз наём берун буд, таъвилаш ҳамчунин буд. Ва агар бинад, ки шамшер дар наём ва наём шикаст ва шамшер саломат буд, далел, ки фарзанд ба саломат бурд ва модараш бимурд. Ва агар бинад, ки шамшер бар миён баст, далел бар дарозии умри вай буд. Агар бинад, ки шамшери оҳанин дошт далел, ки кораш қавӣ гардад. Ва агар бинад, ки

*шамшер аз марворид дошт, далел, ки аз амалҳои аҳли дин қувват ёбад ва агар бинад, ки шамшер аз чӯб дошт, далел, ки корат заиф шавад ва агар бинад, ки шамшер аз сафол дошт, далел, ки аз заноии подшоҳ қувват ёбад. Ва агар бинад, ки ниёми он шамшер шикаста буд, далел, ки яке аз аҳли байти ӯ бимирад. Ва агар бинад, ки шамшери вай дурӯя буд, далел, ки кораш равон гардад. Ва агар бинад, ки шамшер лоҷувардӣ буд, далел, ки кораш пойдор бошад. Ва агар бинад, ки шамшери ӯ мисли оина буд ва медурахшид, далел, ки аз меҳтаре навохт ва ҳурмат ёбад. Ҷаъфари Содиқ /р/ гӯяд, шамшер дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/.Фарзанд, 2/.Вилоят, 3/.Ҳуҷҷат, 4/.Манфиат, 5/.Зафар ёфтан бар душман. Ва шамшергар дар хоб марде буд қавӣ ва фасеҳзабон.*

## ШАМЪ

*Ибни Сайрин гӯяд, шамъ дар хоб давлат ва аз ҷоҳ ва фарохи айш ва неъмат буд. Ва агар бинад, ки шамъ афрухта дошт, далел, ки давлат ва неъматаш зиёда шавад. Ва агар бинад, ки шамъ афрӯхта дар хонаи худ ниҳода буд ва ҳама хонаҳо аз вай равшан буд, далел, ки дар он сол неъмат бар вай фарох гардад ва тиҷорати вай равон шавад ва баъзе гӯяд ӯро зани боҷамол сутуда бошад ва агар бинад, шамъи афрӯхта ӯро доданд, далел ки давлат ёбад ва агар бинад, ӯро шамъ бо шамъдони симин буд, далел, ки зане ёбад асли нек бошад ва агар бинад, ки шамъдони заррин буд, далел, ки зане аз наздикони подшоҳ бихоҳад ва агар шамъдон аз арзиз буд, далел, ки зане аз қабилаи мутавасит /миёна/ хоҳад ва агар бинад, ки шамъдон аз мис буд, далел ки зани беасл хоҳад ва агар бинад, ки шамъдон биринҷ буд, далел, ки зане аз асли кибор хоҳад ва бинад, ки шамъдон аз оҳан буд, далел, ки зане аз асли қавӣ хоҳад, ва агар бинад, ки шамъдон сафол буд, далел ки зан аз мардумони омма бошад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, шамъи афрӯхта ва бар даст дошт, ногоҳ бимурд, занам бимирад ва агар бинад, ки шамъ дар даст афрӯхта дошт ва касе бикушт, далел, ки он кас ҳасад бар ӯ бурд ва агар бинад, ки равшании шамъ кам шуд, далел, ки из ва ҷоҳ ва давлати ӯ кам шуд. Дониёл /а/ гӯяд, агар бинад, шамъ афрӯхта дар даст дошт, далел, ки агар зан дорад, ӯро писаре ёбад. Ва агар дар шаҳре шамъҳои афрӯхтаи бисёре бинад, далел,*

*ки подшоҳи он шаҳр одил ва додгар бошад ва қозӣ донишманд ва зоҳид ва хуррамӣ дар он шаҳр бисёре буд. Ва агар дар масҷид шамъи бисёр бинад, далел, ки мардумони он мавзеъ бо тоат ва таълими илм машғул бошанд.*

*Ҷаъфари Содиқ /р/ гӯяд, дидани шамъ дар хоб бар чордаҳ ваҷҳ буд: 1/ Подшоҳ, 2/ Қозӣ, 3/. Фарзанд, 4/ Арӯс, 5/. Фармонравоӣ, 6/ Меҳтарӣ, 7/. Сарой, 8/ Шодӣ, 9/. Тавонгарӣ, 10/ Илм, 11/ Айш, 12/ Канизак, 13/. Зан, 14/ Далел бар бинанда.*

## ШИНО КАРДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, шино кардан дар оби соф талаби маъишат кардан ба ҳилат ва тадбир буд ва агар бинад, ки дар оби соф шино кард ва ғарқ шуд, далел, ки дар моли дунё ғарқ шавад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки дар дарё шино кард ва ба канор натавонист рафт, далел, ки подшоҳ ӯро аз амал боздорад. Ва агар бинад, ки шино кардан бар вай осон буд, далел, ки кори вай осон гардад, агар бинад, ки шино бар вай душвор буд, далел, ки кори вай душвор гардад. Ва агар канораи дарё намедид, далел, ки дар ҳабс афтад. Ва агар бинад, ки об ғалаба кард ва ӯ дар миёни об бимурд, далел, ки дар дасти хасмон ҳалок шавад ва агар бинад, ки аз ғарқ шудан амон ёфт, далел, ки аз шуғлҳои ин ҷаҳонӣ саломатӣ ёбад ва дар кори охират дарояд. Ва агар бинад, ки об ӯро фурӯ бурд, далел, ки ӯро ғаме ояд ва агар бинад, ки аз дарё ба шино берун омад ва ҷома дарпӯшид, далел, ки аз шуғлҳои подшоҳ халосӣ ёбад. Ва агар ба хилофи ин бинад, далел, ки таъвилаш боз гуна буд. Ва агар бинад, ки аз рӯди бузург ба шино канора омад, далел, ки аз шуғли бузург раста гардад ва агар ба хилофи ин бинад, далел, ки дар он шуғл бимонад.*

## ШАҲОДАТ /КАЛИМАИ ШАҲОДАТ/

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки шаҳодат бармеовард, далел, ки аз ғамҳо фароҳ ёбад. Агар муслиҳ буд ва бинад ки шаҳодат бармеовард, далел ки ба вақти марг шаҳодат ёбад. Ва агар бинанда муфсид буд, далел, ки тавба кунад агар мушрик*

буд, имон орад.

## ШАҲД

Агар бинад, ки шаҳд бо мум буд, далел, ки мерос буд ё ғанимати ҳалол буд. Агар бинад, ки шаҳд дошт, далел, ки аз ҷое мероси ҳалол ёбад. Кирмонӣ гӯяд агар бинад, ки шаҳд дошт, далел, ки ба қадри илму дониш ҳосил гардад. Агар бинад, ки аз он шаҳд мардумро медод ва мехӯрданд, далел ки мардум аз вай фоида ёбад. Муаббирон гӯянд, ки шаҳд далел бар Қуръон кунад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, шаҳд дар хоб бар панҷ ваҷҳ буд: 1/ мерос, 2/ ғанимат, 3/ илм, 4/ қуръон, 5/ рӯзии фарох буд.

## ШАҲРИСТОН

Агар бинад, ки ба Шаҳристон андар шуд, далел, ки дини вай устувор буд ва оқибаташ некӯ гардад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, Шаҳристон дар хоб бар ҳафт ваҷҳ буд: 1/ Подшоҳ, 2/ Раис, 3/ Мардуми омма, 4/ Қуввати дин, 5/.Эминӣ, 6/.Зафар, 7/ Далел бар устувории корҳо.

## ШАҲР

Ибни Сайрин гӯяд, ки агар бинад, ки дар шаҳре шуд, далел, ки динаш қавӣ гардад. Агар бинад, ки аз шаҳр берун омад, таъвилаш ба хилофи ин буд. Агар бинад, аз шаҳре ба шаҳри дигар ӯро ронданд, далел, ки зан аз вай ҷудо гардад. Агар бинад, ки аз шаҳри мусулмонон ба шаҳри кофирон рафт, далел, ки аз дини рост ба дини ботил дарояд. Ва агар дар тобистон дар шаҳре барфу ях бинад, далел бар қаҳтию тангӣ бувад. Агар дар зимистон буд, хилофи он буд. Агар бинад, аз шаҳр ба русто мерафт, далел, ки муродаш барнаояд. Ва агар бинад, ки занон бар шаҳре рафтанд, далел, ки дар он шаҳр фитнаву бало афтад. Агар бинад, ки занон дар ороста ба шаҳре рафтанд, далел, ки дар он шаҳр неъмату фарохӣ афтад. Агар бинад рӯбаста ба шаҳре дарун шуданд, далел ки дар он шаҳр хабарҳои нохуш равад. Агар дар хоб худро дар шаҳри Ҳиндустон бинад, далел, ки

*бад буд. Агар худро дар шаҳрҳои Туркистон бинад далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар дар шаҳрҳои Булғору Сақлон бинад, далел, ки бар вай хинат буд ва корҳо ба вай пӯшида гардад. Агар худро дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр бинад, далел, ки изу ҷоҳ ёбад. Агар худро ба Хоразм бинад, далел, ки кораш баста гардад. агар худро дар шаҳрҳои Ироқ бинад, далел, ки давлату комронӣ бинад. Агар худро дар шаҳрҳои Хуросон бинад кори ӯ ба осонӣ анҷом ёбад. Агар худро ба шаҳрҳои Ҳиҷоз, бинад далел, ки ҳаҷ гузорад. Агар худро дар шаҳрҳои Миср бинад, далел бар хуррамӣ ва шодмонӣ буд. Агар худро дар шаҳрҳои Озарбойҷон бинад, далел дар он корҳо ранҷу бало кашад. Агар худро ба шаҳрҳои мағриб бинад, далел, ки дар кораш нуқсон афтад. Агар худро дар шаҳрҳои Макка бинад, далел, ки шарафу бузургӣ бинад. Агар худро дар Мадина бинад, далел, ки ӯро бо туҷҷор сӯҳбат афтад. Агар худро дар шаҳрҳои Яман бинад, далел, ки аз тарсу бим эмин гардад. Агар худро дар Басра бинад, далел, ки ба аҳли дин ҳамсӯҳбат шавад. Агар худро дар Бағдод бинад, далел, ки тавонгар шавад. Агар худро ба Тифлис бинад, далел, ки кораш нуқсон пазирад. Ва агар худро дар Ганҷа бинад, далел, ки неъматаш зиёд шавад. Агар худро ба Хева бинад, далел ки молаш кам шавад. Агар худро ба Табрез бинад, далел, ки аз ғам раста гардад. Агар худро ба Ҳамадон бинад, далел, ки ҷоҳу манфиат ёбад.*

## ШӮРБО

*Ибни Сайрин гӯяд, шӯрбо дар хоб агар ба гӯшт бошад ва таъми вай хуш бошад ва агар бар хилофи ин буд, далел бар ғаму андуҳ буд.*

## ШИР

*Шир дар хоб ҳарчанд тозатару ширинтару хубтар бошад, далел, ки бар зиёдатии мол кунад ва чун турш буд, таъвилаш хилофи ин буд. Агар бинад ки шири тоза мехӯрд, далел, ки ӯро мол ҳосил шавад. Агар зане медид, дар пистонаш шир ҷамъ шуд, далел, ки ӯро фарзанде ояд. Агар марде бинад, ки шир медушид ва ивази шир хун меомад, далел, ки моли ҳаром ёбад. Агар зане бинад, ки кӯдакеро шир медод, далел ки аз подшоҳ мол ёбад. Кирмонӣ гӯяд, шири чаҳорпояи даштӣ дар хоб моли андак буд.*

Агар дар хоб, бинад, ки шири шутур мехўрд, далел, ки аз бузурге мол ёбад. Агар шири оҳу мехўрд, далел, ки рўзи бар вай фарох гардад. Агар шири буз мехўрд, далел, ки аз зану мол неъмат ёбад. Агар бинад, ки шири паланг мехўрд, далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки шири хар мехўрд, далел, ки бемор шавад ва зуд шифо ёбад. Агар бинад, ки шири хук мехўрд, далел ки аблаҳ ва бехирад гардад. Агар бинад, ки шири рўбоҳ мехўрад, далел, ки бо касе макру ҳилат созад. Агар бинад, ки шири гург мехўрад, далел, ки аёлаш ба вай хиёнат кунад. Маѓрибӣ гўяд, шир душидан дар хоб агар аз ҷонвароне гушташ ҳалол буд, далел бар моли ҳалол буд. Ва аз ҳайвоне гушташ ҳаром буд, далел бар ваму андўҳ буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд шир дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/Рўзии ҳалол, 2/Молу фарзанд, 3/Ғаму андўҳ.

## ШИРА

Ибни Сайрин гўяд шираи ангур дар хоб хайру манфиати дунёӣ буд. Агар бинад, шираи ангур мефишурд, ки ба подшоҳи бузург наздик шавад. Агар бинад, шираи тоза мехўрд, далел, ки ба қадри он рўзии ҳалол ёбад. Агар бинад, шира ба таъми турш буд, рўзӣ ба ранҷу меҳнат ёбад. Ҷаъфари Содиқ фармояд дидани шира дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/Моли ҳалол, 2/Неъмати бисёр, 3/Илму ҳикмат, 4/Манфиати беранҷ.

## ШИРИНИҲО

Ибни Сайрин гўяд, ки дар хоб хурсандиву шодӣ ва рўзии ҳалол бошад. Агар бинад, касе ба вай ширинӣ дод, далел, ки аз он кас рўзӣ ёбад. Шириниии сафед далел ба порсоӣ буд. Ва агар ширинӣ сурх буд, далел, ки тарабу ишратро дўст дорад. Ва агар зард буд, далел ки канизаки беморсифат буд. Ҷаъфари Содиқ фармояд, ширинӣ дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд: 1/Манфиат, 2/Моли ҳалол, 3/Илму адаб, 4/Канизаки хушрў.

## ШЕР

Ибни Сайрин гўяд, шер дар хоб душман буд. Агар бинад,

*ки бо шер ҷанг мекард, далел, ки бо душман хусумат мекард. Агар бинад, ки бар асари шер мерафт, далел ки аз подшоҳ битарсад ва агар бинад, ки аз шер мегурехт шер ӯро талаб мекард, далел ки аз он чи метарсид, эмин гардад, ва агар бинад, ки гӯшти шер мехӯрд, далел ки аз подшоҳ мол ёбад ва бар душман музаффар гардад. Кирмонӣ гӯяд, шер дар хоб подшоҳ бувад. Агар бинад, ки андоми шер чизе биёфт ё касе ба вай дод ва хурд, далел аз моли душман чизе бихурад. Ва агар бинад, ки бо шер муҷомиа мекард, далел ки аз суханҳои бад раста гардад ва мурод ёбад. Ва агар бинад, ки шерро дар бар гирифт, далел ки бо душман оштӣ кунад. Гӯшту пӯсту устухони шер ҳама далел ба душман аст. Ҷаъфари Содиқ фармояд, шер дар хоб бар се ваҷҳ аст: 1/Подшоҳ, 2/Марди далер, 3/Душмани қавӣ.*

## ШИША

*Ибни Сайрин гӯяд, шиша дар хоб зан аст: Агар бинад, ки шишаи холӣ бар вай додаанд, далел ки зани дарвеш хоҳад. Агар дар он шиша равғани гул ё бунафш буд, далел бар зани диндор буд. Мағрибӣ гӯяд, зани тавонгар бошад. Ва агар бинад, аз он равған чизе ба сар молид, далел ки аз моли зан ба вай чизе расад. Агар бинад, аз шиша шаробе мехӯрд, мисли шароби себ ва анор далел, ки ба қадри он моли зан хӯрад, Агар бинад, ки шишаи обчина дошт ва сафеду покиза буд, далел, ки зани хубрӯй ва порсо ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд: дидани шиша дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/ зани боҷамол, 2/канизак, 3/ходимаи хона.*

## СОБУН

*Агар бинад, ҷомаи касе ба собун мешуст, далел, ки аз корҳои бад боздорад. Агар бинад, ки собун мехӯрд, далел ки моли ҳаром хӯрд. Агар бинад, ки собун бисёр дошт ва ҷомаи худро бишуст, далел ки ӯро хоста ҳосил гардад. Агар дасти худ бо собун бишуст, далел ки аз мардумон бозмонад. Собун дар хоб харидан беҳ аз фурӯхтан буд. Агар собун сафед буд ва аз вай бӯи хуш меомад бағоят нек буд. Ва собунгар зани меҳтарӣ буд.*

## СОИҚА /БАРҚ/

Агар аз абр соиқа афтад, далел ки ба қадри он соиқа азоби худои таъоло ба аҳли он мақом аҳли он диёрро тавба бояд кард то азоб аз эшон дур шавад. Агар бинад, ки оташ аз ҳаво монанди борон меборид, далел бар бало ва фитна ва хун рехтан аз ҷиҳати подшоҳ буд.

## СУБҲ

Ибни Сайрин гӯяд, субҳи содиқ бидамид ва ҷаҳон равшан шуд, далел ки диёрро амонӣ ҳосил шавад. Агар бинад, ки баъд аз субҳ торикӣ пайдо шуд, таъвилаш ба хилофи ин буд. Маврибӣ гӯяд, субҳ дамид ва сурх буд ва замин аз акси он сурх шуд, далел ки дар он диёр қатлу хун рехта шавад. Агар ранги субҳ зард буд, далел бар беморӣ буд. Ҷаъфари Содиқ /р/ гӯяд, дидани субҳ дар хоб далел бар қувват ва салоҳи дини мардумони диёр буд.

## СӮҲБАТ

Ибни Сайрин гӯяд, агар сӯҳбат бо мардуми порсо медошт, далел бар диёнату салоҳи зиндагонии ӯ бошад. Агар ба хилофи ин бинад, далел бар фасоду табаҳкории ӯ бошад. Ва Маврибӣ гӯяд, агар ҳамроҳӣ бо подшоҳ мекард, далел ки аз подшоҳ ӯро хайру манфиат расад. Агар бинад, ки ҳамроҳӣ бо марди олим мекард, далел ки илм ва дониш ёбад, ва кораш ба низом шавад. Ва агар бинад бо муштарике ҳамроҳӣ мекард, тавба бояд кард. Ва агар бинад, ки бо бузурге ҳамроҳ мекард, далел ки ба дунё маврур шуд.

## САҲРО

Ибни Сайрин гӯяд дидани саҳро дар хоб хуррамӣ ва некӯӣ буд. Аз қабили подшоҳ ба қадри бузургии саҳро. Агар саҳрои беандоза бинад ва дар он хору хас бисёр бошад ва ӯ дар он ҷо мегашт, далел ки ӯро бо подшоҳи ситамгоре, золиме сӯҳбат афтад ва муқарриби вай шавад. Ва агар саҳрое бинад, ки дар ӯ сабза буд, далел ки бо мардуми фозиле ва олиме сӯҳбат афтад ва

*фоида ёбад.*

## САҲИФА

*Саҳифа маънӣ дорад: яке нома дуввум ҳоваз севвум парда. Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки бар саҳифа чизе бинавишт, далел ки мерос ёбад. Ва агар бинад, ки бар саҳифа касе аз баҳои худ чизе менавишт, далел ки аз марди дунёдор бо амонат чизе ёбад. Агар бошад, ки бар саҳифаҳо ба хати сабз чизе навишт, далел ки аз мусибатзада чизе ёбад. Ва агар ба саҳифа чизе навишт, далел ки ба мерос нарасад.*

## САДАФ

*Кирмонӣ гӯяд, садаф дар хоб зан буд. Агар ба хоб бинад, ки садафе ёфт, далел ки зане хоҳад.*

## САДАҚА ДОДАН

*Агар ба хоб бинад, ки олиме садақа медод, далел ки аз илмаш мардум нафъ ёбанд Агар бинад, ки подшоҳ садақа медод, далел ки манфиаташ бисёр буд. Агар бинад, ки пешаваре садақа медод, далел ки шогирдонро кор омӯзад. Кирмонӣ гӯяд, садақа додан дар хоб эминӣ буд. Мағрибӣ гӯяд, агар вомдоре садақа медод далел ки вомаш гузорида шавад. Агар мулҳид бинад, ки садақа дод донад, ки мусулмон шавад. Филҷумла садақа додан дар хоб саодати дуҷаҳонӣ буд.*

## САНДУҚ

*Ибни Сайрин гӯяд, сандуқ дар хоб зан буд. Ва баъзе муаббирон гӯянд, ки иззу ҷоҳ буд. Агар ба хоб бинад, ки сандуқи бузурги нав харид, далел ки ба қадри он иззу ҷоҳ ёбад. Агар сандуқи вай бӯшкаст, далел ки иззу ҷоҳаш кам шавад.*

## СУРАТ

Агар дар хоб бинад, ки чеҳраи ӯ ба сурати дигар бадал гашт, далел ки аҳволаш ба он тавр ки дида буд, бигардад ва агар бинад, ки ба сурати худ бозгашт, далел ки ба сӯи худ бозгардад.

Мавриби гӯяд, агар бинад, ки сурати ҷонваре шуд далел ки бадмазҳаб ва дурӯғгӯй бошад.

## ЗАЪИФ

Ибни Сайрин гӯяд, заъифи дар хоб нуқсони ҷоҳ буд, агар бинад, ки сари вай заъиф шуд, далел ки қадру ҷоҳаш кам шавад. Агар бинад, ки чашми вай заъиф шуд, далел, ки дар динаш нуқсон бошад. Агар бинад, ки гушти вай заъиф шуд, далел ки зани ӯ бемор гардад. Агар бинад, ки саъифаш заъиф шуд, далел ки модараш ё фарзандаш ранҷур шаванд.Агар ангушти ӯ заъиф шуд, далел ки духтараш бемор гардад.Агар бинад, ки шиками ӯ заъиф шуд, он кас ки пушту паноҳи ӯст, бемор гардад. Агар бинад, ки тани вай заъиф шуд, далел ки андӯҳгин гардад.

## ТОВУС

Дониёл гӯяд, ки товус дар хоб зани муфсида буд ва агар бинад, ки товуси нар бо вай сухан гуфт, далел ки вилоят ёбад. Агар бинад, ки тазарву товус бо ҳам буданд, далел ки бегона бо аҳли ӯ фасод кунад. Ва агар бинад, ки товус хонаи вай бипарид, далел ки занро талоқ диҳад.

## ТАББОХ /ОШПАЗ/

Ибни Сайрин гӯяд, таббох дар хоб марде харис буд. Агар бинад, ки таббоҳӣ мекард ва он хӯрок ба таъми хӯш буд, далел ки хайру некӣ бинад, агар ба хилофи ин буд, далел бар мазаррат буд.

## ТАБИБ

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад ки табибе беморро илоҷ

кард, далел ки якеро аз роҳи фосид ба роҳи салоҳ оварад. Агар бинад, ки мардумро дору дод, далел ки илм гӯяд ва панд диҳад.

## ТАЪОМ

Дониёл гӯяд, ҳар таъому шароб ки вайро расида бошад, таъвилаш бад буд. Таъоми бемазза таъвил бар ғаму андӯҳ буд. Таъоми хуш ва ширин айши хуш буд ва агар бинад, ки дар хона таъом дошт ва ҳама бихӯрд, далел ки умраш ба сар омада бошад. Агар бинад, ки чандон таъом бихӯрд, ки тоқат надошт, бархезад далел бар марги вай буд.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд агар бинад, ки ба дарвеш таъом дод, далел ки аз ғаму ранҷ ва тарсу бим раста гардад.

## ТАЛОҚ

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки занро талоқ дод, далел ки аз шарафу бузургӣ афтад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, агар бинад, ки занро талоқ дод, далел ки коре кунад, ки аз он пушаймон шавад.

## ТАНБУР

Агар бинад, ки дар хонаи худ танбур мезад, далел ки дар он ҷо ғаму мусибат буд. Агар бинад, ки танбури вай бишкаст, далел ки тавба кунад. Агар бемор бинад, ки танбур мезад, далел ки маргаш наздик буд. Агар касе дар хоб овози танбур мешунид, далел ки сухани ботил шунавад.

## ОШИҚ

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ошиқ аст ва харис буд, далел бар фасод ва бадӣ кунад. Агар бинад, ки бар касе хубрӯй ошиқ шуд, агар он ишқ бо нияти ҳаром буд, далел бар шарру фасод кунад ва агар дар он ишқ нияти пок буд, далел бар салоҳ бошад. Агар бинад, ки аз маъшуқ коми дил ёфт далел бар хайру

манфиат буд.

## ОЛИМ

Агар бинад, ки мардумро илм мегуфт, агар аз аҳли илм набуд, далел ки аз он диёр бигрезад ва агар олим буд, далел ки иззу ҷоҳ ёбад.

## ИБОДАТ

Мавриби гӯяд, агар бинад, ки ибодат дар масҷид мекард, далел ки хайрияти ин ҷаҳонӣ ёбад. Агар ҷое, ки ибодат кард, макруҳ буд, далел ки таъвилаш хилофи гуфтаи боло буд.

## АДАД

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки яке аз дирам ё аз хайру некӯӣ бинад. Адади як дар хоб некӯ буд, адади 2 ҳаму андӯҳ буд, валекин бар душман зафар ёбад. Адади 3 далолат бар фурқат кунад, зеро ки тоқ аст, агар адади 4 бинад некӯ аст. Агар адади 5 бошад, некӯ буд, агар адади 6 бинад, некӯ бошад ва чун 7,8 буд, бад буд. Агар адади 9 бимонад, бад бошад ва адади 10 некӯ бошад ва муроди дину дунё ӯро ҳосилояд ва агар адади 11 бинад, далел ки шувулҳои вай ба рӯзгор барояд ва агар адади 12 бинад некӯ бошад ва агар адади 13 бинад, бад бошад, агар адади 14 бошад, некӯ буд. Агар адади 15 бинад, далел ки корҳои парокандаи вай барояд ва агар адади 16 бинад, ҳоҷаташ дер барояд. Ва агар 17 адад бошад бад аст ва агар 18 бинад, далел ки умедаш барнаояд ва агар 19 бошад, ӯро бо мардум кор афтад ва адади 20 бинад, нек бошад ва бар душман зафар ёбад ва агар 30 бинад, ӯро бо касе душман зафар ёбад ва агар 30 бинад, ӯро бо касе доварӣ афтад агар 40 бинад, кораш баста гардад ва агар 50 бинад, далел ба ранҷу сахтӣ агар 60 бинад далел ки ӯро савганд ба гардан афтад ва ӯро ду моҳ пайваста рӯза бояд ё 60 дарвеш таъом бояд дод. Агар адади 70 бинад, далел ки ба таъхир барояд ва агар адади 80 бинад, далел ки ӯро тӯҳмат кунанд ва агар адади 90 бинад далел ки чанд занро аз бузургон ба никоҳ кунад. Агар адади 100 бинад, далел, ки нусрату зафар ёбад. Ва агар касе бинад, ки ӯро

*100 дирам доданд, далел ки тӯҳмате ба зино бар вай кунанд. Агар касе бинад, ки ӯро 100 дона аз гандум ё аз ҷав ё чизе донаҳо ба вай доданд, далел ки ӯро хайру баракат буд ва айш бар вай фарох гардад ва агар адади 200 бинад, далел ки душманон бар вай зафар ёбанд ва агар 300 бинад, далел ки ба рӯзгор муродаш ҳосил шавад ва агар 400 бинад, далел, ки бар хасм зафар ёбад ва агар 500 бинад, далел ки кораш мавқуф бошад ва агар 600 бинад, далел ки шод шавад ва агар 700 бинад, далел ки кораш сахт гардад. Ва оқибат барояд ва агар 800 бинад, далел ки кораш барояд ва бар душман зафар ёбад, агар 900 бинад, далел ки душман бар вай зафар ёбад ва агар 1000 бинад, далел ки бузургӣ ёбад ва бар душман зафар ёбад.*

## АРШ

***А**рш дар хоб амири бузург ё моли хостаи бисёр аст. Агар бинад, ки арш ороста буд, далел ки ӯро бо марде бузург сӯҳбат афтад ва иззату нусрат ёбад. Агар аршро ҳақир бинад, далел ки назди мардум хор гардад. Агар худро бар арш нишаста бинад, далел ки бо марде бузург пайвандад ва аз ӯ ҳурмату ҷоҳ бинад, агар аз арш ба зер омад, далелаш бар хилофи боло буд.*

## АР-АР

***А**гар касе ба хоб бинад, ки арар дошт, далел ки бо марди асил сӯҳбат кунад ва дарахти арар ба таъвил мард бошад, ки некӣ камтар кунад.*

## АРАҚ КАРДАН

***А**гар касе ба хоб бинад, ки арақ аз тани вай равон шуд, далел ки қадри арақ вайро зиён афтад, хоса агар арақи вай ба замин чакад.*

*Агар касе бинад, ки ҷомаи вай аз арақ тар шуда буд, далел ки ба қадри он мол бар аёл харҷ кунад. Агар бинад, ки арақи худ мехӯрад, далел ки моли худ бихӯрад. Агар бинад, ки арақи сафед дошт ва бӯяш хуш буд, далел ки молаш ҳалол буд ва агар ба*

*хилофи ин буд. Кирмонӣ гӯяд, араҷ кардан бар хоб далел бар ҳоҷат равоӣ кунад агар бинад, ки араҷ мекард, далел ки ҳоҷаташ раво шавад. Агар бемор бинад, ки араҷ кард, далел ки шифо ёбад.*

## АРӮСӢ

*Агар касе ба хоб бинад, ки арӯсе бихост, валекин ӯро надид, далел ки бимирад ё кушта шавад. Агар бинад, ки арӯсе ба хона овард ва бо вай бихуфт, далел ки бузургӣ ёбад. Кирмонӣ гӯяд, ки дар он ҷо чангу чавона бошад, далел бар мусибат буд. Агар зане бинад, ки арӯс шуд ва ӯро назди шавҳар мебурданд, далел ки умраш ба охир расида бошад ва агар бинад, ки шавҳар ӯро бистуд ва бо вай некӣ кард, далел ки хайру манфиат ёбад.*

## АСО

*Ибни Сайрин гӯяд, асо дар хоб марде бузургвор буд Агар бинад, ки асо дар даст дошт ё касе ба вай дод, далел ки ӯро аз марде бузург ҷадру ҷоҳ падид ояд. Ва агар бинад, ки асои вай зоеъ шуд таъвилаш хилофи ин буд ва агар бинад, ки асои худ ба касе бахшид, далел ки ҳалок шавад. Агар бинад, ки асо бо вай сухан мегуфт, далел ки ӯро фарзанде ояд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, асо дар хоб бар се ваҷҳ буд:1/марди бузургвор,2/подшоҳ, 3/ҷувват.*

## АТО

*Ибни Сайрин гӯяд,агар касе бинад, ки ӯро чизе ато доданд, муаббир бояд ки пурсад: ин навъ буд он атое, ки доданд зар буд ё сим ё ҷома ва ғайра. Атодиҳанда маъруф буд ё маҷҳул зан ё мард буд, чун ҷумла некӯ бидонист он ки муаббир аст, агар некӯ бошад, далел киончи мардум дӯст доранд, атое, ки ба вай дод некӣ ба вай расад. Агар атодиҳанда маҷҳул буд, далел ки ба сабаби дунё ӯро хорӣ расад ва агар ато ба ҷумлаи хато буд, ин ҷумла дурӯғ буд. Агар бинад, ки ӯро ба он кас пайвастагӣ кунад.*

## АТР

*Ибни Сайрин гўяд, агар бинад, ки бо худ бўи хуш дошт ва ў олим буд, далел ки мардумро аз илми ў манфиат буд, агар тавонгар буд, далел аз мол нафъ расонад. Агар дар хоб бинад, ки атр дошт, далел ки мардум ўро офарин кунанд.*

## АТТОР

*Агар ба хоб бинад, ки атторӣ мекард, далел ки мардум ўро шукр гўянд. Агар бинад, ки ба мардум бўи хуш мефурўхт, далел ки ваъда диҳад, валекин хилоф кунад. Агар бинад, ки бо аттор ошноӣ намуд, далел ки мардум ўро мадҳу сано гўянд ва номдор шавад.*

## АТСА

*Ибни Сайрин гўянд, агар касе ба хоб атса дод ва "алҳамдулиллоҳ" бигуфт, далел аст, ки бемор буд ва ўро ба табиб эҳтиёҷ аст. Ва агар тандуруст буд, ҳоҷаташ раво кунад ва бар вай миннат ниҳад. Агар 3 бор атса дод, далел бар некӣ ва хуррамӣ буд. Агар атса бисёр дод, далел муродаш ба душворӣ барояд. Агар атса дод ва оби биниӣ боз гаштан гирифт, далел ки ўро фарзанд ояд. Кирмонӣ гўяд, ки агар атса дар хоб ба душворӣ дод, далел ки мол ба душворӣ ба даст оварад, агар ба осонӣ дод, ба осонӣ ба даст оварад.*

## АҚЛ

*Ибни Сайрин гўяд, агар ақли худро ба сурати одамӣ бинад, чунонки гўяд, ман ақли туам ва донад, ки ақли вай аст ва агар бинандаи хоб ақли он бошад, далел ки ўро бо фарзанди подшоҳ кор афтад ва хайр бинад. Кирмонӣ гўяд, чун касе ақли худро ба чи сурат бинад, далел ки бахт ба вай рўй намояд.*

*Дониёл гўяд, ақл дар хоб бахту давлат буд.*

*Магрибӣ гўяд, ақлу ҷон дар дар хоб модару падар буд ва агар гоиб бошанду зинда буданд, далел ки дидори эшон боз бинад ва агар мурда буданд, далел ки дуову садоқат аз вай ба эшон расад. Дар хабар аст, ки марде пеши Расули акрам с.а.в. омад ва гуфт ба хоб дидам, ки молу ҷони ман аз ман ҷудо шуданд ва*

*ҳарду ба сурати одамӣ буданд ва ба хонаи ман даромаданд ва ҳар се биншастем ва ба шароб машғул гаштем. Расул фармуд, ки ақл қисмати ин ҷаҳон асту ҷон қисмати он ҷаҳон. Кори ту ба мурод шавад ва агар ақлу ҷон ситеза мекард, далел ки бо султони вилоят мунозиат кунад.*

## АҚИҚ

*Агар бинад, ки ақиқ дошт ё касе ба вай дод, далел ки бо бузурге мусоҳиб шавад ва аз вай хайр ёбад. Агар бинад, ки ақиқи вай зоеъ шуд, таъвилаш ба хилофи ин буд. Агар бинад ки ба хирвор ақиқ дошт ва аз вай хӯрд, далел ки ӯро фарзанде ояд, ки шарафу бузургӣ ёбад.*

## АЛАМ /БАЙРАҚ/

*Дар хоб марде дона ё амали зоҳид буд. Агар бинад, ки алам дар даст дошт, далел ки аз ин навъ мардум, ки сифат кардем, бо касе ошно шавад ва аз вай роҳат ёбад. Агар алам аз вай зоеъ шуд, таъвилаш ба хилофи ин буд. Кирмонӣ гӯяд, алам дар хоб далел бар сафар аст. Агар бинад, ки алам сафед дар даст дошт, далел ки бо марде солеҳу тавонгар ӯро сӯҳбат афтад. Агар алами сабз дошт, далел ки зоҳиду диндор шавад ва агар алам сиёҳ дошт, далел ки қозӣ ё хатиб шавад.*

## ИМОРАТ

*Ибни Сайрин гӯяд, ки агар касе бинад, дар ҷойгаҳи хароб иморат чун масҷиду мадраса ва хонахоҳ кард, далел бар салоҳи дин буд. Ва агар аз баҳри худ иморат мекард, далел ки фоидаи ин ҷаҳон ёбад. Агар бинад, ки ҷов маъруф буд ва хароб шуд, далел бар мусибат буд.*

*Мағрибӣ гӯяд, агар дар ҷов маъруф муқим шуд, далел ки аз он мавзеъ хайру салоҳ ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки иморат дар хоб бар 4 ваҷҳ буд:*

*1/салоҳи ин ҷаҳонӣ, 2/хайру манфиат,3/компонӣ, 4/баракат ва кушоиши корҳо.*

## АНКАБУТ/ТОРТАНАК/

*Дар хоб марди заъиф ва гумроҳу осӣ буд.*

## АВРАТ

*Агар касе ба хоб бинад, ки авраташ тамом зоҳир шуд, чунон ки мардум ӯро медиданд, далел ки сирри ӯ дар миёни мардум зоҳир шавад ва агар бинад, ки аврати худ зуд боз пӯшид, далел ки сирри ӯ зуд пӯшида шавад.*

*Муаббирон гӯянд, агар баъзе аз аврати худ бараҳна буд, пӯшид ва касе надид далел, ки агар бемор буд шифо ёбад ва агар вомдор буд, гузорида шавад ва агар тарс дошт, эмин гардад.*

*Кирмонӣ гӯяд агар касе бинад, ки аврати ӯ бараҳна буд ва бедор шуд, ва аз он шарманда гашт, далел ки ҳоли бад ба ҳоли некояд. Агар бинад, ки қасдан аврати худ бараҳна кард, далел ки коре кунад ки аз он муставҷиби уқубат гардад ё офате ба вай расад.*

## ИД

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки иди Қурбон буд, далел ки ӯро бо марди оқил кор афтад ва агар иди рамазон буд, бо марди зоҳид ӯро суҳбат бошад. Кирмонӣ гӯяд агар бинад, ки ид буд ва мардум ороста берун баромаданд, далел ки агар дар зиндон буд, халос ёбад ва агар аз аҳли иззу шараф буд, шарафи ӯ бузургтар шавад.*

## ҒОР

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки дар ғоре рафт ва дар он ҷо муқим шуд, дар коре сахт гирифтор шавад ва агар бинад, ки дар ғор буд ва зуд аз он берун шуд, далел, ки дар кори саъб гирифтор шавад ва зуд халосӣ ёбад.*

*Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки дар ғор шуд ва он ғор равшан буд, далел, ки ӯро ба зиндон кунанд ва баъзе гӯянд, ки дар коре сахт гирифтор шавад ва агар аз ғор берун омад, далел, ки ранҷур шавад ва шифо ёбад.*

## ҒОРАТ

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки молу неъмати вай ғорат карданд, далел, бар ғаму мусибат буд. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки лашкари ислом диҷри куфрро ғорат кард, далел, ки кофиронро ғаму мусибат буд ва агар лашкари куффор мусулмононро ғорат карданд, далел, ки мусулмононро ғаму мусибат буд.*

## ҒОИБ

*Агар бинад, ки ғоибе аз сафар назди вай омад, далел, ки нома ё хабари ғоиб расад. Агар бинад, ки ғоибаш аз сафар боз омад, далел, ки корҳои баста бар вай кушода гарданд ва агар ғоибаш турушрӯй буд, таъвилаш ба хилофи ин буд. Агар ғоибаш савора аз сафар боз омад, далел, ки ғоиб ба зудӣ ба молу неъмат боз ояд.*

## ҒУБОР

*Агар бинад, ки ғубор ба чизе, ки мулки ӯ буд нишаст, далел, ки ба қадри он мол ҳосил кунад ва агар бинад, ки ғуборе ба рӯи осмон ва замин мешуд, мардуми он мавзеъ аз коре ки доранд, берун оянд. Агар бинад, ки рӯи ӯ пурғубор буд, далел, ки ӯро ранҷу уқубате расад.*

## ҒАРҚ ШУДАН

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки дар дарё ғарқ шуд ва бимурд, далел, ки подшоҳ ӯро ҳалок кунад ва агар бинад, ки об ӯро фурӯ бурд ва боз боло омад, далел, ки аз кори дунё даст дорад ва салоҳи дин ҷӯяд.*

*Агар бинад, ки чаҳорпое ғарқ шуд, далел, ки ба кори сабъ дармонад. Ва раҳоӣ ёбад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд ғарқ шудан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/ моли бисёр, 2/.иқбол, 3/.сӯҳбат ба мардуми бадмазҳаб, 4/ манфиат.*

## ҒАЗО КАРДАН

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ғазо кардан дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/ суннати гузоридан, 2/ бар душман зафар ёфтан, 3/ хайру баракат, 4/шифо аз беморӣ, 5/ итоати подшоҳ кардан, 6/ғанимат ёфтан.*

## ҒУСЛ КАРДАН

*Агар бинад, ки дар дарё ғусл мекард, далел, ки аз ғаму андӯҳ фараҳ ёбад ва агар бемор буд, шифо ёбад ва агар вом дошт, вомаш гузорида шавад ва агар маҳбус буд, озод шавад.*

*Агар ба об ғусл мекард ва он ки дасту рӯй бишуст, далел, ки хайру манфиат ёбад. Агар даст ба оби собун шуст, далел, ки дӯсте дорад ва ё миёни онҳо фурқат афтад ва агар бинад, ки худро аз ҷанобат бишуст, далел, ки шуғлаш тамом шавад. Мағрибӣ гӯяд, ғусл кардан дар хоб аз ҷанобат, далел бар покӣ аз дурӯғ буд.*

## ҒИЛОФ

*Ибни Сайрин гӯяд, ғилоф дар хоб зан буд ва агар бинад, ки ғилофи шамшер бишикаст ва шамшери ӯ ба саломат монд, далел, ки фарзанд аз модар ба саломат ояд ва модар ҳалок шавад.*

## ҒАЛАБА КАРДАН

*Агар ба хоб бинад ки бар хасм ғалаба кард, далел, ки бар хасм ғолиб шавад. Агар ба хилофи ин бинад, далел, ки хасм ӯро мағлуб созад.*

## ҒАМ

*Ибни Сайрин гӯяд, ғам дар хоб фараҳу шодӣ буд. Агар бинад, ки андӯҳгин буд, далел, ки мол ёбад ва агар бинад, ки аз*

ғам раста буд, таъвилаш ба хилофи ин буд.

## ҒАНИМАТ

Ғанимат ёфтан даар хоб агар моли кофирон буд, далел, ки нирх гарон шавад. Агар бинад, ки мусулмонон аз диёри кофирон ғанимат овардаанд, далел, ки дар он диёр неъмат шавад.

## ҒАВВОС

Агар касе бинад, ки ба дарё фурӯ рафт, ва марворид ба даст овард, далел ки ба қадри он илму дониш омӯзад ва аз моли султон роҳат ёбад ва агар бинад, ки ба дарё рафт ва ҳеҷ наёвард, далел, ки ба илм омӯхтан машғул гардад. лекин фоида наёбад ва агар бинад, ки гавҳар аз қаъри дарё баровард, далел, ки олим шавад.

## ҒӮРА

Агар касе ба хоб бинад, ки ғӯра ба вақти худ мехӯрд, далел, ки ба қадри он чизе ба ранҷу машаққат ба даст оварад. Кирмонӣ гӯяд, агар бинад, ки ғӯра мехӯрд, далел, ки андӯҳгин шавад ва агар ғӯра ба касе дод, далелаш хуб буд.

## ФОЛ ГИРИФТАН

Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки фол гирифт ва фол нек омад, далел, ки бар душман зафар ёбад.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд, фол гирифтан дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/.бар душман зафар ёфтан, 2/ мурод, 3/.ҳоҷат раво шудан.

## ФАРОХӢ

Агар бинад, ки ҷойгаҳи танг ба фарохӣ омад ё аз сахтӣ ба осонӣ расид, далел, ки аз ғам беғам шавад ва аз андӯҳ фараҳ ёбад ва агар бинад, ки хона бар вай фарох шуд, далел, ки рузӣ бар аёли вай фарох гардад ва агар бинад, ки хона бар вай танг шуд ва

*боз фарох шуд, далел, ки роҳи дин ва шариат бар вай мустақи шавад. Хулоса, фарох шудан чизҳои танг далел бар кушоиш корҳо буд.*

## ФАРЗАНД

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ӯро духтаре омад, да лел, ки хайру роҳат ёбад, аз аҳли байт шодмон шавад ва агар бинад, ки писаре ояд, духтаре ояд ва агар бинад, ки духтаре оя далел бар писаре бошад, ки ӯро ҳосил шавад.*

## ФУРӮХТАН

*Ҳар чӣ дар роҳи дин азизтар буд, фурӯхтани он бад буд ва агар бинад, ки Қуръонро фурӯхт, далел, ки дини мусулмони назди ӯ хор буд.*

## ФУСТАҚ /ПИСТА/

*Писта дар хоб молу неъматҳо буд. Агар магзи онро бихӯрд, далел, ки ба қадри он молу неъмат ёбад.*

## ФУЛУС /ПУЛ/

*Ибни Сайрин гӯяд, фулус дар хоб ҷангу хусумат буд, агар фулус бисёр дошт, далел бар ғаму андӯҳ буд. Мағрибӣ гӯяд фулус дар хоб дидан далел бар муфлисӣ буд.*

## ФУТА /ДАСТОР МИЁНБАНД/

*Ибни Сайрин гӯяд, фута ва ҷомафӯта дар хоб шодӣ буд, хоса агар фута аз пунба бошад. Агар футаро дар хоб мушрик бинад, мусулмон шавад агар фосиқ бинад, тоиб шавад.*

## ҚОЗӢ

*Агар ба хоб бинад, ки қозӣ шуд ва дар миёни халқ доварӣ мекард ва бинандии хоб аз аҳли қуззо набуд, далел, ки ба ранҷу бало гирифтор шавад, агар бинандаи хоб олим буд, далел бар хайр буд. Агар касе қозии маъруф дар хоб бинад, далел, ки ба манзилати уламо расад.*

## ҚОЛӢ /ҚОЛИН/

*Агар бинад, ки қолини бузург аз баҳри вай афканда буд ва донист, ки мулки вай аст, далел бар дарозии умр ва фароҳии рӯзӣ буд ва агар бинад, ки бар қолине нишаста буд дар ҷои бегона, далел, дунё бар вай мутаваййир гардад. Агар бинад, ки бар қолини кучак ва танг нишаста буд, далел, ки умраш кӯтоҳ буд. Агар бинад, ки қолин сабзу покиза буд, далел, ки рӯзӣ бар вай фароҳ гардад. Агар қолӣ дар хонаи касе афканда буд, далел, ки худованди он хонаро давлату иқбол буд.*

## ҚАБО /ЛИБОС/

*Ибни Сайрин гӯяд, қабои карбос дар хоб паноҳ ва қуввати сафар буд. Агар бинад, ки қабои фароҳи карбосӣ пӯшида буд, далел, ки аз ғамҳо фараҳ ёбад, агар бинад, ки қабо пӯшида ба ҳарб мерафт, далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар бинад, ки қабои сабз пӯшида буд, далел, ки равшанат ёбад, агар кабуд буд, далел бар мусибат буд Агар сиёҳ буд, ғаму андӯҳ буд ва агар кӯҳна ва дарида бошад, далел, ки занро талоқ диҳад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, қабо дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/.паноҳ, 2/.қувват, 3/.ҳуҷҷат, 4/.манфиат, 5/.ҳикмат, 6/.равсат.*

## ҚИБЛА

*Агар ба хоб бинад, ки қибла бигзошт ва ба ҷониби машриқ намоз гузорид, далел, ки ба роҳи суннат майл надорад. Агар бинад, ки қибла нашнохт, далел, ки дар роҳи дин саргашта гардад.*

## ҚАДАҲ

*Агар касе бинад, ки қадаҳи об дошт ва аз он бихӯрд, далел, ки зан хоҳад ва фарзандаш оварад. Агар бинад, ки об бирехт ва қадаҳ бимонд, далел, ки фарзандаш бимирад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, қадаҳ дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/.зан, 2/.канизак, 3/.ходим.*

## ҚУРЪОН ХОНДАН

*Агар бинад, ки оёти раҳмат ва башорат аст, пас воҷиб буд, ки хайрот кунад ва агар оёти азоб мехонд, далел, ки дар ғазаби худои таъоло буд, тавба кардан бояд ва агар бинад, ки оёти қасос мехонд, далел, ки маъсият кунад. Агар бинад, ки номаи Қуръон мехонд, далел ки як нимаи аз умри ӯ гузашта буд ва агар бинад, ки ҳофизи Қуръон шуд, далел, ки амонат нигоҳ дорад ва агар овози Қуръон мешунид, далел, ки кораш дар роҳи дин некӯ гардад. Агар касе Қуръонхон набуд ва ба хоб бинад, ки Қуръон мехонд, далел ки аҷалаш наздик расида бошад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, Қуръон хондан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.саломатӣ ёфтан аз офатҳо, 2/.тавонгарӣ, 3/.мурод, 4/.парҳезгорӣ.*

## ҚУРБОНИ КАРДАН

*Агар ба хоб бинад, ки уштур гов ё асп қурбонӣ кард, далел ки агар ранҷур буд, шифо ёбад ва агар дар банд буд, халосӣ ёбад ва агар дарвеш буд, тавонгар гардад ва агар ҳаҷ нагузошта буд, бигзорад.*

*Қурбонӣ дар хоб башорат буд, агар бинандаи хоб зани ҳомила буд, писари солеҳ орад.*

## ҚАРАНФУЛ

*Қаранфул дар хоб санои некӯ буд, агар бинад, ки қаранфул бисёр дошт ва ба ҳар кас ато дод, далел, ки аҳли он диёр бар вай сано гӯяд. Агар бинад, ки қаранфул мехӯрд, далел, ки ӯро*

*ғаму андӯҳ расад.*

## ҚАССОБ

***Қ**ассоб чун маҷҳул буд, малакулмавт буд. Агар бинад, ки қассоб дар кӯча омад, далел, ки дар он мавзеъ касе бимирад ва агар бинад, ки қассоб аст ва ӯ қассоб набуд, далел, ки касеро бикӯшад. Ва агар бинад, ки бо қассоб ҳамроҳӣ мекард, далел, ки бо золиме суҳбат кунад.*

## ҚИССА ГУФТАН

***А**гар касе ба хоб бинад, ки қиссаи маҷҳул мехонд, далел, ки аз тарсу бим эмин шавад, агар бинад, ки мардумро қисса мегуфт, далел бар хайру салоҳ буд. Агар нек мегуфт ва агар бад мегуфт, далел бар шарру фасод буд.*

## ҚАЗИБ /ШОХИ ДАРАХТ/

***А**гар касе ба хоб бинад, ки шохи дарахт тоза ва борик буд, ва ба ӯ доданд, далел, ки ӯро аз он кас хайру манфиат расад. Агар хушк буд, далел чизе ба вай нарасад, ва агар аз шохи дарахт, ки меваи ӯ турш буд, ба ӯ доданд, далел, ки аз он кас ба ӯ ғаму андӯҳ расад ва агар аз дарахти ширин буд, далел, ки хайру манфиат ёбад.*

## ҚАФАС

***А**гар бинад, ки қафасе дошт, далел, ки дар ҷое гирифтор шавад ва баъзе муаббирон гӯянд, ки ӯро бо касе аз хешон дар зиндон кунанд ва агар бинад, ки қафас бишкаст ё зоеъ шуд далел, ки аз тангии зиндон раҳоӣ бибёбад.*

*Ҷаъфари Сосиқ гӯяд, қафас дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/.зиндон, 2/.ҷои танг, 3/.сарой.*

## ҚУФЛ

Қуфл дар хоб, далел ба рост шудани корҳои динӣ ва дунёӣ буд ва агар бинад, ки қуфл зуд бикшод, далел, ки корҳо бар вай кушода шавад ва шояд, ки ҳаҷи ислом гузорад ва агар қуфл натавонист кушод, далел, ки кораш дер кушода шавад. Агар бинад, ки қуфли маҳкам дар ҷое ниҳод, далел, ки моли худ ба муслиҳ супорад.

Ҷаъфари Софиқ дидани қулф дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/ .Сохтани кор, 2/ .қувват, 3/ .ҳуҷҷат, 4/ . манфиат, 5/ .зан, 6/ .эътимод бар касе муслиҳ доштан.

## ҚАЛАМ

Ибни Сайрин гӯяд, ки қалам амри ҳақ аст.

Магрибӣ гӯяд, ки қалам фариштаест. Агар касе қаламро ба он сурат ки ҳаст бинад, далел, ки ӯро бо подшоҳе оқил кор афтад. Агар бинад, ки қалам ба даст гирифт, далел, ки ӯро фарзанде солеҳ ояд.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд, дидани қалам дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/ Амри ҳақ таъоло, 2/ .фаришта, 3/ .тавонгарӣ, 4/ .ҳақиқати кирдорҳо, 5/ .қаламро ҳама гӯянд ба шарҳи о дар ҳарфи Х ёд кардем.

## ҚАНД

Агар бинад, ки қанд хӯрд, далел, ки ба таҷил коре кунад, ки аз он кор пушаймон шавад. Агар бинад, ки касе пораи қанд дар даҳони ӯ ниҳод, далел, ки ӯро бӯса диҳад ва ба хирвор қанд дошт, далел, ки ба қадри он мол ҳосил кунад. Агар бинад, ки қанд мефурӯхт далел, ки ӯро зиён расад.

## ҚАНДИЛ

Ибни Сайрин гӯяд, ки қандили афрӯхта далел бар таъфиқу ибодат буд. Агар касе бинад, ки дар хонаи вай қандиле / афрӯхта/ овехта буд, далел, ки зани солеҳа ва порсо бихоҳад ва

агар ин хоб зане бинад, тоату ибодати бисёр кунад.

## ҚУНУТ

Агар касе ба хоб бинад, ки кунут мехонд, далел, ки мардум ӯро мадху сано гӯянд ва ҳоҷаташ раво гардад.

## ҚИЁМАТ

Агар ба хоб бинад, ки қиёмат буд, далел, ки ҳақ субҳона ва таъоло дар он диёр офату бало фиристад ва агар аҳли он диёр мазлум бошад, далел, ки эшонро нусрат диҳад. Агар бинад, ки аҳли он диёр пеши ҳақ таъоло истода буданд, далел бар хашму ғазаби ҳақ таъоло бошанд.

Кирмонӣ гӯяд, агар ба хоб бинад, ки қиёмат бархост агар мазлум бошад бар золим даст ёбад ва аз вам раста гардад ва агар бинад, ки гурҳо бишкофт ва мардумон баромаданд, далел, ки бар душман зафар ёбад ва агар бинад, ки бо вай шумор кардаанд, далел, ки ӯро зиён расад ва агар бинад, ки кирдорҳо бисанҷиданд ва аз они вай некӣ зиёдат омад, далел, ки саранҷом кори вай некӯ бошад ва агар бадии вай беш буд, далел ки саранҷом кори вай бад буд.

Ҷаъфари Содиқ! Фармояд, қиёмат дар хоб аҳли салоҳро бар 4 ваҷҳ буд/ 1/.растагорӣ, 2/.фараҳ аз вам, 3/.бар душман зафар ёфтан, 4/.иқбол.

## ҚАЙ КАРДАН

Агар касе ба хоб бинад, ки қай мекард ва осон мебаромад, далел, ки тавба кунад ва агар бинад, ки қай натавонист кардан, далел, ки аз тавба боз гардад ва баъзе гӯяд, ки аз тавба боз гардад ва баъзе гӯяд ки ӯро мусибат расад, агар бинад, ки қай мекард ва боз мехӯрд, далел ки аз бухл чизе бар аёл нафақа накунад. Агар бинад, ки қай мекард ва таъми вай турш ва нохуш буд, далел, ки баъди тавба ба сари гуноҳ равад. Агар ҳангоми қай кардан чизе аз шикамӣ вай ба забон омад, далел, ки бемор шавад ва агар балғам баровард, далел, ки аз беморӣ шифо ёбад ва агар бинад, ки хун бисёр баровард, далел, ки мол ёбад ва агар ҳарчи дар шиками вай буд, баровард, далел ки ҳалок шавад.

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, қай кардан дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/.тавба, 2/.пушаймонӣ, 3/.нусрат, 4/.аз ғам растан, 5/.амонат, 6/.корҳои баста кушода шавад.*

## КОРД

*Корд дар хоб фарзанд буд ва наёми корд зан буд ва агар кас ба хоб бинад, ки корд дар даст дошт ва донист, ки аз они вай аст далел, ки ӯро фарзанде ояд, агар бинад, ки корд ба салоҳи дигар дошт, далел, ки бузургӣ ва манзилат ёбад ва агар бинад, ки корд аз наём баркашид, далел, ки занаш писаре оварад. Агар бинад, ки корд дар наём бишкаст, далел, ки падари ӯ ё яке аз хешонаш бимирад, агар бинад ки андоми ӯро ба касе ба корд бихост, далел, ки қадри он ӯро зиён расад. Агар бинад, ки ба корд чизе тарошид. далел, ки ӯро манфиат буд.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, корд дар хоб бар 7 ваҷҳ буд: 1/.ҳуҷҷат, 2/.фарзанд, 3/.зафар, 4/.паноҳ, 5/.бародар, 6/.тавоноӣ, 7/.вилоят,*

## КОРВОН

*Агар дар хоб бинад ки бо корвон дар раҳ буд ва аҳли он корвон муслиҳ буданд, далел бар хайру салоҳи кори вай буд, агар муфсид буданд, таъвилаш ба хилофи ин буд ва агар савор буд далел, ки ӯро неъмат ҳосил шавад ва агар пиёда буд, таъвилаш ба хилофи ин буд ва агар бо корвон ба хона меомад, далел, ки корҳо бар вай кушода гардад.*

## КОСА

*Агар дар косаи чӯбин чизе хӯрданӣ буд ва бихӯрд, далел ки ба қадри он дар сафар рӯзии ҳалол ёбад. Косаи сафолин низ ин таъвилро дорад ва агар чизе надошт, муфлисӣ буд.*

## КОҒАЗ

*Коғаз дар хоб мол ва бузургӣ буд. Агар бинад, ки коғаз сафед ва покиза дошт, далел, ки ба қадри он мол бузургӣ ёбад*

Агар бинад, ки ковази вай дар обрафт ё сӯхт, далел, ки бар молу бузургии он нуқсон шавад.

Коваз дар хоб илму ҳикмат буд ва агар порсо бинад, далел, ки олим ва ҳаким шавад ва агар муфсид, таъвилаш хилофи ин буд.

## КОФИР

Агар касе дар хоб бинад, ки кофир шудааст, далел, ки ӯро ба миллати куфр майл бошад ва агар бинад, ки габр шуд ва оташ мепарастид, далел ки ба худованди таъоло осӣ шавад ва агар оташ шуъое надошт, далел, ки моли ҳаром ҷӯяд ва дини худро ба моли ҳаром бифурӯшад.

Ҷаъфари Содиқ фармояд кофир дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1/.майл ба куфр доштан, 2/.бо баддинон сӯҳбат доштан, 3/.хазлон.

## КОМ

Ком дар хоб ҷумла бар ваму мусибат буд. Агар бинад, ки коми вай чунон дароз шуд, ки гулуи ӯ аз дарозии ӯ баста шуд, далел, ки ба дунё ҳарис буд ва мардумро вайбат кунад. Агар бинад, ки коми болоии вай бар зери лаб буд, далел, ки корҳо бар вай баста гардад ва агар бинад, ки коми дарозро бурида партофт далел, ки даст аз дунё бидорад.

## КОҲ

Коҳ дар хоб молу неъмати бисёр буд ва хоса, ки кохи гандум бошад ва агар дар каҳдоне рафт ва донист, ки мулки ӯст, далел, ки тавонгар шавад, агар бинад, ки оташ бар кохдон афтод ва коҳ бисӯхт, далел, ки подшоҳ ӯро мусодира кунад. Агар бинад, ки чаҳорпое коҳ мехӯрд, далел, ки мол ба ҷаҳд сарф кунад.

## ГОВ

Агар касе бинад, ки ба гов нишаста буд ва гов аз они ӯ буд,

*гови сиёҳ бошӣд ва агар гови нари зард бинад, далел бар бемори буд. Агар гови нар аз дари хонаи вай даромад, далел ки ҳақтаъоло дари хайру рӯзи бар вам кушода гардонад. Гови нар амал буд ва пӯсти ӯ мерос буд ва хариду фурӯхт низ омил буд ва агар дунболи гов дар сарой даромад, далел, ки мол бисёр ҳосил кунад ва агар дар кӯчаи хеш говон бисёр бинад, далел, ки меҳтар гардад ва агар гови нар ӯро ба шох бизад далел ки бинандаи хоб аз амал бекор гардад. Агар бинад, ки говро бикӯшт ва гӯшти вайро бихӯрд, далел, ки худованди говро бикушт ва агар бинад, ки говон заминро мешикофтанд, далел, ки мол бисёр ёбад.*

*Баъзе муаббирон гӯянд, ки гов дар хоб сол буд ва агар гови фарбеҳ бинад далел, ки дар он сол фароҳӣ буд ва агар ловар хилофи ин буд таъвилаш гӯшти вай фароҳӣ ва пӯсти вай захира бошаӣ ва агар бинад, ки модаговеро медӯшид ва шири вай мехӯрд, далел, ки молаш афзун гардад ва агар гов бо вай сухан гуфт, далел, ки дар он сол айш бар вай фароҳ гардад.*

*Модагов дар хоб бар 6 ваҷҳ буд: 1/.фармонризоӣ, 2/.мол, 3/.бузургӣ, 4/.раёсат, 5/.некӯӣ, 6/.соли некӯ.*

## ГӮШТИ ПУХТА

*Гӯшти пухта дар хоб беҳтар аз гӯшти кабоб буд, агар бинад кабоб аз гӯшти гусфанд мехӯрд, далел, ки ба қадри он мол ба ранҷу сахтӣ ҳосил кунад ва агар кабоб аз гӯшти гов буд, далел, ки аз тарс эмин гардад ва агар кабоб аз гӯшти чаҳорпои даштӣ мехӯрд, далел, ки манфиат аз бузургон ёбад.*

## КАБК

*Кабк дар хоб зане хубрӯӣ буд, агар бинад, ки кабк бигрифт, далел, ки зан хоҳад ва агар гӯшти кабк мехӯрд далел, ки ӯро либоси нав ҳосил гардад. Агар кабк аз дасти вай бигрехт, далел, ки зан аз ӯ ҷудо шавад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд кабк дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1/.писар, 2/.дӯст, 3/.ромиш, 4/.коми дил.*

## КАБӮТАР

*Кабӯтар дар хоб зан буд ва агар дар хоб кабӯтар бигрифт,*

*далел ки зан хоҳад ва ӯро духтаре ояд. Ва агар гӯшти кабӯтар мехӯрд, далел, ки аз моли зан фоида ёбад. Муаббирон гӯянд, ки ҷуҷаи кабӯтар ғаму андӯҳ буд ва агар бинад, ки кабӯтари бисёр дар хонаи ӯ буд, далел, ки фарзандони ӯ бисёр шаванд ва агар кабӯтар аз ҳаво омаду мутеъи ӯ шуд, далел ки аз ҷое, ки ӯ умед надорад, ба ӯ манфиат расад, агар кабӯтареро таъом дод, далел ки занеро сухан талқин кунад. Кабӯтарбозӣ дар хоб ботил бошад ва кабутархона ҷои занон бошад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд кабӯтар дар хоб бар 5 ваҷҳ буд: 1/ .зан, 2/ .канизак, 3/ .мол, 4/ .номаи ғоиб, 5/ .раёсат.*

## КИТОБ ХОНДАН

*Касе дар хоб бинад, ки китоби тафсир мехонд, далел, ки дар роҳи дин зоҳид буд ва агар китоби фиқҳ мехонд, далел, ки аз корҳои нокарда боз истад, агар китоби ахбор мехонд, назди подшоҳ соҳибраъй шавад, агар китоби усул мехонд, далел, ки ба коре машғул шавад, ки нафъ ба ранҷ ҳосил кунад ва агар китоби тасбеҳу зикр мехонд далел, ки сухан ба хайру салоҳ гӯяд. Агар китоби тавҳид мехонд, далел, ки ба уламоӣ машғул шавад ва агар китоби қасас мехонд, далел, ки бар сухани авлиё ва анбиё ҳарис буд ва агар китоби нуҷум мехонд, далел, ки салоҳи ин ҷаҳонӣ ёбад ва агар китоби наҳв мехонд, далел, ки ба шуғли дунёи машғул шавад ва агар китоби табиӣ мехонд, далел, ки дар шинохти чизҳо машғул гардад.*

*Агар китоби шеърҳо мехонд, далел, ки мардум ӯро маломат кунад. Агар наъту тавҳид буд, далел, ки нек бошад, агар китоби таъбир мехонд, далел, ки бар меҳтаре миннат ниҳад ва агар китоби ҳидоя мехонд, ба амале машғул шавад, ки мардум ӯро доно хонанд, валекин динро суд надорад. Ва агар китоби ҳисоб мехонд, далел, ки ҳамвора андӯҳгин буд.*

## КИТФ

*Агар бинад, ки китфи вай дуруст буд, далел бар зиёдатии мол ва ҷамол бошад ва агар дар китфҳои вай мӯ буд, далел,*

*тин мол ва ҷамол бошад ва агар дар китфҳои вай мӯ буд, далел, ки имонат ва ҳаққи мардум дар гардани ӯ бошад.*

## ГАДОЙ КАРДАН

***А**гар дар хоб бинад, ки гадоӣ мекард, далел, ки ӯро хайру манфиати бисёр расад ва агар касе ӯро чизе намедод, далел, ки корҳо бар вай баста гардад. Ҷаъфари Содиқ фармояд гадоӣ кардан дар хоб бар чаҳор ваҷҳ буд, 1/.хавр, 2/.манфиат, 3/.маъишат, 4/.иззу ҷоҳ.*

## КАДӮ

***А**гар дар хоб бинад, ки дар хона дарахти кадӯ дошт, далел ҷоҳаш афзун шавад. Агар бемор бинад, шифо ёбад, агар муосир бинад, ба саломат аз сафар боз ояд. Ва агар дарахти кадӯ аз бех барканад далел, ки аз зане бузург манфиат ёбад ва агар кадӯи пухта мехӯрд, далел ҳоҷаташ раво гардад.*

*Мағрибӣ гӯяд кадӯ дар хоб бар 3 ваҷҳ буд: 1/.неъмат, 2/.иззу ҷоҳ, 3/.низоми корҳо.*

## ГУРБА

***Г**урба дар хоб дузди муфсид буд. Агар касе бинад, ки гурбае маъруф ба хонаи вай даромада, далел, ки дузде маъруф ба хонаи вай дарояд, агар чизе бихӯрд ё бибурд, далел ки дузд аз хонаи вай чизе бидуздад ва агар гурбаро кушт далел, ки дуздро мағлуб кунад ва агар гӯшти гурба бихӯрад ва пусти вай бигирифт далел, ки моли дузде ӯро ҳосил шавад ва агар бо гурба ҷанг мекард ва гурба ӯро бихарошид, далел. ки бемор шавад.*

## КУРТА

***П**ӯшидани курта дар хоб қуввати сафар буд ва агар куртаи вай сабз буд, аз марде паноҳу қувват ёбад ва агар куртаи сафед, буд, далел, ки аз ғаму андӯҳ раҳоӣ ёбад. Куртаи кабуд далел бар мусибат буд. Агар сурх буд, далел ба ишрати дунё машғул гардад. Агар куртаи абрешимин пӯшида буд, далел, ки*

ваҷҳ буд: 1/.қувват, 2/ Паноҳ, 3/.сафар, 4/.низоми корҳо.

## ГАРДАН

Гардан хоб дидан ҷойгаҳи амонат ва ҷои дин буд. Агар бинад, ки гардани вай пурзӯр шуд, далел, ки ӯро қувват дар амонат гузоридан ва салоҳи дин буд ва агар гардани вай заъиф буд, дар амонат оҷиз буд ва агар дар гардани ӯ море ҳалқа зад, ки закот надиҳад ва агар дар гардани худ геронӣ бинад, далел, ки бемор шавад ва агар гардани худ сиёҳ бинад, далел, ки хиёнат кунад амонатро Агар муроди худ боз монад ва агар дар гардани худ мӯй бинад, далел, ки қарздор шавад. Агар бинад, ки бар гардани касе нишаста буд, далел бар душман зафар ёбад.

## ГАРДАНБАНД

Агар гарданбанд аз марвориди сафед дошт, далел, ки худои таъоло ӯро илми каломи худ рӯзӣ гардонад, ҳарчанд ҷавҳари гардан қаситар буд, илму дониши ӯ бештар буд. Агар гарданбанди вай аз а... р буд, далел, ки ба қадри он шараф ёбад. Агар гарданбанди бисёр дошт, далел, ки дар илм бисёр комил шавад.

## ГУРУСНАГӢ

Гуруснагӣ дар хоб беҳтар аз серӣ буд ва серобӣ беҳтар аз ташнагӣ буд ва агар бинад, ки гурусна шуда буда ва чизе надошт, далел ки ҳирси ӯ дар моли дунё кам буд. Магрибӣ гӯяд, агар бинад гурусна буд, далел, ки ба қадри гуруснагӣ зиён ӯро расад ва агар бинад, ки гурусна буд ва чизе хӯрд, далел, ки аз гуноҳ тавба кунад ва агар он чӣ хурд, ширин буд, далел ки дар тавба собит буд ва агар турш буд, далел ки тавба собит набуд.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд гуруснагӣ дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.маъзаррат, 2.ҳарис, 3.маъсият, 4.томеъӣ

## КУРСӢ

Дидани курсӣ ба хоб илм аст. Ҷаъфари Содиқ фармояд курсӣ дар хоб 6 ваҷҳ буд. 1.афл, 2.инсоф, 3.иззу шараф, 4.марта-

бат,5.вилоят,6.қадру ҷоҳ ва агар курсии бузургу покиза бистуд ва нишаст далел ки зан хоҳад.

## ГУРГ

**Г**ург дар хоб подшоҳи дурўғгўй буд. Агар бинад, ки бо гург набард мекард, далел, ки ўро бо подшоҳ хусумат афтад ва агар бинад, ки гўшти гург мехўрд, далел, ки аз подшоҳи ситамгар ўро мол расад. Агар бинад, ки гургро бикушт, далел, ки бар душман зафар ёбад ва агар сари гург ёфт, далел, ки шарафу бузургӣ ёбад. Агар гург дар бистари ў камин кард, далел, ки подшоҳ бо аёли ў фасод кунад.

## ГАРМОБА

**Г**армоба дар хоб ғаму андўҳ буд ва хештан шустан шодӣ буд ва оби гарм нек буд ва оби сўзон бад буд. Агар дар гармоба рафт ва ғусл кард далел ки аз ғаму андўҳ раҳоӣ ёбад. Агар ғусл накард хилофи ин буд.

## ГИРИСТАН

**А**гар бинад, ки аз гиристан ба рўи вай нишона буд, далел ки бар кори нек ўро таъна зананд. Гиристан дар хоб шодӣ буд ва омўрзиш аз ҳақ таъоло Агар бинад, ки бар гуноҳ бигрист ё дар маҷлиси илм ё дар Қуръон хондан ва он чи монад далел, гуноҳони вай худо авф кунад.

Ҷаъфари Содиқ гўяд агар бинад, ки мегирист ва баъд ханда мекард, далел, ки аҷалаш наздик омада.

## КАЖДУМ

**К**аждум дар хоб душмани заъиф буд, ки дўсту душман назди ў яксон аст Агар ба хоб бинад, ки каждум ўро бигазид, далел, ки душман ўро сахт гуфт ва агар каждумро бикушт далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар дар дасти ў каждум буд, далел мардумозор буд.

## ГЎШТӢ ГИРИФТАН

**А**гар бинад, ки бо касе гўштӣ гирифт ва он кас ўро андохт, далел, ки нек бошад ва бар он кас волиб ояд. Агар худ бияфтод, таъвилаш ба хилофи ин буд.

## КУШТАН

**А**гар бинад, ки касеро бикушт, бе он ки сарашро буррад, далел, ки аз марде тавонгар хайру манфиат бинад ва баъзе муаббирон гўянд, ки кушанда бар кушта зулм андешад. Агар бинад, ки ўро бикуштанд, далел, ки умраш дароз шавад ва агар касеро ба зулм бикушт, осию золим бошад ва агар бинад, ки сурурe ё чизе аз ҳашаротро бикушт далел, ки бар душман зафар ёбад.

## КИШТӢ

**К**иштӣ дар хоб ғаму андеша буд. Агар касе дар киштӣ буд ва аз он ҷо ба дар омад далел ки аз ғам фараҳ ёбад ва агар киштӣ варқ шуд, далел бар мусибати азим буд, агар бинад, ки дар паҳлўи киштӣ ба дарё рафт, далел ки ба сафар равад.

## КАФАН

**А**гар бинад, ки аз баҳри мурда ва ё зинда кафан бисохт, далел ки аз эшон ба вай зарар расад. Агар бинад, ки кафани мурда медариду соҳиби хоб порсо бошад, далел, ки толиби илм бошад агар бинад, ки мурдагонро кафан мекунад, далел, ки молҳои ҳаром ба дасти вай раво нашавад ва агар бинандаи хоб муфсид буд, далел, ки ғаммозу мунофиқ буд.

## КУЛОҲ

**К**улоҳ дар хоб иззу ҷаҳ буд, агар бинад, ки кулоҳи ғозиён бар сар дошт, далел, ки бар хасм чира шавад. Агар кулоҳи абрешимӣ дошт, далел бар хайру манфиат буд ва агар кулоҳ аз

*сари вай бияфтод далел, ки ғамгин шавад. Ҷаъфари Содиқ фармояд, кулоҳ дар хоб далел бар шарафу бузургӣ кунад ви дидани он бар 6 ваҷҳ буд: 1.вилоят,2.раёсат,3.бузургӣ,4.иззу ҷоҳ,5.миқдор,6.манзилат.*

## КАЛ ШУДАН

*Агар бинад, ки сари вай кал шуда буд, далел, ки моли хоста бисёр ёбад ва баъзе гӯянд, ки ғам аз вай зоил гардад ва агар бо марде кал ҳамсӯҳбат шуд, далел, ки бо марде тавонгар наздик шавад.*

## ГУЛ

*Гуле, ки ӯро бақое набувад, далел бар ғаму андӯҳ буд, Агар гули сурх ба вақти хеш бар дарахт бинад, далел, ки ӯро фарзанде ояд, чун бевақт буд мусибат буд. Гули зард зан буд. Гули сафед далел бар иззу давлат. Агар дар саройи худ гули садбарг бинад, далел, ки ба сабаби фарзанд шод шавад.*

## ГИЛ ХӮРДАН

*Агар ба хоб бинад, ки гил мехӯрд, далел ки аз паси мурдагон бад мегӯяд. Агар гил ба хок мехӯрд, далел ки молро ба аёли худ нафақа кунад ва агар аз хоки турбати Расули акрам мехӯрад, далел, ки ҳаҷ кунад агар хонаи аз гил меандуд, далел ки ғамгин шавад.*

## КАЛИД

*Дар хоб марде кушояндаи кор буд ва агар касе бинад, ки кулфро ба калид бикшод далел, ки корҳои баста бар вай кушода гардад ва бар душман зафар ёбад, агар дар даст калид бисёр дошт, далел бар бузургӣ буд.*

*Агар калид бинад, далел, ки намоз гузоранда буд. Ҷаъфари Содиқ гӯяд калид дар хоб бар 8 ваҷҳ буд.*

1.кушодани корҳо, 2.фароғ аз ғам, 3.шифо аз бемори̅, 4.ёфтани мурод, 5.қувваи дин, 6.гузоридани ҳаҷ, 7.иҷобат, 8.донистани илм.

## КАМОН

Агар бинад, ки камон бе тир мекашид далел ба сафар шавад. Агар бинад, ки касе ӯро камон бидод, далел бар писар буд. Агар бинад, ки камони вай бишкаст далел, ки аз шарафу бузурги̅ афтад ва агар бинад, ки аз камон тир меандохт, далел, ки аз бузурге нома ба ӯ расад. Агар аз камоне тир меандохт ба сабаби каҷ ва рост рафтани тир, далел, ки сухани ботилу ҳақ гӯяд. Баъзе гӯянд, ки камон ба таъвил дарозии умр буд. Агар бинад, ки камони нав дошт, далел, ки зан хоҳад. Агар камон бикашид далел, ки зан пойдор буд ва агар камон зоеъ шуд, далел, ки аз зан ҷудо шавад.

## КАМАРБАНД

Агар бинад, ки дар миён камарбанд баста буд, далел, ки ӯро аз мардум пушту паноҳ буд. Агар бинад, ки се чаҳор бор камарбанд дар миён баста дошт, далел, ки молаш бисёр бошад ва умраш дароз бошад.

## ГАНҶ

Агар бинад, ки ганҷ биёфт, далел бемор гардад, агар ганҷи ӯ зоеъ шуд, таъвилаш ба хилофи ин буд.

## ГАНДУМ

Гандум дар хоб ҳалол буд агар бинад, ки гандум мехӯрд, далел ки солеҳу диндор буд ва агар пӯхта мехӯрд, далел, ки ғамдор шавад, агар бинад, ки гандум мекишт далел, ки дар он диёр арзони̅ шавад.

## ГӮР

*Гўр ба таъвил зиндон буд, агар бинад, ки гўре аз баҳри худ канд далел, ки аҳволаш танг шавад.*

## ГЎСОЛА

*Агар гўсолаи нар фаро гирифт, далел, ки ўро писаре ояд ва агар мода буд, ўро духтаре ояд ва агар гўсола ба хона бурд ва дастмол намуд, далел, ки ғамгин шавад.*

## ГЎСПАНД

*Гўспанд дар хоб ғанимат буд ва агар бинад ки гўспанд мечарад далел, ки бар гурўҳе бузургӣ ва меҳтарӣ ёбад, гўшти бирёнкарда бад буд, агар бинад, ки аз баҳри хўрдан гўспанд кушт, далел, ки бар душман зафар ёбад.*

## ГЎШТҲО

*Гўшт дар хоб далел бар хайру манфиат буд, чун пухта буд ва гўшти он ҳайвонҳое, ки хўрданашон мешавад, нек буд, Агар бинад, ки гўшти харгўш мехўрд, далел, ки моли зан чизе андак биёбад. Агар бинад, ки гўшти хурўс мехўрад, далел, ки ба қадри он манфиат бинад.*

*Агар гўшти зоғ мехўрд, далел, ки ба қадри он аз марди фосиқе мол ёбад. Гўшти хом, далел, ки мол ба ранҷу сахти ҳосил кунад. Агар гўшти саг мехўрд, далел, ки бар душман зафар ёбад. Агар гушти қумрӣ мехўрд, далел ки аз зани хубрўй манфиат бинад.*

*Агар гўшти наҳанг мехўрад, далел ки ранҷу бад буд.*

## ГЎШ

*Ибни Сайрин гўяд, касе ба хоб бинад, ки гўши ў бияфтод ё бурида шуд, далел, ки занро талоқ диҳад ё духтарашро аҷал наздик омада буд ва агар бинад, ки гўши ў кар шуда буд, чунонки ҳеҷ шунидан наметавонад, далел бар фасоди дин буд.*

## ГӮШВОРА

Агар бинад, ки дар ҳар ду гӯш гӯшвора дошт, далел ки ӯро ороиш ҷамол афзун гардад ва агар дар ҳар ду гӯш марвориди гаронмоя овехта буд, далел, ки илми Қуръон биёмузад ва олиму доно шавад. Ва агар марде зани худро бинад, ки дар як гӯш гӯшвори зарӣ ва дар дигаре сим дошт, далел, ки аз зан ҷудо шавад.

## ГӮГИРД

Дар хоб ғаму андӯҳ буд ва дар дидани гӯгирд хайру манфиат набуд.

## КӮДАК

Дониёл гӯяд кӯдак дар хоб ғаму андӯҳ буд ва агар бинад, ки кӯдак шуда буд, далел ки дар ғаму андӯҳ гирифтор гардад. Кӯдаки хубрӯ фаришта буд ва кӯдаки зиштрӯ манфиат.

## КӮҲ

Агар худро ба кӯҳи баланд бинад ва он кӯҳ мулки ӯст, далел, ки марде бузург ӯро дар паноҳи худ гирад ва агар бинад, ки кӯҳро аз ҷои худ барканд, далел, ки марде бузургро қаҳр кунад ва агар бинад, ки дар болои кӯҳ ҳамешуд, далел ки бузургию ҷоҳ ёбад, агар ба душворӣ ба болои кӯҳ мешӯд, далел ки ғаму андӯҳ буд ва агар аз болои кӯҳ мешӯд, далел ки ғаму андӯҳ буд ва агар аз болои кӯҳ ба зер омад, далел, ки бузургӣ ва ҷоҳи ӯ нуқсон шавад. Агар бинад, ки дар кӯҳе мақом сохт, далел ки аз подшоҳ ҳурмат ёбад ва агар бинад, ки сари кӯҳе намоз мегузорад ё бонги намоз дод, далел, ки кори ӯ некӯ шавад, ба болои кӯҳ ва кушк рафтан дар хоб далел бар мақсуде дошт, ки дарёбад ва агар ба зер омад, таъвилаш ба хилофи ин буд ва агар бинад, ки бар домани кӯҳ бияфтад, далел, ки андӯҳгин шавад ва агар дар домани кӯҳ намоз мегузорад, далел, ки коре кунад, ки мувофиқи дин бошад ва агар бинад, ки кӯҳ биҷунбид ва боз барқарор шудд, далел, ки марде бузург дар он мақом ранҷур шавад ва шифо ёбад ва агар

*бинад, ки кӯҳро мекананд ва агар осон буд, далел ки ато ёбад ва агар дар кӯҳе Тӯр нишаста буд, далел ки подшоҳро бар вай эътимод буд ва муродаш ҳосил ояд ва агар дар кӯҳи Арафот буд, далел, ки тавба кунад ва аз гуноҳ пушаймон шавад ва агар дар кӯҳе торик буд ӯро бими ҳалок бошад ва агар бар кӯҳе равшан буд, далел, ки мол ёбад ва агар бинад ки дар кӯҳ сурохе буд ва дохил шуд, далел, ки аз рози подшоҳ хабар ёбад.*

## ГАВҲАР

*Дидани гавҳар ба хоб зани боҷамолу тавонгар буд ва агар бинад, ки гавҳар дошт, зане ки дорад, талоқ диҳад ва агар гавҳар бисёр дошт, моли бисёр ҳосил кунад, агар бинад, ки гавҳар мефурӯхт, далел, ки ба шуғли занон машғул гардад. Гавҳари сафед дар хоб фарзанд буд.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани гавҳар дар хоб бар 8 ваҷҳ буд: 1.мол 2.илм 3.фарзанди маъруф, 4.чизе гаронбаҳо,5.занони бо ҷамол,6.сухани муфид, 7.хайру баракат,8.кори некӯ.*

## КӮЧА

*Агар бинад, ки дар кӯчаи ободон буд, далел, ки хайру манфиат ёбад. Ва агар хилофи ин буд далел, ки шарҳу мазаррат ба ӯ расад.*

## ЛАБ

*Ибни Сайрин гӯяд, дидани лабҳо дар хоб далел ба баромадани ҳоҷат буд. Лаби зерин беҳтар аз лаби боло буд. Баъзе муаббирон гӯянд, ки лаб дар хоб хешу ақрабо буд. Агар бинад, ки лабаш болои вай аз ҷо зоил шуд, далел, ки моли вай завол ёбад. Лаби зерин ҳамин таъвил дорад. Агар бинад, ки лаби болои вай бибриданд, далел, ки занро талоқ диҳад, ё зан ӯро ҳалок кунад ва агар ҳар ду лаб афтода бинад, далел, ки ӯро мусибате расад аз ҷиҳати модару падар ва агар зане дар лаби худ холи сиёҳ бинад, далел ки шарафи ӯ зиёдат шавад. Агар лаби худро ба дандон гирифт далел, ки миёни вай хусумат афтад. Агар бинад, ки лаби вай омосида буд, далел ки моли вай зиёдат шавад. Агар бинад, ки лаби вай сурх шуда буд, далел ки фармонраво гардад.*

Агар лабҳояш сабз ё сафед шуда буд, далел ки ғам хӯрад ба сабаби дӯстон.

## ЛАРЗИДАН

Агар бинад, ки гарданаш меларзид, далел, ки дар амонатдорӣ заъиф буд ва агар бинад, ки сари вай меларзид далел, ки аз ҳакимаш зиён расад, агар бинад, ки қафояш меларзид далел, ки сухане шунавад, ки андӯҳгин шавад ва агар шикамаш вай меларзид, аз марде, ки паноҳи ӯ буд, ранҷе ба вай расад ва агар бинад, ки пояш меларзид, далел ки дар сафар ранҷе ба вай расад. Агар бинад, ки андомаш меларзид, ба сабаби мурдае, ки дар паи он буд, ранҷу сахтӣ бинад.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд ларзидани андомҳо дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.заъфи аҳвол, 2.тарс, 3.ғаму андӯҳ,4.мазаррат.

## ЛАРЗИДАНИ ЧИЗҲО

Агар касе ба хоб бинад, ки осмон ларзид, далел, ки дар он диёр фитна ва зулму ситам бисёр шавад ва агар офтобу моҳ ларзид, далел, ки подшоҳи он диёрро ранҷу мазаррат расад, агар ситорагон ларзиданд, далел ки ошуб дар наздикони подшоҳ афтад Агар замин меларзид, далел бар фитна ва офат буд, агар бинад, ки кӯҳ меларзид, далел, ки подшоҳи он диёрро мазаррат расад. Агар бинад, ки арш меларзид далел бар фасод ва бедиёнатии уламо буд ва агар бинад, ки лавҳу қалам меларзид далел бар бадҳоли дабирон ва аҳли илм буд. Агар бинад, ки ҳафт осмон биларзид, далел, ки азобу хашми бори таъоло бошад ба сабаби фасод бар аҳли он диёр. Агар бинад, ки кушк ё сарои подшоҳ меларзид, далел, ки офат ба аҳли он мавзеъ бирасад. Агар тани вай ларзид далел бар мусибат ва фасод.

## ЛАШКАР

Агар бинад, ки лашкар дар ҷойгаҳе буд ё фаро расид, далел, ки аҳли он диёрро газанде расонанд. Агар лашкар ороста бинад, далел бар қувват ва нусрати он диёр буд.

## ЛАЪЛ

*Лаъл дар хоб зане боҷамолу тавонгар буд ва агар бинад, ки лаъл бисёр дошт, далел, ки моли бисёр ҳосил кунад.*

### ЛУҚМА

*Агар бинад, ки луқмаи ширин аз таъом касе дар даҳони вай ниҳод далел, ки он кас ба ӯ сухани хуш гӯяд ва агар он луқма ғализ ва турш буд, таъвилаш хилофи ин буд, агар луқмаи ширин бар даҳон ниҳод, агар муслиҳ буд, далел, ки моли ҳалол ёбад.*

### ЛАГОМ

*Агар бинад, ки лагом бишкаст ё зоеъ шуд, далел, ки шарафу бузургии ӯ нуқсон шавад агар лагом дар сар дошт, далел, ки рӯза дорад ва аз гуноҳ тавба кунад.*

### ЛАГАД ЗАДАН

*Агар касе ба хоб бинад, ки касеро лагад зад, далел ки аз вай ё аз хешони вай ӯро зиён расад, агар бинад, ки асп ӯро лагад зад, далел, ки дар шарафу бузургии ӯ нуқсон падид ояд. Агар бинад, ки зане ӯро лагад зад, далел, ки ба сабаби зане андӯҳгин шавад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, лагад задан дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.нуқсон 2.мазаррат 3.ғаму андӯҳ 4.фасоди аёл.*

### ЛАНГ ШУДАН

*Агар касе бинад, ки ланг шуда буд, далел, ки корҳо талаб кунад аз хайру шар ва сусту заъиф буд ва баъзе аз муаббирон гӯянд, ки агар касе худро ланг бинад, далел, ки ба чашми мардумон ҳақир гардад ва мақсудаш барнаояд. Агар ланг шуда буд ва ба асо мерафт, далел, ки аз касе ёрӣ хоҳад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки ланг дар хоб бар 5 ваҷҳ аст: 1.сустӣ дар корҳо,2.номуродӣ,3.дарвешӣ,4.ғаму андӯҳ, 5.нуқсони айш.*

## ЛИМУ

*Лимӯ дар хоб хоҳ вақт хоҳ бевақт чун зард буд, беморӣ буд. Чун сабз буд, ғаму андӯҳ буд.*

## МОР

*Дидани мор дар хоб душмани бадхоҳ буд. Агар бинад, ки дар хонаи вай мор буд далел бар душмани пинҳон ва агар дар саҳро буд, далел бар душмани бегона буд, агар бинад, ки бо мор ҷанг мекард, далел, ки бо душман хусумат кунад. Агар мор бар вай чира шуд, далел, ки бар душман зафар наёбад. Агар морро кушт, далел, ки душманро мағлуб кунад. Агар гушти мор хӯрд, далел, ки ба қадри он моли душман хӯрад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, дидани мор дар хоб бар 10 ваҷҳ буд: 1. ниҳоданӣ, 2. зиндагонӣ, 3. саломат, 4. подшоҳӣ, 5. сипаҳсолорӣ, 6. зан, 7. давлат, 8. марг, 9. пиёар, 10. селоб.*

## МОСТ

*Мости ширин ба хоб далел бар хайру манфиат буд ва турш ғаму андӯҳ буд.*

## МОШ

*Моши пухта дар хоб далел, ки андак хайр ба ӯ расад. Агар хом хӯрд, далел, ки андӯҳгин шавад. Агар мош аз хона ба мардум дод, далел, ки беғам шавад.*

## МОҲ

*Моҳ дар хоб вазири подшоҳ буд. Агар моҳро аз осмон фаро гиранд, далел, ки наздики подшоҳ шавад. Агар ба моҳ ҷанг мекард, далел ки бо вазир хусумат кунад. Агар моҳи осмон фаро гирифт, чунонки нур надошт ва торику тира набуд, далел ки аз ғамҳо фараҳ ёбад. Агар бинад, ки моҳ ба ду ним шуд, далел, ки вазир ё подшоҳ ҳалок шавад. Агар бо моҳ сухан гуфт, далел, ки*

мардум аз вай тазаллум кунанд ва доди худ хоҳанд. Агар моҳ дар даст ё дар канор гирифт, далел, ки зан хоҳад.

## МОҲӢ

Агар моҳии тоза ва бузург бисёр дид, далел бар молу ғанимат кунад ва агар моҳии хурд бинад, ғаму андӯҳ ёбад ва агар дар шиками моҳӣ марворид ёфт, далел, ки ӯро писаре оядАгар моҳии хушк ё шӯр касе ба вай дод, далел, ки аз подшоҳ ё бузурге ӯро мазаррат расад. Моҳии бирёнкарда дар таъвил сафар дар талаби илм буд. Дар хӯрдани моҳии хурд хусумат бошад ва агар чизе аз андоми моҳӣ биёфт, далел, ки хайру баракат бошад. Агар дар дарё моҳӣ бигирифт ва бузург буд, далел, ки зан хоҳад. Агар бинад, ки аз даҳони моҳӣ берун омад, далел, ки ғамгин шавадАгар бинад, ки моҳифурӯшӣ мекард, далел, ки ӯро хайру манфиат расад.

Ҷаъфари Содиқ гӯяд, моҳӣ дар хоб бар 6 ваҷҳ буд:1.вазир, 2.лашкар, 3.духтар,4.ғанимат,5.ғаму андӯҳ,6.канизак

## МАҶЛИСИ ИЛМ

Агар бинад, ки дар маҷлиси илм нишаста буд ва олим бар касе Қуръон мехонд ва тафсири Қуръон ва ахбору тавҳид мегуфт, далел, ки агар он ҷойро иморати маҳкам кунад, ки хилофи пешравӣ бошад. Агар дар маҷлиси илм мегирист, далел ки ба кори дунё машғул шавад ва аз он шодмон гардад ва агар ба хилофи ин бинад, далел, ки ғамгин шавад.

## МЕҲРОБ

Агар бинад, ки дар меҳроб намоз мегузорид, далел, ки ӯро ба фарзанди солеҳ башорат буд ва агар бинад, ки дар меҳроб нишаста буд, далел, ки дар намоз коҳил буд. Агар бинад, ки меҳроб иморат мекард, далел, ки ӯро фарзанде олим буд.

## МАРҶОН

Марҷон дар хоб фарзанд буд, агар сурх буд, фарзанди хуб-

*рӯй буд, агар марҷони бисёр бинад, далел, ки моли бисёр ӯро ҳосил ояд. Мурдан дар хоб ба фасод дар дини ӯ буд. Агар бинад, ки мардуми зиёд аз паси ҷанозаи ӯ мерафтанд, далел, ки шарафу бузургӣ ёбад ва фармонраво гардад Агар мурд ва боз зинда шуд, далел, ки аз гуноҳ тавба кунад ва умраш дароз бошад. Марги муфоҷот дар хоб дидан далел ба роҳати мӯъмин ва азоби кофир буд.*

## ЗИНДА ШУДАНИ МУРДА

*Агар бинад, ки мурда зинда шуд, далел, ки ҳоли вай наку шавад, хоса ки мурдаро шоду кушодарӯй бинад. Агар касе падари худро, ки мурдааст, зинда ва кушодарӯй бинад, далел, ки давлату иқбол ёбад. Агар модарро зинда бинад, далел, ки аз ғам фароҳ ёбад. Агар зане бинад, ки писараш зинда шуд, далел, ки ғоибаш аз сафар боз ояд. Агар бинад, ки мурдаи бегона зинда шуд, далел, ки аҳволи хешони вай некӯ шавад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд, агар дар хонаи худ мурда ба канор гирифт, далел, ки тандуруст ва саломат буд ва иқболу давлат ёбад. Агар он мурда аз хешони вай буд, далел, ки дуъо аз вай чашм дорад.*

## МАРҒЗОР

*Агар касе ба хоб марғзоре бинад, далел, ки бар дини ӯ буд. Агар дар марғзори хушу хуррам мегашт, далел бар фарохии айши ӯ буд. Агар дар марғзори сабзу хуррам буд, далел, ки марги ӯ бо шаҳодат бошад.*

## МИЖГОН

*Мижгон дар хоб нигоҳ доштани дин бошад ва агар касе ба хоб бинад, ки мижгони вай ҷунбид, далел, ки бемор шавад. Агар мижгон аз чашми вай фурӯ рехт, далел бар фасодии ӯ буд.*

## МАСТӢ

*Дар хоб моли ҳаром буд ва коҳилӣ дар намоз.*

## МАСҶИД

*Масҷиди ободон ба таъвил марди олим буд. Агар бинад, ки масҷид бино кард, далел, ки ба мусулмонон хайру некӣ кунад. Мағрибӣ гӯяд, ки масҷид ниҳодан дар хоб зани покиза хостан аст. Агар бинад, ки касе ӯро аз масҷид бидошт, далел, ки аз он кас ӯро ситам расад, агар дар масҷид намоз гузорид ва рӯяш сӯи қибла набуд, бад буд. Агар бинад, ки масҷид вайрон шуд, далел, ки олиме бимирад. Агар дар масҷид чароғе бар афрӯхт, далел, ки ӯро фарзанде солеҳ ояд.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, ки дидани масҷид дар хоб бар 12 ваҷҳ буд: 1.подшоҳ 2.қозӣ 3.олим 4.раис 5.имом 6.хатиб,7.муаззин 8.масҷид 9.амӣр 10.хайру баракат 11.зан хостан 12.некӯӣ кардан.*

## МУТРИБ

*Агар бинад, ки мутрибӣ мекард, далел ки ба чизҳои ҳаром гирояд.*

## МАГАС

*Магас дар хоб мардуми сифлӣ ва дарвеш буд ва агар бинад, ки магасон бар вай ҷамъ шуданд, далел, ки аз каси сифла мол ҳосил кунад, аммо мазаррат ёбад ва агар бинад, ки магас гуши вай шуд, далел, ки аз каси сифла сухани зишт шунавад ва агар бонгӣ магас мешунид, далел, ки аз мардум ваввоо бинад. Кирмонӣ гӯяд, ки магас дар хоб марде хасуд ва фурумоя буд. Агар бинад, ки пиромуни ӯ магасон ҷамъ шуданд, далел, ки бо мардуми ҳосид ӯро шуғл афтад ва агар бинад, ки магаси бисёр дар хонаи вай мегаштанд, далел, ки мардум сухани вай гӯянд ва агар бинад, ки магасон ӯро мегазиданд, далел, ки мардуми дун бар хешони ӯ ҳасад баранд.*

*Агар бинад, ки магасеро мекӯшт, далел, ки ҳосидонро мағлуб кунад ва агар бинад, ки магасон зери замин мешуданд, далел, ки ҳосидон аз моли ниҳонкардаи вай бистонанд.*

## МАККА

*Агар касе худро дар Макка бинад, далел, ки ҳаҷ дарёбад, агар бинад, ки Макка тиҷорат рафта буд, на аз баҳри зиёрат, далел, ки ҳирси моли дунё дорад.*

## *МАЛАХ*

*Малахи зинда дар хоб лашкар буд ва агар бинад, ки малах дар мавзеъ падид омад, далел, ки ба қадри он малах дар он ҷо лашкар ҷамъ шавад ва аҳли он мавзеъро бало ва заҳмат расад ва агар малахи бисёр ҷамъ карда, дар зарф меандохт, далел, ки ба қадри он мол ҷамъ кунад ва ба кобини зан диҳад.*

## *МАНОРА*

*Агар бинад, ки манорае бино кард, далел, ки кори хайр кунад ва агар бинад, ки манораро хароб кард, далел, ки мусулмонон мутаварриқ шаванд ва баъзе гӯянд, ки муаззини он манора аз дунё биравад. Манора дар хоб подшоҳ ё марде бузург буд ва агар бинад, ки дар манора бонги азон мекард, далел ки подшоҳ халқро ваъдаи некӯ диҳад.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд манора дар хоб бар 4 виҷҳ буд: 1.подшоҳ 2.марди бузург,3.имом, 4.муаззин.*

## *МИНБАР*

*Минбар дар хоб султони аҳли ислом буд ва хайру шарре, ки дар минбар бинад, таъвилаш бар султон кунад ва агар ба хоб бинад, ки бар минбар шуд ва илму ҳикмат ва хутба мехонд, агар аз аҳли он набуд, далел, ки фарзандаш ё яке аз хешони ӯ олим шавад.*

*Агар бинад, ки бар минбар шеър мехонд ё сухане хилофи шариъат мехонд, далел, ки дар миёни аҳли ислом баддинӣ ва бидъат расво гардад ва агар подшоҳ бинад, ки дар минбар буд ва он минбар афтод ё шикаст, далел, ки аз подшоҳӣ маъзул шавад. Агар зане бинад, ки дар минбар дар миёни мардум каломи ҳикмату илм дар миёни мардум мегуфт, далел, ки расво шавад, зеро занонро илм гуфтан ва хутба хондан дар миёни мар-*

*дон раво набошад ва мардонро низ миёни занон бад бошад ва агар аз ин бияфтод далел, ки дар миёни мардум хор шавад. Агар бинад, ки бар минбар шуд, далел,ки олиму диндор шавад.*

## МУНАҶҶИМ

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки мунаҷҷим шуд, далел, ки пеши подшоҳ ва бузургон иззат ёбад, аммо сухани дурӯғ ва муҳол гӯяд.*

*Ҷаъфари Содиқ гӯяд, мунаҷҷим дар хоб марде дуруғзан бошад ва шукри худои таъоло накунад.*

## МИНҚОР

*Ибни Сайрин гӯяд, агар бинад, ки ӯро ба сони мурғон минқор буд, далел, ки мол ҳосил кунад ва агар бинад, ки мурғе бузург мисли уқоб ӯро минқор зад ва ӯро дард кард, далел, ки ӯро ранҷу сахтӣ расад. Мағрибӣ гӯяд, агар бинад, ки минқори мурғе дошт, далел, ки ба қадру қимати он мурғ ӯро бузургӣ ва хайру манфиат расад.*

## МӮРЧА

*Ибни Сайрин гӯяд мӯрча дар хоб анбӯҳи мардум буд ва агар бинад, ки мӯрчаи бисёр дар чизе шуд, далел ки мардуми бисёр дар хонаи вай фаро расанд ва агар бинад, ки мурони бисёр аз хонаи вай берун омаданд, далел, ки мардуми он сарой таҳвил ба ҷои дигар кунанд. Агар бинад, ки бар тани вай мурони бисёр ҷамъ шуданд, ё аз даҳони вай берун омаданд, далел, ки зуд ҳалок шавад. Мағрибӣ гӯяд, мӯрча дар хоб душмани заъиф бошад.*

## МӮЗА

*Ибни Сайрин гӯяд, мӯза дар хоб зимистон далел бар хайру некӯӣ кунад ва дар тобистон ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки мӯза дар пой дошт ва силоҳ пӯшида буд, далел ки душман аз*

ваӣ мутафаккир буд ва агар бинад, ки бо мӯза силоҳ надошт, далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар бинад, ки аз пои мӯза берун овард, далел ба хуррамӣ ва шодӣ кунад ва агар мӯзааш дарида буд ё сӯхт, далел, ки занаш бимирад ва агар мӯзаи ӯ зоеъ шуд, далел бар нуқсони молаш буд. Ва агар мӯзааш аз хона ба дар афтод, далел, ки занро талоқ диҳад ва агар бинад, ки мӯзаи ӯ бидуздиданд, далел, ки ҷавонон қасди аёли ӯ кунанд.

## МУШ

**М**уш дар хоб зане буд, ки ба зоҳир мастура бошад ба ботин фосиқа Агар бинад, ки муш бигирифт, далел, ки зане ба ин сифат хоҳад. Агар бинад, ки аз сӯрохи бинӣ ё аз қазиби ваӣ муш берун омад, далел, ки ӯро духтари нобакор ояд! Агар бинад, ки санг ба муш андохт, далел, ки касеро тӯҳмат кунад ва агар муше дар бистари ваӣ буд, далел, ки бо зане муфсида қасди фасод кунад.

## МУМ

**И**бни Сайрин гӯяд, муми сафед дар хоб молу неъмат буд ва муми зард беморӣ ва агар бинад, ки муми сафед мехӯрад, далел, ки ба қадри он мол ёбад. Агар мум аз ваӣ зоеъ шуд, далел бар нуқсони моли ӯ буд. Агар бинад, ки мум ҳамехонд, далел, ки аз касе шикоят кунад. Агар мумро шамъ мекард ва ба мардум мефурӯхт, далел, ки моли худ ба хайру салоҳ харҷ кунад.

## МӮЙ

**М**ӯй дар хоб мардонро ғаму андӯҳ буд ва занонро зиннат ва мӯи чаҳорпоён моли андак буд. Агар сӯфӣ бинад, ки мӯи сари ӯ дароз шуд, далел, ки зиннату салоҳ ёбад ва агар сӯфӣ набуд, далел бар ғаму андӯҳ буд ва агар бинад, ки дар вақти ҳаҷ мӯи сари худ тарошид, далел бар салоҳи дин ва каффорати гуноҳон ва агар бинад, ки мӯйро шона мекард, далел, ки бар корҳои худ қодир шавад. Агар бинад, ки мӯй бағал ё мӯи зиҳор сутурд, далел бар салоҳи дини ваӣ бошад. Мӯй бар тан воми мол буд.

## МЕХ

*Мех дар хоб бародар буд ва агар бинад, ки мех бар девор зад, далел ки бародараш, дар он ҷое ки мех зад, марде фаро гирад. Ва агар мех ба расане барбаст, далел, ки бародараш ба марде пайвандад ва агар бинад, ки мех бар пушт зад, далел, ки аз пушти ӯ фарзанде ояд, ки подшоҳ буд. Кирмонӣ гӯяд, мех дар хоб ба ҳама чиз бузургӣ ва шарафи дину дунё буд ва агар мехе ба дари хонаи ӯ буд, далел, ки бузургӣ ва шараф ёбад, ва агар мех аз хонаи хеш биканд ва бияфканд, таъвилаш хилофи ин буд. Мағрибӣ гӯяд, агар мех аз биринҷ ё аз оҳан буд, ба таъвил некӯ бошад. Агар аз мис ё устухон буд, далел бар некӯии қувват кунад ва агар бинад, ки аз дасти вай мехи оҳанин буд, далел, ки ӯро фарзанде ояд, ки шоистаи подшоҳӣ буд ва агар фарзанд надорад, далел, ки ҳақ таъоло ӯро илму дониш рӯзӣ гардонад. Агар мехи заррин ё симин дар замин зад, далел, ки аз касби худ тавонгар гардад.*

## МЕВА

*Ибни Сайрин гӯяд, мевае, ки турш ва ширин буд, далел бар хайру манфиат буд ва ҳар меваи хом ва турш далел бар суханҳои беҳуда буд ва ангури сиёҳ ва олу ва зайтун, далел бар ғаму андӯҳ буд. Ва агар бинад, ки аз дарахт мева чид, далел, ки аз марде бузургвор мол ёбад ва агар ҳар мевае, ки ба вақти худ бошад, далел, ки ба қадри он мол ҳосил кунад ва агар мева ба вақти худ набуд, далел, ки молаш пароканда шавад ва аз меваҳо ончӣ зард буд, далел бар беморӣ буд, магар турунҷ ва биҳӣ, зардолу,ки ин се дар таъвил зиён дорад, меваҳои турш ғаму андӯҳ буд ва меваҳои тар чун расида ва ширин ба вақти худ бошад, далел бар рӯзии ҳалол буд ва меваҳои норасида ва нохуш дар хоб далел бар рӯзии ҳалол буд ва меваҳои норасида ва нохуш дар хоб далел бар рӯзии ҳаром буд ва агар бинад, ки меваи тобистон дар зимистон мехӯрд, далел, ки бемор шавад.*

*Кирмонӣ гӯяд, агар меваи ширин дар хоб бевақт бинад, далел бар ғаму андӯҳ буд. Агар мева мефурӯхт, чун мевае бошад, ки мардум онро дӯст доранд, далел, ки ба шуғле бузург машғул гардад ва агар меваи турш ва нохуш фурӯшад, далел, ки ғаму андӯҳ ва ранҷ буд.*

## НОБИНО

Агар дар хоб бинад, ки нобино шуда буд, далел, ки аз дини ислом гумроҳ бошад ва агар бинад, ки як чашми вай кӯр гашт, далел, ки гуноҳе бузург карда бошад ё ба як андом аз андомҳои вай мусибат расад, агар бинад, ки нобиноро даст гирифта бурд, далел, ки гумроҳ гардад. Агар бинад, ки як чашми касеро кӯр кард, далел, ки он касро аз роҳи дин бибарад.

## НОХУН

Нохун дар хоб далел бар саховат буд ва баъзе муаббирон гуфтаанд, ки худованди салоҳро салоҳ буд ва агар нохунро ба миқроз бибрид, далел, ки дини вай қавӣ гардад. Кирмонӣ гӯяд, нохун дар хоб қуввату тавоноӣ ва ҳосил кардани моли дунё бӯд ва агар бинад, ки нохуни вай бишкаст, далел, ки мол тавонад ҳосил кардан. Агар бинад, ки нохун аз бун бияфтод, далел, ки қадре аз моли ӯ зоил шавад. Агар нохуни ӯ сиёҳ буд ва кабуд шуда буданд, далел бар мусибати ӯ буд ва агар бинад, ки нохунаш дароз шуда буд ва бими шикастан буд, далели бад бошад.

## НОХУНПИРО

Нохунпиро марде буд, ки қисмат кунад ва агар бинад, ки мӯи сар ба нохунашро бурид ё ҷома бурид, далел, ки ин ҷумла некӯ буд ва агар касе нохунашро ба вай дод, далел, ки ӯро писар ояд ва агар духтар дорад, духтаре ояд.

## НОФ

Ноф дар хоб зан буд ва агар бинад, ки нофи вай бияфтод, далел, ки занро талоқ диҳад ва агар дар нофи ӯ сурох шуд, далел ки дар ҳоли ӯ халал падид ояд ва агар аз ноф то шикам шикофта буд, далел, ки доно ва олим гардад.

## НОМ

Ном гардонидан ба хоб агар номи ӯ аз номҳои некӯ бошад, чунонки Муҳаммад Аҳмад Саид ва ғ. далел бар хайру салоҳ бу...

*ва агар он лақаб бадтар аз ному лақаби ӯ бошад далел бар шарру фасод кунад. Ҷаъфари Содиқ гӯяд номи некӯ кунияти некӯ дар хоб далел бар хайру салоҳ кунад.*

## НОМА

***А**гар номаи сарбаста дошт, далел, ки чизе пӯшида бинависад ва агар номаи саркушода дошт, далел, ки чизе фош бишавад ва агар бинад, ки касе бар вай бишнавад ва агар бинад, ки касе бар вай нома дод, ки рӯи он нома мехонд, далел, ки аз касе чизе ба вай расад ва агар он номаро унвон набуд, далел, ки ваму андӯҳ буд.*

## НОН

***Н**они покиза дар хоб айш бошад ва агар нони покиза набошад, далел, ки нохуш буд ва агар бинад, ки нон харид ва ба хона бурд, далел бар хайру манфиат буд ва агар нон ба касе дод, далел ки роҳат ба он кас расонад ва агар бинад, ки ду-се нон ёфт, далел ки аз ваму андӯҳ бираҳад.*

*Агар дар ҷое маҷҳул ними нон ёфт, далел ки ними умраш гузашта бошад, агар нони гарм мехурд далел ки андуҳе ба вай расад ва сабус хурдан, далел бар қаҳтӣ буд. Нони боқило далел бар ваму андӯҳ буд. Мағрибӣ гӯяд, агар бинад ки нони хушк мехурд, далел ки рӯзӣ бар вай фарох гардад.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, нон дар хоб бар 4 ваҷҳ буд: 1.айши хуш,2.моли ҳалол, 3.шаҳр, 4.хайру баракат.*

## НОВАДОН

***А**гар касе бинад, ки бе новадон об аз бомҳо фурӯ меомад, далел ки дар он мақом ҷангу хусумат ва хунрезӣ падид ояд ва агар новадон дар хона ниҳод, далел, ки аз бузурге манфиат ёбад ва агар новадон биёфтод ва бишкаст таъвилаш хилофи болост.*

*Ҷаъфари Содиқ фармояд, ки новадон дар хоб бар се ваҷҳ буд: 1.раиси шаҳр,2.меҳтар,3.хайру манфиат.*

## НОЙ ЗАДАН

## НАВҲА КАРДАН

*Агар касе ба хоб бинад, ки навҳа мекард, далел, ки он мавзеъ ба ӯ муборак набошад ва агар бинад, ки волии он шаҳр бимурд ва мардум навҳа мекарданд, далел, ки эшонро аз он волӣ ранҷу ситам расад. Агар бинад, ки мегирист, далел, ки хуррамӣ ва шодӣ буд.*

## НАВШОДИР

*Дар хоб андӯҳ буд.*

## НАЙЗА

*Агар касе ба хоб бинад, ки найза ва комронӣ ёбад ва агар ба ғайри найза чун дигар надошт, далел, ки ӯро фарзанде ояд. Агар найза бишкаст, далел, ки фарзандаш ё бародараш реҳлат кунад ва агар касе ӯро найза зад ва захмӣ кард, далел, ки ғайбати мардум гӯяд.*

## ВУСМА

*Вусма дар хоб далел бар ғаму андӯҳ буд ва агар бинад, ки вусмаро аз замин биканд ва биандехт, далел, ки аз ғаму андӯҳ халосӣ ёбад ва агар вусма мехӯрд, далел, ки ба сабаби аёл дар ранҷу меҳнат афтад.*

## ВУЗӮИ НАМОЗ

*Агар бинад, ки дасту рӯй ба оби софе бишуст, далел, ки коре ҷӯяд, ки тамоми кор биёбад ва мақсудаш ҳосил гардад ва агар бинад, ки ба оби палид рӯй мешуст, таъвилаш ба хилофи ин буд.*

## ВАКИЛ

*Агар касе бинад, ки вакили подшоҳ шуд, далел, ки хайру иқболи дунё ёбад.*

## ВАЙРОНӢ

*Вайронӣ далел бар гумроҳӣ буд ва агар вай ободон мекард, таъвилаш ҳидоят буд, агар ҷойгоҳе обод хароб шуд, далел, ки аҳли он-ҷойгоҳро бало ва мусибат расад.*

## ҲУДҲУД

*Ҳудҳуд дар хоб марде зирак ва доно буд аз кори ниҳонии мардум ҳабар диҳад Агар бинад, ки ҳудҳуд бигрифт ё касе ба вай дод, далел, бо марде ба ин сифат ўро сўҳбат афтад ва агар бинад, ки ҳудҳудро бикушт, далел, ки ба марди гэно зафар ёбад ва агар гўшти ҳудҳудро бихўрд, далел, ки мол аз мардум ҳосил кунад. Агар ҳудҳуд бо вай сухан гуфт, далел, ки аз аҳл якеро қаҳр кунад.*

## ҲАДЯ

*Агар бинад, ки ба касе ҳадя дод, он ҳадя чизе некў бошад,далел ки ҳардуро манфиат буд. Агар неку набуд, далел, ки ҳардуро аз якдигар манфиат набуд, балки шарру фасод буд.*

*Агар чизеро ба ў ҳадя донад ва агар он чиз ба вай писанд буд, далел бар хайру салоҳ буд ва агар писанд набуд, далел бар шарру фасод буд.*

## ҲАЗОРДАСТОН /БУЛБУЛ/

*Дар хоб фарзанди хушовоз ва хубсухан буд илло заъифаҳвол бошад. Агар бинад, ки ўро ҳазордастон ато доданд, далел, ки ўро фарзанде ба ин сифатояд. Агар бинад, ки ҳазордастон аз бовбигирифт, далел, ки ўро бо мардумони некўхулқ ва хубсухан пайвастагӣ шавад. Кирмонӣ гўяд, ҳазордастон дар хоб зани хушовоз буд.*

КИТОБХОНАИ "ҲАФТГАНҶ"
**ТАЪБИРИ ХОБ**

Ба чопаш 09.06.92 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16. Коғази тип. № 2. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 13,5. Адади нашр 50 000. Супориши № 197. Нархи шартномавӣ.
Матбааи МИП «Тоҷикистон».
734018 Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.